Н.ТОҶОВ, К.ҲУСЕЙНОВ, Р.НАЗАРОВ, М.ТОҶЕВ





# ФАРҲАНГШИНОСӢ









ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ДОНИШКАДАИ МОЛИЯИ ТОҶИКИСТОН

Китоб ба ҷашни 20-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида мешавад.

Н. ТОҶОВ, К. ҲУСЕЙНОВ,
Р. НАЗАРОВ, М. ТОҶЕВ

# ФАРҲАНГШИНОСӢ

Душанбе – 2011

ББК 71+71.4(2 тоҷик)+74.04(2тоҷик)
Т-76

**Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои мактабҳои олии кишвар ҳамчун китоби дарсӣ ба чоп тавсия намудааст.**

**Муҳаррирони масъул:**

доктори илмҳои филология, профессор **М. С. Имомов**
доктори илмҳои таърих, профессор **Н.М. Мирзоев**
номзади илмҳои фалсафа, дотсент **М. Манғитов**

**Муқарризон:**

доктори илмҳои сиёсӣ, профессор **М. Гулаҳмедов**
доктори илмҳои фалсафа, профессор **Б.Ҷ. Самиев**
номзади илмҳои фарҳангшиносӣ, дотсент **Б. Шомуродов**
номзади илмҳои фалсафа, дотсент **Р. Назариев**

**Н. Тоҷев, К. Ҳусейнов, Р. Назаров, М. Тоҷев**
**Т-76 Фарҳангшиносӣ. Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни мактабҳои олӣ.** – Душанбе, «Шуҷоиён», 2011, 232 саҳ.

*Китобе, ки дар даст доред дар асоси китобу асарҳои мавҷудаи фалсафӣ, таърихӣ, фарҳангшиносӣ, санъатшиносӣ ва сиёсатшиносии олимони варзидаи ҷумҳурӣ, собиқ Шӯравӣ, хориҷӣ, маълумотҳои оморӣ, истифодаи таҷрибаи бисёрсолаи илмию омӯзгории муаллифону ҳамкасбон, маслиҳату пешниҳодҳои мутахассисон ба табъ расида, толибилмонро бо назарияи фарҳанг, таърихи пайдоиш, инкишоф, ташаккул, давраҳою марҳалаҳои асосии фарҳангу тамаддуни аҳли башар ва халқи тоҷик аз наздик шинос менамояд. Дар китоб муаллифон кӯшиш намудаанд, ки ба устодону донишҷӯён аз дастовардҳои фарҳангии халқҳои ҷаҳон, бахусус халқи тоҷик дар тӯли таърих воқеъбинона нақл намоянд.*

*Боварии комил дорем, ки китоби мазкур дар шароити имрӯза ба оммаи васеи хонандагон барои азхуд намудани фарҳангу тамаддуни халқи тоҷик ва аҳли башар кӯмак хоҳад расонд.*

ISBN 978-99947-69-92-6

**© Коллектив, 2011**

*Ҳеҷ ганҷе нест аз фарҳанг беҳ,*
*То тавонӣ, рӯй бар ин ганҷ неҳ.*
**А.Рӯдакӣ**

# САРСУХАН

Фарҳанг маҳсули фаъолияти дуру дарози таърихии инсон мебошад. Илми фарҳангшиносӣ яке аз илмҳои қадимтарин маҳсуб гардида, тамоми комёбиҳои моддию маънавиеро, ки аҳли башар дар тӯли мавҷудияти худ ба даст овардааст дар бар мегирад.

Омӯзиши илми фарҳангшиносӣ ба ҳар як фард имкон медиҳад, ки аз дастовардҳои бузурги фарҳангу тамаддуни гузаштаю имрӯзаи аҳли башар, бахусус аҷдодони худ огоҳ шаванд. «Фарҳанг чун падидаи бузург ва арзишманду муассири рӯзгори иҷтимоӣ дар таърих ва рушди маънавии ҷомеаи муосири Тоҷикистон пайваста нақши назаррас мебозад».[1]Илми фарҳангшиносӣ тамоми паҳлӯҳои ҳаёт, фаъолият ва эҷодиёти гуногунҷабҳаи инсонро фаро мегирад. Бе омӯзиши илми фарҳангшиносӣ эҳёи ботинии инсон имконнопазир аст. Бинобар ин дар шароити имрӯза мардуми сайёра ба масъалаҳои фарҳанг ва омӯзиши он таваҷҷӯҳи хоса зоҳир менамоянд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аҳамияти фарҳангро барои ҳар як миллат ва аҳли башар чунин тавсиф намудааст: «Фарҳанг, бешубҳа, ифодагари рӯҳи миллӣ, расму русум, анъана ва хотираи таърихии ҳар халқу миллат мебошад. Аз фарҳангу ҳунар дида, башарият барои ба ҳам наздик кардани инсонҳо ва ваҳдати умум воситаи самараноктареро эҷод накардааст»[2] .

---

[1] . Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, 20 апрели соли 2011. - Душанбе, 2011 саҳ. 34-35.

[2] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 15 апрели соли 2009. - Душанбе, 2009, саҳ. 34.

ИНВ № 242081

Рӯ овардан ба илми фарҳангшиносӣ имконият медиҳад, ки мо оид ба фарҳанги сокинони рӯи замин аз давраҳои қадимтарин то замони муосир аз наздик ошно гардем. Аз рӯи тахмини олимони фарҳангшинос то имрӯз аз тарафи мутафаккирони барҷастаи олам зиёда аз сесад намуди таърифи фарҳанг дода шудааст.

Илми фарҳангшиносӣ дар маҷмӯъ қонунҳои обективии раванди инкишофи фарҳанги байналмилалию миллӣ, пайдоиш ва инкишофи фарҳанги моддию маънавии аҳли башарро меомӯзад. Дар инкишоф ва ташаккули назарияҳои илми фарҳангшиносӣ илмҳои антропология, сотсиология, психология, фалсафа, таърих, забон, адабиёт, этика, эстетика ва педагогика саҳмгузоранд.

Илми фарҳангшиносӣ дар инкишофи худ даврахои зеринро тай намудааст:

-давраи этнографӣ[1] (солҳои 1800-1860)

-давраи эволютсионӣ[2] (солҳои 1860-1895)

-давраи таърихӣ (солҳои 1895-1925)

Дар ин давраҳо раванди ҷамъшавии донишу тасаввуротҳои нави илмӣ оид ба фарҳангшиносӣ вусъати нав ба нав пайдо мекунад. Тадқиқотҳо дар соҳаи илми фарҳангшиносӣ асосан характери назариявӣ доштанд. Вале аз нимаи дуюми асри XX вазъият тамоман тағйир меёбад. Минбаъд фарҳанг дар амалияи тамоми соҳаҳои фаъолияти гуногунҷабҳаи инсон самаранок истифода бурда мешавад.

Муаллифони ин китоб кӯшиш ба харҷ додаанд, ки андаке бошад ҳам устодону донишҷӯёни мактабҳои олии кишвар ва дӯстдорони илми фарҳангшиносиро бо назарияи фарҳанг, таърихи пайдоиш, инкишоф, ташаккул, давраҳою марҳалаҳои асосии фарҳанги умумиҷаҳонӣ ва халқи тоҷик аз наздик шинос намоянд. Дар ин маводи таълимӣ ба ҳар як давраи инкишофу ташаккули таърихии фарҳанги умумиҷаҳонӣ ва халқи тоҷик воқеъбинона баҳо дода шудааст. Китобе, ки дар даст доред дастовардҳои фарҳангии мардуми ҷаҳон ва халқи тоҷикро аз

---

[1] Этнография илмест, ки тарзи зиндагӣ, урфу одати халқҳо ва маданияти моддию маънавии онҳоро меомӯзад.

[2] Эволютсионӣ, яъне таҳаввулӣ. Раванди тағйирот, аз як ҳолат ба ҳолати дигар гузаштани чизе ва ё касе.

давраҳои қадимтарин то замони муосир дар бар мегирад. Ҳангоми таълифи китоб муаллифони он аз асару суханрониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, асарҳои олимони маъруфи тоҷику собиқ Шӯравӣ ва олимони дигар кишварҳои дуру наздик, бахусус М.С.Андреев, С.Айнӣ, А. Арбобзода, Т. Атахонов, Дж. Асроров, Б.Ғафуров, В.В.Бартолд, Х.Додихудоев, Х.Идиев, И. Каримов, Р.Муқимов, М.Р.Шукуров, А.А. Раҳмонов, А.Мухторов, М.Диноршоев, Г. Зокиров, Р.Комилов, А.Шамолов, А.Раҳматуллоев, С.Мухторов, Н.В.Пигулевская, Н.Нурҷонов, З.Ш.Раҷабов, С.Сулаймонӣ, В.С.Библер, П.С.Гуревич, Р.Фрай, Е.С. Бертелс, В.С.Библер, А.Афсаҳзод, Б.С.Ерасов, С.П.Мамонтов, Е.М.Малышев, А.С. Маҳмадаминов, Ш.Абдуллозода ва дигарон ба таври васеъ истифода намудаанд.

Инчунин асарҳои илмию китобҳои дарсии фарҳангшиносӣ, ки ба қалами олимони маъруфи ватанию хориҷӣ тааллуқ доштанд мавриди истифодаи васеъ қарор дода шудаанд.

Асарҳои илмӣ ва китобҳои дарсие, ки аз онҳо ба таври васеъ истифода бурда шудаанд дар рӯйхати адабиёт пурра нишон дода шудаанд.

Маводи мазкур бори нахуст ҳамчун китоби дарсӣ пешкаши устодону донишҷӯёни макотиби олии кишвар мегардад аз ин рӯ, табиист, ки он аз камбудию норасоиҳо холӣ нахоҳад буд.

Мо итминони комил дорем, ки мутахассисони варзидаю хонандагони нуктасанҷ бо эрод ва маслиҳатҳои муфиди худ барои дар оянда беҳтару хубтар намудани сифат ва мундариҷаи ин китоби дарсӣ саҳми арзандаи хешро хоҳанд гузошт.

# БОБИ 1. НАЗАРИЯИ ФАРҲАНГ ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР ИЛМИ ФАРҲАНГШИНОСӢ

## §1. Мақсад, вазифа ва мавзӯи илми фарҳангшиносӣ

Илми фарҳангшиносӣ яке аз илмҳои қадима буда, комёбиҳои фарҳангии давраҳои гуногуни ҷомеаи инсониро фаро мегирад. Омӯзиши илми фарҳангшиносӣ ба аҳли башар имконият медиҳад, ки аз дастовардҳои бузурги фарҳангу тамаддуни гузаштаю имрӯзаи худ огоҳ шаванд ва ба пешрафти он мусоидат намоянд.

Ҳанӯз дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX дар Европа омӯзиши илми фарҳангшиносӣ ба роҳ монда шуда буд, ки он мақсаду вазифаҳои муайяни худро дошт. Бо омӯзиши фарҳанг инсон мушкилоту камбудиҳои тамоми форматсияҳои ҷамъиятиро барои худ ошкор намуда, барои дар оянда содир нашудани онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳад.

Ягон фард худ одами маданӣ тавлид наёфтааст, балки дар ҷомеа хусусиятҳои маданиро аз бар карда, онро зина ба зина ташаккул додааст. Таърих собит намудааст, ки дар ҷомеаи инсонӣ шахсиятҳое буданду ҳастанд, ки ба пешрафти фарҳангу тамаддуни инсоният саҳми арзанда гузоштаанд ва мегузоранд. Ва таърих шахсонеро ҳам медонад, ки ба пешрафти фарҳангу тамаддуни аҳли башар таъсири манфӣ расонидаанд ва мерасонанд.

Маданият ва предметҳои он аз тарафи инсон аз давраҳои қадим то инҷониб ба вуҷуд оварда шудаанд. Аз ин рӯ, инсон соҳиби маданият ва маданият хоси инсон дониста шуда, фарҳанг ҳамчун субъект инсонро ба объекти худ табдил додааст.

Инсон предметҳои ғайримаданиии тайёри табиатро бомақсадона истифода бурда, аз онҳо предметҳои маданӣ меофарад.

Намояндагони зиёди илму фарҳанги Шарқу Ғарбibоraҳои гуногуни фарҳангро истифода бурдаанд.

Мутаффакири барҷастаи Шарқ Абӯнасри Форобӣ дар вақташ лоиҳаи иттиҳоди ормонии одамонро пешниҳод намуда

буд, ки аз рӯи он мардум дар иттиҳод дар асоси амали қонун арзи зист доранд ва ҳукми қонун кафили хушиву хуррамии онҳо аст. Ба андешаи Форобӣ шаҳри ҳақиқӣ бояд дар ҷои мувофиқ бунёд ёфта, талаботи мардумро қонеъ намояду, миёни аҳолӣ ахлоқи нек ва эҳтироми байниҳамдигарӣ устувор бошад. Дар шаҳри намунавии Форобӣ ҳамаи табақаҳои аҳолӣ паҳлӯи ҳам хушу хурсандона кор ва зиндагӣ мекунанд. Олимони давраи навтарин А. Кребер, Коган, Шербина, Д. Лоренс, Т. Рейтер аз рӯи хусусиятҳояш таърифи гуногуни фарҳангро додаанд. Ба ақидаи А.Кребер «Маданият – кулли фаъолияти ҷамъиятии инсон аст», аз нигоҳи Т.Рейтер бошад «Маданият чизҳои моддӣ ва ғайри моддии аз ҷониби инсон бунёд шуда» дониста мешавад. Д.Лоренс «Маданиятро рафтору кирдори ба қоидаву қонун даровардашуда медонад». То имрӯз аз тарафи мутафаккирони олам зиёда аз 300 намуд таърифи фарҳанг ба вуҷуд оварда шудааст. Ин таърифҳо давраҳои қадим, имрӯз ва ояндаро дар бар гирифта, метавонанд дар оянда инкор шаванд.

Ибораҳои некӣ, бофарҳанг, мардӣ, меҳнатдӯстӣ, қаҳрамонӣ, хирадмандӣ, ватанпарварӣ хусусиятҳоеро нишон медиҳанд, ки фаъолияти хуби ба анҷом расонидаи инсонро мефаҳмонад. Инсон аввалин предметҳои мадании худро аз масолеҳҳои тайёри табиат сохта, оташу ароқҳои оташфишон, техникаи замонавӣ, қасрҳои боҳашамат ва ғайраҳоро ихтироъ намудааст.

Ҳамаи ин комёбиҳо мақсаду мароми инсон буда, барои аз байн бурдани мушкилоти зиндагиаш нигаронида шудааст. Бо вуҷуди он, ки омӯзиши илми фарҳангшиносӣ дар замони муосир ба роҳ монда шуда бошад ҳам, предметҳои он аз давраҳои қадим дар илмҳои иҷтимоиёт, санъат, фалсафа, забон, адабиёт, ахлоқ, ҳуқуқ, риёзиёт, таърих, ҷуғрофия омӯхта, таҳқиқ карда шудаанд. То ба фанни мустақил табдил ёфтанаш фарҳангшиносӣ илмҳои табиию ҷамъиятиро пурмазмунтар гардонида, қиммату мартабаи онҳоро баланд мебардошт.

Фарҳангшиносӣ барои пешрафти ҷомеа ва комёбиҳои инсоният дорои аҳамияти бузург мебошад, аз ин рӯ омӯзиши он имрӯзу оянда аз аҳамият холӣ нахоҳад буд.

## § 2. Омилҳо ва унсурҳои муҳимтарини фарҳанг

Омилҳое, ки ба пешравии фарҳанг мусоидат мекунанд инҳо **омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, мазҳабӣ** ва **фарҳангӣ** мебошанд. Ҳамаи ин омилҳо омилҳои муҳимтарини фарҳанг маҳсуб гардида, бе якдигар рушд карда наметавонанд. Дар ҳама давру замон вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва мазҳабӣ ба сиёсати ҷомеа, давлату давлатдорӣ вобастагии зич доштанд ва доранд.

Сохти ҷамъиятӣ ва фаъолияти сиёсии сиёсатмадорон ба омили сиёсӣ дохил мешаванд. Омили сиёсӣ қодир аст корҳои бузургеро барои рушди фарҳанг ба анҷом расонад. Аз тарафи дигар, рафтору амали сиёсатмадорони алоҳида дар ҳар давру замон тавонистааст ва метавонад сабабгори таназзули фарҳанги ин ё он халқ, нестшавии унсурҳои маданият ба монанди забон, анъана, хат, фарҳанг ва ғайраҳо гарданд.

Масалан, давраи ҳукмронии сиёсатмадорони сулолаҳои Ҳахоманишиён, Сосониёну Сомониён ба монанди Куруши Кабир, Дорои Кабир, Ардашери Бобакон, Бобакони Сосонӣ, Шопури якум ва дуюм, Анушервони Одил, вазир Бузургмеҳр, Сомонхудот, Асад, Исмоили Сомонӣ, вазирон Балъамӣ, Ҷайҳонӣ боиси рушду нумӯи фарҳангу тамаддун гардида буданд. Ё баракс. Сиёсати ҷаҳонхоҳии Искандари Мақдунию Чингизхон, Темуру Гитлер боиси он гардиданд, ки ҳазорҳо ва садҳо ҳазор ганҷинаи фарҳангу тамаддуни инсоният несту нобуд ва аз байн бурда шудаанд. Дар ин радиф пандҳои ахлоқии Бузургмеҳр айни мудаост, ки рӯзе аз ӯ пурсидаанд: «Чаро дӯстон ба осонӣ душман мешаванду душманон бо машаққати зиёд дӯст мегарданд?»

Бузургмеҳр дар ҷавоб гуфт: «Чунки сӯхтан осон аст, сохтан мушкил аст, шикастан осон аст, пайвастан мушкил аст, маблағ сарф кардан осон аст, маблағ ёфтан мушкил аст». Аз ин гуфтаҳои Бузургмеҳр чунин бармеояд, ки аз ҳама кори мушкил ин эҷод кардану obod кардан аст. Унсурҳои маданият ва ё фарҳанг он бахшҳои фаъолияти инсон аст, ки маҳсули тафаккур ва шуури ӯянд. **Ҳамин тавр, он паҳлӯҳои фаъолияти эҷодии инсонро унсур меноманд, ки дар муддати дуру дарози таърихӣ тавассути мушоҳида, таҷриба, донишу хирад ва заковати инсон**

**ба вуҷуд омада, ҳамчун фарҳанг номбар мешаванд. Ин унсурҳо асоси маданияти маънавиро ташкил медиҳанд.**

**Муҳимтарин унсурҳои фарҳанг забон, хату алифбо, асотир, мазҳаб, анъанаҳо, расму оин, санъат ва ғайраҳо мебошанд.** Унсурҳои фарҳанг таърихи қадима дошта, сутуни устувореанд, ки фарҳанг болои онҳо қомат афрохтааст. Онҳо ҷавҳари фарҳанг, ҷаҳонбинӣ ва дастовардҳое мебошанд, ки аз насл ба насл гузашта, ташаккул ёфта, нерӯи некиву хирад, меҳру муҳаббатро ба худ касб намуда, таҷассумкунандаи таърих ва маърифату маданияти халқҳо гардидаанд. Унсурҳои зикршуда дар раванди меҳнати бунёдкоронаи инсонҳо пайдо шудаанд. Забон ҳамчун унсури фарҳанг ташаккул ёфта, дар рушди фарҳанг саҳм мегирад ва бо пайдоиши халқияту миллатҳо фаъолияти васеъ касб мекунаду ба сатҳи ҷаҳонӣ рафта мерасад. **Забон воситаи муҳимтарини алоқаи байни одамон буда, ҳар як шахс ба воситаи он фикрашро баён мекунад ва якдигарро мефаҳманд.**

Оид ба хату алифбо ва аҳамияти он дар пешрафти фарҳанг ҳаминро таъкид кардан лозим аст, ки хат доираи имкониятҳои инсонро васеъ намуда, ба ӯ шароит маҳайё мекунад, ки паҳлӯҳои ҳаёти худро бо рамзҳо ифода намояд.

**Ҳамин тавр, хат ин низоми аломатҳоест, ки ба воситаи нақшу тасвирҳо робитаи одамонро таъмин намуда, хабареро ба фосилаи муайян бурда, мероси кӯҳанбунёди инсонро то ба давраҳои минбаъда бурда мерасонад.** Аввалин алифборо финикиён ихтироъ карда буданд ва он шакли мукаммалтарини хат ба шумор мерафт.

Инсон бо ихтироъи алифбо қадами бузурге ба пеш гузошта, китобро эҷод кард. **Китоб эҷоди инсон буда, ба мо ва наслҳои ояндаи инсоният аз авзои замону таърихи ниёгон маълумотҳои дақиқ медиҳад.**

## § 3. Навъҳо ва шаклҳои асосии фарҳанг Фарҳанг ва тамаддун. Фарҳанги моддӣ ва маънавӣ

Фарҳанг ҳамчун падидаи таърихӣ дар зинаҳои муайяни тараққиёти ҷомеаи инсонӣ шаклу шеваҳои махсусро ба худ касб карда, инкишоф ёфтааст. Фарҳанги ҳар як халқ бо мурури

замон рушд мекунад ва ё рӯ ба таназзул оварда, боз бори дигар эҳё мешавад. Фарҳанги инсоният аз насл ба насл гузашта, ба фарҳанги халқҳои мухталифи ҷаҳон бархӯрда, заифию бузургии худро дармеёбад. Фарҳангҳо якранг намешаванд. Ҷ.Викко дар вақташ таъкид карда буд, ки ҳар як халқ дар асное тараққиёт аз даврахои илоҳӣ, қаҳрамонӣ ва инсонӣ мегузарад, ки он ба давраҳои ҳаёти инсон ба мисли тифлӣ, балоғат ва камолот монанд аст. Ба ақидаи мутафаккир баъди ин рафти инкишоф заиф шуда, таназзул меёбад.

Ба ақидаи мутафаккири дигар Шпенглер дар хусуси тамоми инсоният сухан рондан фоидае надорад, зарур аст, ки фарҳанги аз ҳамдигар фарқи куллӣ доштаро омӯзем. Ӯ маданияти миерӣ, ҳиндӣ, бобулӣ, чинӣ, юнонӣ, римӣ, эронӣ, арабӣ ва русиро қайд карда мегузарад. Ин табақабандии маданият маънои таваҷҷӯҳ намудан ба зинаҳои инкишофи халқҳо дар марҳалаҳои муайяни таърихиро дошта, имконият медиҳад, ки тағйироту такомулоти дохилии фарҳангҳо, мазмуни пурқиммати онҳо дар низоми инкишофи ҷамъияти инсонӣ беҳтару хубтар дарк карда шавад. **Аксари мутафаккирони олам се навъи фарҳангро таъкид карда мегузаранд, ки инҳо мебошанд: якум, фарҳанги анъанавӣ ё этникӣ, дуюм фарҳанги миллию минтақавӣ ва сеюм, фарҳанги умумибашарӣ.**

Фарҳанг бо пайдоиши инсон ба вуҷуд омадааст. Тамаддун (сивилизатсия) бошад дар марҳалаҳои муайяни камолоти инсоният арзи вуҷуд намудааст. Истилоҳи «тамаддун»[1] аз ҳамон мафҳуми маъмули маданият баромадааст.

Аз нигоҳи А.Вебер маданият шаклҳои зоҳиршавии маънавиётро инъикос мекунад, тамаддун бошад хосияти фавқулоддаи хидматрасонӣ ва ёридиҳандаро дорост. Тамаддун таърифи муайяну мушаххасро доро набуда, онро аз рӯи аломату нишонаҳояш аз маданият ҷудо мекунанд. Агар ба маданият бештар ҷанбаҳои маънавиро нисбат диҳанд, пас тамаддунро ҳаммаънои маданияти моддӣ мешуморанд. Тамаддун берунтари маданият, олами чизҳои дигаргун намудаи одам, вале маданият сарвати ботинии худи инсон мебошад.

---

[1] Тамаддун – истилоҳи арабӣ буда, маънои ҳаёти боадабона, ҳаёти шаҳрвандӣ, ҳаёти аз рӯи меъёрҳои давлатӣ ҷоришавандаю ҷоришударо дорад.

Истилоҳи «сивилизатсия» дар асри 18 пайдо шудааст. То асри XX «сивилизатсия» ҳамчун муродифи фарҳанг, истифода бурда мешуд.

Фарҳанг барои «сивилизатсия», яъне тамаддун таҳкурсӣ маҳсуб мешавад. Дар зинаи муайяни таърихӣ фарҳанг мемирад, вале «сивилизатсия»-тамаддун боқӣ мемонад. Ин равандро О.Шпенглер таҳлил намудааст («Заволи Аврупо». Ҳар як фарҳанг дар тӯли ҳазорсолаҳо вуҷуд дошта метавонад ва баъдан мемирад. Эҳёи он аз имкон берун аст. Халқ фарҳанги навро азхуд карда, зиндагиро идома медиҳад.

Тамаддунҳо тамадунҳои индустрӣ, постиндустрӣ, технотронӣ ва аз рӯи хусусиятҳояшон минтақавӣ ва мазҳабӣ шуда метавонанд, ки давраҳои гуногуни таърихиро дар бар мегиранд. Масалан, тамаддуни Шарқи Бостонӣ, тамаддуни Атиқаи Европа, тамаддуни Африка, тамаддуни Миср, тамаддуни исломӣ, тамаддуни масеҳӣ, тамадуни буддоӣ ва ғайраҳоро номбар кардан мумкин аст. **Аз рӯи хулосаи фарҳангшиносон тамаддун чор давраи асосиро дар бар мегирад. Якум, тамаддуни Атиқа, дуюм тамаддуни асрҳои миёна, сеюм тамаддуни давраи Нав ва чорум, тамаддуни муосир.**

**Шаклҳои асосии фарҳанг**. Вобаста ба он, ки фарҳангро кӣ меофарад ва он дар кадом сатҳи инкишоф қарор дорад, олимони фарҳангшинос се шакли фарҳангро ҷудо мекунанд:

**-фарҳанги элитарӣ (олӣ);**
**-фарҳанги халқӣ (фолклор);**
**-фарҳанги оммавӣ.**

**Фарҳанги элитарӣ** ба манфиати элита (ҷомеаи олӣ) ба вуҷуд оварда шудааст, ки он бояд талаботи маънавии аққалияти ҳукмронро қонеъ гардонда тавонад. Шиори асосии фарҳанги элитарӣ ин «Санъат барои санъат аст!.

**Фарҳанги халқӣ** бошад асосан ба эҷодиёти даҳонакии халқ такя мекунад, ки дар он тамоми хоҳишмандон ширкат варзида метавонанд.

**Фарҳанги оммавӣ** дар охирҳои асри XIX ба вуҷуд омада, дар миёнаҳои асри XX хеле ташаккул ёфт. Ин фарҳанг аксари кулли оммаи васеи халқро фаро мегирад.

**Дар илми фарҳангшиносӣ вобаста ба ду шакли асосии истеҳсолот, яъне моддию маънавӣ фарҳангро ба фарҳанги моддӣ ва маънавӣ ҷудо кардан қабул шудааст.**

**Фарҳанги моддӣ** тамоми соҳаҳои фаъолияти моддӣ ва дастовардҳои он (олоти меҳнат, хона, сару либос, асбобу анҷоми рӯзгор, воситаҳои истеҳсолот, воситаҳои нақлиёт, алоқа ва ғайраҳо)-ро дар бар мегирад.

**Фарҳанги маънавӣ** бошад шуур ва истеҳсолоти маънавӣ (донишу маърифат, ахлоқ ва тарбия, ҳуқуқ, фалсафа, эстетика, этика, илм, санъат, адабиёт, асотир ва дин)-ро дар бар мегирад.

Ба ин шакли фарҳанг инчунин муносибати байни одамон ва муносибати онҳо ба табиат, ки дар рафти фаъолияти моддию маънавии онҳо рух медиҳанд дохил мешаванд.

**Фарҳанги моддӣ** дар натиҷаи фаъолияти эҷодкоронаи меҳнатии инсон ба вуҷуд меояд, яъне ҳар он чизе, ки асоси моддӣ дошта, бо ақлу заковати инсон ба вуҷуд оварда шудааст фарҳанги моддиро ташкил мекунанд. Фарҳанги маънавӣ ғоя ва фарҳанги моддӣ шакли моддӣ гардонидашудаи он аст.

Фарҳанги моддӣ ва маънавӣ аз ҳам ҷудонашавандаанд. Масалан, китоб ё расм аз як тараф предметҳои моддӣ мебошанд, чунки мо онро ба даст мегирем ва бо чашмонамон мебинем. Аз тарафи дигар онҳо мазмуни ахлоқӣ-эстетикӣ ва дорои ғояи муайян мебошанд, ки онро ба соҳаи маънавӣ нисбат медиҳад. Ҳатто мусиқӣ ҳам дар шакли нотаҳо моддӣ гардонида мешавад. Аз ин ҷо чунин хулоса мебарояд, ки дар олами моддӣ ва пеш аз ҳама фарҳанги моддӣ чизе нест, ки бе маънавиёт бошад ва баръакс, ягон маҳсули фарҳанги маънавие нест, ки бе моддиёт бошад.

Дар бораи ягонагии фарҳанги моддию маънавӣ сухан ронда, тафовутҳои табиӣ онҳоро инкор кардан мумкин нест. Ягонагию ҳамзистӣ ва зиддияти онҳо қонуни асосии инкишофи фарҳанг маҳсуб мешаванд.

## §4. Функсияҳои асосии фарҳанг

Фарҳанг як қатор функсияҳои асосиро иҷро менамояд. Мо дар ин ҷо функсияҳои муҳимтарини фарҳангро баён намуда, функсияҳои ҷузъии онро дар таркиби функсияҳои асосӣ ва

муҳимтарини фарҳанг нишон хоҳем дод.**Функсияҳои муҳимтарини фарҳанг инҳо мебошанд:**

**Якум, функсияи тағйирдиҳанда.** Ин функсия яке аз функсияҳои муҳимтарин ба шумор меравад, зеро азхуд намудан ва дигаргун намудани муҳити атроф мақсад ва талаботи асосии инсон мебошад.

**Дуюм, функсияи муҳофизаткунанда ва ё функсияи мувофиқ шудан ба муҳит** мебошад. Ин функсия ҳам ба инсон ва ҳам ба ҳайвон хос аст. Албатта, инсони соҳибақл дар иҷрои ин функсия аз ҳайвон хеле пеш рафтааст, зеро инсон маҷбур буд, ки ба ду муҳиту вазъият, яъне муҳити табиӣ ва муҳити иҷтимоӣ мутобиқ шавад.

Ҳамаи он чизҳое, ки ба одами ибтидоӣ ва дертар ба инсони тамаддунӣ барои ҳаёт кӯмак мерасонад ва маҳсули фарҳанг аст функсияи муҳофизаткунандаро иҷро менамояд. Аммо инсон на танҳо ба табиат мувофиқ мешавад, балки инчунин ба ҷамъият низ бояд мутобиқ шавад, ки он хеле мураккабтар аст. Васеъ гардидани доираи фаъолияти инсон ногузир боиси пайдоиш ва сар задани хатарҳои нав ба нав мегардад.

Ин бошад аз фарҳанг талаб менамояд, ки механизмҳои муҳофизаткунанда – ба монанди хизмати тиббӣ, органҳои тартиботи ҷамъиятӣ ва ҳифзи муҳити зистро ташкил намояд. Таҳдиди фалокати экологӣ мавқеъ ва мартабаи ин функсияро ба ҷои аввал мебарорад.

**Сеюм, функсияи коммуникативии (робитавии) фарҳанг** мебошад. Ин функсияи фарҳанг ба функсияи информативии фарҳанг алоқаи зич дорад. Функсияи коммуникативии фарҳанг тақозо менамояд, ки инсон ҳамчун мавҷудоти иҷтимоӣ барои расидан ба мақсадҳои мухталиф ба робита ва алоқа бо дигар одамон эҳтиёҷ дорад. **Воситаҳои асосии функсияи коммуникативӣ инҳо забони оддӣ (забоне, ки мо бо он ҳарф мезанем), забонҳои махсуси санъат (мусиқӣ, театр, санъати тасвирӣ, кино ва ғайра) мебошанд.**

Бо тараққиёти баланди илму техника, технология, воситаҳои навтарини нақлиёт ва воситаҳои ахбори умум имкониятҳои коммуникативии фарҳанг, яъне қудрати нигоҳ доштан, расонидан ва интишори боигариҳои фарҳангӣ хеле васеътар гардидаанд.

**Чаҳорум, функсияи информативии (ахборотии) фарҳанг.** Инсоният танҳо ба воситаи фарҳанг метавонад донишу малакаҳои худро бой гардонад, паҳн намояд ва нигоҳ дорад. Вазифаи ин функсия ҷамъоварӣ, нигоҳ доштан ва ба танзим даровардани ахборотҳо мебошад, ки раванди фарҳангии пай дар паю шаклҳои гуногуни прогресси таърихиро таъмин менамояд. Масалан, бостоншинос дар натиҷаи кофтуковҳои археологӣ пораҳои асбобу анҷоми қадимаро ёфта, аз рӯи он манзараи ҳаёти гузаштагонро муайян менамояд. Ҳамаи ин ахборотест, ки дониши инсонро пурра менамояд.

**Панҷум, функсияи регулятивии (нормативии) фарҳанг** мебошад. Ин функсия ба тартибандозанда, ба танзим даровааранда ва идоракунандаи аъзоёни ҷамъият маҳсуб мешавад.

Он пеш аз ҳама ба воситаи низоми қонунҳо, қоидаҳо ва талаботҳои ҷамъиятӣ барои ҳамаи аъзоёни ҷамъият дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва фаъолияти онҳо (меҳнат, ҳаёти маишӣ, муносибатҳои байни гурӯҳҳо, синфҳо, миллатҳо ва шахсиятҳо) муайян карда мешавад. Аз ин рӯ, фарҳанг дар ҷомеа бо характери нормативии худ нақши бағоят бузургро мебозад.

Вазифаи асосии ин функсия нигаҳдории мувозинати иҷтимоӣ дар ин ё он сохти ҷамъиятӣ мебошад. Ин функсияи фарҳанг бо як қатор хусусиятҳо ва дараҷаҳои муайяни худ дар амал ҷорӣ мегардад. Дараҷаи баландтарини ин функсия меъёри (қоидаи) ахлоқӣ мебошад. Меъёри ахлоқӣ ин қонуну қоидаҳои шахшудамонда набуда, дар натиҷаи робитаҳои доимӣ аз як халқ ба халқи дигар мегузарад ва ҳамеша дар инкишофу тағйирёбист. Дар натиҷаи инкишоф ва бойтару ғанитар гардидани меъёрҳои ахлоқӣ он ба худ характери умумибашариро мегирад.

Сокинони сайёраи мо рӯз то рӯз бештар дарк ва эҳсос намуда истодаанд, ки ҳамаи онҳо аз якдигар вобастаанд ва гӯё дар як киштии умумиҷаҳонӣ шино доранд ва тақдири онҳо дар ҳамбастагӣ ва ягонагии онҳост. Аз ин рӯ, раванди гуфтугӯи тамаддунҳо дар шароити имрӯза омили муҳимтарини расидан ба ризоият ва ваҳдату ягонагии халқҳои ҷаҳон мебошад.

Фарҳанг, бешубҳа, ифодагари рӯҳи миллӣ, расму русум, анъана ва хотираи таърихии ҳар халқу миллат мебошад. Аз фарҳангу ҳунар дида, башарият барои ба ҳам наздик кардани

инсонҳо ва ваҳдати умум воситаи самараноктаре эҷод накардааст. Муассисаҳои қадимтарини иҷтимоӣ, ки меъёрҳои ахлоқиро эҷод менамоянд ва нигоҳ медоранд ин калисо, масҷидҳо, динҳои гуногун ва мазҳабҳо мебошанд.

Бесабаб нест, ки талаботҳои ахлоқии аз тарафи динҳо ба вуҷуд овардашуда дар тамоми динҳои ҷаҳонӣ тақрибан ба якдигар монанд ё наздик мебошанд. Бинобар ин дар ҷаҳони имрӯза муносибати ҳасанаи динҳо бояд пойдор бошад.

Қоидаҳои ахлоқӣ асосан ва бештар дар матнҳо ва ҳуҷҷатҳои динӣ, китобҳои муқаддаси динҳои ҷаҳонӣ ва дар эҷодиёту асарҳои ахлоқии мутафаккирони ҳар давру замон инъикос ёфтаанд.

**Дараҷаи дигари ин функсия дар қоидаҳои (нормаҳои) ҳуқуқӣ** инъикос гардидааст. Қоидаҳои ҳуқуқӣ дар асоси меъёрҳои ахлоқӣ тартиб дода шуда, дар қонун ва конститутсияҳо дарҷ мегарданд. Дар натиҷаи ин қонунҳо на танҳо қувваи ахлоқӣ, балки инчунин қувваи ҳуқуқӣ низ мегиранд.

Қоидаҳои ҳуқуқӣ вобаста ба шароитҳои конкретӣ-таърихии халқҳою миллатҳо ва дараҷаи фарҳангнокии онҳо метавонанд гуногун бошанд ва аз якдигар фарқ кунанд. Қоидаҳои ҳуқуқӣ ҳатто метавонад дар як давлат барои ҳар як минтақаҳои алоҳидаи он гуногун бошад. Мисоли равшани гуфтаҳои болоро дар Штатҳои Муттаҳидаи Америка дида метавонем, ки меъёрҳои ҳуқуқии штатҳои он аз якдигар фарқ мекунанд.

**Хусусият ва дараҷаи дигари ин функсия дар урфу одат ва маросимҳо зоҳир мегардад. Урфу одат ин низоми устувори рафтори одамон дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт ва дар шароитҳои гуногун мебошад, ки ба меъёр мубаддал гашта, аз насл ба насл мегузарад.**

**Урфу одат характери устувор ва консервативӣ дорад.** Чунин урфу одатҳои қадимӣ ба монанди худойиҳо, қалингирӣ, қасди хун гирифтан ва як қатор идҳои динӣ ба тағйиротҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ нигоҳ накарда, то имрӯз боқӣ мондаанд.

Меъёрҳои ҳуқуқиро вобаста ба шароитҳои конкретӣ-таърихӣ тағйир додан мумкин аст, вале урфу одатҳои устувор новобаста ба ҳама гуна шароитҳо тағйир намеёбанд.

Маросимҳо аз урфу одатҳо бо он фарқ мекунанд, ки онҳо асосан характери динӣ доранд ва ба ин ё он динҳо дахл доранд. Маросимҳо ин амали коллективонаи рамзӣ буда, асосан дар масҷиду калисоҳо гузаронида мешаванд.

**Шашум, функсияи семиотикӣ** (семиотика – маҷмӯи назарияҳои илмӣ, ки хосияти аломатҳои гуногунро тадқиқ мекунад) **ва ё аломатӣ** мебошад. Ин функсия яке аз функсияҳои муҳимтарин дар низоми фарҳангшиносӣ ба шумор меравад. Бе омӯзиши низоми муайяни аломатҳо аз худ намудани дастовардҳои муҳими фарҳанги ҷомеаи башарӣ аз имкон берун аст.

## §5.Фаҳмиши фалсафии фарҳанг. Инсон эҷодкори фарҳанг. Моҳияти мафҳумҳои «культура» ва «фарҳанг»

Илми фарҳангшиносӣ дорои хусусиятҳои хоси фалсафӣ мебошад. Фарҳанг системаи донишҳо дар бораи қонуниятҳои зиндагию ҳаёти инсон буда, бо қонунҳои табиат алоқаи ногусастанӣ дорад. Дар раванди фаъолияти бошууронаи дигаргунсозандагии табиат ва ҷамъият ҳар як насли инсон таҷрибаи андӯхтаи ниёгонро аз бар менамояд ва дар баробари ин сарватҳои моддӣ ва маънавӣ меофарад, роҳ ва усулҳои истеҳсоли онҳоро такмил медиҳад.

Мутафаккирон ва маорифпарварони Ғарб ба фалсафаи фарҳанг такони ҷиддие ворид карданд, ки боиси дар асри XX хеле ташаккул ёфтани он гардид. Фаҳмиши фалсафии фарҳанг аз дигар фаҳмишҳо фарқи ҷиддӣ дорад. Масалан, фаҳмиши «ҷамъият» чӣ маънӣ дорад? Мо «ҷамъият»-ро дида наметавонем. Мо одамон, нақлиёт, хонаҳоро мебинем, вале ҷамъиятро намебинем. Мо онро дарк мекунем.

Фаҳмиши фалсафии фарҳанг дар он зоҳир мегардад, ки мо ба воситаи тафаккур ба моҳияти масъалаҳо сарфаҳм меравем. Кулли фикру ақидаҳои мутафаккирони оламро ҷамъбаст карда, ба фарҳанг чунин таъриф додан мумин аст:

**Тамоми дастовардҳои моддию маънавие, ки инсон дар тӯли фаъолияти дуру дарози таърихии худ ба вуҷуд овардааст маданият ва ё фарҳанг номида мешавад.** Ҳаммаънои «маданият» «культура» аст ва аз рӯи моҳият ҳарду дар як поя меистанд. **«Культура» калимаи лотинӣ буда, маънои «кишт кардан»,**

**«зироаткорӣ намудан», «парваришу тарбия» ва «парваридану рӯёнидан»-ро дорад.** Истилоҳи культура аз асри XVIII инҷониб дар Европа истифода мешавад.

Истилоҳи маданият чӣ маънӣ дорад? **Маданият аслан калимаи арабӣ буда, маънои шаҳрдорӣ, яъне сокини шаҳр ва шаҳрвандро дорад.**

Дар мамлакатҳои Шарқ тарзи зисти шаҳриёнро бо мафҳуми маданият ва тамаддун ҳаммаъно медонистанд.

**Истилоҳи «Фарҳанг» бошад аввалин маротиба дар китоби дини зардуштиён «Авесто» ёдоварӣ мешавад ва аз ду бахш «фар» ва «ҳанг» иборат буда, бахши «фар» маънои комёбиҳои давраи пеш,бахши «ҳанг»маънои овардан ва ё аз насл ба насл гузаштани комёбиҳои давраи пешро дорад.**

## §6 Санъат ҳамчун унсури фарҳанг

Санъат таърихи қадима дошта, дар ҷамъияти ибтидоӣ дар омезиш бо асотиру этиқодҳои динӣ пайдо шудааст ва дар раванди ташаккули ҷомеаи инсонӣ то имрӯз дар рушду камол аст. Дар бораи санъат мутафаккирони олам бисёр фикру ақидаҳои ҷолиб баён намудаанд.**Ба ақидаи аксари мутафаккирони олам санъат як шакли шуури ҷамъиятӣ буда, дарки маърифатию амалии олами воқеиро аз тарафи инсон ифода мекунад. Санъат шеваи махсуси фаъолияти инсон аст, ки дар он воқеият дар шакли бадеӣ ва рамзӣ инъикос ёфта, мазмун, вазифа ва матлаби муайянро дорост.** Санъат бо гуногуншаклии худ тамоми паҳлуҳои ҳаёти инсон ва орзӯю ормони ӯро дар бар гирифта, имконият медиҳад, ки дар баробари олами воқеӣ, олами дигари зебоӣ офарида шавад. **Санъат маҳсули тафаккур, ҷаҳонбинӣ ва маърифати инсон аст.**

Одамон ҳангоми эҷод намудани санъат бо асрори зебоии олам ошно гашта, дониши худро оиди он васеъ менамоянд. Инсон офаридаҳои худро ҳамчун воситаи муҳими дарки арзишҳои волои умумиинсонӣ дар раванди зиндагии худ истифода мебарад. **Намудҳои санъат инҳо мебошанд: санъати муҷассамасозӣ санъати мусиқӣ, санъати меъморию тасвирӣ, санъати бадеӣ, санъати рақсӣ, санъати бофандагию кулолгарӣ ва санъати сарояндагию ораторӣ.**

Чуноне, ки мебинем санъат тамоми паҳлӯҳои рӯзгор ва фаъолияти инсонро фаро мегирад. Санъат гузаштаи инсониятро бо имрӯз ва имрӯзаи инсониятро ба ояндааш пайваст намуда, умеду орзӯи ӯро дар худ таҷассум менамояд.

**Мутафаккирони Атиқа санъатро бо ду маъно: васеъ ва танг таъбир кардаанд. Маънои васеъ** – маҳорати хонасозӣ, киштиронӣ, ҳунармандӣ, зироаткорӣ, идоракунии давлат, соҳаи тиб ва ғайраҳоро дар бар мегирад. **Дар маънои танг санъати мусиқӣ, рақс, назм** дар назар дошта шуда, онҳо воситаи қонеъ гардонидани талаботи фароғатии инсон маҳсуб мешаванд. Кашфиётҳои муҳим дар соҳаи санъат арзишҳои умумиинсонӣ касб намуда, дар ганҷинаи фарҳанги умумиҷаҳонӣ маҳфӯз мемонанд.

Аз асрҳои миёна сар карда, санъат ба пуррагӣ ташаккул ёфт ва намуди махсуси фаъолияти инсон шинохта шуд ва ҳар халқу миллат вобаста ба хусусиятҳои хоси миллии худ онро ривоҷ додаанд. Ҳар кадоме аз ин дастовардҳо бемисл ва нотакроранд.

Санъат дар баробари манбаи дониш ва маърифат буданаш мақсаду вазифаҳои муайяни худро дорад. Ба воситаи мусиқию санъати тасвирӣ дар инсонҳо ғояҳои ватандӯстӣ, меҳру муҳаббат, хушодобӣ, хушахлоқӣ ва эҳсоси зебоипарастӣ ҷой дода мешавад. Аз тарафи дигар санъат ифодагари орзӯю ормони инсон аст. Инро дар осори классикони тамаддуни ҷаҳонӣ ва сурудҳои мардуми олам эҳсос намудан мумкин аст.

Дар аввалҳои асри XX тамоили ба идеология ва сиёсат омезиш додан ва тобеъ намудани санъат рух дода буд, ки ин ба манфиати санъат, ҷомеа ва умуман инсоният набуд. Яъне, минбаъд санъат дигар озод набуд ва мебоист манфиати ин ё он синфро ифода ва ҳимоя менамуд.

Дар тӯли мавҷудияти худ санъат вазифаи маърифатӣ ва тарбиявиро ба ҷо оварда, яке аз омилҳои солим нигоҳ доштани ҷомеаи инсонӣ маҳсуб мешуд, вале дар раванди омезиш ёфтан бо идеология ва сиёсат санъат ин вазифаи муқаддаси худро то як андоза гум кард. Оид ба аҳамияти санъат дар ҳаёти инсон файласуфи бузурги Юнони Қадим Арасту чунин гуфта буд: «Мағзи маданияти бадеӣ санъат аст».

Гегел бошад санъатро «ҳамчун шакли образноки маърифат» маънидод карда буд. Л.Н.Толстой санъатро «ҳамчун во-

ситаи муоширатъ» ва Г.В.Плеханов чун «шакли маҳсули ботинии инсон» маънидод кардаанд. **Ҳамин тавр, дар зери мафҳуми маданияти бадеӣ соҳаи фаъолияти рӯҳию амалии инсон оид ба офаридан, паҳн кардан ва азхуд намудани асарҳои санъат ё маводҳое, ки қиммати бадеию эстетикӣ доранд фаҳмида мешавад.** Маданияти бадеӣ омили ҳалкунандаи эҷоди асарҳои бадеӣ ва равандҳои азхудкунии онҳо (тарбияи эстетикию бадеӣ ва ғайра) мебошад. Масалан, рассом ва ҳайкалтароши рус Эрнест Неизвестный, санъаткорони тоҷик Малика Қаландарова, Шоиста Муллоҷонова, Одина Ҳошимов, Зафар Нозимов оҳангсозони рус Растапович ва С.В.Рахманинов бо эҷодиёти пурсамари худ шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд.

Аслан, эҷодиёти ходимони илму санъат ба мақсади муайян кардани тамоми имкониятҳои инсон равона карда шудаанд. Ҳайкалтарошони бузург – Мирон (миёнаи асри 5 то милод) ва Поликлет ҳайкалҳое офарида буданд, ки шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд. Ҳамин тавр, санъат дар ҳаёти инсон нақши беандоза бузургро дорост ва одамон бе санъат ҳаёти худро тасаввур карда наметавонанд.

## §7. Нақши фарҳангофаринии дин дар ҷомеа

Оид ба дин ва сабабҳои пайдоиши он олимон ақидаҳои мухталиф доранд. **Дин ва эътиқодҳои динӣ дар раванди ташаккули ҷомеаи инсонӣ ба вуҷуд омада, инкишоф ёфтааст. Ибораи «дин» маънои парастишу итоатро дошта, онро дар Европа бо ибораи «религио» истифода мебаранд ва он ҳаммаънои дин мебошад. Маънои «религио» низ итоат ва ситоиш буда, миллатҳои гуногуни ҷаҳонро бо ҳамдигар мепайвандад.**

**Дин як шакли шуури ҷамъиятӣ буда, оид ба пайдоиши оламу одам ривоят мекунад.** Дин бо тамоми илмҳои ҷамъиятшиносӣ алоқаи зич дошта, пайваста бо ин илмҳо ташаккул меёбад. Бо вуҷуди он, ки эътиқод ба динҳои гуногун аз тарафи мардуми олам ба вуҷуд оварда шуда бошанд ҳам, ҳамаи онҳо ба парастиши Худои ягона бурда мерасонанд. **Динҳои ибтидоӣ ва шаклҳои асосии онҳо инҳоянд: магия, тотемизм, фетишизм, анимизм, баъдтар дар давраи неолит – мифологияи**

**(асотирҳои) аввалин пайдо шудаанд. Акнун ба шарҳи ҳар кадоме аз онҳо мепардорем.**

Тотемизм ҳамчун мафҳуми динӣ дар асри XVIII аз тарафи ҳиндувони Америка эҷод гардидааст. **Тотемизм аз истилоҳи тотеми ҳиндувони Америка гирифта шуда, маънои саравлод ва ё авлодро дорад. Тотемизм як навъ эътиқоду боварӣ ва маросими динии одамони ибтидоӣ аст, ки асоси онро боварӣ ва вуҷуд доштани робитаҳои авлодию хешовандӣ байни инсонҳою ҳайвонот, ҷонварон, растаниҳо ва умуман табиату муҳити атроф ташкил медиҳад.**

**Анимизм бошад аз калимаи лотинии «анима» яъне ҷон, рӯҳ, арвоҳ гирифта шудааст. Одамони ибтидоӣ боварӣ доштанд, ки ҳама мавҷудоти табиат – хоҳ зинда ва хоҳ мурда, хоҳ дар ҳаракат буда –ҳама соҳиби ҷону равонанд. Одамон бошанд дорои рӯҳ ҳастанд.**

**Фетишизм- истилоҳи франсузӣ буда, маънои луғавиаш бут ва ё тӯмор аст. Пайравони фетишизм ба қувваи фавқуттабиӣ доштани ашёҳо бовариӣ комил доштанд ва ба он қоил буданд. Ҳатто боварӣ доштанд, ки бутҳои онҳо дорои қувваи сеҳрноканд.**

**Магия-одамони ибтидоӣ боварӣ доштанд, ки зуҳуротҳои ҳаробиовари табиатро ба воситаи магия (аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маънои ҷоду, ҷодугарӣ ва афсунгариро дорад) бартараф кардан мумкин аст. Онҳо оламро ба воситаи асотирҳо (мифология) дарк мекарданд.**

**Асотир (мифология) -аз калимаи арабӣ гирифта шуда, маънои ривоят, афсона, ҳикоя, гуфторро дорад.**

Асотир (мифология) ҷаҳонбинии одамони ибтидоӣ буда, воқеияти муҳити атрофро дар шакли афсона образнок тасаввур мекарданд, яъне тасаввуротҳои онҳо оид ба олам хаёлӣ буд.

Ин гуна ҷаҳонбиниҳои ибтидоӣ баъдтар ба динҳои ҷаҳонӣ ворид гардиданд. **Динҳои ҷаҳонӣ инҳо динҳои буддоӣ, насронӣ ва ислом мебошанд.**

**Дини буддоӣ** – (Буддо номи аслиаш шоҳзода Сидхартха Гаутама) дар асри VI-V пеш аз милод дар Ҳиндустони Қадим ба вуҷуд омадааст.

**Дини насронӣ** (масеҳӣ) – асосгузораш Исои Масеҳ буда, дар асри якуми милодӣ ба вуҷуд омадааст.

**Дини ислом** – бунёдгузораш Муҳаммад (с) пайғомбар буда, дар асри VII-уми милодӣ дар нимҷазираи Арабистон дар шаҳрҳои Макка ва Мадина ба вуҷуд омадааст.

Ҳар кадоме аз ин динҳои ҷаҳонӣ дорои дастури муқаддаси фарҳангии худ буда, ҷавҳари асосии онҳо аз таълимотҳои ахлоқию фалсафӣ иборат мебошанд. Ин динҳо мардумро ба рафоқат, нексириштӣ, самимият, покизагӣ, муҳаббати ҳақиқӣ, муттаҳидӣ, саховатмандӣ, бофарҳангӣ, ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ҳидоят менамоянд.

Дин дар ҷомеаи инсонӣ бояд вазифаҳои муқаддаси худро иҷро намояд.

Ҳар як таълимоти нав давоми таълимоти пешина аст. Нақши дин дар ҷомеаи инсонӣ хеле бузург аст. Дар тӯли ҳазорсолаҳо тамаддун дар доираи муқаррароти дин инкишоф ёфтааст ва арзишҳои фарҳангӣ бо таъсири омили динӣ эътирофи умум пайдо карда, асоси устувори фарҳанги ҷомеаи ҷаҳониро ташкил додаанд. Ба ҳамин хотир бисёре аз муҳаққиқон ин ё он тамаддунро ба дин вобаста ва симои маънавии ҷомеаро аз он иборат медонанд.

Табиист, ки дар пешрафти ҷомеаи инсонӣ дин мусоидат кардааст ва анъанаю муассисаҳоеро ба вуҷуд овардааст, ки ба пешрафти тамаддун кӯмак расонидаанд. Анъана ва арзишҳои устувори фарҳангӣ, ки ба ақоиди динӣ ороста шудаанд, пойдевори мустаҳками фарҳангиро ташкил додаанд.

Чуноне ки аз манбаъҳо бармеояд баробарӣ, адолати иҷтимоӣ, сулҳу бародарӣ, ки ғояҳои асосии анъана ва арзишҳои фарҳангиро ташкил медиҳанд, дар тамоми динҳои ҷаҳонӣ мавқеи устувор ишғол мекунанд. Масалан, дар дини мӯъбини ислом бузургдошти инсон ва эҳтироми шахсият на танҳо нисбати мӯътақидони он, балки нисбати пайравони динҳои дигар низ ҷорӣ аст.

Мавқеи ислом нисбати пайравони дигар динҳо дар асоси усули таҳаммулпазирӣ ташаккул ёфтааст. Мавқеи таҳаммулпазирии дини мӯъбини ислом барои таҳкими муколама бо дигар дину тамаддунҳо хизмат мекунад.

Дар замони муосир раванди ҷаҳонишавӣ арзишу асолатҳои миллии халқу миллатҳои гуногунро таҳти хатари нобудӣ қарор дода, зуҳуроти бархӯрди фарҳангу тамаддунҳоро ба миён овардааст.

Ин зуҳурот дар давоми қариб се даҳсолаи охир аз ҷониби бисёр сиёсатмадорон ва олимону муҳаққиқони Шарқу Ғарб ҳамчун масъалаи меҳварии муносиботи байни кишварҳо арзёби мегардад.

Аз ин рӯ, таҳлилгарону коршиносон аҳли башарро аз оқибатҳои хатарноки бархӯрди тамаддунҳо огоҳ сохта, муколама ва гуфтугӯи тамаддунҳоро яке аз роҳҳои муассири муқовимат бо ин падидаи номатлуби даврони муосир мешуморанд.

Халқи тоҷик дар тӯли таърихи чандинҳазорсолаи худ ҳамеша аз таҳаммулпазирӣ ва маслиҳату муколама кор гирифта, собит сохтаанд, ки бо роҳи зӯрӣ ҳал кардани мушкилоту низоъҳо ва ба ҳам муқобил гузоштани ҷаҳонбиниву ақидаҳои мухталиф метавонад на танҳо сабабгори фасоди ахлоқ ва халалдор гардидани фарҳангу тамаддунҳо, балки шикасти давлатҳо низ гардад.

Дар замони муосир низ мардуми Тоҷикистон бо такя ба афкор ва таҷрибаи таърихии ниёгони худ раванди гуфтугӯи тамаддунҳоро ҳамеша ҷонибдорӣ менамоянд.

Ҳамин аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон борҳо аз минбари баланди созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла, Созмони Милали Муттаҳид ба ҷомеаи ҷаҳонӣ доир ба оқибатҳои бетарафию беэътиноӣ нисбат ба ҳувият, таъриху фарҳанг ва дигар муқаддасоту арзишҳои миллӣ ҳушдор додааст.

«Фалсафаи хеле қадимаи муросою мадорои халқи тоҷик,- таъкид менамояд Эмомалӣ Раҳмон,- имрӯз низ метавонад ба ҳайси намунаи равшани муколамаи фарҳангу тамаддунҳои гуногун хизмат намояд».[1]

---

[1] Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам ва ҷаҳони муосир.-Душанбе, 2009, саҳ.4.

# БОБИ II. ИЛМИ ФАРҲАНГШИНОСӢ ДАР АСРИ XX ВА ИБТИДОИ АСРИ XXI

Аз охири асри XIX ва ибтидои асри XX сар карда, дар илми фарҳангшиносӣ равияҳо, ҷараёнҳои мухталифу зиёде ба вуҷуд омаданд. Дар ин давра омӯзиши фарҳанг дар доираи антропологӣ ва этнографӣ ривоҷу равнақ меёбад. Як қатор олимон нақши **коммуникативии (робитавии) фарҳангро** ба назар гирифта, забонро ҳамчун асоси омӯзиши сохти таркибии фарҳанг меҳисобиданд. Ин роҳ боиси дар фарҳангшиносӣ пайдо шудани методҳои нав ба **мисли семиотикӣ** (семиотика - калимаи юнонӣ буда, маънои нишона, аломатро дорад), **забоншиносии таркибӣ, математикӣ ва кибернетикӣ** гардид.

Дар шароити имрӯза, як қатор сотсиологҳо ва фарҳангшиносон ба хулосае омаданд, ки ақидаи ягонаи фарҳангӣ аз имкон берун аст. Яке аз ин гуна назарияҳо **назарияи полисентризм** мебошад. **Полисентризм** (аз калимаи юнонию лотинӣ гирифта шуда, маъноҳои бисёр ва марказро дорад) **назарияест, ки дар асоси он гӯё нажодҳои имрӯзаи одам аз шаклҳои гуногуни одамони қадим дар икчанд минтақаҳои рӯи замин пайдо шудааст.** Ин назария ба **назарияи моносентризм** зид аст.

Назарияи полисентризм аз ҷумлаи назарияҳоест, ки Ғарбу Шарқро бо ҳам муқобил гузошта, қонуниятҳои умумии инкишофи ҷамъияти инсониро инкор менамояд. Ба ин назария **назарияи вулгарӣ – технологӣ** мухолиф аст Мувофиқи **назарияи вулгарӣ – технологӣ** гӯё давлатҳои мутараққии **демократӣ ба зинаҳои баландтариини фарҳангу тамаддуи рафта расида бошанду дигар давлатҳо не.** Пайравони **назарияи вулгарӣ-технологӣ** зиддиятҳои чуқури инкишоф ва пешравии ҷамъият, нобаробар инкишоф ёфтани фарҳанги умумиҷаҳониро дуруст дарк карда наметавонанд. Онҳо ба мутафаккирони барҷастаи олам, ки эҷодиёташон дастоварди бузурги фарҳанги умумиҷаҳонӣ маҳсуб мешаванд, баҳои ҳақиқӣ дода натавонистанд.

Дигар назария дар илми фарҳангшиносӣ **назарияи эвдемонистӣ мебошад.**

**Эвдемонистон**[1] бошанд мақсади олии ҳаёти инсонро дар хушбахтӣ ва ҳузуру ҳаловат мебинанд.

**Эвдемонизм** яке аз принсипҳои атиқии фаҳмиши ҳаёт буда, баъдтар дар илми ахлоқ (этика) ҳамчун принсипи асоснок намудани ахлоқ васеъ ҷорӣ гардида буд.

**Эвдемонизми атиқиро** ба ақидаи озодии ботинии Суқрот нисбат медиҳанд. Мувофиқи ақидаи Суқрот озодии ботинӣ дар натиҷаи худшиносии бошууронаи шахс ва новобаста будани ӯ аз олами зоҳирӣ ба вуҷуд меояд. Бо вуҷуди он, ки **эвдемонизм** бо **гедонизм** (назарияи лаззат бурдан, айшу ишрат ва ғайраҳо) алоқаи зич дорад, вале онҳо комилан бо ҳам мухолифанд. Арасту қайд карда буд, ки хушбахтӣ на дар натиҷаи лаззатбарии мунтазам, балки дар натиҷаи дур шудан аз лаззатҳои ҳиссӣ бо роҳи худдорӣ, парҳезкорӣ, даст кашидан аз айшу ишрат ба даст меояд. Як қатор файласуфони Юнони Қадим ва замони Нави Ғарб бар хилофи ин ақида қайд менамуданд, ки мақсади асосӣ ва олии ҳар як инсон ба воситаи айшу ишрат ба даст овардани бахту саодат аст. Намояндагони барҷастатарини эвдемонизм Суқрот, Эпикур, Спиноза, Лейбниц, Шефтебери, Фейербах, Штраус, Дюринг, Зидвик, Х.Бехер, Спенсер ва дигарон буданд.

Дар ибтидои асри XX дар илми фарҳангшиносӣ консепсияҳои мухталиф, мисли **этнологӣ, марксизм ва назарияи тамаддунҳои маҳдуд** ба вуҷуд омада, ба таври васеъ паҳн гардидаанд. Пайравони равияи **этнологӣ** ба проблемаҳои пайдоиши фарҳанг, нақши забон, асотир ва рамзҳо диққати махсус медоданд. Намояндагони барҷастаи он Э. Тейлор, Л.Леви-Брюль, Ф.Баос, А.Кребер, А.Радклифф-Браун, Б.Малиновский, К.Леви-Строс ва дигарон буданд.

**Консепсияи марксистии фарҳанг** аз тарафи асосгузорони назарияи коммунизми илмӣ К.Маркс (солҳои 1818-1883) ва Ф.Энгелс (солҳои 1820-1895) кор карда баромада шуда, дар асарҳои В.И.Ленин (солҳои 1870-1924) инкишоф дода шудаанд. Марксизм фарҳангро ҳамчун раванди фаъолияти мунтазами ба анҷом расонидаи инсон тавсиф менамояд.

---

[1] . Эвдемонизм-аз калимаи юнонӣ гирифта шуда, маънои бахт, саодат, ҳузуру ҳаловат ва фароғатро дорад.

Марксизм таълим медиҳад, ки дар ҷамъияти синфӣ мадания т характери синфӣ дорад, аз ин рӯ, дар вақти таҳлили он аз нигоҳи синфӣ бояд муносибат кард.

Дар баробари ин марксизм сарвати умумибашарӣ будани фарҳангро эътироф менамояд. Аз ин рӯ, назарияи марксистии фарҳангро беасос номидан ва пурра инкор кардан аз рӯи адолат нест. Мувофиқи таълимоти марксистӣ ба ҳар як форматсияи ҷамъиятӣ-иқтисодӣ шакли ба худ хоси фарҳанг тааллуқ дорад.

Ивазшавии форматсияҳои ҷамъиятӣ-иқтисодӣ сабаби ивазшавии шаклҳои фарҳанг ва аз байн рафтани фарҳанги кӯҳна низ мегардад. Вале ин маънои онро надорад, ки марксизм дар таълимоти худ аз меросу анъанаҳои фарҳангии аҳли башар пурра даст мекашида бошад. Баръакс, марксизм таълим медиҳад, ки ҳар як форматсияи нав ба талаботи зарурии худ нигоҳ карда, дастовардҳои фарҳангию мероси умумибашариро ба ҷараёни муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ворид менамояд ва истифода мебарад.

Баъзе олимон камбудии таълимоти марксистиро дар соҳаи фарҳанг дар он мебинанд, ки гӯё марксизм ба фарҳанг танҳо аз нигоҳи синфӣ муносибат кардааст. Дар таълимоти марксистӣ гӯё муносибати схематикӣ, сотсиологӣ ва сиёсӣ ба фарҳанг - таъкид менамоянд онҳо- мазмуни худро гум кардааст ва он ба як шакли номуайяни синфӣ табдил дода шудааст.[1]

Аз нигоҳи аксари фарҳангшиносон фарҳанги ҳақиқӣ аз сиёсат ва сотсиология дур буда, ба қонунҳои ба худ хос инкишоф меёбад. Тарафдорони **консепсияи тамаддунҳои маҳдуд** чунин ақида доранд, ки тамоми тамаддунҳо маҳдуд мебошанд. Тамаддунҳо то андозае нотакроранд, ки аз як халқ ба халқи дигар намегузаранд. Аз ин рӯ, аз нуқтаи назари умумитаърихӣ, фарҳангҳо дар инкишофи худ ҳамон зинаҳои гузаштаи худро такрор мекунанд ва хеле маҳдуданд. Намояндагони барҷастатарини ин ҷараён Н.Я.Данилевский, О.Шпенглер, П.А.Сорокин ва А.Тойнбӣ мебошанд.

О.Шпенглер (солҳои 1880-1936) дар китоби худ «Заводи Аврупо» пайдоиши фарҳангҳои ҷудогона ва маҳдудро

---

[1] Б.С. Ерасов. Культура, религия и цивилизация на востоке.– М., 1990, с.58

пешниҳод менамояд. Аз рӯи консепсияи Шпенглер инкишофи фарҳанг ба шуури одамон вобастагӣ надорад. Ӯ нӯҳ типи фарҳангҳоро муайян менамояд, вале асосан фарҳангҳои Юнону Римӣ (аполлонӣ), Аврупои Ғарбӣ (фаустӣ), византиягию арабӣ (мӯъҷизавӣ)-ро қабул дорад. Рамзи асосии фарҳанги Юнону Римиро ӯ дар инъикоси бадани инсон мебинад. Аз нигоҳи ӯ рамзи фарҳанги Европаи Ғарбӣ дар симои фазо ва вақти беохир таҷассум ёфтааст.

Моҳияти фарҳанги мӯҷизаноки византӣ-арабӣ бошад ба ақидаи ӯ дар муқобилгузории беандозаи рӯҳ ва тан ифода меёбад. **Ба ақидаи Шпенглер эҷодкорони ҳамаи фарҳангҳо аъёну ашроф ва диндорон мебошанд. Дар зери мафҳуми аъёну ашроф ӯ тамоми синфҳои ҳукмронро дар назар дошт. Дигар аъзоёни ҷамъиятро ӯ ба табақаи сеюми манфӣ, ки гӯё ягонагии маънавӣ надоранд нисбат медод. Ғалабаи сиёсии табақаи сеюмро (оммаи меҳнаткашонро Т.Н.) фаношавӣ ва нестшавии ҳама гуна фарҳанг медонист.** Мутафаккир фарҳангеро, ки рӯҳи он қувваи худро гум кардааст ва дар зинаи фаношавӣ аст тамаддун меномад. Албатта, ба тамоми фикру ақидаҳои ин мутафаккир рози шудан мумкин нест.

Таҳлили системаи асотирии фарҳанг, баробари тадқиқотҳои маънавии он ба муаррих ва файласуфи англис А.Ҷ.Тойнбӣ хос мебошад. Нишонаҳои тамаддунро Тойнбӣ дар ташаккули аъёну ашрофи эҷодкори ҷомеа, ки он як қисми халқро ташкил медиҳад мебинад. Ин гурӯҳ, ки вазифаи эҷодкориро дорад аз фаъолияти иқтисодӣ ва хоҷагидорӣ дур аст – таъкид мекунад Тойнбӣ. Аз нуқтаи назари ӯ ба ин гурӯҳ пеш аз ҳама рӯҳониён, ҳарбиёни касбӣ ва кормандони давлатӣ дохил мешаванд. Ба тамаддун мавҷудияти қувваҳои муттаҳидкунанда ва ҷудокунанда хос аст.

**Аз нигоҳи Тойнбӣ вазифаи аъёну ашрофи эҷодкор (элита) муттаҳид намунаи ҷамъият аз таҳдиди қувваҳои харобкори дохилӣ ва берунӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ мебошад. Харобкорӣ ба қувваҳои дохилию берунӣ, яъне пролетариат хос аст. Ҷавобан ба фишори берунӣ ва дохилӣ тамаддун ба вуҷуд меояд.**

Тойнбӣ барои баҳодиҳии дараҷаи тамаддун меъёрҳои универсалӣ, яъне зиёдшавии детерминатсияи дохилӣ (мустақилият ва худинкишофёбии дохилӣ)-ро ворид намуд. Ӯ калисои универсалиро қувваи пуриқтидори муттаҳидкунанда

мешуморид. Таъкид мекард, ки парокандашавӣ муттаҳидшавии навбатиро фароҳам меоварад. Назарияи «тамаддунҳои маҳдуд»-и Тойнбӣ имконияти мубодилаи фарҳангҳо, алоқаи пайдарҳамии тамаддунҳоро имконпазир мешуморад. Аз нигоҳи ӯ инкишофи техника ва технологияи пешқадам, ақидаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ низ омилҳои муттаҳидкунанда шуда метавонанд. Тойнбӣ прогресси инсониятро дар камолоти маънавии он медид.

Фарҳангшиноси рус П.А.Сорокин (солҳои 1889-1968) бар зидди як қатор ақидаҳои Тойнбӣ мебарояд. Ӯ таъкид менамояд, ки фарҳанг назар ба организми зинда зуҳуроти махсус, хеле мураккаб ва комил мебошад. Фарҳанг аз нигоҳи Сорокин бевосита ба иқтисодиёт вобаста нест. Он системаи арзишҳо мебошад, ки қудрат ва самти кӯшишҳои инсонро муайян месозад.

**Сорокин якчанд тамоилҳои инкишофи тамаддуни муосирро нишон медиҳад. Тамоили якум, ҷойивазкунии маркази қувваҳои эҷодкор. Таърихи башар собит намудааст, ки марказҳои бузургтарини фарҳангӣ бо мурури замон ҷойи худро иваз кардаанд. Охирин маркази тамаддун Европаи Ғарбӣ буд.**

**Тамоили дуюм, таназзули тадриҷии фарҳанги сексуалистӣ (ҳиссӣ) мебошад. Фарҳанги сексуалистӣ ба ивази фарҳанги спиритуалистӣ (илоҳӣ, динӣ)-и асри миёна омад. Он дар Европа аз асри XV оғоз ёфта, то имрӯз идома дорад.**

Кӯшишҳои як қатор фарҳангшиносон, ки дар мавқеи **европосентризм** меистоданд ба фарҳанги умумибашарӣ таъсири манфӣ расонидаанд. Ин ҷиҳатҳои манфиро ба назар гирифта, тадқиқотчии фарҳанг И.Р.Гердер олимонро даъват намуд, ки аз европосентризм дар фаҳмиши фарҳангу ҷамъият даст кашанд, зеро ин усул хеле маҳдуд буда, имконияти дарки дурусти фарҳангҳои ҷудогонаи миллиро намедиҳад.

Файласуфи немис Ф.Шеллинг қайд менамояд, ки фарҳанг ва дарки олам дар Шарқу Ғарб, Атиқа ва давраи Нав ба якдигар мувофиқ намеоянд. Дар баробари ҷараёну равияҳои **позитивию сотсиологӣ дар фарҳангшиносӣ равияи интуитивӣ – иратсионалӣ инкишоф меёфт, ки намояндаи барҷастатарини он Ф. Нитсше буд.**

**Ф. Нитсше (солҳои 1844-1900) мутафаккири немис, асосгузори фалсафаи нигилизм**[1] буд. Ҷавҳари фалсафаи Нитсше-ро мафҳуми ҳаёт ташкил мекунад. Аз нигоҳи ӯ мақсади асосии фарҳанг ба инсон кӯмак расонидан аст то ин, ки ӯ худро амалӣ карда тавонад ва ба олами атроф мутобиқ шавад. **Ба ақидаи ӯ асоси чӣ ҳаёт ва чӣ олами атроф дар иродаи инсон ниҳон аст. Ба ояндаи начандон дури тамаддуни европоӣ назари маъюсона (пессимистӣ) дошт.**

Бисёр ақидаҳои Ф. Нитсше-ро дар асри XX намояндагони мактаби Франкфуртӣ Т.Адорно (солҳои 1903-1969), Г.Маркузе (солҳои 1898-1979) ва М.Хоркхаймер (солҳои 1895-1973) қабул карда инкишоф додаанд.

Дар маркази диққати онҳо танқиди фарҳанги оммавӣ меистод. Таназзули маданият ва фардияти инсонро дар шароити ҷомеаи имрӯзаи индустриалӣ онҳо дар идоракунии умумӣ ва аз байн рафтани ташаббусҳои озод медиданд.

Дар мубориза тезу тунди фарҳангии тамаддунҳо **ҳаракатҳои фундаменталистӣ** ба миён меоянд, ки онҳо бештар дар зери идеологияи динӣ амал мекунанд.

Таърих гувоҳ аст, ки дар олами исломӣ, насронӣ, ҳиндуия ва ғайраҳо ҳаракати васеи фундаменталистӣ ҷой дошт. Агар аз нуқтаи назари фарҳангшиносӣ ба раванди инкишофи тамаддунҳои фарҳангӣ назар афканем ҳаракати фундаменталистӣ ин кӯшиши азнавсозии шуури динии анъанавӣ мебошад, вале он гоҳо характери қатъӣ ва дағалро ба худ мегирад, ки ин пеш аз ҳама аз маданияти сиёсӣ вобаста аст.

**Фундаментализмро** на танҳо **ратсионализм,** балки инчунин **традитсионализм** (анъанапарастӣ, расмиятпарастӣ) рад менамояд, зеро фундаментализм тағйирёбии таърихии анъанаҳоро эътироф накарда, ба он кӯшиш менамояд, ки анъанаҳоро ҳамчун талаботҳои бетағйир ва шахшудамонда нигоҳ дорад.

**Фундаментализм** аз **консерватизм бо шарту талаботҳои худ ба радикализм** (амалиёти қатъӣ) майл менамояд.

Фарҳангшиноси америкоӣ Т.Элиот консепсияи элита ва фарҳангшиноси испанӣ Х.Ортега-и-Гассет консепсияи ҷамъияти оммавию фарҳанги оммавиро кор карда бромаданд. Мувофиқи консепсияи имрӯзаи элитизм қисми ноғузири тарки-

---

[1] Пайравони фалсафаи нигилизм маслаку мафкура, хулқу одоб ва сохти маъмулии ҷамъиятро инкор менамоянд.

бии ҳама гуна ҷомеаи инсониро аққалияти ҳукмрон – элита[1] ташкил мекунанд.

Дар давраҳои гуногуни таърихи инсоният мафҳуми элитаро дар маънии мухталиф истифода менамуданд. Аммо дар ҳар ҳолат дар маънии «ҷамоаи олӣ» истифода намудани он бартарӣ дошт. Дар илмҳои ҷомеашиносӣ бошад, мафҳуми «элита» то охири асри XIX ва ибтидои аср XX васеъ истифода намегардид. Маҷмӯи инфиродҳо, ки бартариҳои зиёд доранд ва нишондиҳандаҳои беҳтаринро соҳибанд элитаро ташкил медиҳанд. **Элита асосан дар се соҳаи пешрафти иҷтимоӣ ташаккул меёбад: якум, соҳаи сиёсӣ, дуюм соҳаи иқтисодӣ ва сеюм соҳаи ақлонӣ.**

**Назарияи маъмули «ҳукмронии демократии элита» ба оммаи халқ нақши чарх ва ба элита (яъне синфҳои ҳукмрон Т.Н.) – нақши муҳаррик (мотор)-ро дода, исбот кардани мешаванд, ки дар ҷомеаи инсонӣ баробарӣ умуман вуҷуд надорад ва вуҷуд дошта ҳам наметавонад.**

Ҳамин тавр, ба манфиати элита **фарҳанги элитарӣ** ба вуҷуд оварда мешавад, ки он бояд талаботи маънавии аққалияти ҳукмронро қонеъ гардонда тавонад. Мувофиқи таълимоти элитизм аз сабаби мураккаб гардидани шароитҳои идоракунии ҷомеаи инсонӣ гӯё нақши элита комилан меафзуда бошад.

**Фарҳанги оммавӣ** дастраси умум буда, он дар зери таъсири омилҳои иқтисодӣ ва маънавӣ пайдо шудааст. Фарҳанги оммавӣ дар Европа дар асри XIX дар натиҷаи инқилоби саноатӣ ва зиёд шудани шумораи аҳолӣ ба вуҷуд меояд. Ташаккулёбии пурраи фарҳанги оммавӣ дар миёнаи асри XX вақте, ки воситаҳои коммуникатсионии оммавӣ (радио, кино, телевизион, рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, китобҳои арзон, навиштаҳо, грамплстинкаҳо ва магнитофонҳо) дастраси намояндагони тамоми табақаҳои аҳолӣ гардид ва дараҷаи маълумотнокии омма боло рафт ба вуҷуд омад.

Дар ин раванд демократишавии нисбии фарҳанг низ ба вуҷуд меояд. Фарҳанги оммавӣ метавонад ҳам миллӣ ва ҳам байналмилалӣ бошад. Баръакси фарҳанги элитарӣ он оммаи васеро фаро мегирад.

---

[1] Истилоҳи «элита» аз забони фаронсавӣ гирифта шуда, маънои беҳтаринҳо, баргузидагон, интихобшудагонро дорад.

# БОБИ III. ФАРҲАНГИ ДАВРАИ ҶАМОАИ ИБТИДОӢ

Ҷамоаи ибтидоӣ, ки асоси муносибатҳои истеҳсолиашро моликияти ҷамъиятӣ будани воситаҳои истеҳсолот ташкил медод давраи дуру дарозтарини таърихи инсониятро дар бар мегирад. **Аввалин олотҳои меҳнати одамони ҷамоаи ибтидоӣ аз санг сохта мешуданд, аз ин рӯ, он давраро давраи асри санг меноманд. Асри санг асосан аз се давра – асри санги қадим (палеолит), асри санги миёна (мезолит) ва асри санги нав (неолит) иборат мебошад. Дар бораи пайдоиши одам ва фарҳанг дар байни олимон фикру ақидаҳои мухталиф мавҷуд аст. Аз ҳама нуқтаи назари қадима нуқтаи назари дин аст, ки мувофиқи он одам офаридаи Худованд аст.**

**Дин таълим медиҳад, ки фарҳанг тӯҳфаи Худованд ба инсон аст. Оиди ин масъала нуқтаи назари дигар низ мавҷуд аст, ки мувофиқи он дар давраи палеолит махлуқи боақле аз яке аз сайёраҳои наздик ба Замин (яъне сайёраи мо Т.Н.) кӯчонида оварда шудааст.**

**Аз нуқтаи назари марксизм бошад маймунҳои одамшакл дар раванди меҳнати тӯлонӣ ба одам табдил ёфтаанд.** Маданият ва предметҳои он дар ҷомеаи ибтидоӣ ба вуҷуд омада, зинаҳои гуногуни камолотро аз сар гузаронидааст. Оддитарин олоти офаридаи инсон, ки аз санг иборат буд, то дарки асрори оташу кашф намудани тиру камон ва борут ҳама сарватҳои маданианд. Инчунин дину забон, хату алифбо, санъат, давлату давлатдорӣ, илму адабиёти шифоҳӣ, бинову корхонаҳо, китобу мусавваҳаҳо, либосу асбобҳои рӯзгор, истиқоматгоҳҳо ва техникаи ҳозиразамон, ки ҳама эҷоди одамон аст ба сарватҳои маданӣ дохил мешаванд.

Маданият рафтор, тафаккур ва фаъолияту амали одамонро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ (маданияти меҳнат, сухангӯӣ ва муносибатҳои фардӣ) ифода менамояд.

Аввалҳо маданиятро чун таъсири мақсадноки одам ба табиат (коркарди замин) ва тарбияи худи инсон меҳисобиданд. Намояндагони илми фарҳангшиносӣ бо далелу санадҳо исбот менамоянд, ки **маданият дар тӯли мавҷудияти худ шаклҳои гуногунро аз сар гузаронидааст. Маданияти ҷомеаи ибтидоиро аз рӯи хусусиятҳояш маданияти синкритӣ номидаанд, ки маънои**

**дағал, дурушт, омехта ва соддалавҳона будани олоту предметҳои одамони он давраро мефаҳмонад. Предметҳои маданияти моддию маънавиро дар маҷмӯъ предметҳои маданият меноманд.** Раванди маданиро бештар ба фаъолияти меҳнатии инсон (касбу кор) вобаста медонанд.

Дар давраҳои мухталифи ҷомеаи ибтидоӣ дар ҳаёти одамон дигаргуниҳои куллӣ ба амал меояд. Маданияти ҷомеаи ибтидоӣ давраҳои гуногуни инкишофро (асри санг, асри биринҷ ва асри оҳанро) аз сар гузаронидааст. Аз комёбию дастовардҳои мадании он давраҳо осори зиёде боқӣ мондааст.

Одамони замони палеолит чизҳои дар табиат тайёр бударо истифода карда, барои зистан ба шикор машғул мешуданд. Онҳо ҳанӯз зарфсозӣ, зироат ва ром кардани ҳайвонотро намедонистанд.

Дар замони неолит бошад одамон дар қатори шикор ва ҷамъ намудани маводи ғизоӣ шаклҳои ибтидоии зироатчигӣ ва ром кардани ҳайвонотро каму беш ёд гирифта буданд. Агар палеолити поёни ва миёна давраи ташаккулёбии инсон ва шаклҳои аввалини ҷамъияти ибтидоӣ ҳисобида шаванд, пас палеолити болоӣ ва неолит давраи пурра инкишоф ёфтани ҷамъияти ибтидоӣ-авлоди модарӣ ба шумор меравад. Аз рӯи тахмини бостоншиносон тақрибан 8 ҳазор сол пеш дар Осиёи Миёна, Осиёи Хурд, Фаластин ва Шимоли Байнаннаҳрайн аввалин маданияти зироатчигӣ пайдо шуда будааст. 6 ҳазор сол пеш бошад маданияти зироатчигӣ дар Миср ва Шумер пайдо шуда буд.

Ҳанӯз дар давраи асри санг одамони ҷамъияти ибтидоӣ ҳангоми ҷустуҷӯ ва коркарди асбобҳои сангӣ бисёр хусусиятҳои ҷинсҳои кӯҳиро омӯхтанд. Одамон дар вақти гулхан афрӯхтану оташ даргирондан обшавӣ ва хунук шуда, фишурда ва мустаҳкам гардидани мадани мисро мушоҳида карданд ва аз он гудохтани фулузотро омӯхтанд. Баъдтар ба маъдани мис ҳамроҳ кардани сурб ва дигар унсурҳоро кашф намуда, фулузи биринҷиро, ки нисбатан мустаҳкаму сердоштар мебошад ихтироъ намуданд.

Дигаргуниҳои бузурги иҷтимоӣ-иқтисодие, ки дар асри биринҷӣ ба амал омадаанд, ба коркарди фулузот ва чорводорӣ роҳ кушоданд, ки дар он мавқеи асосиро мардон ишғол мекарданд ва аз ҷиҳати иқтисодӣ нуфузашон боло гирифт. Дар ин

муддат модаршоҳӣ ба падаршоҳӣ бадал шуд. Акнун на ин, ки мардон, балки занҳо ба авлоди падарӣ дохил мешаванд. Онҳо мустақилияти нисбии худро тамоман аз даст дода, мутеъи мардон мегарданд. Ташаккули қувваҳои истеҳсолкунанда ба он оварда расонд, ки дар ин давра баъзе авлодҳо ва дар дохили онҳо оилаҳои патриархалии ҷудогона мавқеи махсуси иқтисодиро ишғол намуда, соҳиби чорво, олотҳои истеҳсолӣ, асбобҳои рӯзгор ва ғайра мегарданд. Акнун ҷой моликияти ҷамъиятиро моликияти хусусӣ мегирифтагӣ шуд. Инкишофи қувваҳои истеҳсолкунанда боиси такмил ёфтани ақлу идроки одамон гардид. Одамон оҳиста-оҳиста муносибати хешро нисбат ба ҳодисоти табиат дигар карда, дар таҷриба ба коркарди мис, қалъагӣ, қурғошим, тайёр намудани сафол ва асбобу анҷоми сафолӣ малака ҳосил намуда, фулузотро кашф ва усули гудохтани онро ёд гирифтанд.

Асри биринҷӣ даврае буд, ки қувваҳои истеҳсолӣ хеле инкишоф ёфта, хусусияти чорводорӣ ва барзгарӣ тамоман тағйир ёфт. Дар зироатчигӣ обёрӣ ҷорӣ шуда, техникаи коркарди замин мураттаб гардид. Истеъмол намудани шири чорво, ҳамчун нақлиёт истифода бурдани чорпоён ҷорӣ гардид. Шикору моҳидорӣ фақат аҳамияти ёрирасони хоҷагиро доштанду бас. Ҳунарҳои мухталифи коркарди мису биринҷ, сафол, сангбурӣ, бофандагӣ ва ғайра дар ҳаёти одамон шуғли доимӣ гаштанд. Сохтмони биноҳо аз хишти хом ривоҷ ёфт. Намудҳои гуногуни санъати тасвирӣ ба вуҷуд омаданд.

Дар оғози таърихи инсонӣ шаклҳои ибтидоии дин мисли магия, тотемизм, фетишизм, анимизм баъдтар дар давраи неолит аввалин асотирҳо (мифология) ба вуҷуд омаданд.

# БОБИ IV. ФАРҲАНГИ ШАРҚИ ҚАДИМ

Олимон ва бостоншиносон аз рӯи дастовардҳои фарҳангиву бозёфтҳои археологӣ маълум карданд, ки гаҳвораи тамаддуни инсонӣ Шарқи Бостон[1] аст. Олимони машҳури рус Н.И.Вавилов, Р.Ю. Виппер, Б.Б.Пиотровский Шарқро гаҳвораи қадимтарин тамаддун дар рӯи замин ва гаҳвораи тамаддуни инсонӣ, маскани асосии тамоми инсоният арзёбӣ намуданд.

Н.И.Вавилов дар Осиё мавҷуд будани панҷ маркази фарҳангу тамаддунро қайд кардааст. Ба ақидаи ӯ дар асл як роҳи борики хушкии курраи замин дар давраи инкишофи маданияти заминдорӣ нақши асосиро бозидааст. Ба ақидаи бостоншиносӣ маъруфи англис Ҷеймс Миллерт тадқиқоти илмии имрӯза, тамоми хулосаҳои Н.И.Вавиловро ба пуррагӣ тасдиқ намудааст.

Шумеру Аккад, Бобулистон (Байнаннаҳрайн), Мисру Ҳиндустон, Чину Загрос, Эрону Осиёи Миёна ва Осиёи Сағир – гаҳвораи қадимтарин тамаддуни инсонӣ дар рӯи замин маҳсуб мешаванд.

Олими маъруфи рус Виппер Шарқро ҳамчун сарчашмаи тамаддуни ҷаҳонӣ маънидод мекунад. Ӯ дар ибтидои асри XX навишта буд, ки «аксари комёбиҳо ва эътиқодҳо ҳама маҳз аз Шарқ ба Европа омадаанд». Таъкид кардан бамаврид аст, ки дар баҳо додан ба тамаддуни Шарқу Ғарб ягонагии фикр мавҷуд нест. Лекин аксари олимон бар он ақидаанд, ки дар давраи қадим маданияти Европа нисбат ба Шарқ хеле маҳдуд буд. Ба қавли файласуфи муосири немис К.Ясперс Осиё дар муқоиса бо Европаи хурдакак бо тамоми бузургии масоҳати худ намудор мегардид. Ин хулосаҳоро кашфиётҳои бостоншиносони асрҳои XIX –XX дар қисматҳои гуногуни ҷаҳон ба тариқи раднашаванда исбот кардаанд.

---

[1] Мафҳуми «Шарқи Бостон» шартӣ аст ва тамаддунро, ки дар ҳазорсолаи VII-IV то милод аз Миср то Хитою Эрон *ба вуҷуд омада*, ташаккул ёфтааст дар бар мегирад.

## §1. Фарҳанги Мисри Қадим

Мисри Қадим[1] яке аз давлатҳои қадимтарини Шарқи Бостон буда, дар қисмати Шимолу Шарқии Африка воқеъ гардидааст. Мисри Қадим таъриху тамаддуни хеле қадима дошта, мардуми он бо зироатчигӣ, чорводорӣ боғпарварӣ ва ҳунармандӣ машҳур буданд.

*Дар ҳаёти мисриён дарёи Нил нақши муҳимро мебозид. «Заруратти пасту баланд шудани об дар дарёи Нил астрономияи Мисрро ба вуҷуд овард*-таъкид намуда буд мутафаккири бузурги асри XIX Карл Маркс.

Хати мисриён дар давраи хеле қадим ба вуҷуд омада буд, ки дар натиҷаи он нахустин ёдгориҳои хаттии ин мардум пайдо шуданд. Забони мисрӣ, ки дар асоси хатти тасвирӣ (иэроглафӣ) инкишоф меёфт, мавҷудияти худро дар асри IV-уми пеш аз милодӣ ҳифз намуда тавонист.

Марказҳои фарҳангиву тамаддунии Миср шаҳрҳои Мемфис ва Фиви ба ҳисоб мерафтанд. Мисриён ба санъати нассоҷӣ ошно буданд ва аз чӯб дӯконҳои бофандагию мебелу завракҳо низ месохтанд. Онҳо аз захираҳои зеризаминӣ пурра истифода бурда, ба мардуми давлатҳои қадимтарини ҳамсоя рафтуомад ва робитаҳои тиҷоративу фарҳангӣ доштанд. Пас аз истилои юнониён дар ин сарзамин Минои Искандария бунёд карда шуд, ки минбаъд он ҳамчун осорхона, академияи илмҳо, хобгоҳи олимон, маркази техникӣ, китобхонаи лулапечи миллӣ, дидбонгоҳ ва маркази ситорашиносӣ истифода бурда мешуд. Меъмори Минои Искандария Сострат буд.

Минои Искандария дар муддати панҷ сол сохта ба истифода дода шуда буд. Баландии бурҷи он 120 метр буда, шарораи оташашро аз масофаи зиёда аз 600 км дидан мумкин буд. Ин манора дар асри XV милодӣ дар натиҷаи заминҷунбии сахт хароб гардид. Дар Миср сохтмони аҳромҳо (пирамидаҳо) хеле инкишоф ёфта буданд, ки аз пешрафти санъати меъмории мардуми ин кишвар дарак медиҳад. Ин аҳромҳо ба хотири фиръавнҳо (шоҳони Миср)- Рамзес, Тутмоси якуму дуюм ва ди-

---

[1] Миср – номи мамлакат дар Шарқи араб, ки маънои «Шаҳри хос»-ро дорад.

гарон сохта шуда буданд. Яке аз он аҳромҳо аҳроми Хеопс ба шумор мерафт, ки то 150 метр баландӣ дошт. Мақбараи фиръавн Ҷосер 60 метр баландӣ дошта, бо сарварии меъмор Имхотеп сохта шуда буд. Онҳо фираъавнҳои худро писарони худои офтоб (Роъ) гуфта ситоиш мекарданд.

Ба ақидаи муаррихи Юнони Қадим Геродот мисриён сермазҳабтарин мардуми ҷаҳон будаанд. Худои бузурги онҳо Осирис модар-худояшон Бадъат Ҷабал ном доштааст. Санъати меъморию муҷассамасозии мисриён инкишоф ёфта, ба эътиқодҳои диниашон зич алоқаманд мегардад. Илму фарҳанги Миср таърихи 3500-сола дошта, аввалин намунаҳои адабиёти хаттии Миср аз навиштаҷотҳои зиндагиномаи ашрофон ва таърихи шоҳон иборат буданд.

Дар кори тартиб додани панду андарзҳо, рисолаҳои динӣ, тиббӣ, риёзӣ ва нуҷум мирзоҳо-рӯйнавискунандагон шӯҳрат пайдо карда буданд. Барои азхуд кардани илмҳои гуногун дар Миср мактабҳои равияашон гуногун таъсис дода шуда буданд. Дар ин мактабҳо шогирдонро барои азхуд кардани илм ва пайдо кардани дониши кофӣ маҷбур мекарданд. Дар насиҳатномаи устодони ин мактабҳо оид ба ин масъала чунин омадааст: «Ман туро маҷбур мекунам, ки донишро аз модар бештар дӯст дорӣ». Шогирдон аз синни 5 то 30-солагӣ таҳсил мекарданд ва хату саводу илмро муқаддас медонистанд.

Адабиёти Мисри Қадим ба пешрафти адабиёти умумиҷаҳонӣ ба мисли яҳудӣ, арабӣ, юнонӣ, эронӣ, ҳиндӣ таъсири хеле бузург расонидааст. Геродот дар «Таърих» ном асараш оид ба мисриён чунин навишта буд: «Онҳо (яъне мисриён Н.Т.) аввалин тақвимро ихтироъ карданд ва ё ба вуҷуд оварданд». Аз рӯи ин тақвим як сол аз 12 моҳ, яъне 365-366 рӯз иборат буд.

## §2. Фарҳанги Байнаннаҳрайни Қадим

Байнаннаҳрайн (номи юнониаш Месопотамия), сарзаминест, ки дар миёни ду дарё- Даҷла ва Фурот (Тигр ва Евфрат) воқеъ гардидааст. Зиёда аз 5000 сол пеш аз милод дар байни дарёи Даҷла ва Фурот давлатҳои Шумер, Аккад, Бобулистон (Вавилон), Финикия, Ошур (Осир) ба вуҷуд омада буданд. Ин сарзаминҳоро юнониён Месопотамия, славянҳо Двуречье ме-

номиданд. Байнаннаҳрайн асосан сарзамини имрӯзаи Ироқу Сурияро дар бар мегирифт.

Сокинони Байнаннаҳрайн ба зироатчигӣ, моҳидорӣ, чорводорӣ, ҳунармандӣ, тиҷорат машғул шуда, ба воситаи дарёҳои Даҷлаю Фурот ба халқҳои ҳамсоя робитаи зичи тиҷоратӣ доштанд. Халқҳои Байнаннаҳрайн тамаддуни Эрони Бостонро ба Миср ва Арабистонро бо Ошӯр пайваст менамуданд. Ин халқҳо дар натиҷаи робитаҳои тиҷоратию фарҳангии худ ба фарҳангу тамаддуни якдигар таъсири мусбӣ расонида, аз комёбиҳою кашфиётҳои волои ҳамдигар хеле хуб истифода бурдаанд. Аз замонҳои қадим мардуми Байнаннаҳрайн хатти қадимаи тасвирии худро доштанд, ки онро пиктография меноманд. Ин хат то 1500 аломатҳои мусаввараро дар бар мегирифт. Хатҳои минбаъдаи мардуми Байнаннаҳрайн дар асоси хатҳои пиктографӣ ба вуҷуд омаданд. Дар байни сокинони Байнаннаҳрайн бисёрхудоӣ маъмул буд ва онҳо Худои бузурги худро Мардук номида, онро мепарастиданд. Дар баробари ин мардуми Шумеру Аккад ва Бобулистон модархудои Миcри Қадим – Балъат Ҷабалро низ мепарастиданд. Онҳо ба ҳаёти охират боварӣ доштанд аз ин рӯ, дар қабрҳо ҳамроҳи ҷасади одамон зарфҳои пур аз хӯрок, маснуоти зебу зиннатӣ ва ҳайкалчаҳои аз лой сохташударо мегузоштанд.

Минбаъд бинобар сабаби пешрафти зиндагӣ, ташаккули шуури одамон муносибати онҳо нисбат ба Худо тағйир ёфтан мегирад. Рафта-рафта онҳо офтобу моҳтоб, замину осмонро Худо не, балки ҷисмҳо ва ҳодисаҳои табиӣ меҳисобидагӣ шуданд. Одамон баъдтар худоҳоро ба инсон шабоҳат медодагӣ шуданд. Дар Шумеру Аккад дар идоракунии давлат идораҳои хоҷагӣ вуҷуд доштанд, ки дар онҳо шахсони мутасаддӣ кор ва фаъолият мекарданд.

Дар Шумеру Аккад ва Бобулистон санъати меъморӣ, муҷассамасозӣ, тасвирӣ, мусиқӣ хеле хуб инкишоф ёфта буд. Барои сохтани муҷассамаҳо санги диоритро аз Арабистони Ғарбӣ кашонда меоварданд. Дар асри XXIII то милод дар Шумеру Аккад шоҳ Гудеа ҳукмронӣ мекард. Дар давраи ҳукмронии ӯ маданияти қадимаи Шумер рушду нумӯъи тоза пайдо карда буд. Гудеаро шоҳи меъморпараст меномиданд, зеро ӯ бо маъбадҳо меҳру муҳаббати бепоён дошт ва тамоми давраи подшоҳии худро барои бунёди маъбадҳо сарф кардааст.

Хизматҳои шоёни Гудеа то ҳол аз ёди халқаш нарафааст. Бисёр унсурҳои тасвирии маъбадҳои Шумеру Аккад баъдтар дар сохтмони як қатор масҷиду мадрасаҳо ва калисою ибодатхонаҳои Шарқу Ғарб ба таври васеъ истифода бурда шудаанд. Достони Шумерӣ дар бораи Гилгамеш ба забонҳои хеттӣ ва хурритӣ тарҷума карда шуданд. Достони «Гилгамеш» якс аз муҳимтарин асарҳои бадеии адабиёти Бобул ба шумор меравад. Муаллифи ин асар то ҳол маълум нест, вале достон дорои аҳамияти баланди ахлоқию фалсафӣ мебошад. Мазмуни асосии достонро мубориэаи ҷасуронаи Гилгамеш бар зидди беадолатӣ ташкил медиҳад Дар достон орзӯҳои инсон оид ба ҳаёти ҷовидонӣ васф карда мешавад.

Дар замони ҳукмронии Хамураппӣ Бобулистон ба яке аз давлатҳои пуриқтидори дунё табдил ёфта буд. Шоҳ Хамураппӣ тамоми Байнаннаҳрайнро дар атрофи як марказ муттаҳид намуда буд.

Яке аз ёдгориҳои бебаҳои маданияти давраи ҳукмронии шоҳ Хамураппӣ ин маҷмӯи қонунҳои баровардаи ӯ буд, ки аз 182 модда иборат буда, меъёрҳои ахлоқию ҳуқуқии ҷомеаро ба танзим медаровард. Кодекси Хамураппӣ дар зери таъсири қонунҳои Шумери Қадим эҷод гардидааст. Вазифаи асосии ин Кодекс аз барқарор намудани адолат дар мамлакат иборат буд. Дар ин қонун (Кодекс) унвонҳои шоҳ оварда шуда, бузургию хайрхоҳии ӯ васф карда мешавад. Дар Кодекс, инчунин номгӯи моддаҳои ҳуқуқҳои ҷиноӣ, мурофиаи судӣ, ҳуқуқҳои оилавӣ, вайронкориҳои ҳуқуқии моликиятдорӣ (ба монанди дуздӣ, горатгарӣ), ҳуқуқҳои ҷанговарон ва ғайраҳо гирд оварда шудаанд.

Тамоми ҳокимият дар ин давлати мутамарказонидашуда аз ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷрокунандаи судӣ ва динӣ иборат буда, ҳамаи онҳо бегуфтугӯ ба шоҳ итоат мекарданд. Кодекси (қонунҳои) Хамураппӣ шахсияти шоҳро ба дараҷаи Худо боло мебардорад. Чунончӣ, Хамураппӣ дар бораи худ мегӯяд: «Ман Хамураппӣ авлоди шоҳзодаи писари Худо Син... Шоҳаншоҳи мутлақ, бародари Худо Замам... Шоҳаншоҳи илоҳӣ... Мардук (Худои онҳо Т.Н.) маро даъват намуд, ки роҳбарии халқро ба ӯҳда гирам, ба мамлакат некӯаҳволӣ ва ободӣ орам».

Аз сарчашмаҳои таърихӣ чунин бармеояд, ки дар давраи подшоҳии Хамураппӣ сохтмони каналҳо, обёрикунонии

заминҳо хеле авҷ гирифта, боғдорию чорводорӣ рӯ ба беҳбудӣ оварда будааст.

Дар Бобулистон бо амри шоҳ Новуходоносор барои ҳамсараш маликаи модиёнӣ боғҳои зиёде бунёд карда шуда буданд. Боғҳои чорқатора болои зинаайвонҳои бузург бунёд карда шуда буданд, ки деворҳои баланд ва айвонҳои сутундор асоси онҳоро ташкил медоданд. Ҳар кадоме аз он 27 метр баландӣ дошт. Айвонҳо аз боло бо тахтасангҳои бузург пӯшонида шуда буданд.

Яке аз комёбиҳои бузурги мардуми Байнаннаҳрайн ихтироъи хат буд. Сокинони Байнаннаҳрайн дар ҳазорсолаи 4-уми милодӣ хати мехии худро доштанд, ки баъдтар он дар тамоми Осиёи Пеш паҳн гардид. Хати мехӣ ба маданияти қадимаи як қатор давлатҳо, ба монанди Аккад, Ошур, Хеттӣ, Урарту, Сурия ва Эрон ворид мегардад. Дар миёнаи ҳазораи дуюми то милодӣ хати мехӣ ба системаи хати байналмилалӣ табдил меёбад.

Дар ин сарзамин мактабҳои зиёде таъсис дода шуда буданд, ки ин мактабҳо боиси баланд гардидани сатҳи дониши толибилмон мегардиданд. Дар Бобулистони Қадим илмҳои забон, математика, муҳандисӣ, ситорашиносӣ, илоҳиёт, ҳуқуқ, тиб, мусиқӣ, санъат, фалсафа ва адабиёт хеле инкишоф ёфта буданд.

Дар Байнаннаҳрайн адабиёт ба ду шохаи асосӣ-динию ғайридинӣ ҷудо мешуд. Дар адабиёти бадеии Аккадию Бобулистонӣ насри бадеӣ мавқеи асосиро ишғол менамуд. Дар адабиёти онҳо назмҳои драммавӣ низ мушоҳида карда мешуд. Мардуми Байнаннаҳрайн барои аз худ намудани илму фарҳанг диққати ҷиддӣ медоданд. Комёбиҳои бузурги фарҳангии мардуми Байнаннаҳрайн то ба имрӯз аҳамияти худро гум накардаанд.

## §3. Фарҳанги Ҳиндустони Қадим

Ҳиндустон яке аз кишварҳои қадимтарини дунё ба шумор рафта, мардуми он дар атрофи дарёҳои Ҳинд ва Ганг маскан гирифта, зиндагӣ мекарданд. Тамаддуни Ҳиндустон яке аз тамаддунҳои қадимтарин ба шумор меравад. Бозёфтҳои бостоншиносӣ ва дастовардҳои фарҳангӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки

мардуми Ҳиндустон аз давраҳои хеле қадим бо давлатҳои ҳамсоя робитаҳои зичи тиҷоратию фарҳангӣ доштанд.

Маданияти Ҳиндустони Қадим аз ҳазорсолаи III-юми пеш аз милодӣ оғоз ёфтааст. Тамаддуни Ҳиндустони Қадимро тамаддуни Харапп (аз номи маҳалле, ки нишонаҳои ин тамаддун ёфт шудааст) меноманд, ки он дар ин сарзамин тамаддуни қадимтарин маҳсуб мешавад. Тамаддуни дигари Ҳиндустонро тамаддуни Моҳинҷо-Доро меноманд. Ин тамаддунҳо баъди тамаддунҳои Шумеру Аккад ва Миср дар ҷаҳон аз қадимтарин тамаддунҳо ба ҳисоб мераванд. Дар давраҳои қадим дар Ҳиндустон илм, фарҳанг, санъати меъморӣ, ҳунармандӣ хеле инкишоф ёфта буд.

Дар охири ҳазорсолаи II-юми то милод ба сарзамини Ҳиндустон қабилаҳои ориёӣ омада, водии дарёи Гангро забт менамоянд ва урфу одат, маданияти аҳолии таҳҷоиро қабул мекунанд.

Аз тарафи ориёиҳо қабул карда шудани маданияти қадимаи дравидҳо ба асотирҳои ҳиндӣ рӯҳу мазмуни тоза бахшид ва онҳоро бойтару сермазмунтар гардонид. Қабилаҳои ориёие, ки аз ғарб ба Ҳиндустон омада буданд пай дар пай бо аҳолии таҳҷоии он – дравидҳо омезиш ёфтанд. Дар байни маданиятҳои қадимаи дунё маданияти Ҳиндустон хеле пурасрор ва ҳайратангез мебошад. Инро дар либос, рафтор, рақс ва тафаккури мардуми ҳинд дидан ва эҳсос кардан мумкин аст. Маданияти Ҳиндустони Қадимро ба се давраи асосӣ тақсим кардан мумкин аст:

1. Ведӣ (тақрибан солҳои 1500-600 то милодӣ).
2. Динию Эпикӣ (солҳои 600-200-уми то милодӣ вақте, ки ду эпоси асосии ҳинд «Маҳапҳарата» ва «Рамаяна» эҷод карда шудаанд ва динҳои ҷайнию буддоия ба вуҷуд омаданд).
3. Ба вуҷуд омадани мактабҳои фалсафии ҳиндуия (аз соли 200-уми то милодӣ).

Комёбии бузургтарини мардуми Ҳиндустон дар давраҳои қадимтарин ихтироъи хат буд, ки хати қадимаи онҳо низ ба монанди хати Шумеру Аккад ва мисриёни қадим хати тасвирӣ (иэроглафӣ) буда, он дар ҳазорсолаи 3-юми пеш аз милод ба вуҷуд омада буд. Хати қадимаи онҳоро хати брахмӣ низ меноманд. Дар Ҳиндустони Қадим танҳо дар охири асри 3-юми то

милодӣ хати алифбои ҳиҷоӣ паҳн мегардад. Муҳимтарин асарҳои динӣ-фалсафии давраи қадими Ҳиндустон бо хати қадимӣ ведӣ-брахмӣ ва баъдтар бо хати санскритӣ ва оромӣ таълиф шудаанд. Аввалин дастоварди фарҳангие, ки давраҳои тамаддуни қадимтарини Ҳиндустонро дар бар мегирад китоби «Маҳабҳарата» мебошад.

Фарҳанги мардуми Ҳиндустони Қадим аз ибтидо дар рӯҳияи динӣ инкишоф меёфт. Дар ҳаёти иҷтимоии Ҳиндустони Қадим **браҳманҳо (коҳинон)** нақши бузург мебозиданд. Таълимоти дини қадимтарини ҳиндуҳо- браҳманизм дар қисматҳо (навиштаҷотҳо)-и Ведаҳо (маънои хирад, дониш, дониши муқаддасро дорад) ҷамъ оварда шудааст. Ведаҳо маҷмӯи матнҳои қадимаи дини браҳмания буда, тақрибан дар ҳазорсолаи дуюму якуми то милодӣ таълиф шуда, дар чаҳор маҷмӯа – «Ригведа», «Самаведа», «Яҷурведа», «Атхарваведа» гирд оварда шудааст.

Дар таълимоти браҳмания ақидаҳои тотемистӣ ҷои муҳимро ишғол менамояд. **Пайравони браҳмания Худои бузурги худ Браҳма, нигоҳбону ҳофизи коинот Вишнуи валинеъмат ва харобкунандаи мавҷудот Шиваро мепарастиданд.**

Дини браҳмания ба манфиати табақаҳои болоии ҷамъият хидмат карда, шахсияти шоҳро то ба дараҷаи Худо мерасонид. Мақсади асосии ин дин мустаҳкам намудани мавқеи системаи авлодӣ ва коҳинон дар ҷомеа буд.

Минбаъд бо ташаккул ёфтани ҷомеа, болоравии сатҳи маданӣ ва маънавии мардуми Ҳиндустон ҷараёнҳои нави динию фалсафӣ пайдо шуданд, ки нисбати дини браҳманӣ дар байни халқ оҳангҳои нобовариро талқин мекарданд. Дар натиҷа дини браҳманӣ ва баробари он системаи кастагӣ рӯ ба сукут мениҳанд. Бар зидди он динҳои нав – **буддоӣ ва ҷайнӣ** муборизаро оғоз менамоянд.

**Буддоия – таълимоти динию фалсафиест, ки дар Ҳиндустони Қадим дар асрҳои 6-5-уми то милод** ба вуҷуд омада, дар раванди инкишофи худ баробари масеҳият ва ислом ба дини ҷаҳонӣ табдил ёфтааст. **Асосгузори ин дин шоҳзода Сидхартха Гаутама (солҳои 563-493 пеш аз милод) буда, баъдтар ӯ бо номи Буддо машҳур мегардад.** Писари шоҳ Сидхартхаро сарвату давлат интизор буданд, вале ӯ аз ҳамаи ин даст мекашад ва

дар ҷустуҷӯи ҳақиқат мешавад. Таълимоти Буддо дар «Типитака» яъне «Се қонун» гирд оварда шудааст.

Буддоия дар ибтидои мавҷудияташ аз 18 фирқа иборат буд. Баъдтар дар ибтидои аввали асри милодӣ ба ду шохаи асосӣ- ҳинаяна ва махаяна ҷудо мегардад. Буддо кӯшиш менамуд, ки роҳи нави зиндагӣ, роҳи аз азоб раҳо додани инсонро пайдо кунад, онро ба одамон нишон диҳад. Бо ҳамин мақсад Буддо ба одамон чаҳор ҳақиқати наҷибро меомӯзонад. Буддо таълим медод, ки: «Ҳаст азоб, ҳастанд сабабҳои азоб. Ҳаст қатъи азоб ва ҳастанд ҳашт роҳи наҷиби қатъ намудани азоб». Аз нуқтаи назари Буддо ҳамаи инро бо роҳи хайр, худтарбиякунӣ, озод шудан аз дилгармиҳои зиндагӣ ба даст овардан мумкин аст.

**Дини дигари ҳиндувон дини ҷайнӣ буд,** ки дар нимаи дуюми асри VI ва аввали асри V то милод ба вуҷуд омада буд.

Дини ҷайнӣ талаботи асосии худро дар шакли зайл ифода мекард: «Ба махлуқи ҷондор зарар нарасонидан, ҳақгӯи будан, моли касонро аз худ накардан, ба бадахлоқӣ роҳ надодан» ва ғайра. Ҳамин тавр, фарҳангу санъати баланди мардуми Ҳинд ба пешрафти фарҳангу тамаддуни халқҳои гуногуни ҷаҳон таъсири мусбӣ расонида, боиси ташаккули фарҳанги умумиҷаҳонӣ гардидааст. Дастовардҳои фарҳангии мардуми ҳинд асарҳои машҳури «Маҳабҳарата», «Панҷтантарата», «Рамаяна», «Ригведа», «Қонуни Ману» мебошанд.

Таъсири маданияту фалсафаи Ҳинд дар эҷодиёти бисёр мутафаккирон, шоирону нависандагони Осиё, Европа ва Америка ба мисли И.Гердер, И.В.Гёте, Г.Гейне, Р.Киплинг, Ф.Шиллер, Экерсен, У.Г.Торо, У.Уитмен, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, А. Ҷомӣ, Л.Уайт, Карамзин, Н.М.Жуковский, Л.Н.Толстой, Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Бедил, Зебунисо, М.Иқбол, С.Айнӣ, С.Улуғзода, М.Турсунзода ба хубӣ эҳсос карда мешавад.

Санъати мусиқӣ, муҷассамасозӣ ва меъмории Ҳиндустон таърихи хеле қадима дорад. Яке аз мавзӯҳои дӯстдоштаи санъати наққошии мардуми Ҳинд тасвири худоҳо ва одамон маҳсуб мешуд. Дар Ҳиндустони Қадим санъати меъморӣ ба авҷи баланди инкишофи худ расида буд. Ёдгории қадимтарин ва барҷастатарини санъати меъмории Ҳинд Моҳинҷо-Доро ба шумор меравад. Маданияти волои мардуми ҳинду ориёӣ гувоҳи

он аст, ки ҳиндуён ва ориёиҳо аз давраҳои қадим бо ҳам алоқаи хеле наздики тиҷоратию фарҳангӣ ва шояд хешу таборӣ низ дошта буданд.

Яке аз анъанаҳои қадимтарини мардуми Ҳинд анъанаи Сатти (сахамарата) (дар танҳоӣ ва ё якҷояги зинда сӯзондани ҷасади одам) буда, онро ба хотири содиқ ва вафодор будан ба ҳамдигар ба ҷо меоварданд. Ин анъанаи онҳо то замони мо идома дорад. Бозии шоҳмот низ эҷоди мардуми Ҳинд аст. Шоҳасарҳои меъмории онҳо ба мисли маъбадҳо, буткадаҳо, бахусус қасри «Тоҷмаҳал» бинандаро дар ҳайрат мегузорад. Хулоса, мардуми Ҳинд ба ганҷинаи тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми босазо ва арзандаи хешро гузоштааст.

## §4.Фарҳанги Хитойи Қадим

Хитой (Чин) низ яке аз гаҳвораҳои тамаддуни аҳли башар маҳсуб мешавад. Давраи қадимтарин дар инкишофи маданияти Хитой ҳазорсолаи IV-уми то милодӣ ва ҳазорсолаи III –юми то милодӣ ба шумор меравад.

Шаҳрҳо ва давлатҳои қадимтарин дар Хитой дар ҳазорсолаи II-юми то милод ба вуҷуд омада буданд. Машҳуртарини онҳо давлати Шан буд, ки онро сулолаи Ин идора мекард. Баъдтар ин давлатро қабилаи Чжоу забт кард ва бо ҳамин ҳукмронии сулолаи Чжоу оғоз ёфт. Дар асри III –юми пеш аз милод дар сарзамини Хитой империяи мутамарказ – шоҳигарии Тсин ба вуҷуд омад. Маҳз дар ҳамин давра сохтмони девори Бузурги Хитой оғоз ёфт. Сулолаи дигаре, ки Хитойро то асри IV идора карда буд ин сулолаи императории Хан буд. Баъди давраи парокандагӣ, дар асри VII империяи пуриқтидори Тан ба вуҷуд меояд. Баъдтар бошад, Хитойро сулолаи Сун муттаҳид менамояд. Оғози давлатдорӣ дар Хитой ба давраи ҳукмронии хонадони Шан-Ин (асрҳои XVIII-XII то милод) рост меояд. Дин дар Хитой барои мустаҳкам намудани обрӯй ва мақоми шоҳ истифода бурда мешуд. Шоҳ «Писари Осмон» номида мешуд. Аксари комёбиҳои тамаддуни Хитойиҳо ба сатҳи ҷаҳонӣ расида, ҳамчун мӯъҷизаи олам эътироф шудаанд.

Маданияти мардуми Хитойи Қадим бо хусусиятҳои муҳимтарини худ аз маданияти халқҳои дигар фарқ мекунад. Яке аз мўъҷизаҳои эҷодкардаи онҳо бунёди девори бузурги Хитойи Қадим мебошад, ки дарозиаш 2700-3000 км буда, баландиаш 14-15 метр будааст. Ин девор мардуми Хитоиро аз хавфу хатари обхезӣ, ҳуҷуми душманони берунаашон ҳифз менамуд.

Дар Хитойи Қадим санъати меъморӣ, муҷассамасозӣ, тасвирӣ, минётурӣ, мусиқӣ, кулолгарӣ ва бофандагӣ хеле инкишоф ёфта буд. Меъмории мардуми Хитой аз меъмории дигар халқҳо бо хусусиятҳои хоси худ ба куллӣ фарқ мекунад.

Мардуми Хитой дар соҳили дарёҳои Янтсзе ва Хуанхе зиндагӣ карда, асосан ба зироатчигию чорводорӣ, боғдорӣ, шоҳибофӣ, кулолгарӣ, моҳигирӣ ва тиҷорат машғул буданд.

Тоҷирони кишварҳои хориҷӣ низ барои тиҷорат ба Хитой меомаданд. Хитойиҳои Қадим қоғаз, борут, қутбнамо ва соатро ихтироъ карда буданд. Хатти мардуми Хитой дорои хусусиятҳои хоси худ мебошад. Онҳо то ҳол дар навиштан зиёда аз 6000 аломатро истифода мебаранд.

Дар Хитойи Қадим илмҳои риёзӣ, нуҷум, тиб, ахлоқ, фалсафа, ҳуқуқ, адабиёт, таърих хеле инкишоф ёфта буд. То имрўз хитоиҳо таълимоти ахлоқию ватанпарварӣ, ҳуқуқӣ ва инсондўстии аҷдодонашонро сармашқи кор ва фаъолияти худ карда меоянд.

Эътиқодҳои динӣ, анъана ва расму оини хитоиҳо аз эътиқоду анъанаҳои дигар халқҳои олам ба куллӣ фарқ мекунанд. Худоҳои хитоиҳо дар давраҳои қадим бо номҳои гуногун ёдоварӣ мешаванд. Хитоиҳо аз рўи анъанаҳои худ орзўҳояшонро дар тахтачаҳо сабт менамуданд. Гўё худоҳо ба асп саворанду орзуҳои онҳоро амалӣ мегардонда бошанд. Дар баробари ин хитоиҳо ба тўморҳо эътиқоди комил доштанд, зеро ба ақидаи онҳо гўё ин тўморҳо бехатарии ҷои кор ва барори кори онҳоро таъмин мекарда бошанд. Мардуми Хитой аз давраҳои қадим то ҳол ба «Ҳафт бахт» эътиқоди комил доранд.

Дар Хитойи Қадим чунин таълимотҳои динию фалсафӣ ба мисли конфутсиячигӣ, даосизм ва буддоия амал мекарданд. Конфутсиячигӣ дар охири асри 5 то милодӣ пайдо шудааст. Асарҳои асосии мутафаккири Чин Конфутсий баъди маргаш аз тарафи шогирдону пайравонаш таълиф шудаанд. Асарҳои асосии Конфутсий «Китоби табдил», «Китоби сурудҳо», «Сўҳбат

ва муҳокимаҳо» мебошанд. Конфутсий дар давраи барои халқи Хитой хеле вазнин, давраи гузариш аз сохти ғуломдорӣ ба сохти феодалӣ ҳаёт ба сар бурдааст. Дар маркази диққати конфутсиячигӣ масъалаи ахлоқ, тарбия ва инсондӯстӣ қарор дорад. Ӯ таълим медод, ки «чизеро, ки ба худ муносиб намедонӣ ба дигарон махоҳ». Дар таълимоти Конфутсий Осмон меҳвар аст. Он ҳам як ҷузъи табиат ва ҳам қувваи олии рӯҳонӣ мебошад, ки тақдири табиат ва инсонро муайян мекунад. Манбаи ахлоқии инсон низ аз осмон аст. Инсон бояд мувофиқи он сифати ахлоқие, ки ба ӯ ато шудааст амал кунад ва худро бо роҳи омӯхтан такомул диҳад. Аз рӯи таълимоти Конфутсий ҳокимияти император ин шабоҳати ҳокимияти падар дар оила буда, муносибаташ бо раият ба муносибати падар ва фарзандон монанд аст. Зинаи идорӣ ва ҷамъиятӣ аз тобеияти «поёниҳо», «нодорҳо» ба «болоиҳо», «дороён» бояд иборат бошад. Ӯ тарафдори ҳокимияти ашрофони бохираду донишманд буда, ашрофи бехирад набояд ба вазифаи идорӣ роҳ ёбад. Конфутсий ба қонунгузории давлат эътимод надошта, онро як амали манфӣ мешуморид.

Баъди марги Конфутсий императорони Чин ӯро Худо эълон карда, барои эҳтиромаш ибодатхонаҳо месохтанд ва ба ӯ ибодат мекарданд.

Дар дини Конфутсий табақаҳои рӯҳониён мавҷуд набуд. Ин вазифаро сарварони оила, авлод ё хизматчиёни давлатӣ адо мекарданд. Парастиши авлодони гузашта яке аз талаботҳои асосии оини Конфутсий буд. Ҳар як авлод ё оила ибодатгоҳи худро дошт. Дар таълимоти мазкур принсипи инсондӯстию гуманизм мавқеи хоса дошт. Аз рӯи таълимоти Конфутсий инсон дар ҷомеа ва оила бояд аз рӯи хирад, масъулиятшиносӣ, эҳтироми якдигар, муҳаббат ба калонсолону хурдсолон амал кунад. Аз асри 3-юми милодӣ сар карда, императорони Хитой дини Конфутсийро дини давлатӣ эълон карда буданд.

Дар охири асри VI-уми милодӣ дар Хитой таълимоти нави мазҳабии **Даосизм** пайдо шуд, ки мазмун ва моҳияти он дар китоби «Дао-де-тсзи» баён ёфтааст. Муаллифи ин китоб файласуфи Хитойи Қадим Лао -Тсзи буд. Дар охири асри VI-уми милодӣ Даосизм низ мақоми давлатӣ пайдо кард, ки таълимоти ахлоқии он чунин аст: манъи куштор, манъи дуздӣ ва манъи шаҳватпарастӣ. Аз нигоҳи Лао Тсзи қонунҳои табиату ҷамъият

аз ҷониби Дао (Худои худро ҳамин тавр меномиданд. Т.Н.) муайян карда мешаванд. Дар муносибат бо Дао ҳама баробаранд. Ҳамаи бадбахтӣ ва беадолатӣ аз он сар задааст, ки мардум аз Дао дур шудааст. Дао метавонад адолатро барқарор намояд, моликиятро аз дороён ва сарватмандон гирифта, ба камбағалон диҳад.

Дастовардҳои фарҳангӣ ва тамаддун, қонунгузории давлат тибқи Даосизм, роҳи хато ва дур шудан аз Дао шуморида шуда, зӯроварию ҷанг маҳкум карда мешавад.Дар таълимоти Даосизм фазилатҳои беҳтарини ахлоқи инсонӣ ба мисли иҷрои қарзи фарзандӣ, садоқат ба калонсолону ниёгони хеш, муҳаббати самимӣ, сабру тоқат, муқобилият ба рафтори бад, зиёд кардани саршумори чорво, парвариши растаниҳои судманд, сохтмони роҳҳо, маърифатнок намудани бесаводон, қироату тиловати китобҳои муқаддас ва риояи расму оини гузаштагон мақоми хоса доранд.

## §5. Фарҳанг ва тамаддуни Эрони Қадим.

Эрон яке аз қадимтарин давлатҳои Шарқ маҳсуб мешавад, ки таърихи зиёда аз 5-ҳазорсола дорад. Сокинони эронзаминро дар давраҳои кадимтарин ориёӣ – яъне мардуми ориф, наҷиб, асил, асилзода, покиза, донишманд, аз хонаводаи нажоди сафед ва сарзамини онҳоро Ориёно меномиданд. Оиди ориёиҳо, сарзамини аввалини аслии онҳо, давраҳо ва роҳҳои ҳиҷрати онҳо назарияҳо ва консепсияҳои мухталиф мавҷуд аст. Вале аз ҳама ақидаи ба ҳақиқат наздик он аст, ки аҷдодони тоифаҳои мухталифи ориёиҳо то замони азҳамҷудошавӣ дар сарзамини Осиёи Миёна (Ориёнои таърихӣ) ва ноҳияҳои ҳамҳудуди он зиндагӣ ба сар бурда, сипас, як гурӯҳи онҳо аз ин ҷо ба Ҳиндустон кӯчидааст ва гурӯҳи дигар тақрибан дар миёнаҳои ҳазорсолаи дуюми пеш аз милод дар Осиёи Пеш маскан гирифта, осори нутқ ва маданияти худро боқӣ гузоштаанд. Ҳамчунин гурӯҳи дигари ориёиҳо, яъне аҷдоди мидиҳо ва форсҳо ба самти Эрони Ғарбӣ ҳаракат карда, дар он ҷо сукунат ихтиёр намуданд.[1] Чунин нуқтаи назарро аксари муаррихон ва донишмандони

---

[1] Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон..., китоби якум.- Душанбе, 1998, саҳ. 45-59

забонҳои эронӣ тарафдорӣ мекунанд. Бостоншиносони маъруфи дунё ориёиҳоро аҳли маданияти андронӣ ва ё Осиёи Миёнаи аҳди биринҷӣ мешуморанд.

Ҳанӯз аз давраҳои қадим зиддиятҳои дохилӣ ориёиҳоро ба ду гурӯҳи калони бо ҳам зид ҷудо карда буд. Гурӯҳи якум эрониёни ғарбӣ буданд, ки ба он мардуми Эрони имрӯза, балуҷиҳо, курдҳо, мидиҳо ва ғайраҳо дохил мешуданд.

Ба гурӯҳи дуюм эрониёни шарқӣ – аҷдодони тоҷикон, яъне суғдиён, бохтариҳо, сакоиҳо, хоразмиҳо дохил мешуданд. Бо вуҷуди он, ки аҷнабиён сарзамини Эрони Бостон ва Ориёноро забт карда бошанд ҳам, мардуми ориёӣ тавонистанд, ки марказҳои илмию фарҳангии худро нигоҳ доранд.

Баъди аз байн рафтани давлати овозадори Ҳахоманишиҳо дар сарзамини Ориёно сугдиён, бохтариҳо, хоразмиён ва портҳо давлатдорӣ кардаанд. Мароқанд, Бохтар, Балх, Нисо, Тайсафун, Персополес, Нишопур, Истахр шаҳрҳои маданию фарҳангии онҳо буданд, ки то имрӯз шаклу шукӯҳи худро нигоҳ дошта меоянд.

Намунаи равшани инро дар мақбараи Курӯши Кабир, катибаҳои тахти Ҷамшед, катибаҳои тахти Доро, меъмориҳо ва навиштаҷотҳои Кӯҳи Бесутун, меъмориҳои оташкадаҳо, меъмориҳои шаҳри Персополес, меъмории қасрҳои шоҳони аҳди Сосониён, боғҳои шоҳон, меъмории Академияи Гунди Шопур ва китобхонаю бемористонҳои он, ки дорои хусусиятҳои хос буданд дидан мумкин аст.

Тамоми комёбиҳои мардуми ориёӣ дар дастовардҳои фарҳангию таърихии онҳо «Авесто» ва қиссаю номаҳои шоҳон сабт ёфтааст. Илму фарҳанг ва санъати давраи Сосониён ба пешрафти илму фарҳанги тамоми ҷаҳон таъсири ниҳоят бузург расонидааст. Қавмҳои эронинажод ба монанди дигар халқҳои олам дорои таълимотҳои зиёди мазҳабиву фалсафӣ мебошанд.

Таълимоти мазҳабиву фалсафии ориёиҳо бо ҳам омехтаанд. Ин тамоилро дар аксари таълимотҳои пешин, аз қабили оинҳои ориёӣ – маздакия, зардуштия, монавия бараъло мушоҳида кардан мумкин аст.

Ориёиҳо ҳамчун мардуми қадима ба ягонагии Худованд имони комил доштанд.

Эътиқод ба Меҳр ва ё Митра (Худои осмон) ва Анаҳит (модархудо) аз қадимтарин эътиқодоти мардуми Эрони Бостон аст.

Дар бораи парастишу эҳтиром нисбат ба Худои Меҳр дар катибаҳои Доро ва дар давраи Ҳахоманишиҳою рӯзгори Сосониҳо ривоятҳои зиёде мавҷуд аст. Ҷашнҳои Наврӯз ва Меҳргон бо шукӯҳи бузурге таҷлил мегаштанд. Ин расму оинҳо ва анъанаҳо ба мазҳабҳои зардуштия, масеҳият ва дини монавия таъсири амиқе расонидааст. Дар китоби муқаддаси дини зардуштиён «Авесто» суруде дар ситоиши Меҳргон ҷой дода шудааст, ки номи Меҳряштро гирифтааст. Ҷашни Меҳргон баъдтар дар байни румиҳо низ паҳн гардид.

Дар байни худоёни сершумори мардуми орийӣ Аҳурамаздо (Худои доною хирадманд ва Худои некӣ) мавқеи хеле бараҷаста доштааст. Мувофиқи маълумотҳои китоби «Авесто» асосгузори дини зардуштӣ- Зардушт Иброҳими Спитамон будааст. Дини зардуштӣ дар ибтидои ҳазорсолаи якуми пеш аз милод ба вуҷуд омада, то паҳншавии ислом дар сарзамини ориёиҳо дини асосӣ ва ҳукмрон буд. Таълимоти ахлоқии сегонаи дини зардуштӣ – «Пиндори нек», «Гуфтори нек», «Рафтори нек» то ҳол аҳамияти тарбиявии худро барои аҳли башар гум накардааст.

# БОБИ V. ФАРҲАНГИ АТИҚА

Аксари олимони дунё бар он ақидаанд, ки фарҳанг ва тамаддуни мардуми Европа нисбат ба фарҳанг ва тамаддуни халқҳои Шарқ дертар ба вуҷуд омадааст.

Қисми хеле ками олимони дунё фарҳангу тамаддуни Юнону Римро сарчашмаи тамаддуни башарият қаламдод мекунанд.

Аксари кулли олимони дунё бошанд Шумеру Аккад (Месопотамия), Мисру Ҳиндустон, Чину Загрос, Эрону Осиёи Миёна, доманакӯҳҳои Анатолия (Осиёи Сагир)-ро гаҳвораи қадимтарини тамаддун дар рӯи замин, таҳкурсии тамаддуни инсонӣ ва маскани асосии тамоми инсоният меҳисобанд.

Олими маъруфи рус Р.Ю.Виппер Шарқро ҳамчун сарчашмаи тамаддуни ҷаҳонӣ ҳисобидааст. Ӯ навишта буд: «Европаи кӯҳан аз давраҳои қадимтарин сар карда, рӯ ба тараққи ниҳода буд. Барои онҳо рӯшноӣ ва боигарӣ, аслиҳаҳои мубориза бо табиат ва маснуоти рӯзгор, усули кор ва асбобҳо, мафҳумҳо ва эътиқодҳо – ҳама маҳз аз Шарқ меомаданд... Ҳама гуна зинаҳои мадании Европа аз таъсири ихтироъкориҳои бузурги Шарқ ба вуҷуд омадаанд»[1].

## §1. Фарҳанги Юнони Қадим

Сокинони қитъаи Европа низ дар ташаккули фарҳанг ва тамаддуни аҳли башар саҳми босазо гузоштаанд.

Ҷазираи Крит дар қитъаи Европа аз қадимтарин марказҳои тамаддуни инсонӣ ба ҳисоб меравад. Фарҳангу тамаддуни Юнони Қадим, ки дар зери таъсири тамаддуни Шарқи Бостон ташаккул ёфтааст аз тарафи олимону бостоншиносони олам то андозае таҳқиқ карда шудааст ва он ба чор давраи асосӣ ҷудо карда мешавад, ки инҳоянд:

- **Юнони давраи Гомерӣ** (асрҳои XII-VIII-уми то милод). Ин давраи пароканда гардидани ҷамоаи авлодӣ ва пайдо шу-

---

[1] Виппер Р.Ю.Новые горизонты в исторической науке. – М., 1906, стр. 268-273.

дани давлат буд. Ин давра дар манзумаи эпикии «Илиада» ва «Одиссея» ифодаи худро ёфтааст. Тақрибан дар асри VII то милод халқе бо номи эллинҳо пайдо мешавад, ки номи мамлакати онҳо Элладаро мегирад.

- **Юнони давраи архаикӣ.** Дар ин давра шаҳрҳо – давлатҳо ба вуҷуд меоянд (асрҳои VII-VI то милод).

- **Юнони давраи классикӣ.** Ин давраи гул-гулшукуфӣ ва нашъунамои полисҳои юнонӣ мебошад (асрҳои V-IV то милодӣ). Дар ин давра фалсафа, санъати театрӣ ва адабиёт арзи вуҷуд мекунад.

- **Юнони давраи эллинистӣ** (охири асри IV ва асри I пеш аз милод). Ин давраи пайдоиши империяҳои бузург мебошад. Ин давра аз истилои Искандари Мақдунӣ оғоз ёфта, бо истилои Рим аз тарафи варварҳо анҷом меёбад. Рим дар ибтидои асри II-юми то милодӣ Юнонро тобеи худ гардонид. Аз асри IV то истило шудани Византия аз тарафи туркҳо дар асри XV Юнон қисми асосӣ ва таркибии империяи Византия маҳсуб мешуд.

Фарҳанг ва тамаддуни ҳар яке аз ин давраҳо бо хусусиятҳои хоси худ аз якдигар фарқ мекунанд. Қадимтарин ёдгориҳои хаттии ин мардум бори аввал аз ҷазираи Крити шаҳри Кносс ёфт шудааст. Дар он оид ба қасри шоҳи афсонавии ҷазираи Крит-Минос маълумот дода мешавад. Мувофиқи ин маълумотҳо қасри шоҳи афсонавӣ аз биноҳои боҳашамати 2-3 ошёна иборат буда, масоҳаташ ба 16000 м.кв баробар будааст ва дар он зиёда аз 300 хона ҷой доштааст. Дар деворҳои ин қаср санъаткорон, рассомон, меъморон, наққошон, кулолгарон, заргарон санъати баланди волои худро нишон додаанд. Юнониҳо ва Римиҳо асосгузорони театр ва амфитеатр ба шумор меравaнд. Масалан, театри Дионис дар Афина 70 ҳазор ҷой, театри шаҳри Эфес 60 ҳазор ҷойҳои нишаст доштанд.

Дар Юнон драматургия низ инкишоф ёфта буд. Асосгузорони он Софокл, Эсхил, Аристофан ва дигарон буданд, ки асарҳои драммавӣ эҷод мекарданд. Эзоп- яке аз масалгӯёни Юнони Қадим буд, ки масалҳои зиёди пурмазмуне эҷод карда буд. Ӯ дар бораи худ чунин мегӯяд: «Гарчанде, ки Эзоп тамоми умр ғулом зистааст, вале ӯ озод мурдааст».

Аксари олимону файласуфони Юнони Қадим зодаи шаҳри Милет буданд. Фарҳанги мардуми Милет дар зери

таъсири маданияти қадимаи Эрону Миср ва Бобулистон инкишоф ёфтааст.

Дар байн мардуми Юнон бисёрхудои маъмул буд. Худои аввалини юнониён Худозан маҳсуб мешуд ва онҳо баъдтар образи Худои барзаговро эҷод карда буданд. Онҳо худоҳои худро бо номи Зевс, Прометей, Афина, Димитрий, Посейдон, Гелиос, Дионис, Аполлон ва ғайраҳо парастиш карда, ба хотири худоҳояшон қурбониҳо мекарданд.

Юнониён муҷассамаҳои худоҳои худро сохта, дар ибодатхонаҳо нигоҳ медоштанд. Масалан, муҷассамаи Зевс 58 метр баландӣ дошта, дар назди кӯҳи Олимп дар муддати 9 сол сохта шуда буд. Муҷассама бо бузургию ҳашамати худ яке аз мӯъҷизаҳои нотакрори тамаддуни аҳли башар эътироф гардидааст.

Мардуми Эгей низ ба хазинаи тамаддуни ҷаҳонӣ аз худ мероси гаронбаҳое боқӣ гузоштаанд. Онҳо ҳанӯз дар ҳазорсолаи 2-юми то милод хати худро ихтироъ карда буданд.

Санъати наққошии эгейҳо ба санъати Атиқа ва минбаъд ба санъати монументалии асрҳои миёнаи Византия, Руси Қадим, Булгория, Франсия ва давраи Эҳё таъсири муфиде расонидааст.

Анъанаҳои бинокорӣ ва меъмории қадима баъдтар дар давраи классикӣ васеъ инкишоф меёбанд. Ҳоло ҳам маданияти он давраро ҳамчун сарчашмаи маданияти мардуми Европаи имрӯза эътироф намудан мумкин аст. Яке аз қадимтарин ёдгориҳои маданияти Микен санъати меъморӣ ва мақбараҳои Пелопонес, Афинаю Спарта маҳсуб мешаванд.

Аз ин рӯ, мутафаккири Юнони Қадим Гомер дар асараш «Иллиада» Микенро «кони тилло» номида, шоҳи он Агамениенро дар байни шоҳон аз ҳама пурзӯртарин муаррифӣ намудааст. Дар давраи пас аз гомерӣ (асрҳои VIII-VI пеш аз милодӣ) маданияти мардуми Юнон хеле ташаккул ёфта, аз мамлакатҳои Шарқи Қадим хеле пеш мегузарад.

Дар ташаккул ва инкишофи маданияти давраи гомерии Юнон таъсири маданияти Шарқ тавассути робитаҳои тиҷоратию фарҳангӣ хеле барҷаста аст. Масалан, асоси алифбои юнониҳоро хати финикиягиҳо ташкил мекунад. Дар он танҳо баъзе аломатҳои ҳамсадою садонокҳо дохил карда шудаасту бас. Бисёр алифбоҳои мардуми ҷаҳон аз ҷумла, алифбои

кириллӣ гарчанде, ки аз хати юнонӣ сарчашма гирифта бошанд ҳам асосашро хати Финикияи қадим ташкил медиҳад. Мардуми Юнон сирри аз рег тайёр кардани шиша ва ғайраҳоро аз мардуми Финикия ва Ошур омӯхтаанд.

Дар илми нуҷум, геометрия (ҳандаса), меъморӣ мисриён ва бобулиён устодони юнониён ба шумор мераванд. Ба илму фарҳанги бойи мардуми Шарқ такя карда, юнониёну римиёни қадим дар соҳаи илму фарҳанг, мактаб, меъмориҳо, амфитеатрҳо, театрҳо, бозиҳои миллӣ, давлатдорӣ ва демократия ба комёбиҳои бузург ноил гардидаанд.

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи маданияти мардуми Юнон ин асотирҳои онҳо мебошад, ки аз он на фақат санъат ва адабиёти онҳо, балки дин ва то андозае илми юнонӣ низ ғизои маънавӣ гирифтааст. Дар байни юнониён бисёрхудои маъмул буд ва онҳо худоҳои худро ба худоҳои заминию осмонӣ ҷудо мекарданд. Аз рӯи эътиқоди юнониён гӯё асбоби мусиқии лира (уд) аз камони Аполлон сохта шуда бошад. Аз ин хотир Аполлонро пешсафи нӯҳ олиҳа, яъне худоҳои ҳофизон, мусиқичиён ва пешгӯикунандагон меномиданд. Яке аз сабабҳои асосии бо суръати баланд инкишоф ёфтани илму фарҳанги Юнони Қадим дар он буд, ки бисёр олимон, файласуфону санъаткорони он ба мамлакатҳои Шарқи Бостон сафар карда, илму фарҳанг, тамаддуни мардуми Шаркро омӯхта, малакаю таҷриба ва ҷаҳонбинии хешро сайқал медоданд ва онро дар Юнон амалӣ мегардонанд. Мутафаккирони Юнони Қадим дар соҳаи илми тиб, риёзиёт, геометрия (ҳандаса), ҳуқуқ, ахлоқ, фалсафа, мусиқӣ, нуҷум, меъморӣ, таърих, ҷуғрофия, табиатшиносӣ ва забону адабиёт асарҳои беҳамто эҷод намуда, Юнонро машҳури ҷаҳон гардонидаанд.

Бисёр мутаффакирони илму фарҳанги Юнони Қадим мактабҳои худро таъсис дода буданд, ки машҳуртарини он Академияи Афлотун буд. Афлотун шогирди Суқрот буд. Ӯ баъди қатли Суқрот бо мақсади ба амал баровардани ғояҳои сиёсии устодаш Суқрот оид ба давлат ва давлатдорӣ ба сафари мамлакатҳои Шарқ мебарояд. Дар давоми 12 соли сафараш аз мамлакатҳои Миср, Киренаика, Италияи ҷанубӣ, Ситсилия дидан карда, ба тарзи давлатдории онҳо аз наздик шинос мешавад. Баъди аз сафар баргаштан Афлотун дар мавзеи қаҳрамон – Академа мактаби худро мекушояд (аз ин ҷост номи академия),

ки баъдтар он номи Академияро мегирад. Академияи Афлотунро бузургтарин олимони асри IV –уми то милодии Юнон Евдокс, Евклид, Арасту хатм намудаанд.

Дар инкишоф ва ташаккули илму фарҳанги Юнони Қадим мутафаккирон Гераклит, Фалес, Пифагор, Парменид, Зенон, Асклепий, Гигия, Панатсея, Гиппократ, Демокрит, Анаксагор, Сукрот, Евклид, Афлотун, Арасту, Геродот, Гомер, Фидии, Поликлет, Аполодор, Ксенефон, Ариан, Лукиан, Ситсерон, Вергилий ва дигарон саҳми арзанда гузоштаанд.

Тибби Юнони Қадим низ дорои таърихи қадима мебошад. Дар сарчашмаҳои таърихӣ аввалин маълумот оид ба тибби Атиқаи Юнон дар асри XII-уми то милодӣ дода шудааст. Дар он давра тибби юнониҳо касби мустақил гардида, духтурони касбиву мактабҳои оилавии пизишкӣ пайдо шуда буданд. Оид ба таърихи тибби Юнони Қадим маълумотҳо хеле каманд, вале баъзе хусусиятҳои тиббӣ онвақта дар манзумаҳои «Илиада», ва «Одиссея»-и Гомер таҷассум ёфтаанд. Гомер роҷеъ ба вазъи тиб ва мавқеи пизишкони Юнони Қадим маълумоти мухтасар медиҳад.

Дар Юнони Қадим оилаҳои пизишкони касбӣ вуҷуд доштааст, ки мактабҳои «оилавии» пизишкиро ташкил мекарданд. Аз рӯи эътиқоди юнониҳо Асклепий (бо лотини Эскулап) сарвари оилаи пизишкӣ ва устоди онҳо буда, фарзандони ӯ Махаон ва Подалирий шогирдонаш маҳсуб мешуданд.

Гомер пизишки Юнони Атиқа Буқротро ҳам аз авлоди онҳо меҳисобад. Оид ба Асклепий қиссае мавҷуд аст, ки бевосита ба таърихи тиб тааллуқ дорад. Аз рӯи ин ривоят Асклепийро падараш Аполлон аз батни модар гирифта будааст. Баъдтар юнониҳо Асплепий-ро Худои тиб меномидагӣ шуданд. Ӯро дар симои мӯйсафеде, ки бо асои морпеч такя кардааст, тасаввур мекарданд. Дар асотирҳои мардуми Шарқи Қадим ҳам бисёр вақт мор нақш меёфт, ки он аҷаб нест рамзи тандурустии одамон бошад. Аз рӯи ривоятҳо оилаи пизишкии Асклепий-ро ду духтари ӯ пурра мекарданд, ки якеро Гигия (маънои «сиҳатӣ»-ро дорад) меномиданд. Ӯро ҳамчун олиҳаи «сиҳатӣ» мепарастиданд ва имрӯз истилоҳи «гигиена», ки маънои «беҳдошт»-ро дорад аз номи ӯ баромадааст.

Олиҳаи «сиҳатӣ»-ро чун ҷавондухтаре тасвир мекарданд, ки бо дасти чапи худ ҷомеро медошт ва море аз он ҷом чизе

менӯшид. Ин акси мор ва ҷом баъдҳо рамзи (эмблемаи) тиб гардид. Духтари дигараш Панатсея гӯё «ҳама гуна бемориӣ»-ро табобат карда метавонистааст.

«Иллиада», «Одиссея», «Табиат», «Давлат», «Метафизика», «Сиёсат», «Сафедкунӣ», «Критон ва Федон», «Ибтидо», «Поэтика», «Риторика» «Теогения», «Аякс», «Шоҳ Эдип», «Фива», «Орестея» драммаҳои Эсхилу Софокл яке аз дастовардҳои бузурги фарҳангии юнониҳои аҳди Атиқа ба шумор меравaнд.

Шаҳри Искандарияи Миср муҳимтарин маркази илмию фарҳангии давраи Эллинӣ ба ҳисоб мерафт. Дар он ҷо қасри бузурге бино карда буданд ва дар назди он китобхонаи асосии Искандария ҷой дода шуда буд, ки дар онҳо 700 000 папирусҳои лулапеч нигоҳ дошта мешуданд.

Дар китобхонаи Искандария адабиётҳои зарурӣ оид ба тамоми соҳаҳои илм ва ба ҳамаи забонҳои маъмули он давр ба мисли юнонӣ, мисрӣ, яҳудӣ, форсӣ ва ғайраҳо гирд оварда шуда буданд. Роҳбарии китобхонаю осорхонаи Искандария ба зимаи ходимони маъруфи маданияти он замон – Зенодот, Каллимах, Аристрихи Самофракиягӣ, Аполлони Родоссӣ ва дигарон гузошта шуда буд. Дар инкишофи илмҳои математика Евклид, астрономия ва физика Аристрах саҳми бузург гузоштаанд.

Аристрах аввалин шуда, давр задани заминро дар гирди офтоб кашф карда буд. Дар инкишофи илми нуҷум бошад, саҳми Гиппарх ва шогирдонаш Эратосфену Кирена ниҳоят бузург аст. Онҳо гирифтани моҳ, масофаи байни моҳ ва замин, дарозию васеъгӣ, чанд маротиба аз ҳаҷми замин зиёд будани ҳаҷми офтобро кашф ва амиқ карда буданд. Ҳамаи ин кашфиётҳо осорхонаи Искандарияро машҳури ҷаҳон гардонида, онро ба маркази мадании олам табдил дода буд.

Маркази дигари илму фарҳанг ва санъати давраи эллинӣ, Пергам (Мақдуния) маҳсуб мешуд. Шоҳони он намояндагони илму санъатро дар маркази давлати худ гирд оварда буданд. Файласуфони маъруфи он давра Эпикур ва Зенон буданд, ки атомҳои беохирро дар фазо муайян ва вазни атомро пешгӯи карда буданд.

Давраи нав дар инкишофи маданияти Атиқа замони ҳукмронии Искандари Мақдунӣ маҳсуб мешавад. Фарҳанги

Юнон аз асри III-юми пеш аз милод сар карда, ба тамоми мамлакатҳои ҳамсоя таъсири худро расонид, аз доираи маҳдуди юнонӣ берун баромада буд. Дар давраи эллинизм ба ивази полиси юнонӣ давлате ба вуҷуд омад, ки сарзамини васеъ ва аҳолии бисёрмиллионаро фаро гирифта буд. Дар чунин шароит идеологияи космополитизм (космополит, яъне шаҳрванди ҷаҳон) ташаккул меёбад.

## §2. Фарҳанги Рими Қадим.

Рими Қадим низ яке аз давлатҳои қадимтарини Атиқаи Европа маҳсуб шуда, дар он ҷо ҳанӯз 4000 сол пеш аз милод тамаддуни инсонӣ вуҷуд дошта будааст. Мардуми он асосан ба моҳидорӣ, шикорчигӣ, чорводорӣ, заминдорӣ ва ҳунармандӣ машғул буданд. Онҳо санъати сангтарошӣ, кулолгарӣ ва истифодаи оҳанро низ хуб медонистанд.

Рим дар сарзамини Италияи имрӯза воқеъ гардида, яке аз қадимтарин шаҳрҳои кишвар ба ҳисоб меравад. Мардуми он дар соҳили дарёи Тибр маскан гирифта, шаҳри худро ба марказ илму фарҳанг ва тиҷорату тамаддун табдил дода буданд. Дар бораи маданияти Рими Қадим дар илми фарҳангшиносӣ ақидаҳои мухталиф ҷой доранд. Аз ҷумла, фарҳангшиносони маъруф О.Шпенглер, А.Тойнбӣ, бостоншиносон Шлимен ва Эванс қайд мекунанд, ки тамоми комёбиҳои Рим аз таназзули тамаддуни Атикӣ шаҳодат медиҳад, яъне римиён дар натиҷаи робитаҳои тиҷоратию фарҳангӣ ва мазҳабии худ аз маданияти баланди юнониён истифода бурда, ба комёбиҳои беназир ноил гаштанд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки ҷаҳонбинии динии римиён низ заминаи худро аз эътиқодҳои динии юнониён гирифтааст.

Дар натиҷаи ташаккул ёфтани ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ дар Рими Қадим талабот ба мутахассисони босаводу бомаърифат меафзуд. Аз ин рӯ, ҳукуматдорони Рим барои қонеъ гардонидани талабот ба мутахассисони соҳибмаълумоту ботаҷриба ба Юнон муроҷиат менамоянд. Ин раванд алоқамандии Римро бо тамоми вилоятҳои Бахри Миёназамин мустаҳкам намуд. Римиён барои пеш бурдани умури давлатдорӣ ва иқтисодиёти киш-

вари хеш аз собиқ давлатҳои эллинии юнониҳо донишмандон, мутафаккирон ва ғуломони босаводро оварда, аз донишу малакаи онҳо ба таври васеъ истифода мебурданд. Илова бар ин онҳо ба таври ҷиддӣ омӯзиши забон, адабиёт, фалсафа, таърих, ҳуқуқ, санъати нотиқӣ ва театриро ба роҳ мемонанд. Сарватмандони римӣ бошанд фарзандонашонро барои таҳсил ба шаҳрҳои Юнон мефиристоданд. Донишмандони юнонӣ муаррих Полибий, файласуфон Посидоний ва Панетий ба Рим рафта, фаъолияти илмии худро дар он ҷо идома медоданд. Бо мақсади боз ҳам мустаҳкам намудани риштаҳои дӯстии римиҳою юнониҳо римиён таърихи Римро ба забони юнонӣ таълиф менамоянд. Дар он тавассути образи афсонавии Эней бо ҳам хеш будани римиёну юнониҳо талқин карда шуда, таъкид мегардид, ки бисёр шаҳрҳои Италия бевосита аз тарафи қаҳрамонони юнонӣ ва троягӣ бунёд карда шудаанд. Мутафаккирони юнонӣ дар навбати худ ба ҳукмронии римиён тан дода, ягонагии юнониёну римиён ва анъанаю одатҳои ин ду халқро исбот менамуданд. Чуноне, ки мебинем дар мифологияю анъанаҳои маданию маънавии мардуми Рим тағйиротҳои назаррас ба амал меояд. Тарзи номгузорӣ, эътиқодҳои динӣ, анъанаи юнониёну римиён мазмуни якхела пайдо мекунанд.

Дар натиҷаи омезиши ин ду маданият минбаъд римиён дар санъати портретӣ, муҷассамасозӣ, меъморӣ (театр, сирк, амфитеатрҳо, гулгаштҳо, гармобаҳо ва ғайраҳо) хеле пеш мераванд. Санъати рақс ва мусиқӣ дар Рим кори паст ҳисоб меёфт, аз ин рӯ ба ин намуди санъат диққати даркорӣ дода намешуд.

Дар яке аз қиссаҳои мардуми Рим гуфта мешавад, ки сарзамини Рим аз тарафи худоҳо офарида шудааст ва римиён назаркардаи худоҳо мебошанд. Мардуми Рим бародарон Ромул ва Ремро асосгузорони шаҳри Рим меҳисобанд. Яке аз талаботи асосие, ки дар ин асотир оварда шуда буд, садоқат ба шаҳри Рим мебошад. Аз ҳамин сабаб дар нимаи аввали асри V-уми то милод дар Рим маъбади Садоқат сохта шуда буд. Талаботи дуюм, Мардонагӣ ва талаботи сеюм, Озодӣ номида шуда буд. Мафҳумҳои Садоқат, Мардонагӣ ва Озодӣ арзишҳои волои ахлоқии римиёнро дар давраи шукуфоии шаҳр – давлати Рим ташкил медоданд. Дар давраҳои қадим римиён ба бисёрхудоӣ рӯй оварда, ҳатто ҳайвонҳоро парастиш мекарданд. Баъдтар дар асри 1-уми милодӣ дини насрониро қабул карданд.

Рақамҳои румӣ (I-I, III-3, IV-4, V-5, IX-9, X-10, XXI- 21 ва ғайраҳо), инчунин солшумории милодӣ ва номи моҳҳои имрӯза (январ, феврал, март, апрел, май, июн, июл, август, сентябр, октябр, ноябр, декабр), ки аз тарафи оламиён пазируфта шудаанд эҷоди мардуми Рим мебошанд.

Аксари дастовардҳои фарҳангӣ, кашфиётҳои илмии римиён то ҳол аҳамияти худро гум накардаанд. Ҳоло ҳам римиён асоси бунёди меъмориҳои шаҳри Рим-ро маҳсули дасти бародарон Ромул ва Рем медонанд.

Яке аз аввалин намояндагони фарҳанги римиён шоир ва мутафаккир Архий буд, ки Ситсерон ӯро устоди худ хондааст.

Таъсири маданияти Юнон ба Рим ва дар айни замон хусусиятҳои хоси маданияти Рими Қадим дар эҷодиёти бузургтарин шоир, нотиқ ва ходими давлатӣ Марк Тулий Ситсерон (106-43 то милод) инъикоси худро ёфтааст. Ситсерон дар асарҳои худ «Сарвар Понтинский», «Оид ба замони ман», «Дар бораи давлат», «Дар бораи республика», «Дар бораи ӯҳдадорӣ», «Дар бораи қонунҳо», «Парадоксҳо», «Академикҳо» кӯшиш намудааст, ки назарияҳои юнониро бо назарияҳои хоси румӣ мувофиқ созад. Барои Ситсерон сохти республика бо идораи омехтаи он идеал ҳисоб мешуд.

Ситсерон волоияти қонунро дар мадди аввал мегузошт. Ба ақидаи ӯ ҳама чиз – табиат, коинот, ҳатто худоҳо ба қонун итоат мекунанд. Дар таърихи тамаддуни Рими Қадим давраи инкишофи насри лотинӣ маҳз бо номи Ситсерон вобаста аст.

Асарҳои адибони Рими Қадим аз асарҳои муаллифони юнонӣ, ки аксаран оҳанги мифологӣ доштанд, маҳз бо ҳақиқатнигорӣ ва рӯҳияи заминии худ фарқ мекарданд. Ин хусусиятҳо пеш аз ҳама дар эҷодиёти бузургтарин намояндагони адабиёти Рими Қадим Вергилий, Горасий Флакк, Проперсий, Овидий ва дигарон равшан зоҳир гардидаанд.

Горасий мутафаккире буд, ки реализм дар ашъори ӯ мавқеи асосиро ишғол мекард. Вергилий бошад табиатшиноси Рими Қадим буд, ки тамоми асарҳои худро оид ба табиат таълиф намудааст.

Мунаҷҷим ва мутафаккири Рими Қадим Балтимус оид ба даврзананда будани замин фикру андешаҳои ҷолиб баён намудааст. Ин фикру андешаҳои ӯ минбаъд ба Коперник, Галилей, Дарвин, Нютон ва дигарон таъсири бузурги мусбӣ расонида-

аст. Овидий бошад – олим, мутафаккир, файласуф, фарҳангшиноси бузурги Рими Қадим ба шумор меравад. Ӯ асосан ҳаҷвнигор буд.

Математики машҳури Рим Архимед оид ба сирру асрори риёзиёт ва амалҳои он асарҳои зиёде эҷод кардааст, ки то ҳол аҳамияти худро гум накардаанд.

Ҷолинус (тақрибан солҳои 130-200 милодӣ) – табиби бузурги Рим буда, дар инкишофи илми тиб саҳми бузург гузоштааст. Ӯ дар ҷавониаш ба омӯзиши тиб машғул шуда, ба марказҳои илму фарҳанги он замон –шаҳрҳои Смирн, Коринф, Искандария сафар карда, дар он шаҳрҳо умр ба сар мебарад ва илми тибро аз худ менамояд. Баъди чанд соли сафари хеш ба Рим баргашта, мактаби худро таъсис медиҳад ва дар соҳаи тиб шогирдони зиёдеро ба воя мерасонад ва дар ин ҷода шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо мекунад. Ӯ тасаввуротро дар бораи сохти бадан ва ҷараёнҳои дар он ба амалояндаро васеъ намуда, муқаррар кард, ки деворҳои меъда, рӯда, шарён, бачадону узвҳои дигар як хел нестанд ва онҳо аз якчанд қабат иборатанд. Ҷолинус ҳатто роҳи ҳаракати хунро дар бадан муайян намуд.

Рисолаи ӯ «Дар боби набз» солҳои дароз китоби рӯимизии пизишкон буд. Баъди Букрот Ҷолинус низ «табиат» (табъ)-ро ба ҳолат ва хусусияти бадан алоқаманд медонист. Ӯ таъкид менамуд, ки пизишкон то бемориҳоро наомӯзанд, ташхиси дуруст накунанд, пешгӯии беморӣ ва таъмини муолиҷаи беморӣ ғайриимкон аст.

Ӯ инчунин оид ба масъалаҳои фалсафа, мантиқ, риёзиёт ва дигар илмҳо фикрҳои ҷолиби диққат баён кардааст. Ақидаи Ҷолинус дар бораи табиати бадан ба таълимоти Букрот мувофиқ меояд. Мувофиқи гуфтаи ӯ тамоми бадан аз чор унсур - ҳаво, об, замин ва оташ иборат аст, ки пайвастагиҳои гуногуни онҳо қисматҳои сахт ва моеъи баданро ба вуҷуд меоранд ва узвҳои соддаю мураккаб аз ҳамин қисматҳо таркиб ёфтаанд.

Яке аз намояндагони асосии мактаби эпикурии юнонӣ дар Рими Қадим Лукретсий (асри 1 то милод) мебошад. Файласуфи бузурги Рими Қадим Лукретсий дар асари худ «Оид ба табиати ҷисмҳо» таъкид мекунад, ки : «Рӯҳи инсон чун тамоми дунё аз модда иборат аст ва баробари мурдани одам рӯҳи ӯ низ маҳв мегардад. Бинобар ин аз марг тарсидан маънӣ надорад».

Ӯ мегуфт, ки тавассути узвҳои ҳис одам дунёи моддиро тавре, ки ҳаст ҳамон тавр дарк менамояд. Одам ба ақидаи Лукретсий ҳамчун ҳайвони мураккаб ва баланд тараққикарда аз ҳама охир пайдо шудааст. Онҳо аввал ҳамчун ҳайвонҳо зиндагӣ мекарданд, оила надоштанд, қонун, санъат ва касбу ҳунарро намедонистанд.

Баъди ихтироъи оташ одамон ба ҳаёти маданӣ қадами нахустин гузошта, оила ташкил мекунанд ва барои ҳифзи фарзандонашон зарурати бо ҳам муттаҳидшавӣ ба миён меояд. Забон воситаи асосии муттаҳидгардии одамон гардида буд. Одамон тадриҷан заминдорӣ, гудохтани мис ва оҳанро ёд мегиранд.

Мутафаккирони Юнони Қадим худро шогирдон ва пайравони олимону файласуфони Рими Қадим меҳисобиданд. То асри XVII мардуми Европа ба маданият ва санъати гузаштаи худ танҳо тавассути ёдгориҳои боқимондаи Рими Қадим шинос мегардиданд.

Яке аз сабабҳои асосии рух додани чунин вазъият аз он иборат буд, ки забони лотинии Рим дар Европа ҳамчун забони расмии дини насронӣ барои ҳамаи мардуми саводнок фаҳмо буд.

Хулоса, дар зери таъсири илму фарҳанги Юнони Қадим фарҳанги Рими Қадим ба вуҷуд омада, ташаккул ёфт ва ба қуллаҳои баланди инкишофи худ расид.

# БОБИ VI. ФАРҲАНГИ АРАБУ ИСЛОМӢ

**АРАБИСТОН.** Арабистон «Ал-Ҷазира» аз ғарбу шарқ дар иҳотаи кӯҳҳои тафсон воқеъ гардидааст ва ба воситаи халиҷи Форс ба водии Фурот пайваст мешавад. Арабистон аз ҷиҳати ҳудуд ба чоряки қитъаи Европа баробар аст. Табиати он гарм буда, ба мавзеҳои наздисоҳилӣ ва биёбонҳо тақсим мешавад. То нимаи дуюми асри VII арабҳо ҳаёти кӯчманчигӣ ва нимкӯчманчигиро аз сар мегузарониданд.

Нимҷазираи Арабистон ба қисмҳои ҷанубу шимол тақсим мешавад. Қабилаҳои ҷанубӣ нисбат ба шимолиҳо ба роҳи тамаддун пештар гузаштаанд. Давлати ҷанубиён ҳанӯз дар ҳазорсолаи сеюми то милод бо номи Муғон пайдо шуда буд. Қабилаҳои лаҳмиҳо, ҳасаниҳо, киндиҳо аз ҷануб ба шимол ҳиҷрат карда, тамаддуни навро ҷорӣ карданд. Ин қабилаҳо бо мамлакатҳои нисбатан тараққикардаи он замон – Сосониён ва Римиён наздик шуда, давлатҳои Ҳасаниҳо, Лаҳмиҳо ва Киндиҳоро ташкил дода будаанд.

**ЭЪТИҚОДҲОИ ДИНӢ.** Дар нимҷазираи Арабистон ҳар як авлод, қабила ва шаҳр худои худро доштанд. Дар охири асри 1-уми то милодӣ эътиқод ба худоҳои «як халқият» ба ҷои аввал мебарояд. Аз асри IV-уми милодӣ сар карда, барои гузаштан ба динҳои яккахудоии яҳудӣ ва насронӣ заминаҳои мусоид фароҳам меояд.

Дар ҳамин давра динҳои қадимаи бутпарастии қабилаҳои маҳаллӣ низ қувват мегиранд. Муборизаҳои ғоявӣ тамоми Арабистонро фаро мегирад. Дар ин мубориза ғояи нави сиёсӣ - ғояи ягонагӣ, муттаҳидии ҳамаи қабилаҳои Арабистон ва барпо намудани давлати ягонаи арабҳо ғалаба мекунад. Дар ин ҷода дини ислом саҳми арзанда мегузорад.

Арабҳо то ислом бутпараст буданд. Ҳар оила дар ҳавлии худ буте дошт. Аъзоёни оила пеш аз шурӯъ намудан ба коре, ё амале аввал ба зиёрати бут рафта, аз ӯ фотиҳа мегирифтанд.

Аз рӯи асотирҳо бутпарастӣ дар байни арабҳо баъди вафоти ҳазрати Одам дар замони писарони ӯ Шис ва Қобил оғоз ёфта будааст.

**АРАБ**. Арабҳо ба гурӯҳи халқҳои Сомӣ[1] дохил мешаванд. Аввалин маълумотҳои хаттӣ оид ба истилоҳи «араб» ҳанӯз дар солномаҳои шоҳони Осурӣ ва Бобулистони нав (асрҳои VIII-VI то милод) дар шакли аҷв (арбаа ё арибӣ) оварда шудаанд. Аҷв аслан истилоҳи яҳудӣ буда, маъноят хушк, беоб, биёбон мебошад. Сарчашмаҳои хаттии аккадӣ, оромӣ (арамей) ва яҳудии қадим низ истилоҳи «аҷв»-ро ҳамчун хушк, беоб ва биёбон маънидод кардаанд.

Араб ҳамчун этноним ба категорияи номҳои қадими этникӣ, ба монанди аморейҳо, канъониҳо, (ханаaниҳо), оромиҳо, (арамейҳо), финикиягиҳо, яҳудиён ва ғайра дохил мешавад. Ин ном на номи қабила, балки лақаби ин ё он исми мавзеъро, ки аз тарафи ҳамсоягони водинишин – яҳудиён, насрониҳо, осуриён (ошуриён), сабейҳо, маиниҳо дода шуда буданд ифода мекард. Қабилаҳое, ки араб ном гирифтанд аслан худро наботӣ, қадарӣ, лихенӣ, самудӣ меҳисобиданд. Ҳамаи онҳо кӯчманчӣ ва нимкӯчманчӣ буданд ва дар масофаҳои дур аз ҳамдигар маскан доштанд. Онҳо як гурӯҳи этнолингвистӣ ва иҷтимоӣ – эътиқодиро ташкил медоданд ва бо тарзи зиндагии хоси худ аз халқҳои дигари Арабистону Шарқи Наздик фарқ мекарданд. Минбаъд аз решаи калимаи яҳудии «аҷв» калимаи «араб» ба вуҷуд меояд ва дар асри VII милодӣ дар заминаи қабилаҳои араб номидашуда мафҳуми умумии халқи «араб» ташаккул меёбад.

**ИСЛОМ.** Ислом дар луғат маънои сар фуруд овардан, тобеъ шудан, фармонбардорӣ, итоаткорӣ, таслим ва ё қоил шудан дар назди қудрати Худовандро дорад.

Ислом яке аз се дини (дар қатори буддоӣ ва насронӣ) умумиҷаҳонӣ мебошад. Он дар охири давраи қадим – ибтидои асри VII-уми милодӣ дар қисми ғарбии Арабистон пайдо шудааст. Асосгузори дини ислом пайғомбар Муҳаммад (с) мебошад.

Ислом дар нимҷазираи Арабистон яку якбора ба вуҷуд наомадааст. Ба пайдоиши он вазъияти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, маданӣ ва маънавии қабилаҳои араб, ки ҳанӯз аз

[1] Сом – номи писари Нӯҳ пайғомбар буда, ӯ гӯё сарачдоди гурӯҳи халқҳои Сомӣ – Шом (Сурия), яҳуд, ҳабаш, айсор ва осуриёни қадим (бобулиён ва финикиягиҳо) маҳсуб мешудааст.

давраҳои қадим дар ин сарзамин маскан доштанд сабаб гардидааст.

Аз қадимулайём дар нимҷазираи Арабистон ду забон – забони арабҳои Шимол ва забони арабҳои Ҷануб (ҳоло вуҷуд надорад) амал мекард. Ҳарду забон ба гурӯҳи забонҳои Сомӣ дохил мешуд. Арабҳои Шимол, ки аз ҳудуди нимҷазира берун ронда шуда буданд, дар тӯли асрҳо хати оромиро истифода мекарданд. Баъдтар дар асоси он хати арабҳои шимол – сокинони сарҳадҳои Синой, Фаластин ва Урдун ба вуҷуд меояд. Ҳамин тариқ, дар ибтидои асри VI-уми милодӣ забони ягонаи адабии арабҳои Шимол ташаккул меёбад. Адабиёти тоисломии араб дар жанрҳои қасида, ғазал, фахрия, мадҳия, рисо (марсия), ҳаҷвия, зӯҳдия, ҳамрия, ҳикмат ва васф маҳз дар ҳамин забон инкишоф ёфта буд. Арабҳо дар ин забон ду намуди наср – насри мусаҷҷаъ (қофиядор) ва насри мурсал (равон)-ро эҷод кардаанд.

Бузургтарин шоирони тоисломии араб Имрул Қайс, Набиғӣ, Зуҳайр, Тарафа ва Антара буданд. Қабилаҳои Шимолу Ҷануби Арабистон дар ибтидо ба худоҳои гуногун – Лот, Уззо, Манот эътиқод доштанд. Дар байни худоҳои арабҳои Шимол Оллоҳ Худои олӣ ҳисоб мешуд ва онҳо ба Оллоҳ махсус саҷда мекарданд.

Аз ибтидои асри VI милодӣ дар нимҷазираи Арабистон таъсири дину мазҳабҳои гуногун, пеш аз ҳама, яҳудӣ, насронӣ, арйонӣ, зардуштӣ қувват мегирад. Дар ҳамин давра аз муҳити худи арабҳо низ гурӯҳи ҳанафиҳо пайдо шуда, ба ҷои бутпарастӣ ғояҳои яккахудоиро тарғиб мекунанд.

Ҳамин тариқ, аз ибтидои асри VI милодӣ сар карда, дар нимҷазираи Арабистон раванди вайроншавии ҷамъияти ибтидоии қавмӣ-қабилавӣ бо суръат идома ёфта, нобаробарии иҷтимоӣ, сиёсӣ, молӣ, пулӣ қувват мегирад. Вазъияти рӯйдодаро танҳо бо роҳи барҳам задани ҷудоии қабилавӣ, даст кашидан аз бисёрхудоӣ ва дар атрофи як ғояи умумӣ муттаҳид намудани халқ ислоҳ кардан мумкин буд. Ташкили чунин як давлате, ки тамоми қабилаҳои арабро дар зери ғояи умумӣ муттаҳид мекард дини ислом буд.

Пайдоиши ислом дар ҳаёти халқи араб воқеаи муҳими таърихӣ гардид. Ҳаракати соф динии Муҳаммад(с) пайғомбар, ки мехост ҷудоии мазҳабиро барҳам зада, ба ҷои бисёрхудоӣ

яккахудоиро ҷорӣ намояд, дар асл ба шикасти сохти қабилавӣ ва ба ҷои он ба вуҷуд омадани давлати ягона ва ҳамчунин мафҳуми умумии халқи араб сабаб гардида буд.

Дини ислом дини яккахудоӣ буд. Он ба ҷои бисёрхудоӣ парастиши Худои якка ва ягона, иҷрои талаботи имон, намози панҷвақта, рӯза, закот ва ҳаҷро аз фароизи асосӣ ҳисоб мекард. Ислом ба мӯъминон талқин менамояд, ки ба ҳафт чиз (ҳастии Оллоҳ, фариштаҳои Худо, пайғомбарони ӯ, китобҳои муқаддас, тақдир, зиндашавӣ баъд аз мавт ва ба рӯзи қиёмат) бовар карда, ба дил тасдиқ намоянд.

Баъдтар дар ислом ду мазҳаби асосӣ – Сунна ва Шиъа пайдо шуданд.

Илму фарҳанги мусулмонӣ дар натиҷаи таъсири мутақобилаи мардуми арабу аҷам бо заҳмати зиёди олимону файласуфон ва санъаткорон Ал-Киндӣ, Ибни Рушд, Салмони Форс, шоир Холид-ал-Файёз, Ҳорис ибни Калда, Имом Бухорӣ, Имоми Аъзам, Ибни Сино, Ибни Ҷоҳиз, Абурайҳон Берунӣ, Форобӣ, Ғазолӣ, Шайх Аттор, Соҳиб ибни Хосир, мусиқишинос Ибни Муҳриз ва дигарон ташаккул ёфта, ба сатҳи ҷаҳонӣ расид. Баробари паҳншавии ислом дар давлатҳои Шарқ намудҳои нави санъати меъморӣ, санъати наққошию тасвирӣ ва бадеӣ ба сатҳи баланд расида буд. Ривоятҳои китоби «Ҳазору як шаб» аз таърихи мардуми арабу аҷам шаҳодат медиҳад. Солшумории ҳиҷрӣ, номи моҳҳои мусулмонӣ ва анъанаҳои онҳо то ҳол дар байни аксари мардуми олам маъмул аст. Таълимоти ахлоқию фалсафии Қуръони Маҷид оид ба найдоиши оламу одам, ҳуқуқ ва ахлоқи ҷомеа то ҳол мавриди таҳқиқу омӯзиши муҳаққиқон қарор дорад.

# БОБИ VII. ФАРҲАНГИ ДАВРАИ ЭҲЁ ВА ИСЛОҲОТ. МАОРИФПАРВАРӢ ВА ЭҲЁИ ШИМОЛӢ. ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГИ ҒАРБ ДАР ЗАМОНИ НАВ.

Гузариш ба фарҳанги Замони Нав ду ҳаракати бузург – Эҳё ва Ислоҳотро ба вуҷуд овард, ки тарзи ҳаёти феодалии асримиёнагиро инкор ва тағйир доданд. Эҳё равияи дунявӣ, Ислоҳот бошад равияи динӣ маҳсуб мешуданд. Ғояи Эҳё асосан дар байни табақаҳои болоии ҷомеа паҳн гашта буд. Онҳо ба оммаи васеи халқ такя намекарданд, вале ғояҳои ислоҳотчигӣ аз тарафи тамоми табақаҳои ҷамъиятӣ дастгирии пурра мееёфт.

Давраи Эҳё ва Ислоҳот аз оғози Давраи Нав дар таърихи тамаддуни европоӣ гувоҳи медоданд.

## §1. Фарҳанги давраи Эҳё

**Давраи** ЭҲЁ (Возрождение) дар Италия оғоз ёфта, бар зидди тартиботи феодалӣ нигаронида шуда буд. Истилоҳи Renissanse (Эҳё) бори аввал аз тарафи рассом, меъмор ва таърихнигори санъат Дж.Вазари истифода шудааст. Маънои истилоҳи Эҳё аз нав зиндашавӣ, умри дубора ёфтан буда, дар забони франсузӣ ренессанс ҳам мегӯянд.

Аз асри XV сар карда, дар як қатор мамлакатҳои Европа тағйиротҳои куллии иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва маънавӣ ба амал омаданд, ки ба сохти феодалӣ ва ҳукмронии дину калисо зарбаи сахт зада, ба тараққиёти сохти нави ҷамъиятӣ – ҷамъияти капиталистӣ роҳ кушодаанд. Тараққиёти саноат, ҳунармандӣ, инқилоб дар Нидерландия, инкишофи савдо, саршавии сайёҳатҳои умумиҷаҳонӣ (Магеллан, Колумб), кашфи Америка боиси тағйиротҳои иқтисодию иҷтимоӣ, пайдо шудани синфҳои нав ва табақаҳои нави ҷамъиятӣ дар мамлакатҳои Европа гардидаанд. Ин падидаҳо ба тағйиротҳои бузурги маънавӣ дар ҷомеа сабаб шуданд. Дар давраи Эҳё дар ҳаёти ҷамъиятӣ раванди **секуляризатсия** (озодшавии омма аз зери таъсири дину калисо) ва тараққиёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсию

маънавӣ ба амал меояд, ки ба инкишофи соҳаҳои нави илм, фалсафа ва маданияту маънавиёт кӯмак расонидаанд. Дар натиҷа дар ҷамъият имконият пайдо шуд, ки ҷиҳатҳои муҳими маданият, санъат ва фалсафаи замони Атиқаро аз нав барқарор ва эҳё намоянд.

Хусусияти хоси фалсафа ва ҷаҳонбинии замони Эҳё аз он иборат буд, ки дар он давра ба санъат ва инкишофи он диққати махсус дода мешуд. Агар асрҳои миёна давраи тантанаи дину калисо бошад, пас давраи Эҳё замони инкишофи илму фарҳанг, этикаю эстетика ва санъат буд.

Агар дар давраи Атиқа дар маркази диққат проблемаи тадқиқи коиноту табиат гузошта шуда бошаду, дар асрҳои миёна масъалаи Худою дину калисо, пас дар давраи Эҳё дар маркази диққат – масъалаи одам ва мақоми он дар ҷомеа меистод. Аз ин рӯ, тафаккури фалсафии давраи Эҳёро **антропосентризм** (яъне давраи одаму одамшиносӣ) меноманд. Барқарор намудани ғояҳои гуманизм ва шахсиятҳои маъруфи замон, инкишофи ҳаматарафаи шахс ғояҳои асосии давраи Эҳё ба шумор мерафтанд.

Ин равандҳо барои инкишофи пуравҷи меъморӣ, санъати рассомӣ, бофандагӣ, илмҳои математика, фалсафа, этика, эстетика, педагогика ва ғайраҳо роҳи васеъ кушодаанд.

Ҳамин тавр, нишонаҳои асосии тамаддуни давраи Эҳё инҳо маҳсуб мешаванд:

**1.Антропосентризм, гуманизм;**

**2.Тағйир додани анъанаҳои асримиёнагии дини насронӣ;**

**3.Муносибати хосса ба замони Атиқа, яъне эҳёи ёдгориҳои санъати Атиқа ва фалсафаи Атиқа;**

**4. Муносибати нав ба олам.**

Ин нишонаҳои номбаршуда бо якдигар алоқаи зич доранд ва онҳо дар ҳамбастагӣ омӯхта мешаванд. Фарҳанги Эҳёи итолиёвӣ ба олам чунин мутафаккирони барҷаста ба мисли шоир Данте Алигьери (1265-1321), рассом Ҷотто ди Бондоне (1266-1336), шоир, гуманист Франческо Петрарку (1304-1370), шоир, нависанда, гуманист Ҷованни Бокаччо (1313-1375), ҳайкалтарош Донателло (1386-1466), рассом Мазаччо (1401-1488), гуманист, нависанда Лоренцо Валлу (1407-1457), гуманист, нависанда Пико дела Мирандолу (1462-1494), файласуф, гуманист Марсилио Фичино (1433-1494), рассом Сандро Ботти-

челли (1447-1510), рассом, олим Леонардо да Винчи (1452-1519), рассом, ҳайкалтарош, меъмор Микеланҷело Буонаротти (1475-1564), рассом Рафаэля Санти (1483-1520) ва диғар шахсиятҳои бузургро додааст.

Аз рӯи мазмуну мундариҷа эҷодкориҳои онҳо нисбати давраҳои гузашта ба куллӣ фарқ мекарданд. Хусусиятҳои хоси ин давра аз он иборат аст, ки дар ин давра проблемаҳои гуманизм, шахсият, диалектика ба ҷои аввал баромада, диққати мутафаккиронро ба худ ҷалб мекунад.

Тамоилҳои реалистӣ дар эҷодиёти шоирон, санъаткорон, меъморон, ҳайкалтарошон, рассомон ва гуманистон – Данте, Ариолфо ди Комбио, Николло Пизано, Петро Ковалинӣ, Ҷотто, Лоренцо Валла, Пико - делла Мирандоло, Алберти, Браманте, Паладио, Лесско, Делори ва дигарон, ки дар Италия, Франсия, Англия эҷод карда буданд баръало дида мешуд.

Мутафаккирони давраи Эҳё ба имкониятҳои ақлонии инсон боварии комил доштанд аз ин рӯ, онҳо ақидаҳои схоластикӣ ва зиндагии зоҳидонаро инкор мекарданд.

Меъморони давраи Эҳё иморатҳоро ороиши бадеии махсус дода, ба қасру биноҳо шукӯҳу ҳашамати тоза мебахшиданд. Рассомони давраи Эҳё тарзи тасвири бадеии ҳамаи сарватҳои олами воқеию манзараҳои онро аз худ менамуданд.

Дар адабиёти давраи Эҳё бошад ёдгориҳои беҳамто ба мисли «Гаргантюа ва пантакрюэл»-и Рабле, драммаву асарҳои У.Шекспир «Гамлет», «Шоҳ Лир», «Ромео ва Ҷуллиетто», «Оттело», романи «Дон Кихот»-и Сервантес ва ғайраҳо эҷод карда шуданд, ки дар онҳо ба давраи Атиқа таваҷҷӯҳи хоса зоҳир карда мешуд.

Дар давраи Эҳё ғояҳои фалсафии навафлотуния (Фичино) ва пантеизм (Патрица, Бруно ва дигарон), кашфиётҳои бузург дар соҳаи илмҳои ҷуғрофия, нуҷумшиносӣ, физика, кимиё, биология (Коперник, Везалий ва минбаъд Галилей) сурат гирифтанд. Ғояҳои Эҳё ба заиф гардидани тасаввуротҳои динию феодалӣ мусоидат намуданд. Яке аз хусусиятҳои хоси давраи Эҳё пайдоиши **гуманизм** мебошад[1].

---

[1] Гуманизм - истилоҳи лотинӣ буда, маънои инсондӯстӣ ва инсонпарвариро дорад. Гуманизм тақозо менамояд, ки дар ҷомеа инсон бояд

Гуманизм ҳамчун ҷараёни маданию адабӣ, илмию фалсафӣ аввал дар Италия зуҳур карда, баъдтар дар Франсия, Германия, Нидерландия ва Англия паҳн гардидааст.

Намояндагони барҷастаи гуманизми давраи Эҳё – Ф.Петрарка, А.Данте, Эразми Ротердамӣ, Ҷ.Бруно, Ф.Рабле, М.Монтен, Н.Коперник, Галилей, У.Шекспир, Ф.Бэкон мебошанд.

Минбаъд ғояҳои гуманистиро маорифпарварони Ғарб, сотсиалистони хаёлӣ ва револютсионерони демократи рус идома додаанд. Гуманизм дар ҳаёти халқи тоҷик дар асрҳои миёна мавқеи хоса дошт. Оиди гуманизм мутафаккирони барҷастаи форсу тоҷик Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Форобӣ, Ғазолӣ, Абдуллоҳи Ансорӣ, Имоми Аъзам, Ал-Бухорӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ, Ҷалолуддини Румӣ фикрҳои ҷолиб баён намудаанд. Хусусияти дигари фарҳанги давраи Эҳё ратсионализм[1] мебошад.

**Ратсионализм** ҷараёни фалсафиест, ки намояндагони он омили ақлонӣ ва назарияи илмиро ба ҷои аввал гузошта, таҷрибаву мушоҳидаро басанда намешуморанд. Асосгузори он Р.Декарт ва дигарон буданд. Унсурҳои ратсионализм дар фалсафаи Атиқа ва асрҳои миёна пайдо шудаанд. Дар фалсафаи классикии тоҷик низ тамоили ратсионалистӣ вуҷуд дошт, ки яке аз намояндагони барҷастаи он Абӯали ибни Сино ба шумор мерафт. Дар асрҳои миёна илоҳиётшиносони насронию исломӣ далелҳои ақлонию мантиқиро истифода бурда, як навъ ратсионализми схоластикии диниро ба вуҷуд оварда буданд. Ратсионализм ҳамчун ҷараёни гносеологӣ ва методологияи маърифати илмӣ асосан дар фалсафаи асри XVII-и Европа ташаккул ёфтааст. Ба ратсионализм файласуфон Декарт, Лейбниц, Спиноза, Гоббс пайравӣ мекарданд.

Хусусияти дигари фарҳанги ин давра **реализм** буд. **Реализм** ҷараёни фалсафиест, ки дар асрҳои миёна бо ҷараёни фалсафии номинализм дар масъалаи мафҳумҳои умумӣ ва алоҳида, универсалӣ ва индивидуалӣ баҳсу мунозира мекар-

---

соҳиби қадру қимат бошад ва барои инкишофи ҳаматарафаи ӯ бояд тамоми шароитҳо муҳайё карда шаванд.

[1]Ратсионализм аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънои хирадро дорад.

данд. Реалистон мегуфтанд, ки универсалиҳо ва мафҳумҳои умумӣ аввал пайдо шудаанд ва асоси оламро ташкил медиҳанд. Асосгузорони он Августин, Дунс, Скот ва Фомаи Аквинӣ буданд.

Файласуфони Юнони Қадим Афлотун ва Арастуро асосгузорони ҷараёни реализм эътироф намудаанд.

Дар адабиёт ва санъати давраи Эҳёи Ғарб назари санъаткорон на бо воқсоти ҳаррӯзаи зиндагӣ, балки ба ҷамъбасту хулосаҳои фалсафию бадеии дорои характери умумибашаридошта ҷалб мешуд. Дар ин давра сюжетҳои қадима мазмуни нав гирифта, барои ифодаи идеалҳои гуманизм хизмат мекарданд.

Мисоли равшани инро дар драммаҳои У.Шекспир ва асарҳои нависандагони асри XVII-и Ғарб мушоҳида карда метавонем, ки онҳо типҳои барҷастаи иҷтимоиву ахлоқӣ офарида, асосҳои аввалини реализми мӯътадилро пойдор гардонидаанд.

## §2. Фарҳанги давраи Ислоҳот (асрҳои XVI-XVII)

Давраи муҳимтарин дар инкишофи фарҳангию таърихии Европа **давраи Ислоҳот (Реформатсия) маҳсуб мешавад. Ислоҳотчигӣ (реформатсия) ин ҳаракати васеи динӣ ва иҷтимоию сиёсӣ мебошад, ки дар аввали асри XVI дар Германия ба вуҷуд омада, барои тағйироту ислоҳотҳо даровардан дар дини насронӣ нигаронида шуда буд.**

Ислоҳотчигӣ аввалин баромади қатъии буржуазия бар зиддӣ тартиботи кӯҳнаи асримиёнагии феодалӣ ба шумор меравад. Намояндагони барҷастатарини ислоҳотчигӣ Мартин Лютер, Томас Монтсер, Жан Калвин, Ҷон Усенлиф, Эразми Роттердамӣ ва дигарон буданд. Онҳо масъалаҳои ислоҳоти католитсизм, демократикунонии калисо, барқарор намудани муносибатҳои одилонаи байни Худо, калисою диндорон ва маҳдуд кардани ҳуқуқи Папаи Римро ба миён гузошта буданд.

Ислоҳотчигӣ дар натиҷаи бӯҳрони шадиди сохти феодалӣ, ба вуҷуд омадан ва мустаҳкам гардидани мавқеи синфи буржуазия дар ҷомеа, барпо гардидани давлатҳои марказиятноки европоӣ, умумиевропоӣ гардидани Папаи Рим ва калисои католикӣ, бӯҳрони калисои католикӣ ва канда шудани алоқаи

он бо халқ, қафомонӣ аз ҳаёт, паҳншавии босуръати ақидаҳои гуманистӣ дар Европа, ташаккулёбии худшиносии шахсият ва фардият, афзоиши таъсири таълимоти зиддикатоликии динию фалсафӣ ба вуҷуд омадааст. Ислоҳотчигӣ ба он оварда расонид, ки дар асри XVI мазҳабҳои мухталифи насронӣ аз католитсизм ҷудо шуда, ба худ номи **протестантизмро** гирифтанд.[1] **Равияҳои мазҳабии протестантизм инҳо лютерчигӣ ва калвинизм мебошанд.** Аҳамияти таърихии ислоҳотчигӣ дар он аст, ки вай ба идеологияи мубориза сиёсӣ барои ислоҳоти калисо ва зидди католитсизм ибтидо гузошт, ки он дар давоми асри XVI ва минбаъд қариб дар ҳамаи мамлакатҳои Европа давом кард. Ин мубориза ба он оварда расонид, ки католитсизм дар як қатор мамлакатҳои Европа рӯ ба таназзул оварда, боиси худмуайянкунии тақсимоти динӣ дар он ҷо гардид. Дар натиҷаи ислоҳот равияҳои гуногуни протестантизм (ба мисли лютеранӣ, калвинизм ва дигарон) дар Германия, Шветсария, Британияи Кабир, Голландия, Дания, Шветсия, Норвегия ба вуҷуд омада, тантана карданд.

## §3. Маорифпарварӣ.

Асри XVIII ба таърих ҳамчун асри **Маорифпарварӣ** дохил шудааст. Ватани Маорифпарварӣ Англия, баъдтар Франсия, Германия ва Россия гардида будаанд.

Маорифпарварӣ ҷараёни адабию фарҳангӣ ва иҷтимоию сиёсиест, ки намояндагони он бо роҳи таблиғи ғояҳои хайр, адолат, илму маърифат иллатҳои сохти муайяни ҷамъиятиро аз байн бурдани шуда, анъана ва сиёсати онро тағйир додан мехостанд.

Пайравони Маорифпарварӣ шуурро омили ҳалкунандаи тараққиёти ҷамъият, бемаърифатии одамонро бошад сабабгори иллатҳои иҷтимоӣ медонистанд.

Маорифпарварон аҳамияти ҳалкунандаи омилҳои моддиро дар тараққиёти ҷамъият дарк накарда, инкишоф додани маориф ва маърифатнок намудани оммаро ҳамчун роҳи асосии халосӣ аз беадолатӣ медонистанд. Дар Европаи Ғарбӣ ғояҳои

[1] Протестантизм – аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънои норозӣ ва эътирозкунандаро дорад.

Маорифпарварӣ дар эҷодиёти намояндагони илму фарҳанг ва санъати он Волтер, Монтескё, Лессинг, Гёте, Жан-Жак Руссо, Дени Дидро, Тюрко ифода ёфтааст. Онҳо ба муқобили аҳкомпарастии асримиёнагӣ ва идеологияи феодалию динӣ фаъолона мубориза бурдаанд. Таълимоти онҳо ба пахншавии ду озодандешии минбаъда, алалхусус, сотсиалистони хаёлӣ ва маорифпарварони рус имкон додааст.

Маорифпарварӣ идеология ва ҷунбиши ақлоние буд, ки дар асрҳои XVII-XVIII аввал дар Англия, Франсия ва баъдтар дар аксари кишварҳои Европа ба вуҷуд омада буд. Одатан бедории фикрӣ ва ҷунбиши иҷтимоиро афкор ва ҳаракати **Маорифпарварӣ** меноманд.

Маорифпарварон аз номи хирад баромад карда мегуфтанд, ки сохти феодалӣ ба хирад зид аст, аз ин рӯ, дар ҷомеа тартиботи нави оқилона, ҳукмронии хирадро барқарор кардан лозим аст. Онҳо аз сидқи дил боварӣ доштанд, ки одамон бо ин роҳ ба адолати ҳақиқӣ ва хушбахтӣ ноил хоҳанд гардид. Мақсади онҳо аз байн бурдани иллатҳои сохти ҷомеаи мавҷуда ва такомули маорифу маърифатнок намудани омма буд.

Яке аз пешвоёни ғоявии Маорифпарварони франсуз Волтер (1694-1778) буд. Ӯ нависанда, шоир ва мутафаккири барҷастатарини он давра ба шумор мерафт. Волтер бар зидди тартиботи феодалӣ ва калисоҳои католикӣ мубориза бурда, фикру андешаҳояшро оид ба камбудиҳои ҷомеа ҳаматарафа асоснок карда, баён намудааст. Дигар намояндаи Маорифпарварони Франсия Монтескё буд, ки борҳо ба Англия сафар карда, бо намояндагони барҷастаи Маорифпарварон ва файласуфони англис сӯҳбат намудааст. Ӯ тарафдори ҳокимияти конститутсионию судӣ буд ва талаб мекард, ки ин органҳо ба кору фаъолияти амалдорону шоҳ назорат кунанд.

Нависанда, маорифпарвар, бастакори машҳури дигари Франсия Жан-Жак Руссо (1712-1778) мебошад, ки бо асарҳои фалсафию сиёсиаш машҳур аст. Руссо моликияти хусусиро маҳкум намуда, онро асоси нобаробарии иҷтимоии одамон мешуморид. Руссо баробарии моликиятро талқин намуда, таъкид менамуд, ки ҳар як шаҳрванд бояд меҳнат кунад. Ӯ таъкид карда буд, ки: «Ҳар як шаҳрванди бекорхуҷа дӯзд аст». Руссо бо ин мехост тамоми мардумро ба ҳалолкорию меҳнатдӯстӣ сафарбар намояд.

Маорифпарвари дигари Франсия Дени Дидро буд, ки ӯро ҷаҳониён ҳамчун мутафаккир ва нависандаи барҷаста мешиносанд.

Ӯ асари бузурги худ «Энсиклопедия»-ро пинҳонӣ ба табъ расонида, рӯҳониёнро ба зери тозиёнаи танқиди сахт мегирад.

Мутафаккири бузурги асри XX В.И.Ленин ба Маорифпарварони Европа баҳои баланд дода буд. Фаъолияти пурсамари Маорифпарварон боиси он гардид, ки маданияти моддӣ ва маънавӣ ташаккул ёфта, дар ҳаёти халқҳои ҷаҳон дигаргуниҳои куллӣ ба амал омаданд.

Дар соҳаи маданияти моддӣ навовариҳои зиёде ба вуҷуд омад, ки дар натиҷаи он воситаҳои истеҳсолот хеле тараққӣ карда, боиси афзоиши ҳосилнокии меҳнат гардида буд.

Дар соҳаи маданияти маънавӣ низ комёбиҳои бузурги илмию техникӣ ба даст оварда шуд, ки онҳо барои бартараф намудани мушкилоти инсон истифода бурда мешуданд. Дар натиҷаи кашфиёту ихтироотҳо истифодаи захираҳои зеризаминӣ ба роҳ монда шуданд. Дар тамоми намудҳои санъат ба монанди рассомӣ, меъморӣ, муҷассамасозӣ, мусиқӣ, тасвирӣ таъсири ғояҳои Маорифпарварон эҳсос карда мешуд.

Дар меъморӣ услуби Барокко истифода бурда мешуд. Моҳияти услуби Барокко аз он иборат буд, ки биноҳо бо ҳайкалу нақшҳои барҷаста чунон оро дода мешуданд, ки дар он ҷои ҳамвор намемонд. Бо усули Барокко бисёр қасрҳою калисоҳо сохта шуда буданд, ки зебоии онҳо ҳоло ҳам инсонро ба ҳайрат меорад. Ин усули меъморӣ аз таҷрибаи меъморони Юнон ва Рими Қадим гирифта шуда буданд.

Санъаткорон ба ҳунари санъаткорони Атиқа пайравӣ менамуданд ва хусусиятҳои онро аз нав эҳё менамуданд.

Маорифпарварон тамоми инсониятро барои барпо намудани ҷомеаи боадолат даъват намуда, дар ин раванд ба санъат аҳамияти махсус медоданд, зеро ба ақидаи онҳо санъат метавонад дар тарбияи шаҳрвандон нақши беандоза бузургро бозад.

**Ҳамин тавр, ҷавҳари фарҳанги давраи Эҳё, Ислоҳот ва Маорифпарвариро гуманизм, ратсионализм ва реализм ташкил мекарданд.**

## §4. Эҳёи Шимолӣ.

Эҳёи Шимолӣ дар навбати аввал дар тамаддуни Нидерландия ва Германия зоҳир мегардид. Шаҳрҳои Антверпен, Нюрнберг, Аугсбург, Галле марказҳои асосии ин тамаддун маҳсуб мешуданд. Баъдтар ташаббус ба Амстердам мегузарад. Дар ташаккули Эҳёи немис нақши муҳимтаринро омилҳои иқтисодӣ: инкишофи кори кӯҳнавардӣ, китобчопкунӣ, саноати нассоҷӣ бозидаанд. Дар давраи Эҳёи Шимолӣ санъати меъморӣ, наққошӣ, ҳайкалтарошӣ, мусиқӣ, портретӣ хеле ривоҷу равнақ ёфта буданд.Эҳёи Шимолӣ муддати тӯлониро фаро нагирифтааст, вале таъсири он ба фарҳанги Европа то имрӯзҳо эҳсос карда мешавад.

Ҷанги Сисола (солҳои 1618-1648) инкишофи фарҳанги халқи немисро муддати тӯлонӣ боздошт. Вале ин давра дар таърихи фарҳангу тамаддуни башарият ҳамчун зуҳуроти томи ҳайратангез ба олам нобиғаҳои нотакрорро ато кардааст.

## §5. Хусусиятҳои хоси ташаккули фарҳанги Ғарб дар Давраи Нав.

Фарҳанги Давраи Нав асрҳои XVII-XIX-ро дар бар мегирад.

Давраи Нав бо тарзи истеҳсолоти буржуазӣ асос ёфта, ба он ғояҳои гуманизм, антропосентризм, европосентризм, стиентизм ва телеологизм дар фаҳмиши прогресс хос аст. Дар баробари ин ҳар яке аз ин асрҳо дорои хусусиятҳои хоси худ буданд.

Асри XVII ин асри танқиди феодализм дар Нидерландияю Англия, танқиди оқилонаи схоластика дар Франсия ва дигар мамлакатҳо буд. Асри XVIII – ин асри Маорифпарварӣ ва санҷиши ғояҳои он дар амалияи инқилобҳои Бузурги Франсия ва Америка буд. Асри XIX давраи гул-гулшукуфии фарҳанги буржуазӣ ва дар баробари ин оғози бӯҳрони он маҳсуб мешавад. Ҳар яке аз ин давраҳо масъалаҳои рӯзмараи хешро самарабахш ҳал менамуданд. Дар асри XVIII дар мамлакатҳои Ғарб фарҳанги нав ташаккул ёфта буд. Дар ин давра дар Франсия Волтер, Руссо, Дидро дар Англия Кавединш, Уатт, Филдинг,

дар Россия Ломоносов, Радищев, дар Германия Лессинг, Гёте, Шиллер, Кант зиндагӣ ва эҷод мекарданд.

Асри XVIII дар Европа даврае буд, ки дар ин давра гузариш аз феодализм ба капитализм анҷом меёфт. Тараққиёти иҷтимоию гоявии мамлакатҳои Европа ноҳамвор буд. Масалан, агар дар Италия ва Германия парокандагии феодалӣ ҳукмрон бошад, пас дар Англия табаддулоти саноатӣ ба амал омада буд, ки онро ба давлати пешрафтатарини Европа табдил дод. Дар ин давра дар Франсия вазъияти инқилобӣ ба амал омада буд, ки боиси сар задани инқилоби Бузурги Франсия (солҳои 1789-1793) гардид.

Дар ин давра мутафаккирони барҷаста Волтер, Гердер, Монтескьё, Дидро, Руссо, Гелветсия, Голбах, Тюрго, Фалконе, Гудон, И.С. Бах, Мотсарт, Бюффон кор ва фаъолият менамуданд. Дар инкишофи фарҳанги Замони Нав асри XIX мақоми махсусро ишгол менамояд. Дар натиҷаи инқилоби саноатӣ ҷомеаи индустриалӣ ба вуҷуд омад. Тамаддуни индустриалӣ аз давраҳои пештараи тараққиёти буржуазӣ ба куллӣ фарқ мекард.

Тамаддуни индустриалие, ки дар асри XIX дар Европа пойдор гардид, арзиши асосиаш прогресси илмӣ-техникӣ маҳсуб мешуд.

Аз рӯи хулосаҳои П.Сорокин асри XIX нисбат ба тамоми асрҳои гузаштае, ки инсоният аз сар гузаронидааст бештар кашфиётҳо ва ихтироъкориҳоро ба вуҷуд овардааст. Аз рӯи ҳисоби сотсиологҳо дар тӯли асри XIX шумораи кашфиёту ихтироъкориҳо ба 8527 расида буд[1].

Ҳамин тавр, дар асри XIX илму фарҳанг ба комёбиҳои беназир ноил гардид.

[1] Культурология.– Ростов на Дону, 2000, с.271.

# БОБИ VIII. ДАВРАҲО ВА МАРҲАЛАҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛИ ФАРҲАНГ ВА ТАМАДДУНИ ХАЛҚИ РУС

Оид ба давраҳои асосии инкишофи фарҳанг ва тамаддуни халқи рус дар байни муҳаққиқон фикру ақидаҳои мухталиф мавҷуд аст. Як гурӯҳи олимон чунин ақида доранд, ки мувофиқи он аз асри IX сар карда то имрӯз дар тамоми сарзамине, ки имрӯз Россия номида мешавад як тамаддун вуҷуд доштааст.

Тадқиқотчиёни дигар бар он ақидаанд, ки то асри VIII дар сарзамини Рус танҳо як тамаддун – тамаддуни «русӣ-европоӣ» ва ё тамаддуни «славянӣ-европоӣ» вуҷуд доштааст ва аз асри XIV сар карда, тамаддуни «европоию осиёгӣ» (евразийская) ва ё «россиягӣ» ба вуҷуд омада будааст.[1] Аз ҳама ақидаи ба ҳақиқат наздиктар он аст, ки халқияти қадими рус дар натиҷаи омезиши славянҳо, мардуми Балтика, финҳою угорҳо ташаккул ёфта, германҳою туркҳо ва мардуми Кавкази Шимолӣ низ ба ҷараёни этногенези халқи рус то андозае ворид шудаанд.[2]

Мардуми рус ба гурӯҳи халқҳои славянҳои шарқӣ дохил мешаванд. Ба гурӯҳи славянҳои шарқӣ русҳо, украинҳо, белорусҳо дохил шуда, аз қадимулайём дар соҳилҳои дарёҳои Волга, Днепр, Об, Нева ва гайраҳо ҳаёт ба сар бурда, ба моҳигирию зироатчигӣ ва ҳунармандию тиҷорат машгул будаанд.

Халқи рус дар асрҳои миёна соҳиби аввалин давлати бузурги худ – Руси Киевӣ гардида буд. Онҳо аз асрҳои IX –X сар карда, ба бунёди марказҳои тиҷоратию маданӣ ва фарҳангӣ огоз намуда буданд. Дар ташаккули фарҳангу тамаддуни мардуми рус саҳми халқҳои Юнону Рими Қадим ва Византия ниҳоят бузург аст. Русҳо дини насронӣ ва санъати меъмориро аз юнониёну римиён ва византиягиҳо қабул намуда, мавриди омӯзишу истифода қарор доданд.

---

[1] Культурология. -Ростов на Дону, 2000, с.271

[2] Дар ҳамон ҷо, саҳ.368-369.

Мардуми рус дар замонҳои қадимтарин мисли дигар халқҳои дунё ба худоҳои зиёде эътиқод доштанд. Князи Руси Қадим Владимир соли 988 дини насрониро қабул карда, онро ба дини давлати рус табдил дод. Қабули дини насронӣ барои мардуми рус воқеаи бузурги таърихӣ маҳсуб мешавад, зеро ғояи ин дин инкишофи рӯҳии мардуми русро ба танзим даровард, маҳдудиятҳои минтақавиро бартараф намуд ва барои ташкил додани давлати мутамаркази Рус заминаҳои мусоид фароҳам овард.

Ҷорӣ гардидани дини насронӣ дар Рус аз ҷиҳати таъсирнокиаш инқилоберо мемонад, ки ҳамроҳи худ арзишҳо ва тарзи ҳаёти навро оварда, урфу одатҳои кӯҳнаи қабилавиро пурра шикаста партофт. Баъди қабули дини насронӣ фарҳанги Руси Қадим хеле нашъунамо ёфт. Ин раванд махсусан дар давраи ҳукмронии Ярослав Мудрый суръати нав пайдо намуд. Дар ин давра аз санг сохтани калисоҳо огоз ёфт. Соборҳои София дар Киев ва Новгород аз санг сохта шуда буданд.

Ба вуҷуд омадани ҳуруфоти кириллӣ боиси тарҷумаи ёдгориҳои фарҳангӣ, саргузашти мардуми славян ва дастовардҳои фарҳангии онҳо гардида буд.

Дар Руси Қадим бо ҳуруфоти нав дастхатҳои қадимаи славяниро тарҷума ва рӯйнавис мекарданд. Дар натиҷа шумораи китобҳо хеле зиёд шуда, боиси ташкил карда шудани китобхонаҳо дар дарбори князҳо ва дар назди ибодатхонаҳои шаҳрҳои марказӣ гардида буданд. Ба вуҷуд омадани китобнависӣ ва паҳншавии он дар ҳудуди васеъ гувоҳи он аст, ки дар Руси Киевӣ илму фарҳанг хеле нашъунамо ёфта будааст.

Дар ин давра дар Рус нусхабардории китобҳо ва ороиш додани онҳо хеле инкишоф ёфта буд. Бо қабули дини насронӣ дар Рус китобҳо ва асарҳои муаллифони Юнони Қадим ва Византия, китобҳои ибодатии дини насронӣ тарҷума карда, дар дайрҳо (монастирҳо) низоми таълим ташкил карда мешуданд ва бисёр марказҳои маданӣ ба вуҷуд омаданд.

Православия асоси маънавиёти мардуми Рус мегардад. Ягонагии забон, дин ва ҳокимият ба вуҷуд омад, ки дар оянда барои барпо намудани давлати ягонаи марказиятноки рус шароитҳои мусоид фароҳам овард.

Вале ҳуҷуми муғулҳои бодиянишину бефарҳанг ба илму фарҳанги халқи рус зарбаи ҳалокатовар зад. Дар натиҷаи

ҳуҷуми муғулҳо аҳолии рус қир карда шуда, шаҳрҳои нозанини онҳо ба харобазор табдил дода шудаанд.

Дар натиҷаи ҳуҷуми мугулҳо алоқаҳои анъанавии Рус бо Византия, Европаи Ғарбӣ, Шарқи мусулмонӣ коста гардида, марказҳои мадании он саросар нест карда шуданд. Дар даврои ҳукмронии худ муғулҳо ба илму фарҳанги мардуми рус таъсири ҷиддӣ расонида натавонистанд, зеро худи муғулҳо аз илму фарҳанг ва тамаддун фарсаххо дур буданд.

Баъди озод шудан аз зулму истибдоди муғулҳо илму фарҳанги мардуми рус рӯ ба беҳбудӣ оварда, инкишоф ёфт. Шоҳигарии Москва дар ҷаҳон ягона давлати православӣ маҳсуб мешуд. Заминҳои ҷанубиславянӣ ва Византия дар асри XV аз тарафи туркҳо забт карда шуд. Бо вуҷуди ин таъсири Византия ба Рус ҳамоно эҳсос карда мешуд.

Аз охирҳои асри XV сар карда, сарзамини паҳновари Рус ба худ номи Россияи Бузургро гирифт. Дар ин давра халқи рус як зумра санъаткорону ҳунармандони бузургро ба дунё овард, ки бо санъату ҳунари волои хеш Россияро машҳури ҷаҳон гардонидаанд. Дар натиҷа санъати меъморӣ, тасвирӣ, шаҳрдорӣ хеле инкишоф ёфтанд.

Меъмории шаҳрҳои Киев, Владимир, Москва, Новгород гувоҳи гуфтаҳои боло мебошанд. Меъмории шаҳрҳо ва ибодатгоҳҳои мардуми рус гарчанде хусусиятҳои меъмории Атиқа ва Византияро дошта бошанд ҳам, вале меъморону санъаткорон бо мурури замон дар онҳо шаклу хусусиятҳои нави миллиро ворид намуда буданд. Аз асри XVII сар карда, муносибатҳои гуногунҷабҳаи Россия бо мамлакатҳои Европаи Ғарбӣ вусъати тоза пайдо карда буд.

Таърих гувоҳ аст, ки халқи рус ба ганҷинаи тамаддуни ҷаҳонӣ саҳми босазое гузоштааст. Илму фарҳанги халқҳои Россия махсусан дар даврои ҳукмронии Пётри I-ум хеле нашъунамо ёфт. Пётри Кабир бо ислоҳотҳои идориву сиёсиаш тавонист, ки мавқеи Россияро дар арсаи байналхалқӣ хеле мустаҳам намояд. Ин бошад боиси он гардид, ки робитаҳои тиҷоратию фарҳангии Россия бо тамоми мамлакатҳои ҷаҳон, бахусус давлатҳои Европа хеле вусъат ёбад.

Ислоҳотҳои Пётри I барои паҳн гардидани ғояҳои Маорифпарварӣ дар Россия заминаҳои мусоид фароҳам овардаанд. Дар даврои ҳукмронии ӯ навъовариҳои зиёде ба вуҷуд

оварда шудаанд. Нашри рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, кашидани расмҳои портретӣ ва ғайраҳо ба ин даврай таърихи Россия тааллуқ доранд.

Ба сарзамини рус ғояҳои фалсафӣ, ҷамъиятию сиёсии мутафаккирони Европаи Ғарбӣ ворид гардидаанд. Дар даврай ҳукмронии Пётри Кабир мавқеи дин ва калисо хеле маҳдуд карда шуда, нақши давлат хеле боло бурда шуд.

Давлат дар Россия мақому мартабаеро соҳиб гардид, ки дар асрҳои миёна калисо ин мақому мартабаро соҳиб буд. Яке аз воқеаҳои бузурги фарҳангӣ дар ҳаёти халқҳои Россия ин таъсис дода шудани Академияи илмҳои Петербург дар соли 1725 буд. Академияи мазкур бо ташаббуси бевоситаи Пётри Кабир ташкил карда шуда буд. Бо супориши Пётри Кабир дар академия фанҳои механика, физика, математика, таъриху ҷуғрофия таълим дода мешуданд. Омӯзиши ин фанҳо барои мустаҳкам намудани қобилияти мудофиавии мамлакат, ривоҷу равнақи саноат ва тиҷорат мусоидат намуданд. Пётри Кабир олимони соҳаи физикаю математикаро дар академия худаш интихоб менамуд. Ӯ аз хориҷа олимони намоён (ба монанди Леонард Эйлер, Николай ва Даниил Бернуллиҳо)-ро ба Россия даъват карда оварда буд, ки онҳо дар Академияи илмҳои Петербург кашфиётҳо ва асарҳои барҷастаи худро ба анҷом расонидаанд. Дар даврай ҳукмронии Пётри Кабир олимону санъаткорони бузурге ба воя расиданд, ки маҳсули эҷодиёти онҳо то ҳол аҳамияти худро гум накардааст. Дар ин давра илму санъат, санъати меъморӣ, мусиқӣ, санъати тасвирӣ, бадеӣ, адабиёт, таърих, ҷуғрофия, фалсафа, ҳуқуқ, дин хеле инкишоф ёфта буданд.

Дар Россия мактабҳои олии зиёде таъсис дода шуда буданд, ки дар таъсиси онҳо маорифпарварони бузурги рус М.В.Ломоносов, А.Н.Радищев, Е.Р.Дашкова, В.Н.Татищева ва дигарон саҳми босазои худро гузошта буданд.

Маорифпарварони рус мақсад доштанд, ки бо роҳи маърифатнок намудани мардум камбудию иллатҳои ҷомеаро бартараф намоянд. Бо кӯшиши онҳо соли 1755 аввалин Донишгоҳи олии шаҳри Москва ба номи М.В.Ломонов (ҳоло ДДМ) таъсис дода шуда буд. Соли 1783 бошад бо сарварии Е.Р.Дашкова Академияи илмҳои Россия таъсис дода шуд. Дар

натиҷа шаҳрҳои Москва, Санкт-Петербург, Қазон ва ғайраҳо ба маркази илму фарҳанг ва тиҷорати Россия табдил ёфтанд.

Дар инкишофи илму фарҳанги халқҳои Россия саҳми мутафаккири намоёни рус М.В.Ломоносов хеле бузург аст. М.В.Ломоносов ҳамчун энсиклопедист тамоми дониш, ақлу заковат ва ҳастиашро ба манфиати халқу ватанаш бахшидааст. Аз рӯи маълумоти худи Ломоносов ба сатҳи донишу ҷаҳонбинии ӯ ду китоби мутолиакардааш-яке «Сарфу наҳв»-и Смотритский ва дигаре «Арифметика»-и Магнитский таъсири бузург расонидаанд. Ӯ дар синни 19-солагиаш барои азхуд намудани забони лотинӣ ба Академияи славянӣ-юнонӣ-лотинӣ дохил шуда, таҳсил намуд.

Барои азхуд кардани сирру асрори химия ва дигар илмҳои табиатшиносӣ М.В.Ломоносов ба Германия рафта, таҳти роҳбарии Христиан Вольф фаъолияти илмиашро давом додааст. М.В.Ломоносов асарҳои Галилей, Нютон, Декарт, Лейбниц ва дигар мутафаккиронро омӯхта, аввалин асарҳои илмии худро дар ҳамин донишгоҳ эҷод намудааст. Ӯ сабаби ҳодисаҳои гуногуни табиатро дар худи табиат ҷуста, тамоми ақидаҳои динию идеалистиро рад мекард.

Аз нуқтаи назари М.В.Ломоносов материя ва ҳаракат абадӣ мебошанд. М.В.Ломоносов таъкид мекард, ки пеши роҳи даҳолати динро нисбат ба илмҳои табиатшиносӣ гирифтан лозим аст то ин, ки барои инкишофи ин илмҳо роҳ кушода шавад.

М.В.Ломоносов аҳамияти алоқаи мушоҳидаю назарияро дуруст дарк намуда, ба фикру андешаҳои файласуфон Лукретсий Кар, Закариёи Розӣ, Абуалӣ ибни Сино, Рене Декарт пайравӣ менамуд. Ӯ қонуни бақои материя ва ҳаракатро дар шакли қонуни асосии табиат эътироф ва таъриф додааст.

Қонуни бақои материя ва ҳаракат нишон медиҳад, ки материя ва ҳаракат бо ҳам вобаста буда, абадӣ мебошанд. М.В.Ломоносовро асосгузори равияи материалистии табиатшиносии рус меноманд.

Мутафаккирони барҷастаи Россия А.Н.Радищев, Белинский, Герцен, Чернышевский, Добролюбов, Г.В. Плеханов ва В.И.Ленин ба ақидаҳои М.В.Ломоносов пайравӣ намуда, онро инкишоф додаанд. Дар инкишофу ташаккули фарҳанги асри XVII-XIX рус саҳми мутафаккирони намоёни ин кишвар А.С.Пушкин (солҳои 1799-1837), Н.В.Гоголь (солҳои 1809-1852),

Н.А.Некрасов (солҳои 1821-1870),И.С. Тургенев, Н.Чернышевский (солҳои 1828-1889), Л.Н.Толстой (солҳои 1828-1910) хеле бузург аст.

Эҷодиёти ин мутафаккирони барҷастаи Россия дар оянда ба эҷодиёти А.П.Чехов (солҳои 1860-1904), А.М.Горкий (солҳои 1868-1936), Маяковский (солҳои 1893-1930), М.А.Шолохов (солҳо 1905-1990) ва дигарон таъсири амиқ расонидаанд.

Баъди ғалабаи инқилоби октябри соли 1917 дар Россия ҳизби коммунист ва давлати Шӯравӣ ба инкишофи илму фарҳанг ва саросар саводнок гардонидани аҳолии кишвар аҳамияти аввалиндараҷа медод. Дар Россияи Шӯравӣ ва умуман Иттиҳоди Шӯравӣ аз рӯи нишондоди ходими барҷастаи давлатию сиёсӣ В.И.Ленин инқилоби маданӣ ба ҳаёт татбиқ карда шуд, ки дар натиҷаи он тақрибан тамоми мардуми Россия ва Иттиҳоди Шӯравӣ саросар саводнок гардонида шудаанд.

Давлати Шӯравӣ аз ҷиҳати саводнокӣ дар ҷаҳон дар яке аз ҷойҳои аввалин қарор гирифт. Вале таассуфовар аст, ки имрӯзҳо баъзе олимони ҷомеашиносу фарҳангшиноси Россия ва кишварҳои дигар аз ин дастоварду муваффақиятҳои фарҳангии давраи Шӯравӣ чашм пӯшида, давраи Шӯравиро бо ҳар роҳу восита сиёҳ мекунанд. Ба ақидаи ин ашхос олимон гӯё дар давраи Шӯравӣ ба инкишофи илму фарҳанг ба таври бояду шояд диққат дода намешудааст ва замони Шӯравӣ давраи тирраву торе будааст. Албатта, ин бӯҳтони маҳз аст. Имрӯзҳо бисёр давлатҳои мутамаддини ҷаҳон аз таҷрибаи фарҳангофаринии давлати Шӯравӣ истифода бурда, ба натиҷаҳои дилхоҳ дар ин самт ноил гардида истодаанд. **Бар замми ин халқи бузурги рус ва Россияи Шӯравӣ дар ташаккули фарҳангу тамаддуни тамоми халқҳои Шӯравӣ саҳми босазои худро гузоштаанд.**

Қайд кардан ҷоиз аст, ки дар солҳои ҳокимияти Шӯравӣ илму фарҳанги Россияи Шӯравӣ бо вуҷуди баъзе монеъаҳо (ҳизбият ва синфият) ба авҷи аълои худ расида буд.

Дар солҳои ҳокимияти Шӯравӣ санъати меъморӣ ва ҳайкалтарошӣ дар Россияи Шӯравӣ хеле нашъунамо ёфта буд. Дар меъмории шаҳрҳои Москваю Ленинград меъморон П.И.Ваулин, С.В.Кутин, И.Е.Старов, Д.Кваренги, В.И.Баженов, М.Ф.Казаков саҳми арзанда гузошта буданд.

Ҳунарпешагон ва мусиқишиносони рус Глинка ва Чайковский машҳури ҷаҳон гаштанд. Санъати бадеӣ низ инкишоф ёфт. Дар инкишоф ва ташаккули санъати бадеии муосири Россия Ю.Никулин, Е.Моргунов, Алла Пугачёва, Юлиан Семёнов, К.Симонов, М.Зощенко, Л.Чурсина, М.Исаев саҳми арзанда гузоштаанд.

Хулоса, илму фарҳанг ва тамаддуни халқҳои Россия дар солҳои ҳокимияти Шӯравӣ ба авҷи баланди инкишофи худ расида буд. Мардуми Шӯравӣ аввалин шуда ба кайҳон роҳ кушоданд. Бояд тазаккур дод, ки баъди он, ки СССР хиёнаткорона пароканда карда шуд, илму фарҳанг дар тамоми ҷумҳуриҳои собиқ Шӯравӣ аз ҷумла, дар Россия низ рӯ ба таназзул ниҳод ва ин раванд то имрӯз идома дорад.

Имрӯзҳо вазифа аз он иборат аст, ки ҳукуматдорон ба инкишофи илму фарҳанг диққати ҷиддӣ дода, дар ин самт маблағҳои давлатиро дареғ надоранд, зеро таназзули илму фарҳанг ба бадбахтии ин ё он миллату давлат бурда расониданаш мумкин аст. Ҳаёти пуртаззоди имрӯза, касодшавии одобу ахлоқи мардуми сайёра тақозо менамоянд, ки дар ин ҷода чораҳои таъхирнопазир андешида шаванд.

# БОБИ IX. ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ДАВРАИ ТАМАДДУНИ ОРИЁӢ ВА ИСЛОМӢ

## §1. Фарҳанги халқи тоҷик дар давраи тамаддуни ориёӣ.

Дар аввали соли 220 милодӣ ҳокими вилояти Истахр (дар Форс) Ардашери I Бобакони Сосонӣ[1] ҳукмрони тамоми Форс гардид.

Мардуми эронинажод дар давраи ҳукмронии хонадони Сосониён (асрҳои III-VII милодӣ) марказҳои бузурги маданию фарҳангӣ бунёд намуда, аз худ осори бойи динӣ, илмӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ, адабӣ ва ғайра боқӣ гузоштаанд. Дар ин давра тавассути робитаҳои тиҷоратию фарҳангӣ унсурҳои маданияти халқҳои эронӣ, юнонӣ, римӣ, сурияғӣ, хитоӣ ва ҳиндӣ бо ҳам омезиш ёфта, инкишоф ёфтааст.

Яке аз сабабҳои асосии омезиш ёфтани маданияту фарҳанги мардуми Шарқу Ғарб ин ба маркази илму фарҳанг табдил ёфтани Эронзамин буд. Дар давраи ҳукмронии Сосониён дар шаҳри Тайсафун аввалин Академия бо номи Академияи Гунди Шопур таъсис дода шуда буд, ки асосгузораш шоҳ Шопури аввал буд. Бо таклифу дархости ӯ олимони зиёди гуногунзабон аз марказҳои фарҳангии Шарқу Ғарб ба ин даргоҳи муқаддас ҷамъ оварда шуда буданд.

Ин Академия робитаи фарҳангии мардуми ду минтақаи маданӣ, яъне Шарқу Ғарбро бо ҳам пайваст менамуд. Дар Академия се факултет – риёзиёт, нуҷум (бо расадхона) ва тиб (бо бемористонаш) фаъолият мекард.

Шоҳ Шопури II табиби насронӣ Теодорусро аз Рим, Канакаи Ҳиндуро аз Ҳинд ва олимону файласуфони дигарро аз Юнон ба ин Академия даъват намуда, барои фаъолияти пурсамари онҳо тамоми шароитҳоро муҳайё намуда буд.

Табиби барҷастаи араб Ҳорис ибни Калда низ аз ин ганҷинаи бузурги илму фарҳанг баҳра бардошта, ба мақому мартабаи бузурге мушарраф гардида буд. Ҳатто паёмбари ис-

---

[1] Бобои Ардашери I Бобакон Сосон ном коҳини маъбади Анаҳит буд – номи сулола аз ҳамин ҷост.

лом Муҳаммад (С) муридони бемори худро баҳри табобат ба назди ӯ мефиристоданд. Мутафаккирон Ҷурҷонӣ, Навбохт, Саркаб, Ромтин, Саркаш, Саргис, Гесӯи Навогар, Бомшод, Озодворӣ Чангӣ, Борбади Марвазӣ ва дигарон дар давраи Сосониён эҷод ва фаъолият намудаанд. Онҳо оид ба илмҳои риёзӣ, ҳайат, фалсафа, ахлоқ, ҳуқуқ, тиб, кимиё, иқтисодиёт, санъати бадеӣ, меъморӣ, мусиқӣ ва ғайра асарҳои гаронбаҳо эҷод намуда, ба пешрафти илму фарҳанг ва санъат саҳми бузург гузоштаанд.

Дар пештоқи ин Академия шиори «Донишу ҳикмат аз шамшер ҳам пурзӯртар аст» сабт ёфта буд. Дар ин фарҳангистон китобхонаи бузурге бо зиёда аз 300 курсии нишаст бунёд карда шуда буд. Дар он аз тамоми гӯшаю канорҳои минтақаҳои маданӣ дастовардҳои нодиртарини фарҳангӣ ҷамъ оварда шуда буданд, ки онҳоро устодону толибилмон меомӯхтанд.

Фарҳангистон дар тӯли зиёда аз 300 сол маркази фарҳангии ҷаҳониён маҳсуб мешуд, вале аз тарафи истилогарони араб сӯзонида ба хок яксон карда мешавад.

Ёдгориҳои хаттии мардуми ориёӣ дар рӯи сангҳо, навиштаҳою тасвирҳои Кӯҳи Бесутун, деворҳои қасрҳо, катибаи Тахти Ҷамшед, навиштаҳо дар пӯсти ҳайвонот, нусхаи аввалини «Авесто», навиштаҷотҳои қоғазӣ ва ғайра сабт ёфтаанд.

Ин навиштаҷотҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: якум, қайдҳои таърихӣ, ҳуҷҷатҳо, китобҳои таърихӣ ва илмҳои гуногун; дуюм осорҳои адабии асотирӣ, афсонавӣ, қаҳрамонӣ ва саргузаштҳои динию ошиқона.

Китобҳои қадимтарини мардуми ориёӣ «Авесто», «Наврӯз», «Бунди Ҳишн», «Меҳргон», «Худойнома», «Боғи Ширин», «Пандномаи Анӯшервон», «Дарахти Асурик», «Динкард», «Калила ва Димна» ва ғайраҳо маҳсуб мешаванд. «Авесто» яке аз ёдгориҳои қадимаи халқҳои эронинажод буда, нусхаи аслии он ба давраи ҳазорсолаи аввали пеш аз милод тааллуқ дорад. «Авесто» дар давраи ҳукмронии Шопури дуюми Сосонӣ дуюмбора навишта шудааст, ки дар он қонун, қоида, ҷаҳонбинӣ, анъана ва ҷашнҳои мардумӣ сабт шудаанд. «Авесто», «апастак» маънои асос, дастур, дониш қонун ва ниёишро дорад.

«Авесто» дар асри VII то милод эҷод шудааст ва ватани аслии он Ориёно мебошад. Муаллифи «Авесто» пайғомбари маздопарастӣ Иброҳим Зардушт ба шумор меравад. «Авесто» дар болои дувоздаҳ ҳазор пӯсти гов бо хатти заррин навишта шуда буд. Нусхаи аслии «Авесто»-ро бори аввал Искандари Мақдунӣ сӯзонда нест карда буд. Баъдтар дар замони ҳукмронии Ашкониён дар асри 1-уми милод аз нав барқарор карда шуда, дар замони Сосониён бо супориши Шопури II пурра аз нав тартиб дода шуд. Сипас, он номи «Занд-Авесто»-ро гирифт. Он мухтасари китобҳои асосии «Авесто» мебошад.

Барои тадқиқи таърихи Ориёно ва мамлакатҳои ҳамсоя китоби «Авесто» аҳамияти махсус дорад. Ин китоб асосан маҷмӯи навиштаҷотҳои ақидаҳои Зардушт мебошад. «Авесто» ёдгории бузурги забонию адабӣ, фалсафӣ ва мазҳабӣ буда, он аз 345 ҳазору 700 калима иборат будааст. Дар айни ҳол аз ин китоб ҳамагӣ 23 ҳазор калима боқӣ мондааст, ки аз фаслҳои зерин иборат аст: «Ясно» («Қурбонӣ ва ибодат»), дуюм «Яштҳо» (Ситоиш ва хушгуфторӣ»), сеюм «Видевдат» («Қонун ба муқобили девҳо»), чаҳорум «Виспарат» ё «Виспарад» («Ҳама розҳо», «Ҳукмрони мутлақ»).

Дар санъати Эрони Қадим комёбиҳои маданияти халқҳои Ориёнои таърихӣ, инчунин як қатор халқҳои Шарқи Қадим васеъ истифода шудааст. Геродот қайд карда буд, ки «форсҳо одатҳои бегонагонро бо камоли хоҳиш қабул мекунанд. Онҳо ҳатто пероҳани модҳоро назар ба либосҳои маҳаллии худ авлотар медонанд, дар ҷанг ҷавшани мисриро ба тан мекашанд». Санъати тасвирии форсӣ бисёр оҳангҳои қадимии халқҳои Байнаннаҳрайн (Месопотамия)-ро аз худ кардааст. Масалан, санъаткорони Эрони Қадим шоҳро аксар вақт дар образи қаҳрамоне тасвир мекарданд, ки даррандаи афсонавиеро мағлуб намудааст. Чунин сужет ҳанӯз дар достонҳои Шумери бостон дар бораи шоҳ ва қаҳрамон Гилгамеш тасвири худро ёфта буд ва ин образ дар тамоми Осиёи Пеш паҳн гардида буд. Образи Худои олии форсҳо Аҳуромаздои болдор низ образи Худои олии ошуриён Аш-Шуриро ба хотир меоварад. Релефҳое, ки деворҳои қасрҳои шоҳони форсро оро медоданд низ аз ҷиҳати сужет, қисман аз рӯи услуби бадеӣ ва техникаи иҷрои худ ба релефҳои давраҳои ошурӣ ва навбобулӣ наздиканд. Санъати меъмории Эрони Қадим (пешайвон, зинапоя,

муҷассамаҳои бузург, ки дар даромадгоҳи қасрҳои шоҳӣ дар шакли ҳайвонҳои фантастикӣ гузошта шудаанд) аз таъсири меъморони Байнаннаҳрайн (Месопотамия)-и Қадим шаҳодат медиҳанд. Ниҳоят, анъанаи истифодаи васеъи сутунҳоро форсҳо аз мисриён қабул карда буданд.

Вале аз ин ҳаргиз набояд чунин хулоса кард, ки санъати қадими Эрон нусхаи санъати халқҳои ҳамсоя будааст. Бузургии санъаткорони Эрони Қадим пеш аз ҳама дар он зоҳир мегардад, ки онҳо беҳтарин унсурҳои санъати халқҳои дигарро эҷодкорона истифода кардаанд. Ҳамин муносибати эҷодкорӣ дар санъати меъмории Эрони Қадим равшан зоҳир мегардад, ки намунаҳои онро имрӯз дар тахти Ҷамшед мушоҳида кардан мумкин аст.

Шоҳони Сосонӣ бо мақсади баланд бардоштани шаъну шараф ва шӯҳрати давлатдории худ ба инкишофи навъҳои гуногуни санъат, аз ҷумла, наққошӣ, рассомӣ, меъморӣ, мусиқӣ, суруд, шоирӣ ва ғайра таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир мекарданд.

Ҳанӯз бунёдгузори давлати Сосонӣ – Ардашери Бобакон дар дарбор барои роҳбарӣ кардан ба корҳои санъаткорон ду хуррамбоширо нигоҳ медошт. Яке ба гурӯҳи санъаткорони санъати тасвирӣ, дигаре ба гурӯҳи ҳофизону мусиқичиён ва шоирон роҳбарӣ мекард. Хуррамбошон дар базму шабнишиниҳои дарборӣ интихоби ин ё он мусиқичиву ҳофиз ва мувофиқи хоҳиши шоҳаншоҳ ва ё меҳмонони олиқадри ӯ иҷрои оҳангу сурудҳои дахлдорро ба роҳ мемонданд. Шоҳони сосонӣ барои дар дарбор нигоҳ доштани навозандагону сурудхонон, оҳангсозону шоирон ва дигар ҳунармандон маблағро дарег намедоштанд.

Шоҳ Баҳроми Гӯр барои дарбори худ аз Ҳиндустон 400 нафар мусиқинавозон, овозхонон, раққосон, лӯхтакбозон ва масхарабозонро оварда будааст.

Дар давраи ҳукмронии Хусрави II Парвиз (солҳои 591-629) ромишгарон ва сурудхонон ба се гурӯҳ ҷудо шуда буданд ва вобаста ба он ҳар кадом мақоми махсуси худро доштанд. Дар ин ҷо се навъи созҳои мусиқӣ-зарбӣ, торӣ ва нафасӣ мушоҳида мешуд. Дар байни созҳои зарбӣ даф, доира, таблак, дулул (як навъи таблак), нақора, ҳармӯҳра, чӯбакзан, нокус, танбӯра (табара), косат, занч, созҳои торӣ – танбӯр, тамбук, гижжак, барбат, даҳруд, рубоб,канора, занбур, созҳои нафасӣ –

най, карнай, арғунон (лабулабӣ), сургин, сурна, шоҳнай, танбур, мусиқор, говдум, сиёҳнай, руитан, шайпур маълум буданд.

Санъаткорони давр Саркаш (арман), Накисо (юнонӣ), Гесӯ Навогар, Саркаб, Ризак, Хуппарзу, Бомшод, Роматин, Озодсар ва дигарон дар асарҳои худ анъанаҳои санъати мусиқӣ ва мутрибии ниёгон – Ҳахоманишиёнро идома ва такмил дода, мавқеи мусиқию сурудро дар ҳаёти дарбор ва муҳити заҳматкашон қавӣ менамуданд. Онҳо фарҳанги мусиқии сосониро ба зинаҳои нав бардошта, дар рушду ташаккули санъати касбии Оли Сосон хидмати босазое мекарданд.

Асарҳои созӣ ва овозии ин санъаткорон бештар дар мавзӯҳои баҳор, кишту кор, дарав, ҳосилғундорӣ, динӣ, таърихӣ, асотирӣ, ишқӣ – романтикӣ, қаҳрамонӣ, фалсафӣ, ахлоқӣ – маънавӣ, тарбиявӣ эҷод мешуданд.

Давраи ҳукмронии Хусрави дуюми Парвизро ибтидои ташаккули мусиқии Аҷам меноманд. Дар ин давра дар Эрони Сосонӣ раванди ба касбҳо ҷудокунии санъати мусиқӣ, меъёрсозии назарияҳои мусиқӣ ва ягонагии услуб ва усулҳои иҷроӣ оғоз ёфта буд. Мусиқичиёни ин давра ба ду гурӯҳи асосӣ – сурудхонону ромишгарони касбӣ, оҳангсозон ва назарияпардозони мусиқӣ ҷудо мешуданд. Маҳз дар ҳамин давра асоси назарияи мусиқии на танҳо Эрон, балки тамоми Шарқ гузошта мешавад. Мусиқии Сосониён аз ҳудуди кишвар берун рафта, мавқеи ҷаҳонӣ пайдо карда буд.

Яке аз бузургтарин ромишгарони дарборӣ шоҳаншоҳи Сосонӣ Хусрави II Парвиз мусиқичии гениалӣ, оҳангсоз, мутриб, сурудхон, назариётчӣ ва ислоҳотчии мусиқӣ, асосгузори жанри мақом, шоир, сарвари санъаткорони дарбор Борбади Марвазӣ буд. Шӯҳрати эҷодӣ –ромишгарӣ ва шоирии Борбад ба дарбори Хусрави II Парвиз вобаста аст. Дар ин ҷо ӯ ба сифати сарвари мусиқичиёни дарбор (Хуррамбошӣ) 10 ё 20 соли умри худро сарф намуда, дар инкишофи минбаъдаи ҳаёти маданӣ ва маънавии Сосониён, пешрафти ҳамаҷонибаи санъати мусиқӣ давра ва навъҳои гуногуни он, аз қабили мусиқии созӣ, овозӣ, ҳамсароӣ ва яккахонӣ, ташаккули гурӯҳи махсуси оҳангсозон ва аввалин назариётчиёни мусиқӣ, намудҳои гуногуни рақсҳои якка, умумӣ ва ғайра саҳми арзандае гузоштааст.

Борбад аз худ мероси гаронбаҳое гузоштааст. Мероси Борбад воқеан кам нест. Ӯ дар давоми умри на чандон зиёди

худ (43-50 сол) 360 суруд, 30 лаҳн ва 7 силсилаи сурудҳои шоҳона бо номи «Хусравонӣ» эҷод кардааст. Борбад дар инкишофи низоми классикии мусиқии мақом дар ҳаёти халқҳои машриқзамин таъсири бағоят калон расонидааст. Анъанаи навозандагӣ ва иҷрои Борбад имрӯз дар мусиқии як қатор халқҳои ҷаҳон – тоҷику форс, ҳинду афғон, гурҷию арман, озару уйғур, ӯзбеку туркман ва ғайраҳо равшан зоҳир мегардад. Бесабаб нест, ки ӯро дар Шарқ на танҳо поягузори мусиқии анъанавии форсу тоҷик, балки аз ҷумлаи асосгузорони умуман санъати мусиқии Шарқ медонанд.

**АДАБИЁТ**. Адабиёти Эрони Бостон яке аз қадимтарин адабиётҳои ҷаҳон аст, ки дорои таърихи бой буда, дар давоми беш аз 2500 сол мунтазам рушд карда, анъанаҳои хоси адабии худро ҳифз намудааст.

Дар инкишоф ва ташаккули адабиёти қадими Эрон тамоми мардуми эронинажод саҳми арзанда гузоштаанд.Дар инкишоф ва рушди ин адабиёт маданияти қадимаи халқҳои ҳамсоя – ошуриён, модҳо, эламиён, бобулиён, мисриён ва юнониҳо, ҳамчунин халқҳои Ҳиндустону Арабистон ва Озарбойҷон таъсири амиқ гузоштаанд.

Ёдгориҳои шифоҳии Эрони Бостон, ки ҳанӯз дар давраи ҷамоаи ибтидоӣ эҷод шуда буданд, бештар моҳияти воқеӣ доранд. Ҳофизони қабилаҳо дар қиссаю достонҳои худ асосан анъанаҳои қабиларо васф намуда, дар тасвири образи худоҳо низ муносибати реалии худро нишон медоданд. Дар қиссаҳои онҳо тасвири Худои олӣ дида намешавад.

Аз вақти ба давраи ғуломдорӣ қадам гузоштани қабилаҳои Эронӣ адабиёт низ характери синфӣ пайдо мекунад. Ин хусусиятро бори нахуст дар образи пайғомбар Заратушра (асрҳои VII-VI то милод) дидан мумкин аст. Баъдтар, аз вақти ба тахт омадани сулолаи Ҳахоманишиҳо (солҳои 558-330 то милод) ва ба дини расмӣ табдил ёфтани дини зардуштӣ синфияти адабиёт ба ҳукми қонун медароянд. Аз ҳамин вақт сар карда, ҳофизони қабилавӣ, яъне эҷодкорони халқӣ вазифадор карда мешуданд, ки дар шеъру достонҳои худ шоҳро ба таври махсус қайд карда, аз худоҳо Аҳурамаздоро ҳамчун Худои олӣ ва парастандаи ҳокимияти шоҳӣ васф намоянд.

Аз давраи Сосониён ва баъд ҳофизони мардумӣ вазифадор буданд, ки шоҳро ҳамчун шоҳаншоҳ ба забон гиранд, дин ва ходимони он (коҳинон)-ро таърифу тавсиф намоянд.

Ҳамаи ин ба он далолат мекунад, ки адабиёти Эрони Бостон тадриҷан моҳияти реалии худро гум карда, доираи эҷодиёти ҳофизони халқӣ маҳдуд ва худи онҳо ба хизматгорони табақаҳои болоии ҷамъият табдил ёфта, эҷодиёти онҳо ба ташвиқу таргиби сиёсати расмии давлатӣ ва дини зардуштӣ равона мегардад.

Дар чунин вазъият дар Эрон таълимоти Монӣ паҳн мегардад. Монӣ дар таърихи адабиёти қадими Эрон ҳамчун асосгузори дини нав маълум аст. Монӣ соли 217 дар наздикии Бобулистон (Вавилон) дар оилаи маъруфи эронӣ таваллуд шудааст. Ӯ аввал ба Ҳиндустон ва баъдан ба ҷониби Эрон рафта, дини нави худро тарғиб менамояд.

Асоси таълимоти Мониро эътирофи муборизаи доимии ду мабдаъ – Хайру Шарр ташкил медиҳад. Монӣ вазифаи инсонро дар барқарор намуданиХайр дар зиндагӣ мебинад.

Таълимоти Монӣ ҳарчанд ба таълимоти динҳои зардуштию насронӣ наздикӣ дошта бошад ҳам, вале дар айни замон аз дини зардуштӣ фарқи ҷиддӣ низ дорад. Ин фарқият пеш аз ҳама дар эътирофи баробарии молӣ зоҳир мегардад.

Фаъолияти Монӣ ҳамчун тарғиботчии дини нав дар давраи барқароргардии империяи Сосониён (224-651), ки дини зардуштиро ба дини расмии давлатӣ ва такягоҳи худ табдил дода буданд, сар шудааст.

Ҳокимони аввали Сосонӣ, махсусан Шопури I (243-273) ба паҳншавии дини Монӣ мамониат намекарданд. Вале дере нагузашта, вақте онҳо фаҳмиданд, ки таълимоти Монӣ бар зидди мутлақияти шоҳӣ ва дини зардуштӣ равона шудааст, он гоҳ ба таъқиби Монӣ шурӯъ намуданд. Ниҳоят, соли 276 ҳангоми аз мусофират ба Эрон баргаштанаш Монӣ ба даст меафтад ва бо фармони шоҳи Сосонӣ Баҳроми I (солҳои 274-276) зиндонӣ карда шуда, баъд ба ҳалокат расонда мешавад. Ҷасади Мониро ба қисмҳо ҷудо карда, бо мақсади тарсонидани пайравони Монӣ сари ӯро дар шаҳри Гунди – Шопур ба намоиши умум мегузоранд.

Дар таърихи адабиёти қадимаи Эрон бисёр асарҳо ба Монӣ нисбат дода мешаванд. Аз онҳо то имрӯз дар забони

арамей – оромӣ, яъне суриёнӣ ҳафт асари муқаддас донисташуда ва як қатор матнҳои тарғиботӣ-анъанавии таълимоти Монӣ боқӣ мондаанду бас.

Яке аз ин асарҳо «Инҷили Монӣ» мебошад. Китоб аз 22 боб иборат буда, аз он дар забонҳои порсии миёна ва суғдӣ якчанд пораҳо то ба мо′омада расидаанд. Китоби дуюми Монӣ «Ганҷи ҳаёт» ва китоби сеюмаш «Китоби асрор» мебошанд.

Асарҳои Монӣ хусусияти энсиклопедӣ доранд. Монӣ кӯшиш мекард, ки дар асарҳояш тамоми илмҳои замонашро фаро гирад. Монӣ асоси муваффақияти ҳар як фарди ҷомеаро дар меҳнат ва муҳаббат ба он медид. «Дар он ҷое, ки муҳаббат вуҷуд надорад – таъкид мекард Монӣ – тамоми фаъолияти инсон номукаммал мемонад».

Дар шеърҳои Монӣ тасвири манзараҳои табиат – тулӯъи офтоб, раъду барқ, абрҳои осмон, муғчаҳои дарахтон, абри найсон ва ғайраҳо замзама карда шудаанд.

Монӣ мусиқӣ ва санъати тасвириро низ хуб медонист. Бесабаб нест, ки ӯро Монии наққош низ меномиданд. Бо вуҷуди таъқиботи зиёд дини Монӣ дар Осиёи Марказӣ, дар Хитою Фаластин, дар Европаи Шарқию Ғарбӣ пайравони зиёде пайдо карда буд.

Дар таълимоти Монӣ орзӯҳои деринаи халқи оддӣ ифода ёфтааст. Дар яке аз порчаҳои гимни Монӣ, ки дар сарчашмаҳои Хитой то имрӯз боқӣ мондааст муҳимтарин ҷиҳатҳои таълимоти Монӣ инъикос гардидааст. Дар ин порча омадааст, ки мамлакати рӯшноӣ кишвари беҳадду канор буда, ҷустуҷӯи аввалу охири он бефоида аст. Дар он ҷо ҳеҷ гуна ҷабру зулм, эҳтиёҷмандӣ ва камбудӣ дида намешавад. Ҳама озоданд ва ҳар кас мувофиқи хости худ зиндагӣ мекунад. Маҳз ана ҳамин ғояҳои Монӣ ҳукуматдорони сосонӣ ва коҳинони дини задуштиро ба тарсу ваҳм оварда буд. Онҳо дар таълимоти Монӣ даъват ба исён бар зиддӣ мутлақияти шоҳӣ ва зӯроварӣ нисбати коҳинонро медиданд.

## §2. Гул-гулшукуфии фарҳанги халқи тоҷик дар давраи Сомониён (асрҳои IX-X)

Баъди забти давлати Сосониён арабҳо ба истилои Хуросону Варорӯд, ки мулки бою пурфайз буд камар бастанд. Хуросону Варорӯд дар арафаи ҳуҷуми арабҳо гирифтори пароканда-гии феодалӣ буданд, аз ин рӯ, ба арабҳои ғосиб муяссар гардид, ки ин сарзаминро ба осонӣ забт намоянд. Бо ҳамин дар Осиёи Миёна ҳукмронии арабҳо оғоз ёфт.

Аз тарафи арабҳо забт карда шудани давлати Сосониён, аз ҷумла Варорӯду Хуросон ба пешрафти тамаддуни халқҳои ин сарзамин таъсири манфӣ расонид. Тамоми дастовардҳои фарҳангии мардуми Эрон, Варорӯд ва Хуросон ҳамчун боқимондаҳои дини бутпарастию зардуштӣ несту нобуд карда шуда, ба ҷои забонҳои маҳаллӣ забони ягонаи арабӣ ҷорӣ карда шуд. Аз ҳамин вақт сар карда, дар Эрон, Варорӯд ва Хурсон ба ҷои анъанаҳои ахлоқию фарҳангӣ ва маънавии маҳаллӣ меъёрҳои нави ахлоқию фарҳангӣ, маънавию маишии исломӣ ҷорӣ карда мешавад. Тафаккури нави арабӣ ва маънавиёти он мазмун ва мундариҷаи асарҳои адабию бадеӣ ва ҳатто эҷодиёти даҳонии халқҳои ин кишварҳоро фаро мегирад. Ислом дар ин давра чӣ дар Шарқи Наздик ва чӣ дар Осиёи Миёна симои тамаддунро муайян менамуд.

Дар ҳаёти фарҳангию маънавӣ, динию илмии мардумони Эрону Осиёи Марказӣ арзишҳои тозаи исломӣ (мусулмонӣ) ва дар илми таърих мафҳуми нав – «тамаддуни арабӣ - исломӣ» мавқеъ пайдо кардан мегирад.

Аз асри IX сар карда, дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии мардуми тоҷик саҳифаи нав – эҳёи иқтисодию фарҳанги миллӣ оғоз меёбад. Бо дарназардошти комёбиҳои беназири ин давра дар соҳаи сиёсат, иқтисодиёт, фарҳанг, санъат, адабиёт, илму дониш, хоҷагии заминдорӣ, инкишофи касбу ҳунар, давлатдорӣ, шаҳрсозӣ, савдо, тиҷорат ин давраро «асри тиллоӣ» меноманд.

Бо гузашти айём дар Мовароуннаҳру (арабҳо Вародудро айнан тарҷума карда, Мовароуннаҳр номгузорӣ карданд) Хуросон аввалин давлатҳои миллӣ бо номи Тоҳириён (солҳои 821-873), Саффориён (солҳои 873-903) ва Сомониён (солҳои 875-999) ташкил карда шудаанд.

Ин давлатҳо дар ибтидои таъсисёбии худ ҳарчанд расман тобеи хилофат бошанд ҳам, вале сарварони он бо ҳар роҳ кўшиш менамуданд, ки дар ташкили хоҷагии кишвар, ба роҳ мондани умури омўзишу парвариш ва риояи суннатҳои фарҳангию маънавии худ мустақил бошанд. Маҳз ҳамин истиқлол имконият дод, ки ҳокимияти устувори давлатӣ, хоҷагии муназзам ва суннатҳои фарҳангию маънавии аҷдодӣ барқарор карда шаванд.

Рушду нумўи ҳаёти иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавии халқи тоҷик асосан ба давраи ҳукмронии сулолаи Сомониён (солҳои 875-999) рост меояд. Сараҷдоди сулолаи Сомониён – Сомонхудот аслан аз ашрофони тоҷики Балх, Самарқанд ва ё Тирмиз будааст. Ў дар замони арабҳо дини исломро қабул карда, ба пуштибонии волии Хуросон – намояндаи халифаи Бағдод –Асад ибни Абдуллоҳ мушарраф мегардад. Вақте, ки дар оилаи Сомонхудот писар таваллуд меёбад ў ба хотири дўсташ Асад идни Абдуллоҳ писаршро Асад ном мегузорад. Асад ба воя расида, соҳиби чаҳор писар (Нўҳ, Аҳмад, Яҳё, Илёс) мегардад. Ин наберагони Сомонхудот баъди ба воя расидан ба хидмати хилофат ҷалб мешаванд ва дар давраи халифа Маъмун Нўҳ дар Самарқанд, Аҳмад дар Фарғона, Яҳё дар Чочу Усрушан ва Илёс дар Ҳирот ҳоким таъин мешаванд.

Онҳо баъди ба сари ҳокимият омадани худ барои ташкил додани давлати марказиятноки Сомониён камар мебанданд. Нахуст ташкили ин кор насиби Нўҳ мегардад. Вале дере нагузашта ў вафот мекунад. Кори оғозкардаи Нўҳро бародараш Аҳмад идома медиҳад. Ҳанўз дар даврาи зиндагиаш Аҳмад ҳукмронии Самарқандро ба писараш Наср супорида буд. Баъди вафоти Аҳмад дар давраи ҳукмронии Насри I ибни Аҳмади Сомонӣ (солҳои 864-892) сулолаи Сомониён нуфузи зиёд пайдо карда, хеле мустаҳкам мегардад. Соли 875 хилофат Насри 1-ро ҳамчун асосгузори сулолаи Сомониён эътироф намуда, ба вай ҳуҷҷати идораи давлатро супорид.

Давлати мутамаркази Сомониён бо пойтахташ дар шаҳри Бухоро асосан дар давраи ҳукмронии Исмоили Сомонӣ (солҳои 892-907) мавқеи хоса пайдо менамояд. Аз рўи гуфти сайёҳи араб Ибни Ҳавкал (нимаи дуюми асри X) «дар миёни подшоҳони Аҷам аз силсилаҳое, ки подшоҳиро аз якдигар ба ирс мебаранд, силсилае монанди Сомониён вуҷуд надорад. Зеро инон кари-

муннасланд». Дар чои дигар ӯ доир ба Исмоили Сомонӣ чунин гуфтааст: «Исмоил подшоҳи бузург ва пексирипт ва соҳиби маноқиб ва маҳосини бисёр ва осори хуб мебошад».

Воқеан ҳам Оли Сомон бо маданиятнокӣ, бофарҳангӣ ва додхоҳии худ хеле машҳур гашта буданд. Беҳуда нест, ки шоир Лукарии Ғазнавии чангнавоз дар яке аз шеърҳои ба вазири шоҳи Сомонӣ Убайдуллоҳ ибни Аҳмад бахшидааш таъкид мекунад, ки аз пешонии ӯ «шуои дод» медурахшад ва шоир аз Худо илтиҷо мекунад, ки чашми бадро аз вазири Сомонӣ баргардонад:

***Ба сурат одамӣ омад, ба тинат нури субҳонӣ,***
***Худоё, чашми бад хоҳам, к-аз он сурат бигардонӣ.***

Адолатпарастии Исмоили Сомониро Низомулмулк (солҳои 1017-1092) дар китоби «Сиёсатнома»-аш тасдиқ карда, ӯро «сахт одил» номидааст. Ба қавли файласуф ва муаррихи форсу тоҷик ибни Мискавейҳ Исмоили Сомонӣ қувваи асосии фатҳу зафарҳои худро дар иттиҳоди қавом ва пешравон, «ақлу хирад, ҳушёрӣ ва аҳлу ноаҳли ҷумла» медид. Ҳамин сиёсати сулҳу оштӣ, додхоҳӣ, адолатпарастӣ ва муттаҳидии дохилӣ буд, ки Исмоили Сомонӣ тавонист ҳуҷумҳои чандинкаратаи Амр ибни Лайсро рафъ намояду худи ӯро асир гирифта, барои ҷазо ба Бағдод фиристад ва ба узру омурзиши ӯ ноил гардад. Маҳз сиёсати адолатпешагӣ ба Исмоили Сомонӣ имконият дод, ки дар сарзамини дар натиҷаи задухӯрдҳои дохилӣ харобу парешонгардида давлати бузургеро ташкил диҳад. Исмоили Сомонӣ ташкилотчии моҳир ва сиёсатмадори беҳамто буд. Ӯ тавонист, ки ҳуҷумҳои бешумор ва пай дар пай муттаҳидаи туркони кӯчманчии тохтутозгарро зада гардонда, онҳоро дар лонаашон асир гардонад.

Давлати Сомониён маҳз дар давраи ҳукмронии Исмоили Сомонӣ аз тобеияти хилофати араб пурра озод гардида, истиқлолияти том ва соҳибихтиёрии мутлақро ноил нардид. Исмоили Сомонӣ тавонист, ки ин давлатро ба давлати мутамарказонидашуда, ободу зебо ва дар миқёси ҷаҳон бонуфузу боэътибор табдил диҳад.

Дар ин сарзамин халқу миллатҳои гуногунзабон ва гуногунмаҳзаб дар иттиҳоди байниҳамдигарӣ дӯстона ҳаёт ба сар мебурданд. Ҳудуди давлати Сомониён дар шимол то дарёи

Талас тӯл кашида, дар ҷануб ва ғарб сарзамини Хуросон, вилоятҳои шимоли Афғонистони имрӯза ва Эрони шарқиро дар бар мегирифт.

Тарзи давлатдории Исмоили Сомонӣ минбаъд аз тарафи дигар амирони Сомонӣ идома дода мешавад. Масалан, дар давраи ҳукмронии Насри II Сомонӣ низоми давлатдорие, ки Исмоил оғоз карда буд ба як тартибу низоми муайян дароварда мешавад. Дар кишвар сохторҳои давлатӣ таъсис дода шуда, функсияҳои ҳар кадоми онҳо амиқ муайян карда мешаванд. Дар натиҷа кишоварзию иқтисодиёт рӯ ба беҳбудӣ меорад ва касбу ҳунар, илму адаб, санъату фарҳанг рушд меёбанд. Дар ин давра анъанаҳои мардумӣ ҷорӣ гардида, забони модарӣ ва адабиёти тоҷик хеле инкишоф меёбанд.

Шаҳрҳои бузурги Бухоро, Самарқанд, Балх, Марв, Нишопур, Хуҷанд, Бунҷикат, Хатлон ба марказҳои тамаддуни халқи тоҷик табдил ёфта буданд. Дар пойтахти давлати Сомониён – шаҳри Бухоро аз тамоми гӯшаю канорҳои мамлакат олимону шоирон, рассомону санъаткорони зиёде гирд омада буданд.

Дар давраи Сомониён мусиқии халқи тоҷик хеле нашъунамо ёфта буд. Санъаткорон дар жанрҳо ва шаклҳои гуногуни мусиқӣ (тантананокӣ, ҳарбӣ, лирикӣ, мотамӣ) асарҳо эҷод мекарданд.

Дар мусиқии тоҷик навъҳои гуногуни созҳои мусиқӣ (торӣ, нафасӣ, зарбӣ) паҳн мегарданд, сурудҳо ва оҳангҳои нав ба нав эҷод мешаванд. Дар эҷодиёти шоирон ва олимони номоён Рӯдакӣ, Сино, Абӯҳафси Суғдӣ, Абулаббоси Бахтиёр ва дигарон асосҳои назарияи санъати мусиқӣ бунёдгузорӣ мешавад.

Дар давраи Сомониён бинобар сабаби рушди шаҳрсозӣ ва инкишофи сохтмони коххо, кӯшкҳо, мақбараҳо ва масҷидҳо санъати меъморӣ, монументалӣ, ороишӣ, кандакорӣ, наққошӣ, гилкорӣ ба таври васеъ ривоҷ меёбанд. Ҳамин гуна пешравӣ дар соҳаҳои кулолгарӣ, техникӣ ва бадеӣ низ мушоҳида карда мешуд.

Ҳамин тавр, агар асри IX дар таърихи халқи тоҷик давраи эҳёи иқтисодӣ ва фарҳангӣ бошад, пас асри X давраи рушду нумӯи муносибатҳои феодалӣ, устуворгардии давлати мутамарказ, шукуфоии қувваҳои истеҳсолкунанда, пешравии иқтисодиёт, рушди фарҳангу ҳунар, адабиёт, илму маърифат

маҳсуб мешавад. Вале мутаассифона, дар охирҳои асри X давлати Сомониён ба зиддиятҳои дохилидарборӣ, талош барои тоҷу тахт, ҷоҳу мансаб рӯ ба рӯ мегардад. Аз ин истифода бурда, феодалони маҳаллӣ зулму истисмори халқро дучанд зиёд мекунанд. Ин бошад эътирози халқро ба вуҷуд оварда, боиси ҳукмрон гардидани бенизомӣ дар кишвар мегардад. Вазъияти ба амаломада иқтидори давлатро заиф намуда буд. Аз ин вазъият истифода бурда, соли 999 аз тарафи шимол қабилаҳои туркони Қарахонӣ бо сарварии Наср ва аз тарафи ҷануб Султон Маҳмуди Ғазнавии турк ба давлати Сомониён ҳуҷум мекунанд ва ба мавҷудияти он хотима мебахшанд.

Аз ҳамин вақт сар карда, дар сазамини тоҷик ҳукмронии туркон огоз меёбад.

Тоҷикон дар давраи Сомониён дар ҳаёти иқтисодӣ, фарҳангӣ ва миллии худ ба комёбиҳои зиёди назаррас ноил гардида буданд.

## Инкишофи шаҳрҳо

Нишонаи мустаҳкамшавии сохти феодалӣ дар асрҳои IX-X ташаккули пурраи шаҳрҳои феодалӣ буд. Дар замони Сомониён густаришёбии шаҳрҳо гуногун буд. Баъзе шаҳрҳо дар дохили шаҳристонҳо васеъ шуда, аз доираи вай ҳам берун мебаромаданд. Дигар шаҳрҳо дар заминаи работҳо ривоҷ ёфта, намуди навро мегирифтанд. Гурӯҳи сеюми шаҳрҳо бевосита аз шаҳрҳои кӯҳна пайдо мешуданд. Яке аз шаҳрҳои он замон Бухоро аз се қисм – арк, шаҳристон ва работ иборат буд.

Шаҳристон маркази иқтисодӣ – сиёсӣ буда, дар он ҷо бозор, гузари ҳунармандон, корвонсаройҳо, масҷиду мадрасаҳо, қасру кушкҳо ҷойгир буданд. Дар қисми Регистон бошад, дарбори амир, биноҳои девонҳо бунёд шуда буданд. Берун аз девори Шаҳристон дар се тарафи дигар дӯконҳои атторон, бозорҳо, меҳмонхонаҳо, гузаргоҳҳои тоҷирону ҳунармандон работро ташкил медоданд. Работ девор ва ёздаҳ дарвоза дошт. Кӯчаҳои Бухоро сангфарш буда, иморатҳо аз хишт, килк ва чӯб сохта мешуданд.

Маркази иқтисодӣ-сиёсӣ аз шаҳристон ба работҳо кӯчид ва работҳо дар ташкили шаҳрҳои феодалӣ нақши махсус доштанд. Бо ин роҳ шаҳрҳои Самарқанд, Марв, Нишопур ва ғайра пеш мерафтанд. Дар ин шаҳрҳо қасрҳои боҳашамати феодалон, корчаллонҳо, савдогарон, рӯҳониён, арбобони давлатӣ,

биноҳои маъмурӣ, масҷиду мадраса, хонакоҳу ҳаммомҳо сохта шуда буданд.

Шаҳрҳо бо ёрии корезҳо, қубурҳои сафолин, наҳрҳои зеризаминӣ ва ҳавзҳои сунъӣ аз об таъмин карда мешуданд. Ба тозагӣ қатъиян риоя карда мешуд. Шаҳрҳои Осиёи Миёнаи он давра назар ба шаҳрҳои Аврупо пешрафта буданд. Дар Самарқанду Марв то 200 ҳазор аҳолӣ иқомат мекарданд. Сармоядорон ва ашхоси савлатманди шаҳрҳо дар деҳот ҳам соҳибони мулку заминҳои зиёд буданд. Масалан, рӯҳониён дар шаҳр соҳиби раста ва дуконҳои савдоӣ буда, дар деҳот заминҳои зиёде доштанд.

Теъдоди асосии шаҳриёнро ҳунармандон ташкил дода, дар гузарҳои кулолгарон, заргарон, чармгарон, бофандагон, оҳангарон, чӯбтарошон ва ғайра сукунат доштанд. Ҳунармандоне, ки побанди феодалон буданд метавонистанд худро аз феодал харида озод кунанд. Дар ҳунармандӣ тақсимоти табақавӣ ва меҳнат ҳукмфармо буд. Косибон ба устод - хӯҷаин, муздвор – ёрдамчии устод ва шогирд тақсим мешуданд. Дар ҳунармандӣ меҳнати занон ва мардикоронҳам истифода мешуд. Густариши тиҷорат ва ҳунармандӣ раванди аз кишоварзӣ ҷудо шудани чорводорию ҳунармандиро тезонид.

Аз нимаи аввали асри X сар карда, дар Осиёи Миёна тарғиботи таълимоти Қарматӣ оғоз ёфта буд. Ин таълимот дар заминаи ҳаракатҳои зидди феодалии деҳқонон ва бодиянишинони вилоятҳои марказии хилофати араб дар нимаи дуюми асри IX пайдо шуда, баъдтар дар дигар вилоятҳо низ паҳн гардид.

Бисёр намояндагони пешқадами илму адаби ҳамон замони тоҷик – Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Сино ва дигарон ба таълимоти қарматиён то андозае таваҷҷӯҳ доштанд. Дертар қарматиён бо исмоилиён омехтанд.

## Иқтисодиёт дар замони Сомониён

Ҳаёти осоишта, истиқлолият, аз байн рафтани таҳдиди бодиянишинони турк, идоракунии бонизоми давлат сабаби инкишофи мамлакат гардид. Барои обёрӣ аз дарёҳои Омӯ, Сир, Зарафшон, Мурғоб, Руди Пур, Қашқадарё, Вахш, Кофарниҳон, Сурхоб, Сафедоб, Хингоб истифода мешуд. Ин гуна *иншоотҳо* дар ҳудуди Самарқанд наҳр ва дарготҳои бузурги Ғубор,

Бузмаҷон, Синавоб, Иштихон, Фай дар ҳудуди Бухоро Шоҳрӯд, Карминa, Шопурком, Харканрӯд, Хитфар, Самҷен ва ғайра заминҳои зархези водии Зарафшонро шодоб мекарданд. Аз рӯду чашмаҳои кӯҳӣ, обанбору корезҳои сунъӣ низ васеъ истифода бурда мешуд.

Кишоварзон гандум, ҷав, биринҷ, арзан, лӯбиё, маҳсар, зағир, пахта ва дигар зироатҳоро парвариш мекарданд. Кирмакпарварӣ ҳам тараққи карда буд. Дар боғҳо зардолӯ, шафтолӯ, себ, нок, биҳӣ, олуча, гелос, анор, анҷир, чормағз, бодом, ангурҳои гуногун ва шаҳдин парвариш мешуданд. Навъҳои гуногуни харбуза, тарбуз ва меваи хушк аз неъматҳои беҳтарини деҳқонон буданд. Шуғли писандидаи тоҷикон чорвопарварӣ ҳам буд. Дар нақлиёт ва рӯзгор аз асп, хар, хаҷир, уштур ва қутосу барзаговҳо истифода мешуд. Рамаҳои зиёди бузу гӯсфанд, пода ва галлаҳои сершумор дар чарогоҳҳо нигоҳубин карда мешуданд.

Истифодаи маъданҳои кӯҳӣ ба монанди сангҳои қиматбаҳои лаъл, дур, лоҷвард, булур, нуқра, фирӯза, марворид, тилло, гаҷ, оҳан, мис, қалъагӣ, биринҷӣ, нашатир, мум, симоб, ангиштсанг, нафт, намак, қурғошим, мармар, зок, замч, ақиқ, нилум ва кварц ба роҳ монда шуда буданд.

Корхонаҳои фулузӣ дар Фарғона, Хуҷанд ва Истаравшан (яроқ, олоти кишоварзӣ, зарфҳо), Нишопур (сӯзан, корд), Ҳирот (шамшери пӯлодин), Тирмиз ва дигар ҷойҳо мавҷуд буданд. Техникаи коркарди фулузот ҳам пеш рафта буд.

Кулолгарони сеҳрофарини Самарқанд, Марв, Нисо, Балх, Тирмиз, Ҳулбук, Мунк, Дарвоз, Рашт, Хуҷанд, Пайканд, Варахша ва дигар шаҳрҳо зарфҳои зебову нозук меофариданд. Зарфҳои рӯзгор ва ороишӣ хеле маъмул буд. Ҳунари волои шишасозӣ ва аз шиша сохтани чизҳои зарурии рӯзгор дар Тирмиз, Марв, Ҳулбук, Афросиёб, Варахша, Хуҷанд, Мунк, Ҳаловерд (Қурғонтеппа) рушду нумӯъ ёфта буд.

Пешрафти кишоварзию саноат ва ҳунармандӣ савдои дохилӣ ва берунӣро ривоҷ бахшид. Хусусан савдо бо бодиянишинони чорводор пеш рафта буд. Бозорҳо, дукону растаҳои тоҷирони маҳаллию хориҷӣ хеле афзуда буданд. Бозор ва тиҷорат дар Бухоро, Самарқанд, Банокат, Хуҷанд, Тирмиз, Балх, Ҳирот, Марв, Нишопур ривоҷ ёфта, ин шаҳрҳоро ба мар-

кази мубодилаи моли кишварҳои Шарқу Ғарб табдил ёфта буданд.

Осиёи Миёна маркази ярмаркаҳои тиҷоратӣ ҳам буд, Корвонҳои тоҷирони Осиёи Миёна ба сӯи Аврупо, Муғулистон, Чин, Эрон, Қафқоз, Бағдод, Бобулистон рафтуомад доштанд. Барои таъмини бехатарии корвонҳо дар сари роҳҳо бандҳо (заставаҳо) сохта шуда буданд. Боҷгирӣ ба хазина даромади калон меовард. Дар муомилоти молӣ-пулӣ тангаҳои тиллоӣ, нуқрагӣ ва мисӣ (дирамҳои исмоилӣ) истифода мешуданд. Ин тангаҳо асосан дар савдои байналхалқӣ дар муомилот буданд.

Марказҳои сикказанӣ Бухорою Самарқанд, Балху Нишопур, Хатлону Уструшан буданд. Савдогарон тангаҳоро бо кӯмаки саррофон ба чекҳо иваз карда метавонистанд.

## Илму фарҳанг ва адабиёт.

Асрҳои IX-X замони шукуфоии илму фарҳанги халқи тоҷик буд. Эҳёи нави маданияти халқи тоҷик дар замони Тоҳириён ва гул-ғулшукуфии он дар даврони Сомониён рух дода буд.

Забони тоҷикӣ (форсӣ-дарӣ) забони арабиро дар корҳои давлатию адабиёти бадеӣ, назму наср ва қисман дар илм танг карда баровард. Сомониён дар дарбори худ шоирон, олимон, адибу санъаткоронро гирд оварда, машҳури ҷаҳониён гашта буданд. Дар ин кор саҳми вазирони орифи Сомонӣ Балъамӣ ва Ҷайҳонӣ хеле бузург буд. Шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Балх, Марв, Нишопур, Ҳирот, Хуҷанд, Ҳулбук ва ғайра марказҳои асосии илму фарҳанг ба ҳисоб мерафтанд.

Дар Бухоро саромадони забардасти илму фарҳанги тоҷик ба дунё омада, бузургтарин асарҳои илмию адабӣ ва ёдгориҳои мӯҳташами меъмориву кандакориро офариданд. Дар китобхонаи Сомониён «Савонеҳ-ул-Ҳикмат» («Ганҷинаи Ҳикмат») нодиртарин асарҳои илмӣ-адабӣ, санъат ва ғайра маҳфуз буданд, ки аз онҳо Абӯалӣ ибни Сино истифода кардааст. Бозори китобфурӯшӣ низ дар авҷ буд. Дар шаҳрҳои он давра теъдоди мадраса ва масҷидҳо кам набуд. Ҳаракати шуубия алайҳи ҷаҳолатпарастони араб идома меёфт.

Дар асарҳои офаридаи уламо ва удабои он замонҳо зиндагии заҳматкашон акс нашудааст. Вале ҳаёту маишат ва

рӯзгори аъёну ашроф санохонӣ шудаанд. Дар асрҳои IX-X афкори ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва фалсафии халқи тоҷик хеле пеш рафта буд. Ба ин фалсафаи Эрон, Ҳиндустон, Арабистон ва Юнон таъсири хуб расонида буд. Мавқеъ ва мақоми равияҳои фалсафӣ ва ҷараёнҳои фалсафӣ ба мисли исмоилия, қармат, тасаввуф дар эҷодиёти мутафаккирони халқи тоҷик мавқеи хоса дошт. Бузургтарин файласуфони халқи тоҷик дар он замон Розӣ, Абӯнаср Форобӣ ва Абӯалӣ ибни Сино буданд.

**Абӯалӣ Ҳусайн ибни Абдулло ибни Сино.** Абӯалӣ ибни Сино соли 980 дар деҳаи Афшанаи наздикии Бухоро таваллуд ёфта, баъдтар бо аҳли оила ба шаҳри Бухоро кӯч бастаанд. Дар ин ҷо мактабхонӣ карда, дилбохтаи фалсафа, тиб, мусиқӣ, санъат ва назму наср гардид. Баъди сарнагун шудани давлати Сомониён зери таъқиби шоҳ Маҳмуди Ғазнавии турк ба Хоразм, Хуросон ва шаҳрҳои мухталифи Эрон ҳиҷрат карда, баъди касалии вазнин 10 июни соли 1037 дар Ҳамадон вафот кард. Абӯалӣ ибни Сино дар тиб, фалсафа, мантиқ, ахлоқ, равоншиносӣ, риёзиёт, тасвири олам, кимиё, ботаника, забоншиносӣ, мусиқӣ ва дигар илмҳо асарҳои зиёде офаридааст. Асарҳои оламшумули ӯ «Китоб-уш-шифо», «Ал-қонун – фиттиб», «Донишнома» ва ғайра ӯро машҳури ҷаҳон гардонидаанд.

Вай энсиклопедисти замонаш буд. Ӯ асосан дар се соҳаи илм хизматҳои шоён кардааст: тиб, фалсафа ва адабиёт. Асари ӯ дар соҳаи тиб «Қонуни илми тиб» мебошад, ки энсиклопедияи тиббӣ маҳсуб шуда, дар тӯли асрҳо китоби рӯимизии табибони Шарқу Ғарб буд. Аз 200 асари илмии Абӯалӣ ибни Сино 50-тоаш ба фалсафа бахшида шудаанд, ки дар байни онҳо «Донишнома» ва «Китоб-уш-Шифо» ҷои намоёнро ишғол менамоянд. Дар соҳаи адабиёт ҳам Абӯалӣ ибни Сино як қатор асарҳо навиштааст, ки характери фалсафӣ, тиббӣ ва этникию ахлоқӣ доранд. Фалсафа ба ақидаи Абӯалӣ ибни Сино илм дар бораи умуман ҳастӣ мебошад. Вай фалсафаро ба се қисм яъне, физика (таълимот дар бораи табиат); мантиқ (илм дар бораи роҳи донистани табиат ва инсон) ва метафизика (илм дар бораи роҳи донистани ҳастӣ умуман) тақсим мекунад.

Абӯалӣ ибни Сино яке аз донандагони хуби фалсафаи Арасту буд. Ҳамчун олим, табиб ва табиатшинос ӯ мавҷудияти объективии табиатро эътироф мекард.

Сино олами материалиро абадӣ медонист. Аз ин рӯ, баъзе догматикҳои дини ислом Абӯалӣ ибни Синоро «кофир» ва «бедин» эълон карда, таъқиб мекарданд. Сино тарафдори ақидаҳои дуалистии Арасту буд.

**Муҳаммад Абубакри Розӣ** (Закариёи Розӣ солҳои 864-925). Закариёи Розӣ яке аз машҳуртарин олимони замони худ буд. Ӯ оид ба фалсафа, тиб, кимиё як қатор асарҳои илмӣ таълиф намудааст. Асарҳои машҳури ӯ «Тибби рӯҳӣ», «Сиратул фалсафа», «Қонунҳои табиии фалсафа», «Мулоҳизаҳо дар бораи вақт ва фазо» мебошанд, ки дар онҳо таълимоти фалсафии худро баён кардааст. Аз ҷумла, ба ақидаи ӯ Офаридгор, рӯҳи умумӣ, фазои мутлақ ва вақти мутлақ асоси оламро ташкил медиҳанд. Дар таълимоти худ Закариёи Розӣ материяро бо ҳамаи хусусиятҳояш бо Худо баробар нишон медиҳад, ки дар ҳамон вақт ин таълимот аҳамияти бузург дошт. Ӯ ҳаракатро хосияти материя мешуморид. Мутафаккир масъалаи асосии фалсафаро аз мавқеи материалистӣ ҳал менамояд. Дар баробари ин Закариёи Розӣ дар таълимоти худ ба идеализм ҳам гузаштҳо кардааст. Масалан, ӯ чунин мешуморид, ки чизҳои материалӣ ва умуман табиат, ба монанди Офаридгор – Худо табиатан якбора пайдо шудаанд. Баъдтар мутафаккирони бузурги Европа Голбах, Гелветсий ва Фейербах дар ин бора муҳокимаронӣ кардаанд.

Файласуфи маъруфи дигари он замон **Ал-Форобӣ** (Абунаср Муҳаммад ибни Тархон Форобӣ солҳои 870-950) буд. Ӯ математик, табиб ва файласуфи бузурги замонаш ба шумор мерафт. Вай тафсиргари асарҳои Арасту буд, аз ин рӯ, лақаби «шореҳ» ва «тафсиргар»-ро гирифта буд.

Мутафаккир масъалаи асосии фалсафаро ба таври идеалистӣ ҳал карда буд. Мисли дигар мутафаккирони асримиёнагӣ Форобӣ Худовандро сабаби асосии ҳастӣ мешуморид. Олами моддӣ, ба ақидаи Форобӣ аз шаш унсур иборатанд, ки инҳоянд: элементҳои оддӣ, минералҳо, растаниҳо, ҳайвонҳо, инсон ва ҷисмҳои осмонӣ. Вай чунин мешуморид, ки сарчашмаи дониш органҳои ҳис мебошанд ва олам донисташаванда аст.

Дигар олими машҳури асри IX-и тоҷик **Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Мусо-ал-Хоразмӣ** буд. Ӯ асарҳояшро асосан дар академияи илмҳои Бағдод эҷод кардааст. Ал-Хоразмӣ ба

илми риёзии ҷаҳонӣ тартиби ҳисобкунии ҳиндӣ ва асосҳои алҷабрро дохил намуда, дар риёзиёт давраи навро кушод. Дар соҳаи нуҷум ал-Хоразмӣ ҷадвалҳои пуркимате тартиб дода буд, ки онҳо асоси корҳои илмии мунаҷҷимони баъдинаи ҷаҳон гардиданд. Ӯ илми алгебраро ҳамчуи шохаи нави математика ба вуҷуд овард. Ал-Хоразмӣ ҳамчун табиатшиноси машҳур якчанд асарҳо, махсусан «Ҷадвалҳои астрономӣ» «Нишонаҳои шакли замин», «Рисолаи соатҳои офтобӣ»-ро навишт, ки онҳо баъдтар ба забони лотинӣ чоп шуда, мутафаккирро дар Ғарбу Шарқ машҳур гардониданд. Асарҳои мутафаккир дар ташаккули тафаккури фалсафии мутафаккирони ояндаи ҷаҳон кӯмаки калон расонидаанд.

Олимони машҳури он замон риёзидонҳо Аҳмад ибни Абдулло ал-Марвазӣ, Абулҳасан Алӣ ибни Аҳмад ал-Насавӣ, мунаҷҷимони машҳур Ҷаъфар ибни Муҳаммади Балхӣ, Абулаббос ал-Фарғонӣ, Абулмуҳаммади Хуҷандӣ ва дигарон буданд. Абулмуҳаммади Хуҷандӣ ихтироъкунандаи асбоби зовиясанҷии радиусаш 40 метра буда, он дар расадхонаи Улуғбек ба таври васеъ истифода шудааст. Дар соҳаи ҷуғрофия асарҳои Аҳмад ибни Муҳаммад ал-Сарахсӣ, ал-Марвазӣ, ал-Балхӣ асоси асарҳои ҷуғрофияшиносони араб – Истахрӣ, ибни Ҳауқал, Муқаддасӣ ва дигарон гардидаанд. Хусусан асарҳои ал-Балхӣ «Сурати иқлимҳо», «Намуди мамлакатҳо», «Тақсимоти шаҳрҳо» хеле машҳур буданд.

Вазири бомаърифати Сомониён Ҷайҳонӣ дар асарҳои ҷуғрофии худ тасвири дунё, гуфторҳо оиди офариниши олам, тасвири даррандаҳо, шаҳрҳо, пойтахтҳо, баҳрҳо, дарёҳо, иқлимҳо, халқҳо ва ғайраро додааст. Асари ҷуғрофии муаллифи номаълуми асри X «Ҳудуд-ул-олам», ки бо забони тоҷикӣ навишта шудааст аз беҳтарин асарҳои ҷуғрофӣ буда, бидуни маълумотҳои нодири ҷуғрофӣ, боз роҷеъ ба масоили савдо, кишоварзӣ, касбу ҳунарҳои мардумӣ хабар медиҳад. Инкишофи илми тиб, саноати кӯҳӣ, истеҳсоли рангҳо, шиша, қоғаз ва коркарди пӯст ба густариши илми кимиё сабаб шудаанд.

Олими машҳури соҳаи кимиё Ҷобир ибни Ҳайан (Гебер)-ро дар Ғарб падари алхимия медонанд.

Асарҳои Абӯбакри Бухороӣ «Ҳидоят-ул-муталлимин», «Китоби набз» ва «Китоби ташрих» («Анатомия») бо забони тоҷикӣ иншо шуда, ба анатомия, физиологияи одам ва касалиҳою

усулҳои табобати онҳо маълумотҳои умумӣ медиҳанд. Олимони дигари соҳаи тиб ва кимиё Ҳаким Майсарӣ, Абумансур ал-Ҳиравӣ ва сарвари онҳо Абӯалӣ ибни Сино буданд.

Дар қатори олимони табиатшинос олимони соҳаҳои таърих, забон ва ғайра кам набуданд. Хусусан, асарҳои муаррихон Абӯабдулло Муҳаммад ал-Ахборӣ (Таърихи Сафдориён), ас-Саломӣ («Таърихи ҳокимони Хуросон»), Абӯбакр Наршахӣ («Таърихи Бухоро»), Муҳаммад Балъамӣ «Таърих ар-русул вал-мулук» дорои аҳамияти бузурги таърихӣ мебошанд. Таърихдонҳои дигари он замон Аҳмад ал-Фарғонӣ, Абӯмуайади Балхӣ, Абӯабдулло ал-Хоразмӣ ва дигарон буданд.

Замони Сомониён давраи равнақ ва нашъунамои забону адабиёти тоҷик буд. Забони тоҷикӣ забони умумихалқӣ ва забони илму адаб гардида буд. Бо ин забон шоирони асри IX Ҳаким Абӯҳафси Суғдӣ, Ҳанзалаи Бодғисӣ, Муҳаммад бинни Васиф (асосгузори қасидасароӣ), Бассоми Курд, Фирӯзи Машриқӣ, Абӯсалҳи Гургонӣ шеърҳо гуфтаанд.

Дар асри X адабиёти тоҷик гул-гул шукуфт. Худи Сомониён, ҳокимону вазирони онҳо аз қабили Тоҳир ибни Фазли Чағонӣ, Амир Абулмузаффари Чағонӣ, Ҷайҳонӣ, Абулфазли Балъамӣ, Абӯалии Балъамӣ, ки шоиру адабиётдӯст буданд, дар пешрафти адабиёти тоҷик саҳми босазои худро гузоштаанд. Адабиёти нодир тарҷума ва гирд оварда мешуд. Шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Марв, Ҳирот, Балх, Чағониён, Нишопур марказҳои адабӣ гардида буданд.

Дар асри X шоирон Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абӯшукури Балхӣ, Абӯтоҳир Хусравонӣ, Хаббозии Нишопурӣ, Маъруфи Балхӣ, Шокири Бухороӣ, Истиғнои Нишопурӣ, Турки Киштӣ, Абӯмуайяди Балхӣ, Равнақии Бухороӣ, Дақиқӣ, Киндӣ, Кисоии Марвазӣ ва дигарон дар ганҷинаи адабиёти тоҷик ҳиссаи бузург гузоштаанд. Онҳо дар офаридаҳои худ ҳақиқати ҳаёт, зиндагии дарбор, воқеаҳои таърихӣ, ишқу муҳаббат, ахлоқ, хирадмандӣ, накӯкорӣ, зебоиҳои табиат ва шириниҳои зиндагиро сурудаанд. Шаклҳои маълуми назми асри X тоҷик аз қасида, маснавӣ, ғазал, рубоӣ, қитъа ва ғайраҳо иборат буданд.

Дар байни шоирони асри X **сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик устод Абӯабдулло Ҷаъфар бинни Муҳаммади Рӯдакӣ** ҷои аз ҳама намоёнтарро ишғол менамояд. Рӯдакӣ соли

858 дар деҳаи Рӯдак-и шаҳри Панҷакенти имрӯза ба дунё омада, соли 941 дар ҳамон ҷо вафот кардааст. Истеъдоди баланди шоирӣ, ромишгарӣ ва овози форам Рӯдакиро ба дарбори Сомониён овард, ки зиёда аз нисфи умрашро дар он ҷо гузаронд. Рӯдакӣ на танҳо шоири моҳир, балки донишманди бузург низ буд.

Рӯдакӣ ғайр аз қасида, рубоӣ, ғазал, қитъа, якчанд маснавӣ ба монанди «Калила ва Димна», «Даврони офтоб», «Синбоднома» ва монанди инҳоро навиштааст. Ӯ дар асарҳои худ ҳаётдӯстӣ, инсонпарварӣ, зебоиҳои табиат, ақлу хирад, мардонагӣ ва накӯкориро месарояд. Дар шароити иҷтимоӣ-сиёсии ҳамон давра Рӯдакӣ хушбахтии инсонро дар аз худ намудани илму маърифат медид. Барои фикрҳои пешқадам Рӯдакӣ аз дарбор ронда шуда буд. Шоири забардаст охири умрашро дар бенавоию мӯхтоҷӣ дар байни халқ дар диёри худ гузаронидааст. Дигар шоири намоёни форсу тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ буд.

**Абулкосим Фирдавсӣ**. Шоири забардасту ватандӯст, офарандаи эпоси қаҳрамонии форсу тоҷик Абулқосим Фирдавсӣ соли 941 дар Тӯс аз оилаи заминдор ба дунё омада, соли 1020 вафот кардааст. Фирдавсӣ тамоми донишҳои замони худ, бахусус таърихи форсу тоҷикро азхуд карда, ҳамчун донандаи хуби забони форсӣ ва арабӣ дар тӯли 30 соли заҳмат асари безаволи худ «Шоҳнома»-ро дар ҳаҷми 60 ҳазор байт эҷод кардааст. Ин шоҳасарро Султон Маҳмуди Ғазнавии турк написандид ва ҳатто барои дастгиру ҷазо додани Фирдавсӣ фармон ҳам дода буд.

Дар «Шоҳнома» Фирдавсӣ ҳаёти асотирӣ ва таърихии халқҳои эронинажодро тасвир намуда, воқеаҳоро ба ҳаёти замонаи худ наздик ва алоқаманд кунонидааст. Ӯ ҳамчун шоҳиди воқеии ҳодисоти таърихии замонааш гоҳ аз номи қаҳрамонон ва гоҳ аз номи худаш муносибаташро нисбат ба он воқеаҳо баён кардааст. Замони Фирдавсӣ даврае буд, ки мавҷудияти давлати Сомониёнро ҳуҷумҳои душманони хориҷӣ ва муборизаҳои байнихудии дохилӣ дар зери хатар гузошта буданд. Дар чунин вазъият ғояҳои ҳимояи ватан, садоқат ба он, муттаҳидшавӣ, қаҳрамонӣ ва далерӣ, ки дар «Шоҳнома» инъикос ёфтаанд аҳамияти калони ватанпарварӣ доштанд. Дар «Шоҳнома» ҳаёти осоишта ва меҳнати одамон дар ҷои аввал гузошта шуда-

аст. «Шоҳнома» монанди асарҳои «Одиссея» ва «Иллиада» ганҷи бебаҳоест ба хазинаи маданияти ҷаҳонӣ.

Дар асрҳои IX-X назм бо мусиқӣ иртиботи ногусастанӣ дошт ва назарияи мусиқӣ ба вуҷуд омада буд. Яке аз ромишгарону овозхонони маъруф Рӯдакӣ якчанд асбоби мусиқӣ, аз ҷумла, ӯд, чанг ва барбадро моҳирона менавохт. Рӯдакӣ асбоби мусиқӣ – ӯдро ихтироъ карда, ду оҳанги классикӣ – тарона ва уфарро ба вуҷуд овардааст. Шоирон –навозандагон Абӯҳафси Сугдӣ, оҳангсоз Абӯсолиқ, шоир ал-Хуросонӣ, чангнавоз Лукари Чангзан, ромишгар Абулаббос Бахтиёр, тамбурчӣ Алибегӣ, найнавоз Зилзили Резӣ, найнавоз Исои Барбатӣ, сарояндаи хушовоз Ситти Заррина ва дигарон устодони моҳири санъати он давра буданд.

Дар соҳаи назарияи мусиқӣ Абуалӣ ибни Сино чор асари махсус навиштааст, ки яке аз онҳо «Рисолаи мусиқӣ» аст. Дар «Донишнома» ва «Китоб-уш-шифо» ба мусиқӣ бобҳои махсус бахшидааст. Ӯ ба ҷои мусиқии якаовозаи қадимӣ мусиқии дуовозаро дар мусиқии халқӣ ҷорӣ намуд. Абӯалӣ ибни Сино сурнай ва ғижжакро ихтироъ кардааст. Мусиқӣ дар ҳаёти шахсӣ, ҷамъиятӣ, сиёсӣ, динӣ, иду хурсандиҳо ва рӯзҳои гаму мотам истифода бурда мешуд.

Дар асрҳои IX-X оҳангҳои мусиқии достонӣ, суруд, тарона, хусравонӣ, ушшоқ, рост, бода, ироқ, зерафканда, бӯсолиқ, сипоҳонӣ, наво, баста ва ғайра иҷро карда мешуданд. Танбӯр, рубоб, чанг, барбат (панҷтор), руд, най, сурнай, шоҳнай, шоҳруд, шайпур, карнай, даф (дойра), табл ва дигар асбобҳои мусиқӣ мавҷуд буданд ва ба таври васеъ истифода бурда мешуданд. Халқи тоҷик дар ин давра сарояндагон, навозандагон, ромишгарон, назариётчиёни мусиқӣ, асбобҳои гуногуни мусиқӣ, оҳангсозони зиёдеро ба вуҷуд овард, ки мусиқии классикии тоҷикро аввал дар шакли «Дувоздаҳ мақом» ва дертар дар шакли «Шашмақом» дар асоси анъанаи қадимаи худ мураттаб сохта, онро минбаъд такмилу инкишоф дод.

Ҳамин тавр, дар давраи ҳукмронии Сомониён Мовароуннаҳру Хуросон ба марказҳои муҳими илму фарҳанги халқи тоҷик табдил ёфта буд. Илму фарҳанги халқи тоҷик аз машриқ то ба мағриб паҳн гашта, дар дилу дида ва ҳаёти халқҳои ҷаҳон мавқеъ ва мақоми хоса пайдо карда буд.

**Ташаккулёбии халқияти тоҷик.** Раванди ташаккулёбии халқи тоҷик ҳанӯз хеле барвақт, пеш аз ҳуҷуми арабҳо ба Хуро-

сон ва Варорӯд ба вуҷуд омада буд. Вале истилои арабҳо ин равандро суст карда, ба қафо партофт. Пайдоиши давлатҳои Тоҳириён, Саффориён ва Сомониён вазъиятро ба куллӣ тағйир дод. Дар замони Сомониён тоҷикон умумияти томи забонӣ, ҳудудӣ ва маданӣ пайдо карда, сокинони вилоятҳои мухталиф бо ҳамдигар алоқаи зичи иқтисодӣ доштанд. Аҷдодони халқи тоҷик бохтариҳо, тахориҳо, суғдиҳо, хуросониҳо, фарғонагиҳо, хоразмиҳо, портҳо ва маргиёниҳо мебошанд. Хиониҳо, кидориҳо ва ҳайтолиён низ ҷузъиётҳои муҳими ташаккулдиҳандаи халқияти тоҷиканд. Баъзе турку арабҳо ҳам ба ҳайати тоҷикон ворид шуданд. Ҳайтолиён тоҷиконро аз асорати Сосониён ва туркҳо паноҳ дошта, дар ҳудуди ватани аҷдодии тоҷикон як давлати марказиятнок ташкил доданд ва ба ҳуввияти тоҷикӣ қувва бахшиданд.

Забони тоҷикӣ дар асоси лаҳнҳои бохтарӣ, суғдӣ, сакоӣ, портӣ ва асосан дарии Хуросонӣ дар асри IV-VI ҷой ва мақоми худро пайдо карда буд. Вале дар асрҳои VII-VIII дар Суғд, Кеш, Истаравшан лаҳни суғдӣ, дар Тахористон лаҳни дарӣ забони умумимардумӣ гардида буд. Дар асри VIII дар Самарқанду Бухоро тарғиботи ислом бо забони дарӣ сурат мегирифт.

Дар асри X забони тоҷикӣ-дарӣ лаҳну лаҳҷаҳои дигарро танг карда, забони ҳукмрони давлатӣ, илмӣ ва адабӣ гардида, забони хаттӣ ва гуфтугузори тамоми тоҷикон маҳсуб мешуд. Зери таъсири он забони арабӣ танг карда шуд. Забони арабӣ дар масҷиду мадрасаҳо ва андаке дар корҳои илмӣ истифода мешуд. Мубориза озодихоҳонаи аҷдодони тоҷикон алайҳи истилогарони араб ва таъсисёбии сулолаҳои маҳаллии Тоҳириёну Сафориёну Сомониён раванди ташаккулёбии халқи тоҷикро суръат бахшид. Ба ҳайати давлати Сомониён ҳамон вилоятҳое дохил шуданд, ки аҳолиашон сирф тоҷикон буда, дорои маданияти бой, рангин ва ягона буданд. Дар ин заминаҳо дар асри X халқи тоҷик пурра ташаккул ёфт, яъне умумият ва ҷузъиётҳои забонӣ, ҳудудӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ дар ҳаёти тоҷикон мавқеъ ва мақоми муайянкунанда пайдо карданд.

# БОБИ X. ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР XI-XIII

Дар охири асри X давлати марказиятноки Сомониён дар натиҷаи ҳуҷуми аҷнабиёни чорводору саҳронишини турк, хиёнати горди туркии дарбори Сомониён, ҷангу ҷидолҳои ҳокимияти марказӣ бо ҳокимони вилоятҳо, табаддулотҳои дарборӣ ва бепарвофалакии амирони ишратпарасти вопасини Сомонӣ аз байн рафт. Ба ҷои он ҳукмронии қавму қабоили туркони кӯчӣ ва гуломони турknажоди дарбори Сомониён, ки аз нигоҳи сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз мардуми тоҷик асрҳо қафо монда буданд огоз ёфт. Ҳудуди шукуфони давлати Сомониёнро туркони Қарахонӣ, Ғазнавӣ, Салҷуқӣ, Хоразмшоҳӣ, Қарохитойи соҳиб шуданд. Баробари онҳо сулолаи тоҷикии ҷонсахт, далеру шуҷоъи Ғӯриён ба майдон омад. Умуман, кишвар ва мулки аҷдодии тоҷикон гирифтори чанголи туркони бефарҳанг гардида, пароканадаву қафомонда шуда монд. Ин огози давраи даҳшатбори бо роҳи зурӣ турккунонии тоҷикон буд.

Бо вуҷуди торочгарии аҷнабиён илму фарҳанги тоҷик аз байн нарафт.

**Шаҳрсозӣ**. Дар давраи ҳукмронии туркон чунин анъана ба расмият даромада буд, ки ҳар як хону амир кӯшиш мекард, ки тавассути шаҳрсозиҳо номи худро дар дунё абадӣ гардонад. Онҳо дар ободу зебо гардониданн Самарқанд, Бухоро, Фаргона, Марв, Тирмиз, Нишопур, Ҳирот, Балх, Ғазна, шаҳрҳои Насаф, Кеш, Ҳулбук ва гайра саҳмгузор буданд.

Ин шаҳрҳо дорои қасру боргоҳҳои бошукӯҳ, бозору дуконҳои савдогарон, раста ва гузарҳои ҳунармандон, гулгашту хиёбонҳо, ҳаммому гармобаҳои зиёд, қубурҳои обгузар, биноҳои зебои ҷамъиятӣ, хонаҳои муаззами арбобон, тоҷирон, сармоядорон, масҷиду мадрасаҳо, хонақову корвонсаройҳо ва ғайра буданд. Яке аз шаҳрҳои азими асрҳои XI-XII Самарқанд буд, ки аз шаҳр ва мавзеи атрофи шаҳр иборат буд ва дар он ҷо гузару маҳаллаҳои тоҷирону ҳунармандон ҷойгир буданд. Дар маркази шаҳр аъёну ашроф, рӯҳониён, тоҷирон, сарватмандон, олимон, арбобон зиндагӣ мекарданд. Сатҳи Бухоро 600-650 гектар, Самарқанд 630 гектар заминро ташкил медод. Да асри XI дар Бухоро 70 ҳазор, дар Самарқанд 150 ҳазор ва дар Тир-

миз 50-70 ҳазор аҳолӣ иқомат мекарданд. «Манораи калон»-и дар нимаи якуми асри XII сохташуда, ба шаҳри Бухоро шукӯҳи тоза мебахшид. Шаҳрҳои сарзамини мо аз шаҳрҳои Аврупо хубтару сераҳолитар буданд. Масалан, соли 1199 дар Лондон 40 ҳазор аҳолӣ ва дар асри XIII дар Париж 120 ҳазор кас истиқомат доштанд.

Шаҳрҳои Осиёи Миёна дар асрҳои XI- XII бо ёрии қубурҳо ва ҷӯйҳои аз хишту сафол сохташуда бо оби нӯшокӣ таъмин карда шуда, хонаҳо бо қубурҳои сафолини зерифаршии аз хишт бунёд шуда гарм карда мешуданд. Чунин усули гармидиҳӣ дар Варахша, Ҳулбук ва дигар шаҳрҳо ҷой дошт.

Ҳунар ва истеҳсоли зарфҳои кулолгарон ривоҷ ёфт. Зарфҳои сафолин хеле мунаққаш ва бо рангҳои гулоб, сурхча, сабз, сафед, зард ва нилгун сир дода, ба фурӯш бароварда мешуданд. Ба теъдоди зиёд лаълиҳо, коса, пиёла, офтоба, чарогдонҳо тайёр карда мешуданд. Устоҳои моҳир болои зарфҳо расми гулу гиёҳҳо, кабутару товус ва дигар паррандаҳоро тасвир мекарданд. Анъанаҳои аз шиша сохтани зарфҳо, оинаи тирезаҳои замони Сомониён дар асри XI- XII низ идома дошт. Марказҳои ин ҳунар чун пештара Самарқанд, Марв, Тирмиз, Ҳулбук, Фаргона буданд. Аз оҳан ва чӯян офтоба, дег, чарогдон ва лавозимоту зарфҳои зиёд тайёр карда мешуд. Гилемҳои ранга, матоъҳои алоча, шоҳӣ, парча дар марказҳои бофандагии Марв, Балх, Нишопур, Ҳирот, Тирмиз, Бухоро, Кеш, Самарқанд, Ҳулбук тавлид мешуданд. Коркарди пӯст ва аз он тайёр кардани кафш, мӯза ва маҳсиҳои хиром, чоруқ (мукӣ), зину афзоли аспу шутур, машку кутволҳо, ғилофу тасмаҳо ва ғайра ҳунари писандидаи сокинони кишвар буд. Чун дар замонҳои пеш қоғази истеҳсоли Самарқанд дар асри XI- XII ҷаҳониёнро ба ҳайрат оварда буд.

Инкишофи шаҳрҳо ва дастовардҳои кишоварзон, ҳунармандон, чорводорон дар асри XI- XII боиси инкишофи муносибатҳои тиҷоратӣ ва муомилоти молию пулӣ гардиданд. Бозорҳои Мовароуннаҳру Хуросон пур аз молҳои тавлидотии косибону ҳунармандони маҳаллӣ ва воридотии кишварҳои хориҷӣ буданд. Тоҷирон ба Осиёи Миёна бештар молҳои чиниворӣ, либоси гарм, ҷавоҳирот, рӯймолҳо оварда, аз ин ҷо ба хориҷа шоҳӣ, парча, алоча, корд, шамшер, зарфҳои гуногуни сафолин, меваи хушк, пӯсти қарокулӣ ва дигар молҳоро меба-

ровbooarданд. Дар бозорҳои ноҳиявӣ ва маҳаллӣ бештар маводи хӯрока, чорво, меваю сабзавот, маҳсули заҳмати косибон, ниҳолу хадрачаҳои,дарахтон ба фурӯш бароварда мешуд.

Инкишофи савдои дохилӣ ва хориҷӣ талаботро ба пул зиёд намуд. Сиккаҳои ғазнавӣ ва салҷуқӣ дар ҷануби Тоҷикистону Ӯзбакистон ва Туркманистон паҳн гардида буд. Сиккаҳои қарахонӣ ва хоразмӣ бошад бештар дар шимоли ин кишварҳо ёфт шудаанд. Дар муомилоти дохилӣ бештар тангаҳои нуқра ва дар савдои хориҷӣ тангаҳои тиллоӣ дар гардиш буданд. Қурби пули нуқра ва тиллои Осиёи Миёна дар бозори ҷаҳонӣ баланд буд ва ба ин сарзамин аз хориҷа молҳои зиёду хушсифат ворид мешуданд.

**Исмоилия.** Истилои Осиёи Миёна аз ҷониби хилофати араб сабабгори дар ин ҷо паҳн шудани маслакҳои гуногуни мусулмонӣ гардид. Имомати шиъа бо сардории имоми шашум Ҷаъфари Содиқ (солҳои 702-765) барои ба сари қудрат омадани хонадони Аббосиён кӯмак расонид. Дар рафти муборизаҳо Ҷаъфар душманони зиёд пайдо кард. Ин зиддият ба муборизаи дохилии шиъа оварда расонид. Дар натиҷа аз шиъа равияҳои зиёде ҷудо шуданд, ки яке аз онҳо маслаки исмоилиён буда, соли 765 таъсис ёфта буд. Дар ибтидо ин ҳаракат мамолики араб, Осиёи Миёна ва Эронро фаро гирифт. Исмоилиҳо саравлоди худ Алӣ ва Фотимаро меҳисобанд ва ҳафт имомро эътироф мекарданд, ки ҳафтумаш писари Ҷаъфари Содиқ Исмоил буд. Аввалҳо пайравони ҳаракати исмоилия тарғиботи пинҳонӣ ва дертар ошкоро мебурданд. Онҳо дар мулки арабу шимоли Африка давлати исмоилиёнро бо унвони Фотимӣ ташкил дода, дар Эрону Осиёи Миёна низ ҷонибдорони зиёд пайдо карда буданд.

Исмоилия таълим медод, ки оламро ақли кулл ҳамвора бо нафси кулл офаридааст ва вуҷудоти олам асосан ба ин ду ҷавҳари рӯҳӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, уламои ислом исмоилиёнро «кофир» хонда, сахт таъқиб мекарданд. Вале ҳаракати исмоилия дар асри XI- XII аксари мамлакатҳои Шарқро фаро гирифт. Мувофиқи таълимоти исмоилия ҳафт зинаи ҳастӣ вуҷуд дорад. Одам бо қувваи худ ба ҳақиқат намерасад ва ба таълими ақли кулл эҳтиёҷманд аст.

Шахси ба ҳалқаи исмоилия гирифторгашта бо тайёрии мукаммал аз санҷиши ҷиддӣ гузашта, қасам ёд мекунад, ки

сирру асрори исмоилияро фош намекунад, аз доираи нишондоди қоидаҳои исмоилия берун намебарояд. Ҳақиқат бо худомӯзӣ намешавад ва барои ба мақсад расидан кас бояд ба ҳалқаи исмоилия ворид гашта, даст ба домани пир занад ва аз ӯ таълим гирад. Исмоилиён баъзе расмиятҳои исломиро сарзаниш карда, онҳоро ба тарзи худ тавзеҳ медоданд. Онҳо ҳар гуна догмаҳои диниро рад карда, итминон доштанд, ки ҳар кас бояд чунин нуқтаи назареро интихоб намояд, ки ба ақли ӯ мувофиқат кунад. Охирҳои асри XI аввалҳои асри XII нишонаҳои қасосгирӣ дар ҳаракат Исмоилия назаррас шуданд.

**Қарматия.** Асосгузори ин равия Ҳамдони Қармат буда, соли 868 ба он асос ғузошт. Дар оғоз ин ҳаракат ба таври махфӣ кор мебурд ва баъди шӯриши ғуломон дар Хуросон (соли 873) ба амалиёти ошкоро гузаштанд. Роҳбари шӯриш худи Ҳамдон Қармат буд. Шӯришро хилофат соли 883 пахш кард. Ин ҳаракат пайравони зиёд дошт. Онҳо ҳомиёни мазлумон ва рӯшанфикрон буданд. Ба ин равия Рӯдакӣ, Балъамӣ, Фирдавсӣ, Абӯалӣ ибни Сино, Носири Хусрав ва дигарон пайравӣ мекарданд.

Қарматиён низ мисли исмоилиён баъзе таълимотҳои исломро қабул надоштанд. Қарматиён ба куфр айбдор карда шуда, таъқиб карда мешуданд. Дар натиҷа аз ибтидои асри X қарматия ҳамчун исмоилия ба худ шакли ниқоргириро пайдо кард. Соли 924 отряди савораи 800 нафара ва пиёдагардони ҳазорнафараи қарматиҳо ба корвони хоҷиён ҳамла оварда, 2200 мард ва 300 нафар занонро қатл карданд. Соли 930 қарматиҳо ба Макка ҳуҷум оварда, 30 ҳазор касро куште маъбуди Каъбаро мусодира карданд.

Мухолифони қарматия алайҳи ҷонибдорони ин ҳаракат чораҳои амалӣ медиданд. Ин ҳаракат охири асри XII пурра пахш карда шуд.

**ТАСАВВУФ**. Ин ҷараён дар давраи аввали ҳукмронии арабҳо пайдо шуда, аввалҳо характери зидди мустамликавӣ дошт. Асоси аҳли тасаввуфро камбағалони шаҳру деҳот ва равшанфикрон ташкил медоданд. Хилофат ва уламо аз сӯфиён хавфи калон дошта, сайъ мекарданд, ки пеши роҳи ин ҳаракатро гиранд. Хилофат бисёр пешвоёни тасаввуфро ба қатл расонид, вале ин натиҷаи дилхоҳ набахшид. Аз ин рӯ, хилофат қарор дод, ки ин ҳаракатро аз дохил сусту заъиф гардон-

да нест кунад. Дар ин бобат илоҳишинос Муҳаммад Ғазолӣ (солҳои 1058-1111) хизмати арзанда кардааст. Ӯ дар «Кимиёи саодат» ном асараш ҷавҳари назариявии тасаввуфро асоснок намуда, онро бо ислом омехта маънидод кард.

Тасаввуф дар Осиёи Миёна дар асри XI расмӣ гашт. Асосгузори он Юсуфи Ҳамадонӣ чунин ақида дошт, ки сӯфиён шахсони ҳалолкор ва покиза мебошанд. Сӯфиёни машҳури Осиёи Миёна шоир Саноӣ, Аҳмади Ясавӣ, Хоҷа Абдулхолиқи Ғиждувонӣ шогирдони Юсуфи Ҳамадонӣ буданд. Бо мурури замон ин ҳаракат равияи хешро тағйир дод. Дар асри XII ба ҳаракати тасаввуф ҷараёни нави «Қуфия» ва «Ҷаҳрия» пайваст шуданд. Асосгузои «Ҷаҳрия» дар Осиёи Миёна Хоҷа Абдухолиқи Ғиждувонӣ ва Хоҷа Баҳриддини Нақшбанд ба шумор мерафтанд, ки тарки дунё кардан, гӯшанишинӣ намудан ва дунёбезориро талқин мекарданд. Пешвои туркзабонҳои «Ҷаҳрия» Аҳмади Ясавӣ ва аз форсизабонҳо Наҷмиддини Кубро ва Абдулхолиқи Гелонӣ буданд. Оҳиста-оҳиста тасаввуф ба ҷараёни истисморкунандаи халқ табдил ёфт. Масалан, бузургтарин шайхи тасаввуфи нақшбандия Хоҷа Аҳрори Валӣ дар асри XV танҳо дар Насаф 300 ҷуфти гов дошт. Аз заминҳояш ба ҳукумати темуриҳо ба сифати ушр (даҳяк) 80 ҳазор ман (1 ман=8 пуд, 1 пуд=16 кг) андоз месупорид. Дар мулкҳои вай бештар аз 100 ҳазор ғуломон (муридҳо) кор мекарданд. Ӯ ба корҳои давлатӣ ҳам дахолат мекард.

Дар асрҳои IX- XIV тасаввуф ба ҷараёнҳои хурд тақсим шуд. Аз асри XI сар карда, тасаввуф таъсири хешро ба адабиёти форсу тоҷик расонд. Намояндагони барҷастаи адабиёт Саноӣ, Аттор, Ҷалолиддини Румӣ, Аҳмади Ҷомӣ, Бобо Кӯҳӣ, Абӯабдуллоҳи Ансорӣ, Ансории Ҳиротӣ, Низомии Ганҷавӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ ва дигарон ба тасаввуф рӯ оварда буданд. Намояндаи барҷастаи тасаввуф Абӯҳомид Муҳаммад Ғазолӣ исломро бо тасаввуф пайваста, пеши роҳи дунёбезории сӯфиёнро гирифтааст.

**Илму адаб**. Ба сари ҳокимият омадани сулолаҳои кӯчманчии туркӣ сабаби таназзули илму фарҳанги халқи тоҷик гардид. Дар ин давра илму фарҳанги Осиёи Миёна маркази ягона надошт. Ба ҷои маркази ягона – Бухоро марказҳои дигар Ғазна, Баласогун, Марв, Нишопур, Урганҷ, Бомиён, Фирӯзкӯҳ, Шервон пайдо шуданд. Ҳукмронии туркон ба пешрафти забони

дарӣ таъсири манфӣ расонида бошад ҳам, вале дар доираи давлатҳои навбунёди туркӣ забони тоҷикӣ ба забони дарборӣ табдил ёфта, аҳли илму адаб бо ин забон асарҳо меофариданд.

Шоҳони турк бо вуҷуди ҷоҳилиашон бо маслиҳат ва тавсияи уламои дарборӣ, ки аслан тоҷикон буданд аҳли илму адабро ба дарбор ҷамъ намуда, аз заковати онҳо баҳра мебардоштанд. Масалан, Маҳмуди Ғазнавӣ мехост Ғазнаро ба Бухорои дуввум табдил диҳад. Бо ин мақсад ӯ беҳтарин олимон, муҳандисон, мунаҷҷимон, мусаввирон, шоиронро ба дарбор гирд оварда буд. Ӯ Абурайҳони Берунро ба дарбораш кашид. Вале Фирдавсию Абуалӣ ибни Сино ба ӯ хизмат кардан нахостанд.

**Абурайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Берунӣ** (солҳои 973-1050) ба мамлакатҳои хориҷӣ сафарҳои зиёде карда, соли 1010 ба Хоразм бармегардад ва сарварии олимонро ба ӯҳда мегирад. Ӯ аз худ асарҳои пурқиммате монанди «Хотираҳои аҷдодони гузашта», «Тасвири Ҳиндустон» боқӣ гузоштааст.

Берунӣ 500 сол пеш аз Коперник дар гирди меҳвари худ ҳаракат намудани заминро баён карда буд. Берунӣ заминро куррашакл тасвир кардааст. Ӯ дар тасвири маъданҳо, муайян кардани вазни хоси онҳо аз дигар мутафаккирон пештар андешаронӣ намудааст. Берунӣ файласуфи бузург ҳам буд. Ӯ боварии комил дошт, ки материя чизҳоро мустақилона ба вуҷуд оварда, шакли онҳоро тағйир медиҳад. Берунӣ материяи офаранда ва қобилиятҳои рӯҳӣ (ҷон, тафаккур ва ғайра)-ро хосияти ҷисмҳо медонист. Берунӣ табиатро ченаки ҳақиқат донистa, бо қатъият талаб мекард, ки дин бояд ба корҳои илм дахолат накунад.

Файласуфи намоёнтарини асри XI-и тоҷик **Носири Хисрав** (солҳои 1003-1088)-и Қубодиёнӣ буд. Ӯ рӯҳро аввалин ва доимӣ медонист. Худоро офарандаи ақли кулл дониста, боварӣ дошт, ки ақли умумӣ нафси куллро меофарад. Рӯҳи умумӣ бошад материяи нахустинро, ки асоси ҳама мавҷудот мебошад ба вуҷуд овардааст. Ин асос замин, об, ҳаво ва оташ мебошанд. Носири Хисрав ҷонро сабаб ва оғози ҷисми зинда меҳисобид. Ба ақидаи ӯ ҷон дар чор шакл: маъданӣ, рустанӣ, ҳайвонӣ ва одамӣ пайдо мешавад. Рӯҳи одамӣ шакли олии рӯҳҳост, ки инсонро аз ҷаҳони ҳайвоноту растаниҳо ҷудо месозад ва бар бо-

лои рӯҳҳои дигар ҳукмрон аст. Ба ақидаи ӯ олам донисташаванда мебошад. Ӯ воқеаҳои мухталифи ҷаҳони моддиро ба ду қисм, яъие зоҳирӣ ва ботинӣ тақсим намуда, боварӣ дошт, ки чизҳои зоҳирӣ бо ёрии узвҳои ҳис, вале дохилӣ тавассути ақл диниста мешаванд. *Ба гуфти ӯ дониш объективӣ буда, раванди* дониш беохир аст. Донисташавандагии олам ҳадяи Худованд ба одам аст. Аз Носири Хисрав асарҳои фалсафии «Зод-улмусофирин», «Ваҷҳи дин», «Ҷомеъ-ул-ҳикматайн» мерос мондаанд. Баробари файласуфи бузург будан Носири Хисрав шоир ва адиби забардасти халқи тоҷик низ мебошад. Вай зодаи ноҳияи Қубодиёни имрӯза буда, аз одамони сермулк буд. Ӯ ба шаҳру мулкҳои Нишопур, Табрез, Макка, Қоҳира ва дигар мулкҳои Арабу Ҳинд ва Турк сафарҳо карда, муддате чанд вазир ва мутасаррифи Салҷуқиён низ буд. Охири умрашро дар деҳаи Юмгони Кӯҳистони Бадахшон гузаронидааст. Носири Хисрав соли 1052 аз сафари Миср ба ватан баргашт ва таргиботи таълимоти мазҳаби исмоилиро оғоз намуд.

Асарҳои Носири Хисрав «Девони назм», «Рӯшноинома», «Саодатнома», «Сафарнома» ба фонди тиллоии адабиёти классикии тоҷик дохил шуда, онро ғанӣ гардонидаанд. Ин шоиру мутафаккири забардаст оид ба масоили мазҳабӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ асарҳо офарида, ҳеҷ гоҳ шоириро воситаи бойшавӣ ва шӯҳрат надонистааст. Ҳамзамони Носири Хисрав шоир, файласуф ва олими бузург **Ғиёсиддин Абдулфатҳ Умар ибни Иброҳими Хайём** (солҳои 1040-1123) буд. Ӯ олими аллома буда, риёзиёт, алҷабр, илми ҳайат, тиб, фалсафа ва ғайраро хуб медонист. Хайём дар ҳамкорӣ бо дигар олимон асарҳои «Тақвими Ҷалолӣ»-ро навишт ва тақвиму ҷадвали солшумориро низ тартиб дода буд. Ӯ дар фалсафа пайрави Сино буд. Дар асарҳояш доир ба илми нуҷум, назарияи математика, мусиқӣ, ба даст овардани решаҳои бутуни мусбати ададҳо, кашфи бузургии ивазшаванда ва ҳатто ҳандасаи ғайри уқлидусӣ кашфиётҳо карда, худро ҳамчун олими бузурги математика машҳури ҷаҳониён гардонид.

Хайём ҳамчун шоири нотакрор дар рубоиҳои худ фикрҳои ҷолиб оид ба фалсафа, охират, ҳаёт, хушбахтӣ, зебоӣ андеша рондааст.

Яке аз мутафаккири дигари тоҷику форс **Унсурулмаолии Кайковус** (солҳои 1020-1099) мебошад. Кайковус дар асари худ

«Насиҳатнома» тарзи зиндагии одамонро тасвир намуда, усули идораи давлат ва сарварони ҷомеа буданро ба сифати дастуруламал пешниҳод намудааст.

Ӯ сиёсатмадору давлатдорро ба Офтоб монанд менамояд. «Подшоҳ чу офтоб аст. Нашояд, ки ба яке тобаду бар яке натобад». Адлу адолатро чун пояи давлатдорӣ меҳисобад. Мисолҳои зиёдеро дар бораи нопокию бадахлоқии тоифае аз ашрофон оварда, онҳоро маҳкум менамояд. Ба шоҳон тавсияҳои муҳим дар боби ба айшу ишрат дода нашудан ва ба корҳои давлатдорӣ машғул шуданро медиҳад. Ба ақидаи ӯ шоҳ бояд ҳамеша ақлу хирадро машваратчии худ қарор диҳад. Ба эҳсосот дода нашавад. Ба ақидаи Кайковус тафаккур бояд дар қабули қарор ҷойи асосиро ишғол намояд. Кайковус яке аз аркони давлатдориро дар равонию амиқии фармону супоришоти шоҳ мебинад. Муносибат ба лашкар ва раият дар таълимоти ӯ ҷои муҳимро ишғол менамояд. Фақат ба воситаи адлу инсоф хазинаи давлатро пур кардан мумкин аст – таъкид менамояд Кайковус.

Подшоҳ бояд доимо бо лашкар ва халқ бошад ва ба мардум ҳеҷ гоҳ нафрат надошта бошад то, ки ба нафрати онҳо дучор нагардад. Унсурулмаолии Кайковус ба масъалаи хоста гирифтани одамон ба корҳои давлатдорӣ низ диққати махсус медиҳад. Аз нуқтаи назари ӯ шоҳ бояд аз фаъолияти вазирону вакилон ҳамеша хабардор бошад. Набояд хешу табори вазир амалдор бошанд, зеро ин ба талаву торочи халқу давлат оварда мерасонад.

Муҳимтарин хислати шоҳ авф карда тавонистани зердастон аст. Мустақилӣ ва пуртоқатӣ ба ин амал далолат менамоянд. Ҳар хабаре, ки меояд дақиқ санҷида шавад ва баъд ҳукм бароварда шавад. Унсурулмаолии Кайковус рехтани хуни ноҳақро маҳкум намуда, зидди ба азобу шиканҷа кашидани мардум баромад менамояд. Ҷазоро воситаи ягонаи танзими муносибатҳои ҷомеа ва масъалаҳои давлатдорӣ намеҳисобад. Шоҳро ба раҳмдилӣ даъват намуда, дар навбати худ хотиррасон менамояд, ки душманро дар амон гузоштан нашояд.

Дар таърихи афкори сиёсии форсу тоҷик **Абуалӣ Ҳасан ибни Алии Тусӣ** (солҳои 1018-1092) **(Низомулмулк)** бо асари машҳураш «Сиёсатнома» нақши ниҳоят бузург бозидааст. Маликшоҳи салҷуқӣ ба Низомулмулк мефармояд, ки дар бораи

тартиб, тарз, қоида ва қонунҳои асосии давлатдорӣ рисолае нависад, ки он ба сифати дастуруламал истифода бурда шавад. Низомулмулк соли 1092 дар ҳаҷми 39 фасл асаре менависад, ки ба он «Сиёсатнома» ном мениҳад, баъдан ба он 11 ё 15 боби дигар илова менамояд.

Фаслҳои аввалини «Сиёсатнома» масъалаҳои умумии давлатдориро фаро гирифта, аз ҳаёти шоҳони гузашта, аз қабили Наср ибни Аҳмади Сомонӣ, Султон Маҳмуд, Нӯширвон, Баҳроми Гӯр ҳикояҳои судбахш меоварад. Онҳо ҳамчун ибрати давлатдорӣ ва шоҳигарӣ нишон дода мешаванд.

Низомулмулк ба пайдоиши давлат диққат дода, ин масъаларо махсус қайд мекунад. Ӯ бунёди давлатро аз мавқеи дин маънидод менамояд. Худованд офарандаи давлат дониста мешавад. Низомулмулк ба подшоҳ низ диққати зарурӣ медиҳад. Онро ба сифати намояндаи Худованд дар замин ва идоракунандаи давлат меписандад. Низомулмулк халқро асоси давлат дониста, пойдории мулкро дар зиндагии осудаи раъият медонад: «Чун дуои халқ ба некӯӣ пайваста гардад, он мулк пойдор бувад» - таъкид мекунад мутафаккир.

Паҳлӯи дигари давлатдориро мутафаккир дар шунидани арзи мардум ва аз рӯи адолат ҳукм баровардани шоҳон мебинад. «Чора набошад подшоҳеро аз он, ки дар ҳафтае ду рӯз ба мазолим биншинад ва дод аз бедодгар биситонаду инсоф бидиҳад ва сухани раият бишнавад бевосита».

Низомулмулк саҳми вазирро низ дар кори давлатдорӣ кам намедонад ва фасодии подшоҳу мамлакатро ба вазир вобаста медонад. Барои он, ки хиёнату ришвахӯрӣ дар идоракунии давлат доман паҳн накунад Низомулмулк мефармояд: «... ба ҳар ноҳия ва шаҳр ноибе бифиристад, кӯтоҳдасту мӯътамад бошад, то эшон амволро муҳофизат мекунанд. Ва ҳар чӣ равад аз андаку бисёр ба илми эшон бошад ва на чунон, ки ба сабаби мушохара (моҳона) афтад ба тозагӣ ранҷ ҳосил шавад. Ва он чӣ ба кор бояд, аз байтулмол бидиҳанд, то эшонро ба хиёнату ришват ҳоҷат набошад ва ин фоида, ки аз ростӣ кардан ҳосил шавад».

Дар хусуси қонун ва қонунбарорӣ Низомулмулк мефармояд, ки то зарурате пеш наояд, фармон (қонун) набояд навишт: «Номаҳо аз дастгоҳҳо бисёр нависанд ва ҳар чӣ бисёр гардад, ҳурматаш набувад. Бояд, ки то муҳиме набувад, аз

маҷлиси олӣ чизе нанависанд. Бояд, ки ҳурматаш он чунон бувад, ки касро заҳраи он набошад, ки аз даст бидиҳад, то фарри молро набарад ва агар маълум гардад, ки касе дар он фармон ба чашми ҳақорат нигаристааcту андар пеш шудан ба самъи тоат коҳилӣ кардааст, он касро молиши балиғ диҳанд».

Низомулмулк дар ду амал, яъне ду вазифа адои хизмат намудани як фардро раво намебинад. Ба вазифаҳои масъул мардони покдилу шоистаро раво медонад. Мутафаккир дар кори давлатдорӣ иштироки занҳро иаменисандад: «Хоса занон, ки аҳли ситранд (хона)... ва ғараз аз эшон гавҳари насл аст... Ва ҳар гоҳ занони подшоҳ фармондеҳ шаванд, ҳама он фармоянд, ки соҳибғаразон эшонро биёмузанд ва бишунавонанд ва ба раъюлайн чунон, ки мардон аҳволи берун пайваста мебинанд, эшон натавонанд, ки дид...»

Низомулмулк инчунин ба таркиби иҷтимоии ҷомеа диққати зарурӣ додааст. Ҷомеаро аз табақаҳои болоӣ ва поёнӣ иборат медонад. Ба табақаҳои болоӣ подшоҳ, вазирон, дабирон, қозию хатибон, надимону муқаррибон ва заминдоронро дохил менамояд. Ба табақаҳои поёнӣ дарбонону посбонон, деҳқонону ғуломон ва зердастонро мансуб медонад. Табақаҳои поёниро асоси ҷомеа ва бавуҷудоварандагони неъматҳои моддӣ медонад.

Низомулмулк ба муносибатҳои байниҳамдигарии давлатҳо низ диққати зарурӣ медиҳад. Дар ин ҷода нақши расулро (сафир)-ро қадр менамояд. Бояд расулон хуб пазируфта шаванд, чунки онҳо шахсоне мебошанд, ки тартиби муносибатҳои байни давлатҳо аз фаъолияти онҳо вобастаанд.

Мутафаккир ба гуногунии (этникӣ, ҳудудӣ ва ғ.) лашкар диққати асосӣ медиҳад. Ин аз ҳар ҷиҳат қобили таваҷҷӯҳ аст. Гуногунии лашкар имконияти ҳар гуна исёну ошӯбҳоро бар зидди сарони давлат ба бор оварданаш мумкин аст.

Аз нигоҳи Низомулмулк давлат бояд ду хазина дошта бошад: якум, хазинаи аслӣ, ки фақат дар айёми зарурӣ аз ҷумла, дар вақти ҷанг истифода бурда шавад ва дуюм, хазинаи харҷ, ки барои пешрафти давлат ва рӯзгори мардум истифода мешавад. Ободӣ ва роҳати мардум аз ободӣ ва пурарзишии хазина вобаста аст.

Низомулмулк динро бо сиёсат пайваста, онро дар хизмати сиёсат гузоштааст: «Ойинро ба дунё мафурӯшанд ва ҳамаи

корҳо ба қоидаи хеш бозтаранд. Ҳар касро ба андозаи вай бидоранд, то корҳои ойиниву дунявӣ бар низом бошанд ва ҳар чӣ бар хилофи ин бувад, подшоҳ рухсат надиҳад ва камобеши корҳо ба тарозуи ақл ва шамшеру сиёсат рост кунад».

**Абӯҳомид Муҳаммад Ғазолӣ** (солҳои 1058-1111). Муҳаммад Ғазолӣ дар ташаккули илму фарҳанги халқи тоҷик нақши хеле бузург бозидааст. Назари фалсафӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ӯ дар китоби машҳураш «Насиҳат – ул-мулук» гирд оварда шудааст. Ӯ сиёсатро яке аз қисматҳои илми фалсафа медонист.

Ғазолӣ Худоро сабабгори ҳамаи ҳодисаҳо медонад. Аз нигоҳи ӯ давлатро низ Худо офаридааст. Сарвари давлат, подшоҳ «... сояи ҳайбати худост бар рӯи замин, яъне ки бузург ва баргумоштаи худояст бар халқи хеш». Ӯ бузургтарин хислати подшоҳиро дар одилӣ мебинад. Адл пояи устувории давлат буда, меъёри он танҳо гамхорӣ нисбат ба раият мебошад.

Ғояҳои инсондӯстии Ғазолӣ баҳри таъмини амният ва осудаҳолии раият хизмати босазоест. Ғазолӣ низ масъалаҳои давлатдориро тобиши ахлоқӣ медиҳад. Сиёсатро воситаи такомули давлатдорӣ, адлу инсоф ва ҳимояи раият меҳисобад.

Саҳми Ғазолӣ дар тамаддуни исломӣ хеле бузург аст. Ӯ исломро аз ҳар гуна омилҳо ва тамоюлҳои хурофотпарастию радикалӣ ва ғайридинӣ ҳифз намудааст. Дар сиёсатфаҳмию кишвардорӣ низ фақат аз нигоҳи ислом назар намудааст. Худоро сабабгори ҳамаи ҳодисаҳо донистааст. Ин нукта аз ибтидо то интиҳо ҳифз карда шудааст.

Имом Ғазолӣ усули эътиқодро тавре баён намудааст, ки аҳамияти барҷастаи методологӣ дорад ва дар дарки ҷаҳонбинии мутафаккир мақоми муҳим дорад. Чунончӣ, мутафаккир таъкид менамояд, ки : «Бидон эй малик, ки ту офаридаӣ ва туро офаридгорест, ки офаридгори ҳама олам аст ва ҳар чӣ дар олам аст ва яке аст, ки ӯро ҳамбоз (яъне шарик) нест ва ягона аст, ки ӯро ҳамто нест ва ҳамеша буд, ки ҳастии ӯро аввал нест ва ҳамеша бошад, ки будани ӯро охир нест ва ҳастии вай ба худ аст, ки вайро ба ҳеҷ сабаб ниёз (яъне ҳоҷат) нест ва ҳеҷ чиз аз ӯ бениёз нест, балки буди вай ба худ аст ва буди ҳама чизҳо ба вай аст».

Аз нигоҳи ӯ подшоҳ мақоми фавқулодда дорад. Одамон ба подшоҳ, ки «сояи ҳайбати худост бар рӯи замин» бояд дар итоати бечунучаро бошанд. Шаккокӣ ба подшоҳ ва норозигӣ

аз ӯ номумкин аст. Ба подшоҳон чунин хосиятҳоеро махсуб медонад, ки онҳоро аз сифатҳои заминӣ ҷудо месозанд.

Яке аз вазифаҳои подшоҳ ҳимояи дин, тарғибу ташвиқ ва хизмат ба ислом аст. Подшоҳ нагузорад, ки дар қаламрави вай ба дин касе беҳурматӣ зоҳир намояд ва бар хилофи фармудаҳои ислом амал намояд. Подшоҳро зарур аст, ки ин гуна шаккокон ва ғайриисломиёнро ба ҳузури хеш хонад ва маҷбур созад, ки тавба кунанд ва аз амали зиддидинии худ даст бикашанд. Подшоҳ ин гуна одамонро ҷазо дода, қодир аст онҳоро аз мулк биронад, покизагии дин ва кишварро ҳимоя намояд.

Подшоҳ вазифадор аст, ки ба ҳамаи ҳодисаҳо ва амалҳое, ки дар мулкаш ба вуқӯъ меояд назорат намояд. Нагузорад, ки одамонро озор диҳанд, рӯзи бад оранд. Зеро мардум ҳама амалро ба подшоҳ вобаста медонад.

Ғазолӣ дар раванди идораи давлат ба мақоми вазир диққати махсус медиҳад. Вазир сиёсати подшоҳро воқеӣ мегардонад. Вазир бояд хислатҳои донишмандию хирадмандӣ, меҳрубонӣ, ростгӯӣ, накӯкориро дошта бошад. Бо маслиҳатҳои худ тавонад подшоҳро аз қабули қарорҳои нодуруст гардонад. Вазир бояд шахси пир ва варзида бошад. Чуноне, ки мебинем бо вуҷуди бисёр монеъаҳо дар асрҳои XI-XII олимон, шоирон, мутафаккирони забардасти тоҷику форс Муҳаммад Ғазолӣ, Абӯнасри Утбӣ, Абусайиди Гардезӣ, Абӯлфазли Байҳақӣ, Муҳаммад ибни Адан, Саъди Салмон, Собири Тирмизӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Лабибӣ, Маншурӣ, Самарқандӣ, Баҳромӣ, Асъадӣ, Олим Наҷҷор, Амъақи Бухороӣ, Низомулмулк, Муҳаммад Муизӣ, Низомии Ганҷавӣ, Фахриддин Асъади Гургонӣ, Асади Тӯсӣ, Авҳаддидини Анварӣ, Умари Розӣ, Исмоили Ҷурҷонӣ ва дигарон зиндагӣ ва эҷод намудаанд.

Дар ҳамин давра қасидасароӣ маъмул гашта, эпоси қадимаи халқ суруда мешуданд. Жанрҳои ғазал, рубоӣ ва достонҳои лирикӣ васеъ паҳн гашта буданд. Адабиёт дар доираи дарбор ва равияи озоди адабӣ густариш меёфт.

Умуман, бо вуҷуди пастравии сатҳи зиндагӣ фарҳанги халқи тоҷик анъанаҳои қадимаи хешро идома дода меомад. Туркон натавонистанд, ки забони тоҷикиро тангу маҳдуд созанд, баръакс забони тоҷикӣ барои онҳо ҳамчун забони давлатӣ хизмат намуда, онҳоро ба сӯи инсондӯстӣ ҳидоят ме-

намуд. Маданияти шаҳрсозиву шаҳрнишинии тоҷикон кӯчиёнро ба роҳи ҳаёти муқимнишинӣ оварда расонид.

Туркони кӯчӣ аз тоҷикон илму адаб, ҳунармандӣ, санъати меъморӣ ва бинокориро низ омӯхтанд.

# БОБИ XI.ЗАБТКОРИИ МУҒУЛҲО ВА ОҒОЗИ ТАНАЗЗУЛИ ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ТОҶИК.

## §1. Аз тарафи муғулҳо истило шудани Осиёи Миёна.

Дар нимаи дуюми асри XII дар натиҷаи инкишофи муносибатҳои феодалӣ давлати муғулҳо ташкил ёфт. Барои соҳиб шудан ба тоҷу тахт дар байни қабилаҳои муғулӣ муборизаи хунин оғоз ёфт. Дар охир Темучин (солҳои 1162-1227) то соли 1205 тамоми қабилаҳои муғулро дар зери ҳокимияти худ муттаҳид намуда, ҳукуматашро мустаҳкам намуд ва соли 1206 дар анҷумани муғулҳо Чингизхон (хони бузург) эълон гардид.

Темучин дар лашкар ва горди худ интизоми оҳанинро ҷорӣ намуда буд. Сипас, ба ҳуҷумҳои ғоратгаронаи худ шурӯъ намуда, то соли 1215 шимоли Хитой ва соли 1218 Туркистони шарқӣ ва Ҳафтрӯдро тасарруф намуд ва барои торумор кардани рақиби асосиаш Муҳаммад Хоразмшоҳ омода гардид.

Вазъияти дохилӣ дар давлати Хоразмшоҳ мураккаб буд. Хусусан мунокиша ва кашмакашиҳои дарборӣ бо модари Муҳаммад Турконхотун ва қипчоқҳои дарбор пояи давлатро суст гардонида буданд. Андозситониҳои бенизому вазнин боиси норозигии халқ ва авҷ гирифтани шӯру қиёмҳои мардумӣ гардида буданд. Лашкар пароканда буд ва ҳокимони маҳаллӣ ба ҳукумати марказӣ итоат намекарданд. Ҳамаи ин пояи давлати Муҳаммади Хоразмшоҳро дар арафаи ҳуҷуми муғулҳо хеле сусту заиф гардонида буданд. Аз ин вазъияти ноором Чингизхон тавассути ҷосусонаш воқиф буд ва соли 1218 ӯ ба сӯи Муҳаммад Хоразмшоҳ сафирони худ ва дар 500 шутур борҳои пурқимматро бо 450 тоҷирон фиристод. Ин корвонро ҳокими Утрор Иналчик ғорат карда, сафиронро сар зад.

Бо ин баҳона Чингизхон моҳи сентябри соли 1219 бо лашкари 200 ҳазорнафараи худ шаҳри Утрорро муҳосира намуд ва баъд аз шаш моҳи муҳосира шаҳрро ишғол карда, аҳолиашро аз дами тег гузаронид ва дар вайронаҳои шаҳр ҷав корид.

Дар як муддати нисбатан кӯтоҳ истилогарони муғул шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Тирмиз ва дигар шаҳрҳоро истило намуда, ба харобазор табдил доданд.

Тирамоҳи соли 1220 Чингизхон ҳокими пурраи Осиёи Миёна гардид. Чингизхон шаҳрҳои Балх, Ҳирот, Нишопур, Марв ва дигар шаҳрҳоро соҳиб шуда, ба хок яксон намуд. Муғулҳо ба сари мардум мусибатҳои зиёд оварданд. Онҳо шаҳру деҳотро хароб карда, оташ мезаданд, замину иншоотҳои обёриро нест мекарданд, миллионҳо нафар одамонро аз дами теғ гузаронида, занҳои ҳомиладорро кушта, тифлони ҳанӯз таваллуднашударо сар мезаданд, пирону кӯдаконро бераҳмона маҳв менамуданд. Хулоса, ваҳшонияту бераҳмии муғулҳои ғосиб ҳадду ҳудуд надошт. Мутафаккири бузурги олам К.Маркс дуруст гуфтааст, ки муғул «бо хунрезии ифлоси худ на танҳо фишор меовард, балки халқи тӯъмаи ӯ гардидаро таҳқир ва хуни ҷигар мекард ва дар ин ҳол тороҷу қатли ом шуғли доимии онҳо (яъне, лашкари муғул Т.Н.) гашта буд». Қабл аз марг Чингизи хунхор мулкҳои забткардаашро байни фарзандонаш тақсим карда буд, ки дар ин раванд Осиёи Миёна ба Чағатой расида буд. Дар амал бошад Осиёи Миёнаро Маҳмуди Ялавоҷ ном тоҷири хуҷандӣ, ки гумоштаи муғулҳо буд идора мекард. Дертар Маҳмуд сардори мулкҳои муғул дар Хитой таъин гардид ва Осиёи Миёна дар солҳои 1238-1285 аз тарафи писари Маҳмуди Ялавоҷ Масъудбек идора карда мешуд. Аъёну ашроф ва рӯҳониёни олирутба ҳам дар хизмати муғулҳо буданд. Истисмори ваҳшиёнаи муғулҳо мардумро ба шӯру қиём меовард.

Аз миёнаҳои асри XIII сар карда, мубориза ва кашмакашиҳои байнихудии улуеҳои муғул аҳволи мардуми маҳаллиро бадтар кард. Вазъи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии кишвар рӯ ба таназзул оварда буд.

Танҳо дар охирҳои асри XIII муғулҳо каму беш илму фарҳанги мардуми тоҷикро азхуд карда, ба фарҳанги маҳаллӣ рӯ оварданд. Масалан, хон Тувон дар Фарғона шаҳри Андиҷонро барпо намуд. Писари ӯ Кепекхон бошад дар наздикии шаҳри Насаф қаср сохта, он ҷойро пойтахти худ эълон намуд ва Қаршӣ (яъне қаср) ном ниҳод.

Кепекхон бо ислоҳоти пулии худ соли 1321 муомилоти пулиро дуруст ба роҳ монда, бо ин ислоҳоташ маъмурияти Мовароуннаҳрро ба туманҳо тақсим кард. Бисёр қабилаҳои турку муғул дар зери таъсири мардуми бофарҳанги тоҷик дини исломро қабул карда, муқимӣ шуданд. Масалан, ҷалаирҳо дар

Хуҷанд, барлосҳо дар Қашқадарё, орлотҳо дар Тирмиз, кауҷинҳо дар ҷануби Тоҷикистон ҷойгир шуданд.

Ба вуҷуд омадани ин гуна гурӯҳҳои туркию муғулии моҷароҷӯ вазъияти сиёсиро дар сарзамини тоҷик тезу тунд намуд ва барои соҳиби давлат гардидани шахсиятҳои ҷоҳталаб ба мисли Ҳусайну Темур шароитҳои мусоид фароҳам овард.

## §2. Оқибатҳои ҳукмронии муғулҳо дар Осиёи Миёна

Муғулҳои ягмогар ба пешрафти нерӯҳои тавлидотии кишвар зарбаи ҳалокатовар заданд. Шаҳру деҳот, ҳунар ва кишоварзӣ рӯ ба таназзул оварданд, вале мардуми баору номус ва заҳматкаши тоҷик бо мурури замон ин харобаҳоро обод карданд. Муғулҳо низ фоидаи аз нав барқарор кардани қувваҳои истеҳсолиро фаҳмида буданд. Феодалони маҳаллӣ, тоҷирон ва рӯҳониён дар байни муғулҳо нуфуз доштанд ва заҳматкашонро ба нафъи худу ғосибон сахт истисмор мекарданд. Тоҷирони маҳаллӣ дар савдои байналхалқӣ мавқеи ҳалкунанда дошта, нақши миёнаравиро мебозиданд. Меҳнаткашони маҳаллӣ аз оддитарин ҳуқуқҳои инсонӣ маҳрум карда шуда буданд.

Махсусан аҳволи косибону ҳунармандон, ки истисморгарон онҳоро ғуломвор кор мефармуданд ниҳоят бад буд. Қисми зиёди онҳоро ба Муғулистон бурда буданд. Аҳли ҳунар дар корхонаҳо зери назорати истилогарон кор мекарданд, ки ин хеле даҳшатовар буд. Косибону ҳунармандони озод ҳам ба муғулҳо андози вазнинтарин – тамғу месупориданд.

Вазъи ҳаёти кишоварзон хеле бад буд. Муғулҳои саҳронишину ғоратгар марказҳои фарҳангӣ ва шаҳру деҳаҳои ободу зебои мардуми бофарҳанги тоҷикро ба харобазор табдил доданд. Аммо онҳо натавонистанд, ки анъанаҳои фарҳангии тоҷикон ва марказҳои мадании онҳоро пурра несту нобуд кунанд. Шаҳрҳои қадимаи тоҷикон – Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд,Фарғона, Ҳирот ва ғайраҳо оҳиста-оҳиста аз нав эҳё шуда, сераҳолӣ ва марказҳои фарҳангию тиҷорат мегардиданд.

Дар шаҳрҳо савдо ва ҳунармандӣ пеш мерафт. Аз аввалҳои асри XIV кӯлолӣ ва техникаи коркардӣ он тағйир ёфт. Санъати меъморӣ ва биносозӣ, ки дар натиҷаи ҳуҷуми муғулҳо

талафоти калон дида буд аз охирҳои асри XIII сар карда, рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Инро дар мисоли мақбараҳои Сайфуддин Бохарзӣ, Қулихон дар Бухоро, мақбараи Рухобод дар Самарқанд, мақбараи Муҳаммади Башоро дар деҳаи Мазори шаҳри Панҷакенти имрӯза, мақбараи Тувахон ва масҷиди шайх Муслиҳиддин дар Хуҷанд, ёдгориҳои меъморӣ дар ноҳияи Фархори имрӯза мушоҳида` кардан мумкин аст. Санъати меъмории миллӣ дар асоси анъанаҳои пеш аз истилои муғулҳо густариш ёфта, дар он заррае ҳам таъсири санъати меъмории муғул эҳсос намешавад, зеро муғулҳои саҳронишин худ фарҳанг надоштанд.

## §3. Фарҳанги халқи тоҷик дар даврaи ҳукмронии муғулҳо

Аз давраи ҳукмронии муғулҳо баъзе осори меъморӣ боқӣ мондааст, ки аксаран аз меъмории мақбараҳо иборатанд. Вале аз ин чунин барнамеояд, ки сохтмони асрҳои XIII-XIV фақат ба ҳамин навъи биноҳои мӯҳташам маҳдуд гардида будааст. Аз манбаъҳои хаттӣ маълум мешавад, ки дар он давра мадраса ва кӯшкҳо низ бино меёфтанд. Дар миёнаи асри XIII ду мадрасаи калон дар Бухоро сохта шуда буд ва султони муғул Кабакхон дар наздикии Насаф кӯшк (қаршӣ) бино карда буд. Дар Кӯҳна-Урганҷ (Хоразм) манораи бошукӯҳе (қариб 62 м. баландӣ дорад) маҳфуз мондааст.

Қадимтарин иморати маҳфузмондаи он давра мақбараи Сайфиддини Бохарзӣ мебошад. Сайфиддини Бохарзӣ аз шайхони хеле машҳур ва бонуфузест, ки дар назди муғулҳо низ эътибори калон доштааст.

Ӯ соли 1258 вафот кардааст. Авлодони ӯ бар сари мадфанаш мақбара ва хонақоҳ сохтанд. Соли 1333 ин хонақоҳро сайёҳи араб Ибни Батута зиёрат карда, онро ҳамчун «маъвои хеле бузург» тавсиф намудааст. Мақбараи то замони мо расидаи шайх, ки дар наздикии Бухоро воқеъ гардидааст хонақоҳ надорад. Вай дар асри XIV умуман таҷдид ёфта, дар паҳлӯи иморати қадимаи худи мақбара баъдтар зиёратхонае ҳам сохта шуда буд. Қисми аз ҳама охир таъмирёфтаи мақбара сардарии пештоқдори вай аст. Ин ёдгории қадима ба таври оддӣ сохта шуда, дар айни замон хеле мӯҳташам мебошад. Гунбади хурд-

тари худи мақбара, гунбади калони зиёратхона ва сардарии баланди дорои ду манорачаи пурнақшу нигор таассуроти бинандаро ба пойдорӣ ва ҳашамати ин бино афзунтар мегардонанд.

Мақбараҳои қабл аз темурии асри XIV хеле бисёранд. Мақбараҳои Шоҳи Зинда, Буёнқулихон дар Бухоро, Наҷмиддин ва Турабекхоним дар Кӯҳна-Урганҷ, Муҳаммад Башоро дар Панҷакент, Тубохон дар Суғд аз ҳамин қабиланд. Аксари мақбараҳо аз ҷиҳати тарҳу меъморӣ ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: гурӯҳи нисбатан серитумори онҳо, мақбараи якхонагии гунбаддор буда, гурӯҳи дигар, мақбараҳоеанд, ки мисли мақбараи Сайфиддини Бохарзӣ ду гунбад дошта, аз марқад ва зиёратхона иборатанд. Дар ин давра баъзе тарҳҳои нави сохтмони мақбараҳо ба вуҷуд меоянд, ки ба боми гунбадшакл асос ёфта, бештар бино кардани мақбараҳои ду гунбада ва ҳатто се гунбада ба назар мерасад.

Ороишоти меъмории ин давра гуногунранг буда, аз инкишофи минбаъдаи касбҳои амалӣ шаҳодат медиҳад. Дар нақшу нигори биноҳо гулкориҳои рӯи гил ва мино ба таври васеъ истифода бурда мешуд. Баъзан нақшҳои барҷастаи ба тахтаҳои гили пухта кандашударо бо луоби кабуд ё осмониранг андуда, дар мавридҳои дигар фақат катиба ва ё тасвири асосиро сир медоданд ва нақшҳои фаръии даруниро ба ранги гилтахтаҳои кандакоришуда мегузоштанд.

Дар ороиши биноҳо сафоли сирдори нақшин ба таври хеле фаровон ба кор бурда мешуд. Гоҳо зери мино ё рӯи миноро бо суратҳои заррин ё рангин зиннат медоданд. Деворҳо бо хиштҳои сирдода, ки дар фосилаҳои баробар ба шакли амудӣ чида мешуданд, содда, вале нафис ороиш мeёфтанд. Рӯи гаҷкоришудаи деворҳо гоҳо бо нақшбандии бисёр зебо пӯшида мешуд. Усули қадимаи ороиши бино тамоман аз байн нарафта буд. Чунончи, кандакориҳои (беминои) асрҳои XI-XII дар амали меъмории асри XIV низ ба назар мерасанд.

Дар нақшҳои рӯи гилтахта, сафоли сирдор ва нақшу нигори деворӣ диққати касро беш аз ҳама зебоӣ ва гуногунии мураккабтарин тасвироти наботӣ ва ҳандасӣ ба худ ҷалб менамоянд. Ҳунари ихтироъкоронаи мусаввирон, ки ин ҳама намунаҳои олиро барои устоҳои сафолгар ва ё нақшбандҳо таҳия кардаанд, ниҳоят ҳайратангезанд.

Махсусан катибаҳои бо хатҳои гуногун сабтгардидаи ёдгориҳои бошукӯҳи меъмориро, ки аз маҳфӯз мондани ҳунари хаттотӣ ба дараҷаи баланди пешинаи худ шаҳодат медиҳанд бояд зикр намуд. Қайд кардан лозим аст, ки ҳунари хаттотӣ ва наққошӣ осори бисёр зебои худро на фақат дар соҳаи меъморӣ, балки дар дигар ёдгориҳои санъати дастии мардуми тоҷики он замон низ боқӣ гузоштаанд.

## §4. Илму адаби тоҷик дар асри XIII ва миёнаҳои асри XIV

Аз тарафи ӯрдуҳои Чингизхон истило шудани сарзамини тоҷик ба инкишофи илму адаби он зарбаи ҳалокатовар зад. Дар асри XIII ва аввали асри XIV адабиёт махсусан дар Осиёи Сағир, ҷануби Эрон ва Ҳиндустон, яъне дар он маҳалҳое, ки дар тахти тасарруфи муғулҳо қарор нагирифта буданд, нисбатан ривоҷу равнақ ёфта буд. Фақат дар охири асри XIV ва ибтидои асри XV марказҳои адабӣ аз нав ба Мовароуннаҳр ва Хуросон мекӯчанд.

Дар асрҳои XIII – XIV бузургтарин симоҳои назми форсу тоҷик Ҳофизи Шерозӣ, Убайди Зоконӣ, Ҷалолиддини Румӣ, Насриддини Тӯсӣ, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Камоли Хуҷандӣ, Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ба майдон меоянд.

Яке аз барҷастатарин мутафаккирони он замон **Насриддини Тӯсӣ** (солҳои 1201-1272) буд. Ӯ дар асарҳои худ «Таҳрири иқлидус», «Рисолаи муайянӣ», «Моҳияти нуҷум», «Қонуни тиб», «Шарҳи Қонун», «Зайли ҷаҳонкушо», «Ҳалли мушкилоти ишорат», «Шарҳи назарияҳо» доир ба тиб, нуҷум, риёзиёт, таърих, адабиётшиносӣ ва фалсафа фикрҳои баландмазмун гуфта, пайрав, идомабахш ва ҳомии корҳои Абӯалӣ ибни Сино мегардад.

Насриддини Тӯсӣ асари машҳури худ «Асос-ул-иқтибос»-ро ба баёни масоили мантиқ махшида, дар он масъалаҳои категория, муҳокима, хулосабарорӣ, назарияи мантиқии исбот ва ғайраро ҳал кардааст.

**Ҷалолиддини Балхии Румӣ** (солҳои 1207-1272) аслан аз қадимтарин маркази тамаддуни халқи тоҷик шаҳри Балх мебошад. Ӯ қабл аз ҳуҷуми муғул дар синни 14-солагӣ бо падари худ аз ватан ҳиҷрат намуда, ба Нишопур, Бағдод, Ҳиҷоз, Сурия

ва Осиёи Сағир рафта, дар Қуния (Осиёи Сағир) иқомат ихтиёр намуд. Вай аввал бо роҳбарии падари худ дар Қуния, сипас дар Ҳалаб ва Димишқ таҳсил намуда, маълумоти мукаммале ба даст овард ва чанд гоҳ ба дарсгӯӣ машғул шуд. Вале дар соли 1224 ӯ бо таъсири мулоқоти яке аз дарвешон дарсдиҳӣ ва роҳбарии корҳои тариқати сӯфияро ба шогирдони худ вогузор карда, худ гӯшанишин гардид.

Ҷалолиддин Румӣ аз бузургтарин олимон ва шоирони тасаввуф маҳсуб мешавад. Асарҳои хеле машҳури ӯ «Девони ғазалиёт» ва «Маснавии маънавӣ» мебошанд, ки аз шаш ҷузъ – 36 ҳазор байт иборат буда, асосҳои фалсафаи тасаввуфро дар бар мегиранд. Ӯ бо ин асари худ навъи маснавии ирфониро то ба охирин дараҷаи инкишофи он пеш бурд. Эҷодиёти Румӣ хусусан аз он ҷиҳат ҷолиби таваҷҷӯҳ аст, ки шоир ба мақсади умумифаҳм гардидани асарҳои худ услуби соддаро ба кор бурда, шаклҳои назми халқии тоҷикиро – чунончӣ, дар ғазал, сурудҳои лирикӣ ва дар маснавӣ тамсилро истифода менамояд.

Дигар мутафаккири нотакрори форсу тоҷик **Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ** (тақрибан солҳои 1219-1292) буда, дар Шероз ба дунъё омадааст. Ба таҳсили илм дар Шероз шурӯъ намуда, пас аз он ба Бағдод рафта, дар мадрасаи «Низомия» таҳсили худро ба охир расонид. Аз як тараф шавқи ҷаҳонгардӣ ва аз тарафи диғар нооромиҳое, ки ҳангоми ҳуҷуми ӯрдуи муғул дар ватани Саъдӣ рӯй дода буданд, ӯро ба мусофирати дуру дарози кишварҳои гуногуни Шарқ водор намуданд. Саъдӣ дар рафти ин сафарҳо, ки зиёда аз 30-40-сол идома ёфтанд, Ҳиҷоз, Бағдод ва Африкаи Шимолиро саёҳат намуд. Ӯ соли 1256 ба Шероз баргашта, ба ҷамъ овардани сарчашмаҳо ва тартиб додани асарҳои безаволи худ оғоз менамояд.

Дар эҷодиёти Саъдӣ таъсири назми қадимаи тоҷик баръало эҳсос карда мешавад ва бо он пайванди ногусастанӣ дорад. Аз ин рӯ, Саъдӣ дар таърихи насру назми тоҷик мавқеи хоса дорад.

Саъдӣ ба гайр аз «Гулистон» ва «Бӯстон» боз шеърҳои зиёди баландмазмун низ эҷод намудааст. Бинобар ин ӯ дар таърихи инкишофи назми классикии форсу тоҷик мақоми шоистаеро ишғол намудааст. Саъдӣ дар баробари офаридани намунаҳои мукаммали навъи ғазал, дар насри бадеӣ ҳам устоди нотакрор аст. Аз тарафи дигар, Саъдии бузург дар адабиёт

усули панду насихатро чорӣ карда, асарҳои вобаста ба таълиму тарбияро хеле такмил дод. Шоир дар асарҳои баландмазмуни пандомезаш ақидаҳои гуманистии худро баён намуда, ғояҳои ватандӯстиро таблиғу тарғиб намудааст.

Саъдӣ зулму ситами давлатдоронро маҳкум намуда, ҳокимонро даъват менамуд, ки ба мардуми оддӣ бо чашми эҳтиром ва қадршиносӣ назар кунанд. Ӯ қаноат карданро талқин намуда, молпарастиро мазаммат кардааст.

Саъдӣ шоҳонро ба пеша кардани адолат даъват кардааст:

***Мадеҳ рухсати зулм бар ҳеч ҳол,***
***Ки хуршеди мулкат наёбад завол!...***

Ба тақвияти ин фикр Саъдӣ ҳокимонро ба раҳму шафқат даъват намуда, устувории давлату ҳокимияти онҳоро дар раиятпарварӣ мебинад

Саъдии Шерозӣ дар афкори иҷтимоии худ фикрҳои адолатхоҳонаро тарғиб намуда, зидди муносибати ғайриинсонии золимон баромадааст:

***Эй забардасти зердастозор,***
***То ба кай гарм монад ин бозор?***
***Ба чӣ кор оядат ҷаҳондорӣ,***
***Мурданат беҳ, ки мардумозорӣ!***

Ақидаи Саъдӣ дар муносибати давлат бо аҳолӣ ба принсипи адолат ва маърифат асос ёфтааст. Ӯ дар афкори иҷтимоиаш тарафдори подшоҳ аст ва мамлакатро бе подшоҳ тасаввур карда наметавонад:

***Зарур аст, ки аҳодро саре бошад,***
***Вагарна мулк нагирад ба ҳеч гуна низом.***

Аз нигоҳи шоир подшоҳ ва ҳокимон бояд дар хизмати халқ бошанд, на халқ дар хизмати онҳо. Азбаски Саъдӣ ҳукумати подшоҳиро на ҳамчун воситаи зӯроварӣ ва зулм, балки худодод медонист, аз ин рӯ, аз подшоҳ талаб менамояд, ки ба халқ хизмат кунад.

Оид ба масъалаи муносибати давлат ба лашкар Саъдӣ талаб мекард, ки шоҳ бояд бо маслиҳати одамони ботаҷриба, хирадманд кор кунад, то давлатро дуруст ва оқилона идора карда

тавонад. Дар масъалаи муносибати байни давлатҳо бошад истифодаи принсипи муносибати сулҳҷӯёнаро муҳим меҳисобад. Ба ақидаи Саъдӣ агар тарафи муқобил сулҳро таклиф кунад, бояд онро дастгирӣ кард. Аммо агар душман ҷанг хоҳад, аз чунин ҷанг низ сар печидан нашояд, зеро ҳимояи халқу кишвар зарур аст:

*Агар сулҳ хоҳад аду, сар мапеч!*
*Вагар ҷанг ҷӯяд, инон бар мапеч!*

Саъдӣ ба масъалаи сарварӣ-подшоҳӣ диққати махсус медиҳад. Онро аз оммаи мардум вобаста медонад. Набудани мардум боиси нобуд гаштани шоҳигарӣ аст. «Мулук (яъне шоҳ Н.Т.) аз баҳри раият аст, на раият аз баҳри тоати мулук».

Мутафаккир сиёсатро аз гуманизм ҷудо намекунад. Дар маркази ин пайвастагӣ раҳмдилию ғамхорӣ нисбати раият меистад. Барои Саъдии Шерозӣ меъёрӣ одамият ё гуманизм «раҳм бар бечорагон овардан аст».

Мутафаккири барҷастаи дигари ин давраи тоҷик **Амир Хусрави Деҳлавӣ** (солҳои 1253-1325) аст, ки дар Ҳиндустон ба дунё омадааст. Падари ӯ аслан аз шаҳри Кашрӯд буда, дар арафаи ҳуҷуми муғул аз Мовароуннахр ба Ҳиндустон фирор намудааст. Амир Хусрав пас аз хатми таҳсил шаҳри Деҳлиро иқоматгоҳи худ қарор дод ва дар дарбори султон машғули фаъолияти эҷодӣ гардид.

Ӯ илова бар девони ашъоре, ки аз панҷ қисмат иборат аст, ба равияи Низомии Ганҷавӣ «Хамса» навишт. Амир Хусрав дар ин асари худ бо вуҷуди он, ки мавзӯи қадимаро нигоҳ дошт, лекин дар услуби достон ва тавсифи қаҳрамонҳо эҷодкорона муносибат намудааст. Ӯ нисбат ба дигар шоирон дар бобати гирифтани мавзӯҳои маҳаллӣ ҷасорати зиёдтар намуд. Достонҳои ӯ «Қирон-ус-саъдайн» (дар бораи мулоқоти Саъд бо падари худ Буғрохон), «Мифтоҳ-ул-футӯҳ» (Калиди фатҳҳо) ва «Нӯҳ сипеҳр» дар мавзӯҳои маҳаллӣ навишта шудаанд. Ин асарҳои шоир илова бар қиммати адабӣ, дорои аҳамияти бузурги таърихӣ ҳам мебошанд.

Достони ишқӣ-афсонавии ӯ «Хизрхон ва Дувалронӣ», ки дар бораи шоҳзодаи ҳиндӣ ва маъшуқаи вай ҳикоят мекунад сазовори таваҷҷӯҳ аст. Амир Хусрав бо забони маҳаллии рехта, ки баъдҳо асоси забони ӯрдуро фароҳам овард низ асар эҷод

кардааст. Ӯ ба омӯзиш ва таҳқиқи шеър ва мусиқӣ ҳам машғул мешуд.

Мутафаккири дигари ин давра **Муҳаммад Авфӣ** мебошад. Ӯ муаллифи тазкираи «Лубоб-ул-албоб» мебошад, ки дар солҳои 1221-1222 онро таълиф намудааст. Муҳаммад Авфӣ аслан аз тоҷикони Марв буда, дар Бухоро таҳсил намудааст. Муҳаммад Авфӣ дар вақти ҳуҷуми муғулҳо ба Ҳиндустон фирор намуда, дар он ҷо ғайр аз тазкираи номбаршуда асаре бо унвони «Ҷавоме-ул-ҳикоёт ва лавоме-ур-ривоёт» навишт, ки аз ҳикоятҳои ширин ва афсонаву қиссаҳои аҷиб иборат аст.

Дигар донишманди илму адаби тоҷик, ки дар дарбори Муҳаммади Хоразмшоҳ хидмат кардааст **Муҳаммад Ибни Қайси Розӣ** мебошад. Вай низ ҳангоми ҳуҷуми муғул тарки ватан намуда, дар ноҳияҳои ҷанубии Эрони кунунӣ паноҳ бурд ва дар он ҷо соли 1223 доир ба арӯз ва қофия асаре таълиф намуд, ки дар он роҷеъ ба шоирони гузашта ва муосиронаш маълумоти қимматбаҳо дода, аз ашъори онон намунаҳои беҳтаринашонро рӯй варақ овардааст.

Дар асри XIII таърихнависӣ низ ривоҷ ёфта буд. Аз муҳимтарин асарҳои ин соҳа «Табақоти Носирӣ»-ро метавон ном бурд, ки дар соли 1260 аз тарафи **Минҳоҷиддини Ҷузҷонӣ** ном шахсе аз аҳли Ғӯр таълиф ёфтааст. Дар ин асар таърихи подшоҳони Ҳинд, баъзе воқеаҳои давраи салтанати Ғазнавиён, ҳукмронии муғулҳо ва мубориза и зидди исмоилиён муфассал баён карда шудааст. Асар доир ба таърихи давраи асри миёнаи Ғӯр беҳтарин сарчашмаи таърихӣ ба шумор меравад.

Аз асарҳои таърихии он замон, ки дар бобати таҳқиқ ва омӯзиши таърихи давраи муғулҳо қимати бузурги таърихӣ дорад асари **Алоуддин Атомалики Ҷувайнӣ** (ваф.соли 1283) «Таърихи Ҷаҳонкушо» ва асари Фазлуллоҳ Рашидаддин (дар соли 1318 кушта шудааст) «Ҷомеъ-ут-таворих»-ро ном бурдан мумкин аст. «Ҷомеъ-ут-таворих»-ро таърихшиноси маъруфи рус В.В.Бартолд нахустин иқдоми ҷиддӣ дар бобати офаридани «Таърихи умумиҷаҳонӣ»-и асри миёна номидааст.

Яке аз донишмандони номварӣ асри XIV форсу тоҷик **Мир Саид Алии Ҳамадонӣ** (1314-1384) мебошад. Ӯ зодаи Ҳамадонӣ Эрон буда, дар шаҳри Кӯлоби имрӯза манзили доимӣ қарор додааст. Ақидаҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии Мир Саид Алии Ҳамадонӣ дар асари машҳураш «Захират-ул-мулук» гирд оварда шудааст. Ӯ дар ин асари безаволӣ худ беш-

тар дар бораи давлату тарзи давлатдорӣ, бахусус давлати исломӣ сухан рондааст. Асар ҳамчун дастуруламал барои синфҳои ҳукмрон навишта шудааст. Он дар асри XIX ба як қатор забонҳои аврупоӣ низ тарҷума карда шудааст, ки аз аҳамияти бузург доштани ин асар дарак медиҳад.

Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ҳамон тарзи ҳокимиятеро, ки ба ислом ва шариати исломӣ пайравӣ мекунад эътироф менамояд. Шоҳонеро, ки ба раият хайрхоҳ нестанд ва бадкирдоранд ба «халифи иблис» шабоҳат медиҳад.

Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ҳокимонро ба 4 гурӯҳи зерин тақсим менамояд:

1. Ҳокимони соҳиби ақлу заковати худодод;
2. Ҳокимони бефаросату иблисони замон;
3. Ҳокимоне, ки майли донишомӯзӣ доранд;
4. Ҳокимоне, ки раиятро ба роҳи дуруст ҳидоят менамоянд, аммо худ золиманд. Аз нигоҳи мутафаккир барои ин раият низ гунаҳкор аст, зеро онҳо ба ин амал муросо менамоянд.

Мир Саид Алии Ҳамадонӣ мусулмононро ба итоати бечуну чарои ҳокими мусулмон даъват намекунад. Зиёда аз ин ба ҳоким шартҳо мегузорад.

Дар асари худ «Захират-ул-мулук» ба инобат гирифтан ва риоя намудани 20 намуди ҳуқуқ ва шакли рафтори одамонро пешниҳод менамояд, ки иҷроиши онҳо низ ба ҳокиму подшоҳ воҷибанд. Ба он масъалаҳои адлу инсоф ва одобу рафтор дохил мешаванд. Мир Саид Алии Ҳамадонӣ ба «муслим» ва «мӯъмин» низ нигоҳи хоса дорад. Ӯ муслим гуфта шахсеро дар назар дорад, ки аз дасту забони ӯ муслими дигар осеб набинад. Мӯъмин бошад дар маъное истифода мешуд, ки ба шарофати ӯ бандагони дигар дар осоиштагӣ умр ба сар мебаранд.

Таълимоти Мир Саид Алии Ҳамадонӣ бо як қатор хусусиятҳои худ аз афкори мутафаккирони дигари исломӣ фарқ менамояд. Аз ҷумла, шарту шароитҳои подшоҳӣ, ҳуқуқҳои мусулмонон ва ғайраҳо. Ӯ ба мардум ҳуқуқи ба подшоҳ розӣ нашуданро медиҳад. Аксарияти мутафаккирони исломӣ чунин ақидаро рад менамоянд. Дар муносибат бо ғайриислом низ Ҳамадонӣ гузашт дорад.

**Ҳусайн Воизи Кошифӣ (солҳои 1420-1505).** Ҳусайн Воизи Кошифӣ яке аз мутафаккирони варзидаест дар фаҳми воизиву тарғибгарии ахлоқи ҳамидаи инсонӣ, сиёсату идораи давлат ва

ҷомеа. Назари ӯ ба сиёсат ва давлатдорӣ бештар дар асараш «Ахлоқи Мӯҳсинӣ» гирд оварда шудааст.

Ҳусайн Воизи Кошифӣ сиёсатро воситаи асосии танзими ҳаёти ҷомеа мешуморад

Ӯ аз номи ходимон ва мутафаккирони даврахои гузашта дар бораи сиёсат ва сиёсатмадорӣ ҳикояҳо оварда, назари худро асоснок менамояд.Мутафаккир подшоҳи одилро қадр мекунад.

Ба андешаи Ҳусайн Воизи Кошифӣ подшоҳӣ хосияти илоҳӣ дорад. Подшоҳ ҳамчун сояи Худо дар рӯи замин ҳисобида мешавад.

Ӯ дар фаҳми адолатнокӣ ба Арасту наздик аст. Арасту адолатнокиро ба сифати хайрияти умум медонист. Ҳусайн Воизи Кошифӣ низ адолатнокиро воситаи нигоҳ доштани баробарию мутаносибии байни одамону аҳли ҷомеа меҳисобад.

Агар адлу инсоф дар байни аҳли ҷомеа ҳукмфармо набошад, ҳар гурӯҳе метавонад дигареро душман бихонад ва бикӯшад. Дар натиҷа, агар яке аз гурӯҳҳои ҷомеа аз мақоми хеш берун гардад вайронкориву харобкорӣ амали доимӣ мешавад. Вазифаи адл низ нигоҳ доштани ҳамаи мувозинати байни гурӯҳҳо аст.

Подшоҳи одил бақои мулкро таъмин менамояд ва мамлакатро обод менамояд. Ҳусайн Воизи Кошифӣ яке аз хислатҳои подшоҳи одил ва адолатнокиро дар қудрат доштан ва авф карда тавонистан мебинад:

***Авф фармудан муборак хислатест,***
***Ҳар ки дорад авф соҳибдавлатест.***
***Дӯст дорад авфро парвардигор,***
***Он чӣ Эзид дӯст дорад, дӯст дор.***

Масъалаҳои ҳаёти сиёсию иҷтимоии ҷомеа дар ашъори **Низомии Ганҷавӣ (солҳои 1141-1209)** ҷои муҳимро ишғол менамояд. Низомӣ орзӯю умеди халқи меҳнаткашро ифода намуда, тартиботи ҷамъиятӣ, маишат ва ахлоқи ҷомеаи даврони худро сахт танқид намудааст. Ӯ бар зидди беадолатиҳои иҷтимоӣ баромад менамуд. Низомӣ дар асараш «Иқболнома» дар бораи шаҳр -давлате орзӯ менамояд, ки на ҳокимон дорад, на тобеон, на камбағалон ва на бойю ашрофон. Ҳамаи одамон комилан озоданд ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои якхела доранд.

# БОБИ XII. ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ДАВРАИ ҲУКМРОНИИ ТЕМУР ВА ТЕМУРИЁН

## §1. Таърихи сиёсӣ

Хонҳои муғул батадриҷ дини исломро қабул карда, дар атрофи худ намояндагони уламою тоҷирони тоҷикиаслро ҷамъ мекарданд. Ба ин восита онҳо мехостанд, ки ҳокимияти марказии худро мустаҳкамтар намоянд. Чунин рафтори онҳо норозигии пешвоёни қабилаҳои муғул ва туркро ба вуҷуд меовард. Ин буд, ки дар нимаи аввали асри XIV дар улуси Чағатой, яъне Мовароуннаҳр мубаризаи байни хонҳо ва аъёну ашрофи қабилаҳои муғулу турку туркшуда авҷ гирифт. Дар натиҷаи ин мубориза пешвоёни қабилаҳои турк нуфузи зиёдтар пайдо намуданд ва ҳокимияти хонӣ бисёр заиф гардид.

Дар нимаи дуюми асри XIV ба саҳнаи сиёсати Мовароуннаҳр писари беки қабилаи барлос Темур меояд. Темур дар натиҷаи ҷунбиши Сарбадорони Самарқанд бо ҳиллаю найранг ба ҳокимият соҳиб мешавад. Ӯ ҷунбиши хеле бузурги Сарбадорони Самарқандро дарҳам шикаста, сипас ба муборизаи зидди феодалони маҳаллие, ки майли мустақилшавӣ доштанд шурӯъ менамояд. Гурӯҳи бонуфузи аҳолии шаҳр тоҷирон ва пешаварони сарватманд, ки дар заиф шудани иқтидори мулкдорони бузург ва барҳам хӯрдани ҷангу низоъҳои дохилӣ манфиатдор буданд, аз фаъолияти Темур дар амри марказият додани давлат пуштибонӣ мекарданд. Темур ба рӯҳониён бисёр имтиёзҳои иқтисодӣ дода, онҳоро низ ба тарафи худ кашид. Вай ба воситаи ташкил намудани лашкаркашиҳои ғоратгарона ба кишварҳои ҳамсоя ва ба вуҷуд овардани имконияти ба осонӣ соҳиби сарват шудан иштиҳои мулкдорони хурди феодалиро ба вуҷуд оварда, аз пуштибонии онҳо бархурдор гардид.

Темур ба кишваркушоии 35-солаи худ оғоз намуда, ҳокимияти худро қабл аз ҳама, дар поинҳои ҷараёни дарёи Сир мустаҳкам намуд, ки дар он вақт дар ин ҷо ҳукумати хонии Оқ Ӯрда мавҷуд буд. Ӯ ба ихтилофи дохилисулолавии Оқ Ӯрда мудохила карда, Тӯхтамишхонро, ки яке аз муддаиёни тоҷу тахт

буд ҳимоя намуд. Тӯхтамишхон баъдҳо бо кӯмаки Темур ҳукумати Олтин Ӯрдаро низ ба даст даровард.

Дар соли 1372 амир Темур Хоразмро забт намуд, вале дар Хоразм панҷ маротиба шӯриши мардуми сар зад ва соли 1388 Темур ба он ҷо ҳамла оварда, пойтахти Хоразм шаҳри Урганҷро, ки яке аз роҳҳои асосии тиҷорати байни Аврупои Шарқӣ ва Осиёи Миёна буд ба хок яксон намуд. Сокинони Урганҷ ба Самарқанд кӯчонида шуданд ва дар вайронаи шаҳри собиқ бо фармони Темур ҷав кошта шуд. Танҳо дар соли 1391 Темур ба дубора барқарор кардани шаҳри Урганҷ рухсат дод.

Аз соли 1388 амир Темур ба муборизаи шадид ва давомнок бар зидди Тӯхтамишхон сар кард. Вай дар соли 1392 ба хоки Кавказ ҳуҷум оварда, Арманистон ва Гурҷистонро ғорат ва мутеъ намуд. Дар соли 1395 ба қувваи ҳарбии Тӯхтамишхон зарбаи ҳалокатовар зада, бақияи лашкари ӯро таъқибкунон то ба хоки давлати рус дохил гардид ва то маҳалли Елъц расид. Дере нагузашта, Темур пойтахти Олтин Ӯрда шаҳри Саройро, ки дар соҳили дарёи Волга воқеъ гардида буд забт ва хароб намуда, бо ҳамин ба давлати Олтин Ӯрда зарбаи қатъӣ зад. Ин зарба озодшавии русро аз зулму ситами муғулҳо осон намуд.

Темур бо ӯрдуҳои ғоратгари худ марказҳои маданиро хароб намуда, дар айни замон барои ободии вилоятҳои Осиёи Миёна, ки асоси иқтидори давлати ӯро ташкил медоданд кӯшиши зиёде ба харҷ дод. Бо амри ӯ дар ин маҳалҳо корҳои обёрӣ ва роҳсозӣ хеле вусъат дода шуд. Темур аз Байнаннаҳрайн, Осиёи Сағир, Эрон ва Ҳиндустон гурӯҳ-гурӯҳ устоҳо, аҳли илм ва санъатро асир намуда, ба Мовароуннаҳр меовард. Қисми зиёди пешавару ҳунармандон, ходимони илм ва санъат дар пойтахти давлати темурӣ шаҳри Самарқанд ҷамъ оварда шуда буданд. Ин буд, ки шаҳри Самарқанд дар ин давра хеле ободу зебо гардид.

Темур кӯшиш менамуд, ки роҳҳои тиҷоратии Шарқу Ғарб дубора ба воситаи Мовароуннаҳр сурат гирад. Бинобар ин ӯ шаҳрҳои асосии Олтин-Ӯрда-Сарой ва Урганҷро, ки Шарқу Ғарбро бо ҳам мепайвастанд ба харобазор табдил дод.

Пас аз он, ки Темур Эронро истило намуд, то андозае ба дубора барқарор кардани роҳи тиҷоратии ҷаҳонӣ дар Мовароуннаҳр муваффақ гардид. Акнун бозургонон аз Эрон ба Султония омада, аз он ҷо ба воситаи Ҳироту Балх ба

Самарқанд ва сипас ба воситаи Тароз ба Муғулистон мерафтанд.

## §2. Бинокорӣ ва меъморӣ.

Темур ва Темуриён сохтмони биноҳоро беш аз пеш вусъат медоданд ва феодалони сарватманд дар ин кор ба онҳо тақлид ва пайравӣ менамуданд. Хусусан дар ду пойтахти давлати темурӣ Самарқанд ва Ҳирот бинокорӣ ба авҷи баланди худ расида буд. Дар асри XV бисёр шаҳрҳои дигар низ бо иморатҳои зебо ороста гардиданд.

Аз қасрҳои сершумори онвақтаи Осиёи Миёна танҳо як қисмати пештоқи Оқсарои Шаҳрисабз, ки бо амри Темур бино ёфта буд, маҳфӯз мондааст. Биноҳои зебову муҳташам аз истеъдод ва маҳорати баланди ороишгарони он давра гувоҳӣ медиҳанд.

Бо фармони Темур яке аз хиёбонҳои Самарқанд ба бозорҷои хурраму obод табдил дода шуда буд. Сафири Испания Гонзалес де Клавихо, ки дар соли 1404 ба шаҳри Самарқанд омада буд, аз дидани сохтмони нотамоми ин бозор ба ваҷд омада, онро хеле таърифу тавсиф намудааст. Шоҳрух ҳам дар Ҳирот ҳамин гуна як бозоре сохт. Дар ду тарафи хиёбони чорсӯ, ки бозор воқеъ гардида буд, биноҳои дутабақаи дӯконҳо сохта шуда, болои хиёбонро саросар гунбазҳои панҷаранок пӯшонида буданд.

Мадраса, масҷид ва мақбараҳои то замони мо расидаи он давра аз комёбиҳои муҳандисӣ, лоиҳакашию биносозӣ ва ороишгарии меъморони асри XV гувоҳи медиҳанд.

Василаҳои ороишгарӣ хеле гуногун ва мукаммал буданд. Дар ин бобат аз комёбиҳои замони пеш ва навъовариҳои тозаи давраи Темур ва Темуриён истифода бурда мешуд.

Барои охири асри XIV ва ибтидои асри XV майли бо нақшу нигор тамоман фаро гирифтани деворҳо хос аст. Баъдтар усули чидани хиштро бештар ва ба таври васеъ истифода намуда, дар заминаи он аз хиштҳои сирдор катиба ва нақшҳои оддӣ месохтагӣ шуданд. Дар солҳои 1399-1404 дар Самарқанд масҷиди Бибихонум сохта шуд.

Ҳоло аз ин масҷид фақат як харобае боқӣ монда бошад ҳам, вай аз шукӯҳ ва азамати пешинаи он ба хубӣ шаҳодат медиҳад.

Мақбараҳои асри XV аз назаргоҳи меъморӣ гуногуннавъ ва басо диққатангезанд. Мақбараи на чандон калон, вале аз ҷиҳати ороиш хеле зебои Шоҳи Зинда, мақбараҳои Рухобод, Қутби Чаҳордаҳум, ниҳоят Гӯри Мир аз муҳимтарин ёдгориҳои даврai темурӣ ба шумор меравaнд. Аз ин миён Гӯри Мир, ки дар он Темур ва авлоди ӯ дафн шудаанд хеле диққатҷалбкунанда аст. Сохт ва тарҳи он бисёр оддист. Ороишоти даруни толори чаҳоргӯшаи тоқчаноки он бо салаботи мутантани худ касро дар ҳайрат мегузорад.

Бинои расадхонаи Улуғбек, ки дар доманаи баландии Чӯпонатои Самарқанд сохта шудааст, аз нодиртарин ёдгориҳо ба шумор меравад. Аз ин бино фақат як теппача ва тӯдаи нартовҳои сохтмон боқӣ мондаасту бас. Аммо бо кӯшиши бостоншиносон тарҳи табақаи поини таҳкурсии иморат маълум шуд. Муқаррар гардид, ки бино мудаввар буда, 30 метр баландӣ доштааст ва тавассути чӯбҳои кандакорӣ, сафолҳои сирдори нақшин ва сангҳои мармар ороиш ёфтааст. Ғайр аз ин аз сарчашмаҳои хаттӣ маълум мешавад, ки расадхона се ошёна доштааст. Бақияҳои олоти асосии расадхона-асбоби дуқӯшаи зовиясанҷ, ки барои мушоҳидаи офтоб, моҳ ва зимнан дигар сайёраҳо кор фармуда мешуд маҳфуз мондааст.

Аз бинокориҳои Ҳироти асри XV хусусан маҷмӯи иморати Мусалло, ки аз масҷид, мадраса ва мақбара иборат аст шоёни таваҷҷӯҳ мебошад. Ҳоло аз ин ёдгории меъморӣ қисмати хеле каме боқӣ мондааст. Манораҳои сеҷузъаи бисёр мавзун ва мақбараи хеле ҷолиби Гавҳаршод, ки яке аз гӯшаҳои мадрасаро ишғол намуда, қисми таркибии он ба шумор мерафт, аз ҳашамат ва азамати он гувоҳӣ медиҳанд.

**Санъати наққошӣ ва минётурӣ.** Чунон ки манбаъҳои хаттӣ шаҳодат медиҳанд, иморатҳои бошукӯҳ, алалхусус, қасрҳои Темур ва Темуриён аксаран бо тасвирҳои тамоми рӯи деворҳо зинат меёфтанд. Сюжети онҳоро манзараҳои ҷангу муҳосираи шаҳрҳо, базму зиёфат, русуми пазироӣ ва саҳнаҳои муқаррарии зиндагӣ ташкил менамуданд. Чунин василаи ороиширо махсусан Темур ташвиқ мекард. Дар рӯи деворҳои қасрҳои сарсилсилаи темурӣ тамоми қиссаҳои базму размии ӯ тасвир карда шудаанд.

Аз рӯи гувоҳии муосирон, суратҳои худи Темур, фарзандону наберагон ва дарбориёни ӯ, ҳатто маликаҳои хонадони

темурӣ ҷузъҳои ҳатмии он сюжетҳои мураккаби тасвироти рӯи девори иморатҳои онзамонаро ташкил мекарданд. Қитъаҳои боқимондаи чанде аз мақбараҳои Шоҳи Зиндаи Самарқанд дар бораи санъати бошукӯҳи он давра гувоҳӣ медиҳад. Дар ин қитъаҳо фақат ҷӯйҳо, дарахтону буттаҳо, гулҳо ва паррандаҳо тасвир ёфтаанд.

Дар бисёр шаҳрҳои давлати бузурги темурӣ хаттотҳо ва наққошони забардаст зиндагӣ карда, асарҳои хеле нодир меофариданд. Аммо маркази асосии ин ҳунарҳо шаҳри Ҳирот ба шумор мерафт.

Дар нимаи аввали асри XV дар Ҳирот бародари Улуғбек Бойсунқар ҳамчун донишманд ва ҳомии маданият ном бароварда буд. Дар ин ҷо беҳтарин минётурсозҳо, хаттотҳо ва саҳҳофҳо кор мекарданд. Ғайр аз ин дар Ҳирот китобхона-коргоҳи дарбории Шоҳрух низ мавҷуд буд, ки намунаҳои хеле хуби осори хаттотӣ ва минётурӣ ба вуҷуд меовард.

Дар нимаи дуюми асри XV Алишер Навоӣ ва Султон Ҳусайн Бойқаро, ҳунармандони боистеъдодро ҳимоят карда, онҳоро ба дарбор ҷалб менамуданд.

Дар сарчашмаҳои хаттии асри XV номи бисёр минётурсозоне, ки санъаткорони забардасти замони худ буданд зикр шудааст. Азбаски минётурсозон дар асарҳояшон имзо намегузоштанд таҳқиқи эҷодиёти аксари онҳо хеле душвор аст.

Дар нусхаи «Шоҳнома»-и А.Фирдавсӣ, ки солҳои 1429-1430 дар китобхонаи Бойсунқар китобат шудааст бист минётуре, ки чанд нафар ҳунарманд сохтаанд мавҷуд аст. Муҳаққиқон онҳоро аз беҳтарин намунаҳои марҳалаи аввали равнақи мактаби минётурсозии аҳди темурӣ ба қалам додаанд.

Мактаби минётурсозии Ҳирот дар нимаи дуюми асри XV тавассути як идда ҳунармандони моҳир ба авҷи баланди инкишофи худ расида буд. Дар байни ин ҳунармандон **Камолиддин Беҳзод** (таваллуд байни солҳои 1450-1460, вафот байни солҳои 1536-1537) мақоми хосае ишғол намудааст.

Рассоми бузурги он замон **Мираки Наққош** аз қобилияти фавқулоддаи писарбачаи ятим Камолиддин огоҳ шуда, ӯро тарбият ва сарпарастӣ намуд (мутаассифона эҷодиёти Мираки Наққош ҳанӯз ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудааст, зеро фақат ду минётураи имзогузоштаи ӯ маълум асту бас). Дар камолоти Беҳзод Алишери Навоӣ низ ҳамчун ғамхор ва мададгор хидма-

ти шоиста намуда, барои ба муҳити одамони истеъдоднок ва маданӣ роҳ ёфтани ӯ имконият фароҳам оварда будааст. Дар инкишофи ғояҳои эстетикӣ ва ташаккули эҷодиёти Беҳзод маҳз ҳамин муҳит таъсири басо муфид ва самарабахш расонида буд.

Барои минётурҳои марҳалаи аввали эҷодиёти Беҳзод бештар рангҳои банур ва таззод, қисматбандии динамикӣ, серсуръатӣ ва пур кардани ҷо хос аст. Чунончӣ, минётурҳои барои «Зафарнома»-и Яздӣ эҷодкардаи ӯ аз ҳамин қабиланд. Дар маркази диққати рассом шиддати муҳориба ва ҷӯшу хурӯши меҳнат қарор гирифтааст. Тасвири майдони муҳорибаи ду қӯшун ба тасвири манзараи мушобеҳ дар нусхаи «Шоҳнома»-и соли 1429/30 ҳеҷ монандие надорад. Дар ин ҷо ду қӯшуни баробар баҳамназдикшаванда не, балки авҷи разм ба назар мерасад. Дар ин ҷо ҳар як чеҳраи тасвиршуда фардист, бархӯрди ҷанговарон ногаҳонӣ, пуршиддат ва хеле гуногун аст.

Минётураи масҷиди ҷомеъи Самарқанд аз ҷиҳати мазмун тамоман фарқ мекунад. Вале дар ин ҷо ҳам шиддати ҳаракат баръало ҳис карда мешавад. Дуредгарону кандакорон дам нагирифта кор мекунанд, назораткунанда коргурезеро ҷазо медиҳад, аробаи пур аз санги мармар омада истодааст.

Одамони бисёре тасвир шудаанд, вале ҳама дар қиёфа ва ҳолати гуногунанд: яке серҳаракат, дигаре оромтар, аммо ҳама дар якҷоягӣ ба ташвишу тараддуди кори сохтмон комилан мувофиқат доранд.

Баъзе муҳаққиқон бо имони комил ва баъзе муҳаққиқон бо андак шакку шубҳа якчанд минётурҳоро, ки дар махзанҳои гуногуни собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ маҳфӯз мебошанд ба қалами Беҳзод нисбат медиҳанд. Минётурҳое, ки дар китобхонаи оммавии давлатии ба номи Салтыков-Щедрини шаҳри Санкт-Петербург маҳфӯз аст асарҳои Беҳзод мебошанд ва баъзе аз ин минётурҳо бешакку шубҳа ба қалами шогирдони Беҳзод тааллуқ доранд, зеро мувофиқи услуби Беҳзод кашида шудаанд. Ба ин ҳар як печутоби хат, таъсири мукаммалу дилошӯби ранг хос аст, ки ин фақат ба устодони забардаст муяссар шуда метавонад. Ба гуфтаи муҳаққиқони минётурҳои форсӣ минётурҳои аслии Беҳзод дорои чунон композитсияи мукаммал мебошанд, ки дар асоси қонуну қоидаҳои амиқу дақиқи математикӣ таркиб ёфтаанд ва одамон дар расм чунон ҷой мегиранд, ки аксар вақт гӯё як доирае пайдо мешавад.

Дар баъзе расмҳои худ Беҳзод ин услуби худро ошкоро ба қалам медиҳад, дар баъзе расмҳояш бошад баръакс, ба рӯи ин услуби худ парда мекашад ва онро ноаён истифода мебарад. Беҳзод ба қоидаву қонунҳои маъмулу муқаррарии расмкашӣ эҷодкорона муносибат мекард. Маҳз чунин муносибати эҷодкоронаи Беҳзод ва дар айни ҳол, идроки ниҳоят нозуку латифи тобиши ранг ва намуди тарҳ минётурҳои ӯро ин қадар беҳамтову беамсол кардаанд.

Мактаби минётуркашии асри XVI Табрез аз эҷодиёти Беҳзод фаровон баҳра бардоштааст. Соли 1522 шоҳ Исмоили Сафавӣ Беҳзодро ба Табрез бурда, сардори китобхона таъин мекунад, ки вазифаи вай роҳбарӣ ба минётуркашони дарбор буд. Дар давраҳои аввал услуби минётуркашии мактаби Табрез дар асоси услуби композитсиясозӣ ва рангубордиҳии равияи Ҳирот инкишоф меёфт.

Ба ин ҷиҳати масъала рассоми асри XVI Содиқ Афшор ишора намуда, навишта буд, ки анъанаи маҳаллӣ бо услуби Беҳзод зич омезиш ёфта буд. Муҳаққиқон қайд мекунанд, ки таъсири мактаби Ҳирот дар минётураҳои асри XVI-и Бухоро низ ба назар мерасад.

Дар охири асри XV эҷодиёти Беҳзод бештар ба тафаккур ва эҳсосоти қалбӣ наздик мешавад ва аксаран ба тасвири манзараҳои табиат рӯ меоварад. Чунин кайфияти санъаткори бузург дар минётурҳои «Лайлӣ ва Маҷнун»-и Хусрави Деҳлавӣ акс ёфтааст. Мавзӯи ишқи маъсум ва ноком дар осори Беҳзод ифодаи хеле таъсирбахш ва шоиронаи худро пайдо намудааст. Беҳзод суратгири мумтоз ҳам буд. Дар офаридаҳои ӯ баъзе шахсони таърихӣ аз ҷиҳати қиёфа ба ҳамзамононаш монанд шудаанд. Масалан, дар яке аз минётурҳо Искандари Мақдунӣ ба худ қиёфаи Султон Ҳусайн Бойқароро гирифтааст. Ҳамчунин минётурҳое ҳастанд, ки саҳнаҳои зиндагии дарбориёнро инъикос мекунанд ва дар ин байн сурати Султон Ҳусайн ва ё яке аз дарбориён низ ба назар мерасад. Аммо суратҳои алоҳидаи Султон Ҳусайн ва Муҳаммади Шайбонихон аз шоҳкориҳои Беҳзод дар ин навъи санъати рассомӣ ба шумор мераванд.

Беҳзод дар санъат равияи тоза ба вуҷуд оварда, устоди як мактаби махсуси наққошии замон гардид. Ӯ шогирдони бисёре дошт. Яке аз наққошони машҳури он аср Қосим Алӣ низ

мутобиқи маълумоти баъзе сарчашмаҳо аз шогирдони вай ҳисоб мешуд.

Муосирон чунин мешумурданд, ки тафовути асарҳои ин ду устоди санъатро фақат донишманди зарофатбин метавонад дарк намояд. Мутаассифона, аз минётурҳое, ки бидуни шубҳа ба қалами Қосим Алӣ тааллуқ доранд ягонтоашон то замони мо омада нарасидааст.

Мактаби минётурсозии Ҳирот дар охири асри XV ва ибтидои асри XV1 усулан ҳалли қисматбандии камтагйирёфтаро ба амал татбиқ намуд. Дар айни замон ба ақидаи санъатшиносон, дар минётурҳои он давра тамоили реалистӣ беш аз беш афзуда, майлу кӯшиши фардикунонӣ ва ҳатто ифода намудани ҳолати рӯҳии персонажҳо тақвият меёбаду тасвири табиат мураккабтар мегардад.

Маҳорат ва ҳунари санъаткорон ба дараҷаи баланди такомули худ мерасад. Асарҳои моҳирона офаридаи минётурсозони забардасти асри XV яке аз қуллаҳои баландтарини маданияти бадеии Шарқ маҳсуб мешаванд.

## § 3. Инкишофи илму адаб.

Дар давраи ҳукмронии Темур ва ворисони ӯ илму фарҳанги Хуросону Мовароуннаҳр инкишоф ёфт.

Дар Ҳироти онвақта адабиёти бадеӣ ва санъати тасвирӣ хеле равнақ пайдо карда буд. Писари Шоҳрух шоҳзода Бойсунқар китобхонаи бузурге сохт ва бисёр хаттотони номӣ, котибҳо, саҳҳофон, мусаввирон, мутахассисони зиёди соҳаи адабиётро дар Ҳирот ҷамъ оварда буд. Ӯ дар баробари китобати матнҳои қадима ва нодири китобҳо корҳои матншиносиро низ ба роҳ монда буд. Иқдоми муҳими Бойсунқар ин таҳияи матни «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ буд. Бар замми ин, ба матни «Шоҳнома»-и безаволи Фирдавсӣ муқаддимаи мукаммале низ навишта шуда буд. Ин нусхаи «Шоҳнома» то замони мо омада расидааст ва дар китобхонаи Теҳрон маҳфӯз аст. Яке аз мутафаккирони барҷастаи ин давра **Улуғбек** буд. Ӯ ба илмҳои дунявӣ рағбати зиёде дошт.

Саргарми илмҳои дунявӣ гардидани **Улуғбек** зиддияти байни ӯ ва аҳли таассубро боз ҳам тезу тунд намуд. Аввалин

мураббии Улуғбек дар овони кӯдакиаш қиссагӯ, шоир ва донишманди маъруф шайх Орифи Озарӣ буд. Баъдтар Улуғбек устодони дигар низ пайдо кард, ки аз байни онҳо, махсусан Қозизодаи Румӣ ва Ғиёсиддин шӯҳрати зиёде доштанд. Қозизодаи Румиро «Афлотуни замони худ» меномиданд. Улуғбек аз адабиёт пурра воқиф буд ва забонҳои туркию тоҷикию арабиро ба хубӣ медонист ва худ ба туркиву тоҷикӣ шеър ҳам менавишт. Ӯ илми мусиқиро омӯхта, дар ин соҳа панҷ рисола таълиф намудааст. Улуғбек дар баҳсу мунозираҳои илмӣ иштирок намуда, ҳозиронро бо зеҳни фавқулодда ва дониши амиқи худ дар ҳайрат мегузошт.

Бо вуҷуди он, ки ӯ қариб дар ҳамаи соҳаҳои илму фан маълумоти мукаммалеро соҳиб гардида буд, лекин аз ҳама бештар риёзиёт ва алалхусус илми нуҷумро дӯст медошт ва аксари вақти худро дар ин роҳ сарф менамуд. Улуғбек тавонист, ки дар андак муддат маъруфтарин мунаҷҷимон ва риёзидонони он замонро дар Самарқанд ҷамъ намояд ва расадхонаи бо асбобҳои мукаммал таҷҳизонидашударо ба вуҷуд оварад. Самараи асосии кори ин расадхона, ки худи Улуғбек бевосита ширкат варзида буд ин ихтироъи ҷадвали нави нуҷумӣ мебошад ва он муқаддимаи муфассали назариявист, ки барои ин ҷадвал навишта шудааст.

Бо фармони Улуғбек дар Самарқанд, Бухоро, Кашрӯд ва Ғиждувон бисёр биноҳои бузургу мӯҳташам сохта шудаанд, ки мадрасаи машҳури Регистони Самарқанд аз ҷумлаи ҳамин биноҳост.

Дар тазкираҳои он замон, аз ҷумла дар ёддоштҳои Зайниддин Восифӣ бисёр шоирони аз байни косибон, бозургонон ва амалдорони хурд баромада зикр ёфтаанд. Албатта, як қисмати хеле ками онҳо шоири касбӣ буданд. Аксарашон нисбат ба адабиёт ва шеъру шоирӣ дилбастагӣ дошта, вақтҳои фароғатии худро ба шеърхонӣ ва шеъргӯӣ мебахшиданд. Акнун шоирон, навозандагон ва базлагӯён на фақат дар боргоҳи аъёну ашроф ҷамъ меомаданд, балки дар дӯконҳои китобфурӯшӣ, дар коргоҳи косибон ва дар майдону бозорҳо низ баҳсу мунозираҳои адабӣ, маҷлиси шеърхонӣ ва ҳунарӣ меоростанд. Ин гуна маҳфилҳои адабӣ ва ҳунарӣ дар шаҳрҳои Ҳирот, Самарқанд ва бисёр шаҳрҳои дигар сурат мегирифтанд.

Ақида ва мафкураи табақаҳои миёнаи шаҳрнишинон дар адабиёти бадеии он замон инъикос ёфтааст. Ҳатто махсус «назми доираи ҳунармандон» ба вуҷуд омада буд, ки мундариҷаи асосии онро зисту зиндагии косибон ташкил мекард.

Дар давраи Темур ва темуриён илму адаб, бахусус таърихнигорӣ ва адабиёти бадеӣ ривоҷу равнақ ёфта буд.

Яке аз олимони маъруфи замони Темур, ки борҳо дар мубоҳисаҳои илмии дарборӣ ширкат намудааст **Саъдуддин Масъуд ибни Умари Тафтозонӣ (солҳои 1332-1389)** мебошад. Саъдуддин Тафтозонӣ то охири умри худ дар Ғиждувон, Ҷом, Хоразм, Туркистон, Самарқанд, Ҳирот ва Сарахс ба дарсгӯӣ машғул шуда, доир ба сарфу наҳв, фиқҳ ва илми баён рисолаҳои зиёде таълиф намудааст, ки ҳанӯз аз вақти дар қайди ҳаёт будани ӯ ба қатори китобҳои дарсӣ дохил гардидаанд. Таърихнигорӣ низ инкишоф ёфта буд.

Муаррихи барҷастаи он давр Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Арабшоҳ (солҳои 1392-1450) дар Димишқ таваллуд ёфта, аз синни ҳаштсолагӣ дар Самарқанд иқомат намудааст. Асари асосии ӯ «Аҷоиб-ул-мақдур фи навоиби Темур» ном китобест, ки дар он хусусиятҳои манфии Темур ниҳоятдараҷа сахт ва нисбат ба он замон хеле ҷасурона мазаммат карда мешавад.

Дигар аз муаррихони маъруф Низомиддини Шомӣ соли 1404 бо унвони «Зафарномаи Темурӣ» китобе навишт. Шарофиддин Алии Яздӣ (ваф.соли 1454) дар соли 1425 бо номи «Зафарнома» асари машҳури худро таълиф намуд, ки он ҳам ба аҳди Темур бахшида шудааст.

Дар асри XIV адабиёти бадеӣ низ инкишоф ёфта, адибони барҷастае ба вуҷуд омаданд, ки дар байни онҳо классикони машҳури назми форсу тоҷик Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ (ваф.соли 1389) ва Камоли Хуҷандӣ (ваф.соли 1400) мавқеи бузургеро ишғол мекунанд. Дар асарҳои онҳо бештар ғояҳои тараққихоҳона инъикос ёфтааст.

**Ҳофизи Шерозӣ.** Ҳофиз дар айёми кӯдакӣ хеле барвақт аз падар ятим монд. Модараш, ки имконияти хонондани фарзандашро надошт, ӯро ба тарбияти шахсе гузошт. Лекин Ҳофиз ба зудӣ хонаводаи ин шахсро тарк намуда, ба нонвое шогирд шуд. Чанд гоҳ дар мадраса ҳам таҳсил карда, як қадар маълумот ба даст овард. Баъдҳо тарзи зиндагии дарвешона ба сар бурда, мут-

тасил ба азхуд намудани дониш машғул гардид ва дере нагузашта, ҳамчун шоир шӯҳрат пайдо кард.

Шеърҳои Ҳофиз ҳанӯз дар айёми дар қайди ҳаёт буданаш дар байни оммаи халқ хеле паҳн шуда, тадриҷан як қисмати онҳо ба фолклор низ дохил гардидаанд. Дар тамоми олам Ҳофизи Шерозӣ аз маҳбубтарин шоирон ба шумор меравад ва мардум ашъори дилнавози ӯро бо шавқу завқи бепоён мехонанд. Нақши Ҳофиз дар таърихи адабиёти форсу тоҷик бағоят бузург аст. Вай шоирест, ки навъи лирика, яъне ғазалро ба дараҷаи олии такомул расонида, ба он мазмунҳои тоза ворид намудааст. Ба ғазалиёти Ҳофиз дар баробари мавзӯҳои ишқӣ, зебоию зебопарастӣ, фикру андешаҳои ирфонӣ ҷиҳати эътироз нисбат ба беадолатиҳои иҷтимоӣ низ хос мебошад. Ҳофиз дар шароити асри миёна барои шаъну шараф ва қадру қимати инсон суботкорона мубориза мебурд. Вобаста ба замона ӯ аксар вақт ҳамаи он чизеро, ки дар тафаккури ӯ пайдо мешуд изҳор карда наметавонист. Шоир, ки бо шароит ва муҳити тираи давр муросо намекард, ғолибан ба худ ниқоби риндӣ кашиданро афзалтар медонист. Бо вуҷуди ин, мазмуни асосии назми Ҳофизро ҳисси норозигӣ нисбат ба беинсофиҳои иҷтимоии замона ташкил мекард.

Шеърҳои ошиқонаи Ҳофиз эҳсоси баланд ва шавқу рағбати бепоёни одамиро иброз намуда, дурӯғу риёро мазаммат ва писандидатарин хислатҳои инсониро талқин мекунанд. Ба тариқи намуна ин ғазали Ҳофизро, ки пур аз маънию киноёҳои ҳадафзан мебошад меоварем:

***Ман на он риндам, ки тарки шоҳиду соғар кунам,***
***Мӯҳтасиб донад, ки ман ин корҳо камтар кунам...***
***Ман, ки имрӯзам биҳишти нақд ҳосил мешавад,***
***Ваъдаи фардои зоҳидро чаро бовар кунам?!***
***Шеваи риндӣ на лоиқ буд васфамро, вале***
***Чун дарафтодам, чаро андешаи дигар кунам?!***

Муосирони Ҳофиз мазмуни тасаввуфии ашъорашро ба назар гирифта, ӯро ҳанӯз дар вақти зиндагиаш «Лисон-ул-ғайб» номида буданд.

Мутафаккири бузурги немис Гётеи заковатманд ба Ҳофиз баҳои баланд дода буд. Ӯ дар «Девони ғарбию шарқӣ»-и худ

китоби махсуси шеърҳояшро бо унвони «Ҳофизнома» ба шоири бузурги форсу тоҷик бахшид. Маҷозу киноёҳо дар ашъори Ҳофиз барои ифодаи ғояҳои инсондӯстии ин шоири бузургу нотакрор хизмат менамояд.

**Камоли Хуҷандӣ**. Камоли Хуҷандӣ айёми кӯдакии худро дар Хуҷанд гузаронидааст. Ӯ дар Самарқанд таҳсил намуда, сипас ба Табрез меравад ва дар дарбори ҳокими он ҷо қарор мегирад. Вақте ки хони Олтин Ӯрда Тӯхтамишхон Табрезро забт намуд Камол ба асирӣ афтода, ба Сарой (пойтахти Олтин Ӯрда) бурда шуд. Ӯ пас аз чанд соли маҳбусӣ ба Табрез баргашта, тахминан дар соли 1400 дар он ҷо вафот кард.

Камоли Хуҷандӣ низ яке аз барҷастатарин устодони назм маҳсуб мешавад. Ғазалҳои ӯ хеле равон ва хушоҳанг буда, баъзе аз онҳо бо мавзӯъ ва мазмуни худ ғазалҳои Ҳофизро (Камол бо вай робитаи дӯстӣ доштааст) ба хотир меоранд. Ғазали зерин ғаму ҳасрати шоирро дар ёди ватан хеле хуб ифода намуда, бо як силсила ғазалҳои халқии тоҷик, ки ҳамчун шеърҳои «ғарибӣ» маъруфанд пайваст мешавад:

*Дил муқими кӯи ҷонон асту ман ин ҷо ғариб,*
*Чун кунад бечораи мискинтан танҳо ғариб,*
*Орзӯманди диёри хешаму ёрони хеш,*
*Дар ҷаҳон то чанд гардам бесару бепо ғариб?!*
*Чун ту дар ғурбат наафтодӣ, чӣ донӣ ҳоли мо?*
*Меҳнати ғурбат надонад ҳеҷ кас илло ғариб.*

Дигар аз шоирони тоҷики он замон **Носири Бухороист** (ваф.соли 1378), ки аз ҷиҳати услуб ва мазмуни эҷодиёти худ ба Ҳофиз ва Камол наздикӣ дорад.

Дар ашъори бузургтарин шоирони асри XIV кайфияти эътирозомези халқ ба таври равшан ифода ёфтааст.

Аз ин рӯ, ин ғазалҳо дар байни халқи тоҷик хеле шӯҳрат пайдо карда буданд.

Илму адаб махсусан дар аҳди салтанати Улуғбек ривоҷу равнақи тоза пайдо карда буд. Ӯ тавонист, ки барҷастатарин намояндагони афкори илму адаб ва ҳандасаи замонро дар Самарқанд ҷамъ намояд. Дар соли 1428 Улуғбек сохтмони бинои расадхонаи бузургеро ба итмом расонид ва онро бо асбобу олоти мукаммал таъмин намуд. Ин расадхона дар инкишофи

илми нуҷуми он давра ва оянда нақши бағоят муҳиме бозид. Дар ин расадхона нахустин бор вазъи як қатор ситораҳо муқаррар карда шуда, тавассути он дар соли 1437 ҷадвалҳои нуҷумие, ки минбаъд аҳамияти умумиҷаҳонӣ касб намудаанд тартиб дода шудаанд. Ин ҷадвалҳо ба забони тоҷикӣ тартиб дода шуда , баъдтар ба забони арабӣ тарҷума гардидаанд. Дар онҳо вазъи беш аз ҳазор ситораи ба чашм аён ва мавқеи тақрибан ҳамаи шаҳрҳои Шарқи исломӣ нишон дода шуда буд.

Ҷадвалҳои нуҷумии Улуғбек чӣ дар Шарқ ва чӣ дар Ғарб дар зарфи чандин асрҳо ҳамчун китоби дарсӣ хидмат намудааст. Аҳамияти ин ҷадвалҳо боз дар он аст, ки онҳо барои омӯхтани вазъи илми нуҷум дар миёнаҳои асри XV манбаи пурқимате мебошанд. Улуғбек на фақат ба инкишофи илму фан, балки дар айни замон ба пешрафти адабиёт ва санъат низ аҳамияти махсус медод.

Дар давраи ҳукмронии ӯ Самарқанду Ҳирот марказҳои бузурги маданияти Шарқ гардида буданд. Ҳирот, ки ҳанӯз аз замони Шоҳрух ба пешравӣ оғоз карда буд, дар нимаи дуюми асри XV дар айёми ҳукмронии Султон Ҳусайн Бойқаро (солҳои 1469-1506) ба калонтарин маркази илму фарҳанг табдил ёфта буд. Аз тамоми гӯшаву канорҳои Мовароуннаҳр ва Эрон ходимони илму санъат ба Ҳирот ҷамъ омадан гирифтанд. Аз ин рӯ, дар Ҳирот илми тиб, ҳуқуқ, ахлоқ, адабиёт ва санъат хеле инкишоф ёфта буд.

**Абдураҳмони Ҷомӣ.** Бузургтарин намояндаи адабиёти ин давра шоир ва донишманди маъруфи тоҷик Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ (солҳои 1414-1492) буд. Ҷомӣ дар деҳаи Ҷом наздикии Нишопур таваллуд ёфта, таҳсили худро дар Ҳирот ба анҷом расонидааст ва фаъолияти илмию адабиашро асосан дар ҳамин ҷо идома бахшидааст. Ҷомӣ шеър ва қофия, сарфу наҳв, мантиқ, ҳикмати Шарқу Юнон, табииёт, риёзиёт ва илми ҳайъатро омӯхта, баландтарин дараҷаи дониши замонаро азхуд карда будааст. «Баҳористон» ном асари ӯ, ки дар равияи «Гулистон»-и Саъди таълиф ёфтааст аз беҳтарин намунаҳои насри асри XV-и тоҷик маҳсуб мешавад. Ҷомӣ дар асарҳои худ тамоми навъҳои адабиро моҳирона такмил дод ва бо ҳамин ба ташаккули минбаъдаи адабиёти тоҷик таъсири хосае расонид.

Абдураҳмони Ҷомӣ дар тамоми таърихи адабиёти асри миёнаи тоҷик аз сермаҳсултарин шоирон маҳсуб мешавад. Му-

аллифи тазкираи «Миръот-ул-хаёл» Шерхони Лӯдӣ дар бораи ин бузургвор чунин навиштааст: «Ҷомӣ наваду нӯҳ китоб тасниф намуд, ки ҳамаи онҳо дар Эрон, Тӯрон ва Ҳиндустон назди аҳли дониш мақбул афтод ва ҳеҷ кас ангушти эътироз бар ину он натавонист ниҳод».

Аз асоситарин асарҳои манзуми Ҷомӣ «Ҳафт авранг» мебошад, ки аз ҳафт достони бузурги мисли достонҳои «Хамса»-и машҳури Низомӣ фароҳам омадааст. Дар бештарини асарҳои ӯ гояҳои инсонпарварӣ тараннум гардида, истибдоди ашрофи ҳукмрон танқид ва мазаммат карда мешавад.

Ҷомӣ дар «Хирадномаи Искандарӣ» ном достонаш кишвари хаёлиеро тасвир намудааст, ки сокинони он ҳама баробар зиндагӣ карда, дар байни онҳо аз дорову нодор ва аз золиму мазлум асаре дида намешавад.

**Мир Алишери Навоӣ.** Дар давраи салтанати темуриён дар зери таъсири адабиёти тоҷик адабиёти бадеии ӯзбекзабонон пайдо шуда, ташаккул ёфт. Фаъолияти сардафтари адабиёти ӯзбек Мир Алишери Навоӣ (солҳои 1441-1501) маҳз ба ҳамин давра тааллуқ дорад.

Мир Алишери Навоӣ соли 1441 дар хонадони шахси бомаърифате ба дунё омадааст. Ӯ аз хурдсолӣ нисбат ба шеър майлу рағбат пайдо карда, аз синни понздаҳсолагӣ ҳамчун шоир шӯҳрат пайдо мекунад.

Пас аз ба тахти Ҳирот нишастани Султон Ҳусайни Бойқаро (соли 1469) Навоӣ мақоми ходими давлатиро соҳиб гардид. Ӯ қариб тамоми умри худро дар Ҳирот гузаронидааст.

Дар ташаккули ҷаҳонбинии Навоӣ муносибати дӯстона ва алоқаи эҷодӣ бо устоди бузургвораш Абдураҳмони Ҷомӣ нақши бузург бозидааст. Навоӣ худро шогирди вафодори Ҷомӣ меҳисобад. Дар солҳои 1483 -1485 Алишер Навоӣ ба забони ӯзбекӣ «Хамса»-и худро эҷод намуд, ки мисли «Ҳафт авранг»-и Ҷомӣ дорои мақоми хоса аст.

Вақте, ки соли 1492 Абдураҳмони Ҷомӣ вафот кард Навоӣ ва дӯстонаш як сол азодорӣ карданд. Навоӣ барои абадӣ гардонидани хотираи дӯст ва устоди бузургвораш «Хамсат-улмутаҳайирин» ном асаре навишта, яке аз таълифотҳои Ҷомиро ба ӯзбекии қадим тарҷума намуд.

Дӯстии Алишер Навоӣ ва Абдураҳмони Ҷомӣ тимсоли дурахшони дӯстии ду халқи бародар – ӯзбекон ва тоҷикон аст.

Алишери Навоӣ яке аз бузургтарин шоирони асримиёнагии Шарқ, олим ва мутафаккири забардаст, мусиқидон ва наққоши моҳир, инчунин арбоби намоёни давлатӣ маҳсуб мешавад. Истеъдоди гуногунҷанбааш ӯро ба қатори нобиғаҳои ҷаҳон мегузорад. Офаридаҳои ӯ кайҳост, ки дастраси тамоми инсоният гардидаанд. Нақши онҳо махсусан дар инкишофи адабиёти туркзабон бағоят калон аст.

Дар он давра оид ба қофия, вазн, мувашшаҳ, муаммо ва ғайра асарҳои зиёде эҷод карда шуда буданд. Масалан, Абдураҳмони Ҷомӣ бо унвони «Муаммои сағир» ва «Муаммои кабир», «Рисолаи қофия», Камолиддин Ҳусайнӣ бо номи «Рисола филмуаммо», Сайфӣ бо номи «Арӯз» асарҳо таълиф намудаанд.

Дар соли 1486 яке аз мутафаккирони барҷастаи дарбори Султон Ҳусайн Бойқаро **Давлатшоҳи Самарқандӣ**, ки аксар вақт аз сӯҳбатҳои Ҷомӣ ва Навоӣ баҳраманд мегардид, асари машҳури худ «Тазкират-уш-шуаро»-ро навишт. Ин асар дар бораи беш аз сад нафар шоирони он давра маълумот медиҳад.

Дар миёнаҳои асри XV санъати мусиқӣ ва рақс хеле ривоҷ ёфта буд. Дар ин давра на фақат мусиқичиён, балки бастакорони хубе ба камол расида буданд.

Пешрафти санъати мусиқӣ то дараҷае расида буд, ки дар ин соҳа асарҳои зиёди назариявӣ ба вуҷуд омада буданд. Яке аз ин қабил асарҳо «Рисолаи мусиқӣ»-и Абдураҳмони Ҷомӣ аст, ки барои омӯзиши санъати мусиқии асри XV аз муҳимтарин сарчашмаҳо маҳсуб мешавад.

Дар ин давра инчунин оид ба илми ахлоқ бисёр асарҳо таълиф шудаанд. Ҷалолиддини Давонӣ (солҳои 1426-1502) соли 1467 бо номи «Ахлоқи Ҷалолӣ» китобе навишт. Дар соли 1494 Ҳусайн Воизи Кошифӣ дар масъалаи ахлоқ ва тарбия «Ахлоқи Мӯҳсинӣ»-ро офарид, ки аз чил боб иборат буда, ба шоҳзода Мӯҳсин бахшида шудааст. Ғайр аз ин, ӯ китоби машҳури «Калила ва Димна»-ро бо номи «Анвори Суҳайлӣ» аз нав таҳрир намуд.

Комёбиҳои соҳаи таърихнигорӣ низ дар ин давра кам набуданд. Яке аз асарҳои муҳими таърихӣ «Зубдат-ут-таворих»-и Ҳофиз Абрӯ (ваф. с.1430) мебошад, ки нақли воқеаҳои таърихиро то соли 1427 оварда расонидааст. Абдураззоқи Самарқандӣ, ки давомдиҳандаи корҳои вай буд бо унвони

«Матлаъ-ус-саъдайн ва маҷмаъ-ул-баҳрайн» китобе таълиф намуда буд, ки воқеаҳои муҳимтарини таърихии байни солҳои 1304 ва 1469-ро дар бар мегирад.

Муиниддин Муҳаммади Исфизорӣ дар соли 1491 бо номи «Равзат-ул-ҷаннот фи авсофи мадинат-ул Ҳирот» асаре навишт, ки дар он таърихи шаҳри Ҳирот ва таърихи тамоми вилоятҳои давлати Султон Ҳусайнро баён намудааст.

Муҳимтарин асари таърихии давраи темуриён китоби «Равзат-ус-сафо» мебошад. Муаллифи ин китоб Муҳаммад ибни Ховандшоҳ (ваф.соли 1498) мебошад, ки дар таърих бо номи Мирхонд шӯҳрат пайдо кардааст. Ӯ аслан аз вилояти Балх буда, давраи минбаъдаи ҳаёт ва фаъолияти худро дар Ҳирот гузаронидааст. Мирхонд яке аз иштироккунандагони фаъоли ҳаёти мадании Ҳирот ва аз ҳамкорони наздики Ҷомӣ ва Навоӣ ба шумор мерафт. «Равзат-ус-сафо» иборат аз ҳафт ҷилд буда, таърихи мамлакатҳои исломӣ, аз ҷумла Эрон, Осиёи Миёна, хусусан давраи темуриёнро то охирҳои салтанати Султон Ҳусайн Бойқаро дар бар мегирад. Охири ин китоб яъне ҷилди ҳафтуми он, ки нотамом монда буд аз тарафи бародарзодаи муаллиф Хондамир ба итмом расонида шудааст. Ҳамин тавр, дар асрҳои XIV-XV илму адаби тоҷик густариш меёфт.

# БОБИ XIII. ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР АСРҲОИ XVI – XX

## §1. Таърихи сиёсӣ.

Дар охирҳои асри XV ва ибтидои асри XVI ӯзбекҳои саҳронишин бо сардории Муҳаммад Шайбонихон Мовароуннаҳри Марказӣ ва андаке баъдтар тамоми қисмати боқимондаи давлати Темуриёнро забт намуданд. Давлат ва сулолаи нав бо номи таъсискунандаи худ – Шайбонӣ машҳур гардид.

Баъди вафоти охирин хони Шайбониён Абдуллохон муборизаҳои дарборӣ барои ба даст даровардани ҳокимият хеле авҷ гирифт. Давлатҳои ҳамсоя аз ин нооромиҳо ва зиддиятҳо истифода бурда, ба истилои қисматҳои алоҳидаи Осиёи Миёна шурӯъ намуданд. Як қисми сарзамини Осиёи Миёна (Хуросон, Хоразм ва Тошканд) аз тарафи эрониён, хивагиҳо ва қазоқҳо забт гардид. Аз ин рӯ, аъёну ашроф ба тахт Ҷонимуҳаммадро шинониданд, ки аз авлоди ҳокимони собиқи Астрахан буд.

Сулолаи наве, ки ба ҷои Шайбониён ба тахт нишаст ба худ номи Ҷониён ва ё Аштархониёнро гирифт. Дар даврае, ки давлати Аштархониён хеле сусту заиф гашт тахти шоҳиро дар Эрон Нодиршоҳи Афшор соҳиб мегардад. Ӯ давлати худро мустаҳкам намуда, соли 1740 ба Мовароуннаҳр ҳуҷум мекунад. Абулфайзхон, ки сарварии давлати Аштархониёнро ба ӯҳда дошт ҳамроҳи дарбориёнаш ба пешвози Нодиршоҳ мебароянд. Нодиршоҳ тоҷу тахти Абулфайзхонро нигоҳ дошт, вале дар амал ҳокимиятро ба дасти намояндагони қабилаи дигари турк – Манғитиён дод.

Муҳаммад Раҳими манғит, ки ба сари ҳокимият оварда шуд исёнҳоро дар дохили давлат нахш намуда, соли 1747 Абдулфайзхонро бо фарзандонаш ба қатл расонида, асосгузори сулолаи нав – сулолаи Манғитиён гардид. Ин сулола то сентябри соли 1920 ҳукмронӣ кардааст, ки намояндаи охирини он амир Саид Олимхон буд.

## §2. Маданияти моддӣ ва маънавӣ

Дар давраи ҳукмронии сулолаҳои туркии Шайбониён, Аштархониён ва Манғитиён илму фарҳанги халқи тоҷик таназзул ёфт. Муборизаҳои мунтазами ин сулолаҳо барои ҳокимият ба маданияти халқи тоҷик зарбаи сахт зад. Бо вуҷуди ин дар зери таъсири мардуми бофарҳанги тоҷик туркон ба сохтмони мадрасаҳо, масҷидҳо, мақбараҳо ва хонақоҳҳо шурӯъ намуданд. Биноҳои нав ба нав дар Бухоро ва атрофи он сохта мешуданд.

Дар ҳамин давра девори нави шаҳр сохта шуда буд. Муҳимтарин хусусиятҳои санъати меъмории асри XVI бештар дар иморатҳои Бухоро таҷассум ёфтаанд.

Дар санъати меъмории нимаи аввали асри XVI анъанаҳои аҳди темурӣ идома дошта, марҳалаҳои нави инкишофи худро аз сар мегузаронид.

Дар ин давра биноҳои ҷудогонаи бошукӯҳи ҷомеъ сохта мешуданд. Масҷиди Калон ва мадрасаи Мири Араб аз калонтарин ансамблҳои меъмории Осиёи Миёнаи асри XVI маҳсуб мешаванд.

Ансамбли меъмории Чорбакр, ки дар наздикии Бухоро воқеъ гардидааст боз ҳам бузургтар мебошад. Маркази композитсионии онро се иморати боҳашамати дар як суфа гузошташуда ташкил менамояд.

Водии Ҳисор низ аз ёдгориҳои меъмории ин давра бой аст. Дар асрҳои XV- XVI ба ҳайати Ҳисор ҷануби Тоҷикистон, ҷануби Ӯзбекистон, вилоятҳои шимолии Афғонистон (Балх, Шибирғон, Қундуз), инчунин Бадахшон дохил мешуданд. Иморатҳои Қалъаи Ҳисор, аз қабили Мадрасаи Кӯҳна, Мазори Маҳмуди Аъзам гувоҳи он аст, ки санъати меъморӣ дар он давра то андозае инкишоф ёфта будааст.

Дар асри XVI ороиши бадеии китобҳои дастнавис хеле маъмул гашта буд. Китобхонаҳое, ки дар дарбори султонҳо мавҷуд буданд, вазифаи коргоҳи китобат ва ороиши дастнависҳоро низ адо мекарданд. Дар Осиёи Миёнаи он давра бисёр минётурсозон ва хушнависони забардаст ҳаёт ба сар мебурданд, ки чанде аз онҳо ба ин ҷо аз Ҳирот омада буданд. Миқдори зиёди дастнависҳое, ки дар асри XVI хушнависони маҳаллӣ китобат карда буданд ва минётурсозони он давр зинат

додаанд то ба замони мо омада расидаанд. Дар байни ин хушнависону минётурсозон касоне ҳам буданд, ки бо истеъдоди баланду нотакрори худ шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардаанд.

Минётураи Осиёи Миёна дар асри XVI дорои мактаби мустақили худ гардида буд. Ин мактаби осиёимиёнагии минётур ба чанд марҳала ҷудо мешавад. Марҳалаи аввал (то солҳои 40-уми асри XVI) давраи ҳамзистии ду равия маҳсуб мешавад. Як гурӯҳи минётурофарандагон ба анъанаи Беҳзод пайравӣ мекарданд. Гурӯҳи дигар равияи андаке дигарро пеш гирифта, зарофатро камтар ва мухтасариро бештар меписандиданд ва офаридаҳои онҳо бештар ҷанбаи этнографӣ дошт. Хусусиятҳои ин равияро беҳтар аз ҳама минётурҳои «Фатҳнома» метавонад тавсиф намояд. Асар ба васфи корномаҳои Шайбонихон бахшида шуда, китобати он дар ибтидои асри XVI ба вуқӯъ пайвастааст. Минётурҳо бо мазмуни ҳар фасл ва воқеаҳои муайяни таърихӣ мувофиқат доранд. Дар онҳо симои як қатор шахсони таърихӣ, аз ҷумла, худи Шайбонихон ҳам тасвир ёфтааст. Тамоми ҷузъиёти зист, либос ва ҷиҳозот комилан воқеӣ акс гардидаанд. Дар онҳо омезиши маданияти муқимӣ ва саҳроӣ возеҳу равшан ба назар мерасад.

Дар он давра омӯзиши минётураҳои Ҳирот ва аз онҳо нусхабардорӣ кардан расм шуда буд. Рассомони Осиёи Миёна аз расмҳои давраҳои пешинаи Ҳирот баъзе манзараҳо ва композитсияҳои томро айнан кӯчонида мегирифтанд. Яке аз чунин композитсияҳои том, ки хеле маъмул буд, лавҳаҳое мебошанд, ки бо номи манзараҳои тахти подшоҳӣ машҳур гардидаанд. Дар дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна бошад анъанаҳои маҳаллии расмкашӣ вуҷуд дошт. Дар расмҳои онҳо таъсири мактаби Ҳирот умуман эҳсос карда намешавад. Рассомон бештар аз ҳама ба тасвири ҳақиқии воқеаҳо ва юришҳои ҳарбӣ марок доштанд.

Дар марҳалаи дуюм, аз миёнаҳои асри XVI сар карда, дар офаридаҳои беҳтарин минётурсозон як навъ омезиши ин ду сабк ба амал меояд. Тасвирҳои онҳо хеле нафис, дақиқ ва зебоанд. Дар онҳо таҳлили психологӣ, мазмуни иҷтимоӣ ва мавзуоти жанрӣ торафт мавқеи бештарро ишғол менамояд. Дар ин маврид ба тасвири симо низ аҳамият дода мешуд. Яке аз барҷастатарин намунаҳои осори ин марҳала дастнависи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ мебошад, ки тасвироти он ба килки

устоди машҳури минётур **Муҳаммадмуроди Самарқандӣ** тааллуқ дорад.

Саҳнаҳои муҳориба дар тасвири ӯ хеле зинда, пур аз ҳаракат ва ниҳоят ҳаяҷонангез баромадаанд. Ӯ ба мавзӯҳои иҷтимоӣ ҳам рӯ овардааст. Аз ин ҷиҳат минётурае, ки дар он шӯриши Коваи оҳангар тасвир ёфтааст ҷолиби диққат мебошад.

Ин давра (солҳои 40-70-уми асри XVI) яке аз пурсамаратарин давраҳои санъати минётурнигории тоҷик буд. Гарчанде дар санъати рассомии пойтахт – шаҳри Бухоро таъсири мактаби Ҳирот ҳис карда шавад ҳам, рафти умумии инкишофи санъати минётурнигорӣ далолат мекунад, ки он дар ҷустуҷӯи роҳу усулҳои ба худ хос будааст. Яке аз намоёнтарин рассомони ин давра **Маҳмуди Музаҳҳиб** буд. Бо вуҷуди он, ки ин рассом дар асоси талаботи мактаби Ҳирот эҷод карда бошад ҳам, вале дар осораш бисёр тағйироту дигаргуние ба назар мерасад, ки худи ӯ ба ин санъат дохил кардааст.

Эҷодиёти Усто Абдулло бошад ба инкишофи санъати рассомии Бухоро таъсири муассир расонида буд. Нақшу тарҳ ва суроби расмҳои ин рассом нафис, зарифу мавзун буда, тобишҳои ранг бо маҳорати ҳайратангез кор фармуда шудаанд. Дар сохтани композитсия низ ӯ ниҳоят забардаст будааст. Маҳорате, ки то ба рӯзҳои мо омада расидаанд, далолат бар он мекунанд, ки Абдулло пайравони зиёде доштааст ва онҳо ба устоди худ тақлид карда, аз минётураҳои эҷодкардаи ӯ нусхабардорӣ кардаанд.

Эҷодиёти **Муҳаммад Чеҳраи Муҳосин** ва дигар мусаввирони забардаст низ дар ҳамин давра ҷараён ёфта, ба пояҳои баланди инкишофи худ расида буд.

Хусусиятҳои ба назар намоёни офариниши портретҳо дар асри XVI иборат аз он аст, ки минётурсозон аз тасвири шартии подшоҳ даст кашида, дар портретҳои офаридаи худ подшоҳонро идеализатсия намекунанд ва онҳоро ба таври воқеӣ нишон медиҳанд. Рассоми машҳури дигари ин давра **Ҷалолиддин Юсуф** буд. Ҷалолиддин Юсуф дар офаридани портрет шӯҳрати зиёде пайдо карда буд ва карикатураҳои хуб низ эҷод мекард. Асрҳои XVII- XVIII ба соҳаи меъморӣ низ нақши маъмуле гузоштааст. Мавқеъ, ҳокимият ва сарвати зиёди тоифаҳои ӯзбек, алалхусус амирони онҳо торафт афзунтар ме-

гардид. Шаҳрҳо ва вилоятҳои том дар ихтиёри онҳо буд. Ин амирон ва сарватмандони ӯзбек барои ҷовидонӣ гардонидани номи худ ба сохтмони иншоотҳои бузург камар мебастанд.

Масалан, Ялангтушбӣ дар Регистони Самарканд сохтмони бузургеро огоз намуд ва маҷмӯи иморoти муҷаллалеро, ки то имрӯз боқи мондааст ба вуҷуд овард. Дар рӯ ба рӯи мадрасаи Улуғбек бо амри ӯ меъмори номӣ Абдулҷаббор мадрасаи нав бино кард. Дар пештоқи даромадгоҳи ин мадраса сурати даррандаи ба ғизол ҳамлакунанда тасвир ёфтааст ва аз ҳамин сабаб онро мадрасаи Шердор номидаанд. Рӯи мадрасаи Шердор айнан нусхаи рӯи мадрасаи Улуғбек аст: дар марказ - сардар, дар гӯшаҳо – манораҳои рост, аз байни дарвоза ва манораҳо гунбазҳои тегдор ба назар менамоянд. Дар ҷузъиёти тарҳи бино ва ороишоти он навигариҳои зиёде мушоҳида мешавад.

Баъдтар Ялангтушбӣ аз тарафи сеюми майдон боз як иморати дигар сохт. Чун дар ороишоти ин бино тиллои бисёре истифода шудааст, онро тиллокорӣ номидаанд. Ин биноест, ки мадрасаву масҷид дар як ҷо сохта шудаанд: дар се тарафи ҳавлӣ ҳуҷраҳо ва дар тарафи чорум масҷид воқеъ гардидааст.

Дигар аз ёдгориҳои меъмории асри XVII маҷмӯи иморатест, ки дар Бухоро воқеъ гардидааст. Яке аз қисматҳои муҳими ин ансамбли меъморӣ ҳавзи калон мебошад ва аз ин рӯ, вай бо номи Лаби Ҳавз машҳур аст. Аввалин иморати ин маҷмӯъ – мадрасаи Кӯкалтош ҳанӯз дар асри XVI сохта шуда буд. Дар асри XVII яке аз амалдорони олимақоми он замон Нодир – девонбегӣ фармуд, ки ҳавз, мадраса ва хонақоҳчае созанд. Ин ансамбли меъморӣ он қадар мутаносиб ва мутавозин нест, чунон ки дар маҷмӯи иморати Регистони Самарқанд метавон дид. Ин ансамбли меъморӣ аз таносуб ва тавозуни қисматбандӣ маҳрум буда, меъмор дар бунёди он на завқе ва на табъе аз худ зоҳир накардааст. Бинокориҳои асри XVII низ ба сари худ ягон ҷиҳати қобили таваҷҷӯхе надоранд.

Дигар ансамблҳои меъмории биноёфтаи Бухоро мадрасаи Улуғбек мебошад, ки дар асри XV сохта шудааст ва дигаре мадрасаи Абдулазизхон аст, ки аз ёдгориҳои меъмории асри XVII ба шумор мераванд. Дар байни ин ду иморат хеле шабоҳат мавҷуд аст, аммо тафриқаи онҳо боз бештар мебошад.

Таносуби рӯи иморати мадрасаи Улугбек ба ҳадди комил расида, ороишоти он содда ва дар айни замон хеле нафис аст.

Ороишгарони асри XVII анъанаи ду асри пешинаро идома дода, баъзан муваффақиятҳои муайяни эҷодӣ ба даст овардаанд. Алалхусус, комёбиҳои устодони кандакории рӯи гаҷ ба назар намоёнтаранд. Дар ороиши иморатҳо аз ҳунари хотамкорӣ ва кошинкорӣ ба таври васеъ истифода мекарданд. Нақшҳо пурпечу хам ва сарбаста, гаммаи рангҳо назар ба асрҳои XV- XVI дурушт ва хашинтар мебаромаданд. Рангҳои зард ва сабз, ки ба таври фаровон кор фармуда шудаанд, онҳоро аз ҳад зиёд рангин намудаанд.

Аз нусхаҳои хаттии асри XVII, ки бо минётурҳои рассомони Осиёи Миёна зинат ёфтаанд то замони мо миқдори хеле кам расидааст. Вале аз ҳамин намунаҳои кам низ маълум мегардад, ки анъанаи мактаби минётурии осиёимиёнагии асри XVI давом ва инкишофи босазои худро дар асри XVII пайдо намуда будааст. Хусусан минётурҳое, ки «Зафарнома»-и Шарафиддини Яздиро зеб додаанд бисёр хуб ва ҷолибанд. Ин нусха соли 1628 дар Самарқанд китобат шуда, 12 минётурро дар бар мегирад. Минётурсози забардасте дар саҳнаҳои рамзӣ бо як маҳорати ҳайратангезе тавонистааст миқдори зиёди симоҳои одамиро ҷо диҳад, ки ҳар яки он боз ба назар зинда ва дар ҷунбишу ҳаракат намудор мешавад. Масалан, дар сурате, ки Ҳиротро муҳосира кардани Темур тасвир ёфтааст, 23 андоми одамӣ ва 18 асп намудор аст. Дар минётури дигар, ки лашкар кашидани Темур бар зидди хони Олтинӯрда Тухтамиш тасвир шудааст, 20 кас ҷанг мекунад. Саҳнаи базми Темур низ пуродам аст: дар ин ҷо аҳли кибор, сипоҳиён, мутрибон, ҳофизон, ровиён ва соқиёнро метавон дид. Саҳнаҳо хеле зебо ва хушранг офарида шудаанд.

Вазъияти минбаъда ба пешрафти бинокорӣ, меъморӣ ва санъат тамоман мусоидат накард. Нимаи аввали асри XVIII давраи харобии иқтисодӣ, хуруҷи ҷангҳои дохилӣ, ба вайронӣ рӯ овардани шаҳру деҳот, сар задани шӯришҳои халқӣ, дубора авҷ гирифтани тохтутози хевагиҳо, ҳуҷуми тоифаҳои бодиянишин ва лашкари аҷнабӣ буд. Дар ин давра махсусан ноҳияҳои марказии Мовароуннаҳр ва вилояти Балх зарари калон диданд. Дар натиҷаи ба ҳар тараф фирор кардани аҳолӣ, бахусус тоҷикон чунин марказҳои маданӣ, монанди Бухоро ва

Самарқанд беодам монданд. Табиист, ки аз замони ошуфта ва тира ҳеҷ як ёдгории муҳими меъморӣ ва ҳунарӣ боқӣ намондааст.

Ноорomиҳои замона, ҷангҳои дохилӣ, зулму ситами бераҳмона боиси хароб гаштани мамлакат ва таназзули илму фарҳанги халқи тоҷик гардид.

Дар нимаи дуюми асри XVIII ва аввали асри XIX бинокориҳои азими Бухоро аз ҳаракат бозмонд, гӯё, ки мавҷудияти худро қатъ карда бошад. Дар ин шаҳри харобгашта биное сохта намешуд.

Дар ин давра дар Самарқанд сохтмони якчанд биноҳои нимкорамондаи кӯҳна анҷом дода шудаанду бас. Масалан, дар нимаи дуюми асри XIX дар таҳкурсии кӯҳна бинои масҷиди ҳазрати Хизр сохта, сипас борҳо таъмир карда шуда буд. Аз охири асри XVIII то миёнаҳои асри XIX дар Хева ва баъзе дигар шаҳрҳои хонии Хева чандин биноҳо сохта шудаанд.

Дар хонии Хуқанд бошад сохтмони корвонсаройҳо, ҳаммомҳо, қалъаву манораҳо, инчунин масҷиду мадраса ва мақбараҳо каму беш идома ёфтанд.

Дар охирҳои асри XVIII ва ибтидои асри XIX дар Хуҷанд, Ӯротеппа, Ҳисор, Панҷакент ва дигар шаҳрҳо низ чандин иморатҳо сохта шуда буданд. Масалан, масҷиди Чорбоғи Хуҷанд бо айвони баланд ва нақшу нигори зебои сақфи дармонгоҳи худ аз ҳамин қабил ёдгории меъморӣ ба шумор меравад. Вале дар байни бештар аз дусад масҷид ва бисту панҷ мадрасаи Хуҷанд фақат чандтои онҳо аз ҷиҳати меъморӣ мавриди таваҷҷӯҳ мебошанду бас. Аз ёдгориҳои меъмории Ӯротеппа бинои мадрасаи Рустамбек, ки мутаассифона то замони мо боқӣ намондааст қобили қайд аст. Аз сохтмонҳои калони онвақтаи Ӯротеппа мадрасаи Намозгоҳ, айвони тиллокории пойгоҳи қароргоҳи ҳоким дар болои Муғтеппа, ҳаммом ва корвонсаройро, ки аз хишти пухта бино ёфта буданд метавон зикр кард.

Тадқиқи ҳамаи ин ёдгориҳои меъморӣ ба чунин хулосае меорад, ки дар сохтмонҳои бошукӯҳи онвақта савияи техникӣ ва меъморию бадеӣ хеле паст гардида будааст.

Аммо дар бинокориҳои оммавӣ манзара тамоман дигар аст. Дар ин ҷо на қатъи анъана ва на таназзул мушоҳида намешавад. Баръакс, маҳз дар ин давра навъҳои маҳаллии

манзилҳои Осиёи Миёна комилан ташаккул меёбад. Зимнан дар тарҳ, ороиш ва масоҳат ду навъи бино – манзили одамони давлатманд ва манзили одамони бенаво аз ҳам тафовути ҷиддӣ пайдо мекунанд.

Дар ин давра заргарон ва мисгарон низ осори бисёр нафиси ҳунарӣ офаридаанд. Асарҳои шоистаи таҳсини кандакорону ҳаккокон, бофандагону дӯзандагон, кулолгарон ва соир ҳунармандони забардаст аз он башорат медиҳад, ки санъат ва ҳунари халқи тоҷик дар ин давра ҳам мавҷудияти худро давом дода, то андозае комёбиҳои муҳимро ноил гардида будааст.

## § 3. Адабиёти бадеӣ ва таърихнигории тоҷик

Илму адаб, ки дар замони ҳукмронии Улуғбек хеле пеш рафта буд, ба зудӣ пас аз марги ӯ рӯ ба таназзул ниҳод. Ин ақибравӣ махсусан дар аҳди Султон Абӯсаид сахт эҳсос карда мешуд. Он вазъияти сиёсӣ, ки аз аввалҳои асри XVI дар мамлакат фароҳам омад, ба ҳаёти адабӣ ва фаннӣ зарбаи боз ҳам сахттар расонид. Нақши рӯҳониёни иртиҷоӣ ниҳоятдараҷа пурқувват гардида, беш аз пеш ба инкишофи афкори илмӣ монеъ мешуд. Дар натиҷаи ин Ҳирот аз аввалҳои асри XVI ҳамчун як маркази маданияи халқи тоҷик аҳамияти худро гум кард. Намояндагони илму фарҳанг, адабиёт ва санъат ба ҳар тараф парокандa гардиданд.

Агарчанде дар нимаи дуюми асри XVI шаҳри Бухоро ҳамчун маркази маданӣ сар бардошта, сол аз сол шумораи мадрасаҳо зиёд гардида бошад ҳам, лекин дар ин мадрасаҳо асосан илмҳои динӣ омӯхта мешуданд. Бо вуҷуди ин адабиёт ва илму фанни дунявӣ дар ин давра то як дараҷа ривоҷ ёфт. Хоҷа Ҳасани Нисорӣ ном муаллифи асри XVI 250 нафар ходимони илму адаби давраи ҳукмронии Убайдуллохон ва писари ӯро ном мебарад. Аксари ходимони зикркардаи Нисорӣ дар адабиёт ва санъат осори намоёне аз худ боқӣ нагузоштаанд. Аз байни адибони он давра махсусан фаъолияти Восифиро бояд хотирнишон намуд.

**Зайниддини Восифӣ**. Зайниддин Восифӣ дар соли 1485 таваллуд ёфтааст. Ӯ то соли 1512 дар Ҳирот зиста, пас аз сукути салтанати Темуриён ба хидмати Шайбониён мегузарад ва то

солҳои 30-юми асри XVI дар Бухоро, Самарқанд, Тошкент ва дигар шаҳрҳои Осиёи Миёна умр ба сар мебарад. Восифӣ ба ғайр аз ашъор, асари хеле ҷолиби саргузаштиеро бо унвони «Бадоеъ-ул-вақоеъ» эҷод кардааст. Ӯ дар ёддоштҳои худ симои шаҳрҳои онзамонаро ба таври барҷаста тасвир намуда, русуми адабии Ҳиротро дар давраи Навоӣ ва ҳаёти шоирони дарбори аҳди Шайбониёнро нишон медиҳад. Восифӣ ҳамчун нависандаи зарофатписанд ва мушоҳидакор дар шакли нафиси ҳаҷв бисёр нуқсонҳои усули идораи давлати хониро фош намудааст.

**Камолиддин Биноӣ**. Шоир ва муаррихи номии тоҷик Камолиддин Биноӣ (соли таваллуд 1453, соли қатл 1512) ҳамзамони Восифист. Ӯ дар Ҳирот аз оилаи устои ҳунарманди бинокор ба дунё омада, дар овони ҷавонӣ чанд солро дар Шероз, пас дар Табрез дар дарбори султон Яъқуб ба сар бурдааст.

Баъди Самарқандро забт кардани Муҳаммад Шайбонихон ба хидмати ӯ дохил шуд ва ҳамроҳи лашкари шайбонӣ дар соли 1507 ба Ҳирот баргашт. Пас аз фавти Шайбонихон (соли 1510) ва Ҳиротро тасарруф кардани Сафавиён ӯ ба Қаршӣ рафт ва баъди ду сол дар он ҷо ҳангоми қатли оми мардуми бегуноҳ, ки лашкари сафавӣ ба роҳ монда буд кушта шуд.

Биноӣ шоири забардаст ва мутриби моҳире буд. Ба қалами ӯ чанд рисола ва намунаҳои насри бадеӣ низ тааллуқ доранд. Яке аз офаридаҳои барҷастаи ӯ маснавии «Беҳрӯзу Баҳром» аст, ки дар он фикрҳои тарбиявию ахлоқӣ ва ақидаҳои иҷтимоию ҷамъиятии шоир баён ёфтаанд. Муаллиф заъфу сустиҳои инсонро мавриди мазаммат қарор дода, нуқсонҳо ва носозгориҳои муҳити феодалӣ, ахлоқи вайрони аҳли ҷоҳу сарват ва рӯҳониёни мутаассибро ба зери тозиёнаи танқид мегирад ва хулқу атвори писандидаи одамиро сутуда, зарурати касби илму донишро боисрор таъкид менамояд. Бо вуҷуди он, ки шеърҳои ахлоқӣ дар назми форсу тоҷик собиқаи хеле ғанӣ дошт, Биноӣ дар маснавии худ бисёр фикру ғояҳои навро ифода карда, тавонист ба ин жанри анъанавӣ хусусиятҳои тоза бахшад.

Ғазалиёти Биноӣ асосан ба равияи ғазалсароии асри XV офарида шудаанд, вале дар ин маврид ҳам ӯ ба шеър лаҳзаҳои тарҷумаиҳолӣ ва унсурҳои танқиди синфҳои ҳукмронро дохил намуда, дар пеши назар ҳамчун шоири навпардоз намоён мегардад.

Аз асарҳои таърихии Биноӣ қабл аз ҳама «Шайбонинома» ва нусхаи тафсилёфтаи он «Футуҳоти хонӣ»-ро, ки дар байни солҳои 1504-1510 таълиф ёфтааст бояд зикр кард. Ин асарҳо воқеаҳои зиндагӣ ва саргузашти Шайбонихонро дар бар мегиранд. Фарқи ин ду асар аз дигар асарҳои таърихии он замон дар он аст, ки панду ахлоқи ҳамида дар онҳо афзалият доранд. Зоҳиран чунин ба назар мерасад, ки муаллиф хостааст ба ин восита ба табақаи ҳукмрони замони худ таъсир расонида, то андозае пеши роҳи зулму тааддӣ ва худсариҳои ононро бигирад.

Биноӣ намояндаи табақаи миёнаи шаҳриён маҳсуб мешуд ва аз ҳамин мавқеъ нуқсонҳои сохти замонаашро танқид мекард.

**Бадриддин Ҳилолӣ**. Яке аз шоирони соҳибистеъдоди тоҷики он давра Бадриддин Ҳилолӣ буд. Ӯ монанди Биноӣ ба доираи мадании Ҳирот мансуб буд. Ҳилолӣ тахминан соли 1470 дар Астаробод таваллуд ёфта, соли 1491 ба мақсади давом додани таҳсил ба Ҳирот меравад ва то охири умр дар он ҷо зиндагӣ ба сар мебарад. Соли 1529 ӯ дар натиҷаи ҳаҷвияи ба Убайдуллохон навиштааш ба шиъапарастӣ айбдор гардида, бо фармони ҳукмрони вақт ба қатл расонида мешавад. Дар эҷодиёти Ҳилолӣ мавқеи асосиро ғазал ишғол менамояд. Ғазалиёти дилрабо ва шӯрангези ин шоири ширинкалом то имрӯз дар саросари кишварҳои форсизабон вирди забони мардуманд. Забони фасеҳ, санъати нафис ва оҳанги дилнишин ба ғазалҳои ӯ ҳусни махсусе бахшидаанд. Ғайр аз девони ғазалиёт ба қалами ӯ боз се достон – «Лайлӣ ва Маҷнун», «Сифат-улошиқин» ва «Шоҳу гадо» тааллуқ дорад.

Эҷодиёти шоирони нимаи аввали асри XVI то ҳол ба дараҷаи кофӣ омӯхта нашудааст. Шубҳае нест, ки дар назми ин давра назар ба назми асри XV-ум ҷиҳатҳои шаклпарастӣ, суханрониҳои каммазмун ва рангомезиҳои аз ҳад афзун қувват гирифта, таназзули маҳорат мушоҳида мешавад, ки ин ҳолат самараи таъсири шароити таърихист.

Дар нимаи дуюми асри XVI пас аз он, ки Абдуллохони 2 ҳокимияти мутамаркази худро ташкил намуд, ҳаёти адабӣ дубора эҳё гардид. Дар ин давра аз доираи ҳунармандон як зумра шоирони барҷаста дар арсаи адабиёт зуҳур намуданд, ки дар байни онҳо **Абдураҳмони Мушфиқӣ** (солҳои 1538-1588) хеле

машҳур буд. Мушфиқӣ дар Бухоро аз хонаводаи ҳунарманде ба дунё омада, замоне дар Самарқанд низ зиндагӣ кардааст. Вай дар шоирӣ шӯҳрат ёфта, барои мақоми дуруст пайдо кардан дар дарбори султон Саид кӯшишҳо намуд, вале ба ин комёб нашуд. Синас роҳи Деҳлиро пеш гирифта, ба хидмати дарбори шоҳ Акбар дохил гардид, ки ду қасидаи ӯ ба васфи ин ҳукмрони ҳинд бахшида шудаанд. Мушфиқӣ соли 1567 ба Бухоро баргашта, ба дарбори Абдуллохон кашида шуд ва ба дараҷаи «маликушшуаро» расид.

Ӯ дар ҳаҷвия ва латифаҳои халқӣ чун марди шаккок ва «халалдоркунандаи оромиҳо» тасвир мешавад.

Барои мисол намунаи зерини шеъри ҳаҷвии ӯро, ки ба тақсими мерос бахшида шудааст ва дар он беҳуқуқии занон ифода ёфтааст меорем:

***Ҳамшира, харҷи мотами бобо аз они ту,***
***Сабр аз ману тараддуди гавғо аз они ту,***
***Анбори пур аз ғаллаи бобо аз они ман,***
***Он коҳҳои монда ба саҳро аз они ту.***
***Ҷумла гилему қолини бобо аз они ман,***
***В-он нақшаҳои мондаи бӯрё аз они ту.***
***Аз рӯи ҳавлӣ то лаби бом аз они ман,***
***Аз пушти бом то ба сурайё аз они ту.***

Дар асри XVI таърихнигорӣ низ то андозае инкишоф ёфта буд. Яке аз асарҳои барҷастаи таърихӣ «Ҳабиб-ус-сияр фи ахбори афрод-ил-башар»-и Хондамир мебошад, ки шарҳи ҳодисаҳои таърихиро то охири мубориза Шайбонихон ва шоҳ Исмоил (соли 1510) баён намудааст. «Меҳмонномаи Бухоро»-и Фазлуллоҳи Рӯзибеҳхон, «Абдулонома»-и Ҳофизи Таниш низ барои омӯхтани таърихи Осиёи Миёнаи асри XVI аз муҳимтарин сарчашмаҳо маҳсуб мешаванд. Ҳофизи Таниш шоири соҳибдевон ҳам буд, вале девони ӯ мутаассифона то замони мо нарасидааст.

Дар аҳди Ҷониён ду маркази адабӣ вуҷуд дошт, ки яке Бухоро ва дигаре Балх буд. Дар ин давра адабиёти тоҷик назар ба асри XVI бештар инкишоф ёфт. Лекин дар замони Субҳонқулихон шароит ба дараҷае сахт гардид, ки ҳатто як ид-

да шоирони дарбор ватани худро тарк намуда, ба Ҳиндустон ҳиҷрат карданд.

Дар сурате, ки адабиёти дарборӣ ва расмии тасаввуфӣ ҳолати таназзулро аз сар мегузаронид, дар доираҳои ғайрирасмӣ, махсусан дар байни пешаварони шаҳр назми рӯҳан ба муҳити халқ наздик инкишоф ёфт. Шоирони забардаст мисли Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ, Муллообиди Мумтоз ва хусусан Миробид Сайидои Насафӣ ба камол расиданд, ки маҳсули адабии онон бештар ба ҳаёти табақаҳои истеҳсолкунандаи мамлакат алоқаманд буд.

**Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ**. Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ соли 1657 дар маҳаллаи Зардӯзони Самарқанд таваллуд ёфтааст. Ҳамаи хешу ақрабои ӯ дар касби зардӯзӣ маҳорати комил доштанд ва худи ӯ ҳам ин пешаро ба хубӣ аз худ карда буд. Фитрат дар соли 1685 ба Бухоро рафта, дар мадрасаи он ҷо таҳсил мекунад. Рӯзгори ӯ ба сахтӣ ва машаққат мегузашт. Мӯҳтоҷӣ ва тангдастӣ ӯро маҷбур намуд, ки ҳавлиашро фурӯшад. Харидор, ки шахси давлатманде буд, ӯро фиреб дода ҳавлиро бо нархи хеле арзон соҳиб гардид. Шоир ба ин ваҷҳ дар бораи вай шеъри ҳаҷвӣ навишта, бо ҳамин васила қасоси худро аз ӯ гирифт.

Фитрат ҳам устоди назм ва ҳам устоди наср будааст. Аз мероси адабии ӯ маснавии «Толиб ва Матлуб», як ҳаҷвия ва чанд ғазал боқӣ мондааст. Девони ӯ то ҳол пайдо нашудааст.

**Сайидои Насафӣ**. Сайидои Насафӣ (ваф.байни солҳои 1707-1711) бузургтарин шоири ин давраи тоҷик аст. Ӯ дар замони ҳукмронии Абдулазизхон, Субҳонқулихон ва Убайдуллохон ҳаёт ба сар бурда, рӯзҳои тира ва мудҳишеро, ки истибдоди феодалӣ ба сари оммаи заҳматкаш оварда буд бо чашми худ дидааст.

Сайидо дар давраи аввали эҷодиёти худ зоҳиран бо мақсади пайдо кардани сарпараст ва мураббие бо баъзе намояндагони табақаи ҳоким ва бо муҳити одамони дарбор наздик шуд ва таъсири ҳамин муҳит буд, ки чанд қасидаи худро ба Абдулазиз ва Субҳонқулихон бахшид. Аммо, вақте ки вай аз тамоми фиску фуҷури дарбор ва разолати аҳли он воқиф шуд, ҳарчи зудтар худро аз муоширати ин тоифа дур кашид:

*Қадам аз кӯчаи арбоби давлат кӯтаҳ авлотар,*
*Ки аз ҳар нақши пои ман барояд чашмаи хуне.*

Сайидо халқи худро бисёр дӯст медошт. Ӯ на фақат бо маҳсули адабии худ, балки шахсан ҳам афтодагон ва мазлумони бечораи ватанашро то метавонист ҳимоят мекард:

*Ҳар куҷо афтодае бинам ба сар ҷо медиҳам,*
*Хори ин саҳро гули рӯи сабад бошад маро.*

Сайидо қасидаҳои худро на ба подшоҳон ва аъёну ашроф, балки ба камбағалон, пешаварон ва деҳқонон бахшида, ҳаёти ин гурӯҳи аҳолиро хеле хуб тасвир кардааст. Қасидаҳое, ки ӯ дар тавсифи нонвой, наққош ва ғайра навиштааст аз ҳамин қабиланд. Дар байни асарҳои ӯ мавқеи муҳимро «Баҳориёт» («Ҳайвонотнома») ишғол менамояд. Шоир дар ин асари худ дар мисоли ҳайвонот симои намояндагони табақаҳои мухталифи ҷамъияти феодалиро тасвир намуда, таъкид менамояд, ки одамони меҳнатӣ агарчи дар назар чун мӯрчагон ба зери по афтода бошанд ҳам дар амал аз ҳама болотаранд ва агар онҳо иттифоқ бандaнд қавитарин душманро ҳам мағлуб карда метавонанд.

Сайидо дар як силсила шеърҳои худ харобии шаҳру деҳот, маҳрумият ва азобҳои бешумори аҳолиро дар аҳди Субҳонқулихон нишон додааст. Давраи ҳукмронии Субҳонқулихон даврае буд, ки аз як тараф муфлисӣ ва бенавоии халқ зиёд шуда, аз тарафи дигар сарвати синфи ҳукмрон беш аз пеш меафзуд. Вазъи он давраро ӯ чунин тавсиф намудааст:

*Фалак бар қомати пири хамида мемонад,*
*Ҷаҳон ба деҳаи тороҷдида мемонад...*
*Зи баски аҳли ҷаҳон хуни якдигар хӯранд,*
*Сари сипеҳр ба нориш макида мемонад.*
*Даруни ҷомаи рангини хеш дунёдор,*
*Ба кирмҳои бирешимтанида мемонад.*

Ҳамин тавр, Сайидои Насафӣ дар давлати хонии Бухоро нахустин шоирест, ки ошкоро ба ҳимояти аҳли меҳнат бархоста, сохти феодалиро сахт танқид кардааст. Ӯ ҳамчун шоири соҳибистеъдод, ифодакунандаи орзуву омоли табақаҳои

меҳнатии аҳолӣ, хусусан ҳунармандон баромад кардааст. Аҳли меҳнат ва баёни кайфияти он дар эҷодиёти ӯ мақоми хоса дорад. Сайидо дар ифодаи ақидаҳои пешқадами иҷтимоӣ ва таблиғи ғояҳои инсонпарваронаи худ аз ҳамзамононаш хеле пеш гузаштааст. Дар шеърҳояш халқи меҳнаткашро ситоиш карда, бартарии онҳоро аз дигар табақаҳои ҷамъиятӣ таъкид намудааст. Ӯ синфҳои ҳукмронро ба ҷаҳолатпарастию бераҳмӣ гунаҳкор карда, ба зери тозиёнаи танқиди сахт мегирифт ва бо як ҷасорату далерӣ изҳор мекард, ки иқтидори аҳли меҳнат дар иттиҳод аст.

Сайидо дар мавзӯъ ва шакли шеър баробари давом додани беҳтарин анъанаҳои гузаштагони худ бисёр навигариҳо овард. Дар ғазалҳояш ҳокимони золимро сарзаниш ва вайрониҳои мулкро бо дарду алам тасвир намуда, доираи мавзӯоти ин жанри анъанавиро хеле васеъ гардонид. Мавзӯҳои қасидаро низ тағйир дод ва дар васфи ҳунармандон қасидаҳо офарид. «Баҳориёт»-и ӯро метавон шакли нави назми дидактикӣ ҳисоб кард. Дар адабиёти пас аз асри XVI тавассути эҷодиёти Сайидо жанри “шаҳрошӯб» равнақи тоза ёфт. Шоир дар эҷоди худ ташбеҳу истиораҳои нав, образҳои фолклорӣ ва таъбирҳои пуробуранги халқиро ба кор бурда, ганҷинаи воситаҳои тасвири бадеии назми тоҷикро ғанитар гардонид.

Аксари шоирони гузашта ба нигаҳ доштани меъёри дахлнопазири забони адабиёти классикӣ сайъ менамуданд. Пас аз воқеаҳои сиёсии ибтидои асри XVI, пайдоиши ҷудоӣ ва дурӣ дар байни Эрону Мовароуннаҳр ҳифзи ягонагии забон моҳияти пешинаи худро аз даст дод. Сайидо инро дарк карда, бо ҷуръати тамом анъанаи қадимаро шикаст ва ба назм калимаҳои оммафаҳми забони гуфтугӯии модариашро дохил намуд. Забони офаридаҳои ӯ ба забони адабии ҳозираи тоҷик бисёр наздик аст.

Дар асрҳои XVII-XVIII таърихнигорӣ низ инкишоф ёфта буд. **Маҳмуд ибни Валӣ** яке аз таърихнависони барҷастаи он давра маҳсуб мешавад. Асари ӯ «Баҳр-ул-асрор фӣ маноқиб-ул-ахбор» як навъ энсиклопедияест, ки аз чор ҷилд иборат буда, қисмати таърихии он воқеаҳои давраи аз Чингизхон то Ҷониёнро дар бар мегирад.

Дигар асари муҳиме, ки дар ин давра таълиф ёфтааст «Таърихи Сайид Роқим» мебошад. Ин асар агарчанде воқеаҳои

таърихиро бо як тартиби муайян тасвир намекунад, лекин дар бораи одамони машҳур, дар хусуси бинокорӣ ва осори адабии замони Темур ва давраҳои баъдина то асри XVIII маълумоти хеле пурқиммат медиҳад.

Ҳамчунин асари **Муҳаммадамини Ярокчӣ** «Муҳит-ут-таворих»-ро низ метавон дар қатори сарчашмаҳои муҳими таърихии ин давра номбар кард. Муаллифи ин китоб шарҳи воқеаҳои таърихиро аз давраҳои қадим сар карда то нимаҳои асри XVII оварда мерасонад ва ба давраи салтанати Ҷониён (Аштархониён) ба таври муфассал таваққуф мекунад.

Аз таълифоти дигаре, ки дар ин давра эҷод карда шудааст, асари **Муҳаммадюсуфи Муншӣ** «Таърихи Муқимхонӣ» мебошад. Дар ин асар асосан таърихи давраи Ҷониён то соли 1704 инъикос ёфтааст. Ниҳоят, муҳимтарин асари таърихии ин давра «Убайдуллонома»-и **Мирмуҳаммадамини Бухорист**, ки комилан ба давраи ҳукмронии Убайдуллохон бахшида шуда, воқеоти солҳои 1702-1711-ро фаро гирифтааст.

Дар охирҳои асри XVIII ва ибтидои асри XIX ҳаёти илмию адабӣ рӯ ба таназзул меорад. Дар ин давра на фақат ягон қадар асарҳои муҳим ба вуҷуд наомаданд, балки омӯхтани дастовардҳои илмии замонҳои гузашта низ қариб тамоман ба дараҷаи нестӣ рафта расид.

Хусусан замони ҳукмронии амир Шоҳмурод ва ворисони ӯ дар ин бобат тиратарин давраҳост. Дар ин давра фақат омӯхтани илми фиқҳ, тафсири китобҳои динӣ ва шарҳи китобҳои дарсии динии асри миёна ривоҷ ёфта буду бас. Муддати таҳсили мадраса ниҳоят дароз шуда, боиси аз донишҳои замон маҳрум мондани ҳатто боистеъдодтарин фарзандони халқ гардид.

Омӯхтани адабиёти бадеӣ, илми баён, хаттотӣ, риёзиёт, ҳайат дар барномаи мадрасаҳо аслан ба назар гирифта намешуд. Хоҳишмандон метавонистанд бо ин соҳаҳо ба тариқи худомӯзӣ машғул шаванд. Забони тоҷикӣ дар ин давра ҳамоно аҳамияти аввалиндараҷаи худро дар дастгоҳи давлатӣ нигоҳ дошта, мисли пештара дар риштаи адабиёт ва ҳам дар корҳои идоравӣ мавқеи асосиро ишғол мекард. Дар мактабҳо таълиму тадрис бо ин забон ба амал меомад. Вале дар мадрасаҳо қариб тамоми дарсҳо ба забони арабӣ гузашта, забони тоҷикӣ фақат барои шарҳ ва тарҷимаи баъзе дарсҳо хидмат мекард.

Адабиёти Мовароуннаҳр дар асри XVIII рӯ ба таназзули сахт ниҳод. Оҳангҳои иҷтимоӣ дар шеърҳои онвақта хеле заиф гардида, таъсири тасаввуфи ғайрифаъол қувват мегирад. Дар миёнаи асри XVIII ҷараёни тозае ба зуҳур меояд, ки дар таърихи адабиёти тоҷик бо номи бедилизм машҳур аст. Намояндагони ин ҷараён дар Осиёи Миёна беш аз ҳама ба тасаввуфи Бедил тақлид намуда, ба мароми умумии фалсафӣ ва иҷтимоии ӯ вуқуфи комил пайдо намекарданд.

**Мирзо Абдулқодири Бедил**. Шоир ва файласуф Абдулқодири Бедил (солҳои 1644-1721) яке аз охирин намояндагони барҷастаи адабиёти тоҷикзабони асримиёнагии Ҳиндустон ба шумор меравад. Ӯ дар сарзамини Ҳинд ба дунё омада, умр ба сар бурдааст. Бедил дар асарҳои худ бар асоси назарияи ваҳдати вуҷуд баъзе фикрҳои бидъатомезро ифода карда, бар зидди нифоқ ва адовати мазҳабии ҳиндуён ва мусулмонон сар бардоштааст. Ӯ ақидаҳои худро баъзан ошкоро ва гоҳо дар зери таъбирҳои тасаввуфӣ баён намудааст. Асарҳои Бедил бо сабки махсус навишта шудаанд. Ғояҳои ин шоир ва мутаффакири бузург назар ба дигар ҷойҳо бештар дар Осиёи Миёна, дар байни тоҷикон ва ӯзбекон тарафдорони зиёди худро пайдо карда буд. Лекин, мутаассифона, қисми зиёди пайравони Бедил асосан услуби мураккаби бадеии ӯро дар шакл тақлид карда, ба мазмунҳои фалсафӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии мероси адабии ӯ аҳамият надодаанд. Шояд ба сабаби ақиб мондани ҳаёти маданини Бухоро ва дар ин маҳал хеле қувват гирифтани таъсири таассуби динӣ бошад, ки аксаран ҷиҳатҳои тасаввуфии шеърҳои Бедил диққати пайравони ӯро ба худ кашидаанд. Ин ҳолатро дар эҷодиёти шоирони тоҷикзабони дарбори Умархон (дар Хӯқанд) ва дар эҷодиёти дигар шоироне, ки дар Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд ва дигар шаҳрҳо камол ёфтаанд мушоҳида кардан мумкин аст.

Бо вуҷуди ин, ҷараёни бедилизм ғайр аз муқаллидони кӯҳнапараст намояндагони пешқадами худро низ соҳиб буд. Дар байни пайравони Бедил олимоне буданд, ки баъдҳо, дар асри XIX ва ибтидои асри XX эҷодиёти худро то андозае ба ҳаёти иҷтимоии халқ наздиктар намуда, ғояҳои нисбатан ба он замон пешқадамро таблиғ мекарданд. Нақибхони Туғрал, Асирии Хуҷандӣ ва Ҷавҳарии Истаравшанӣ аз зумраи чунин шоирон маҳсуб мешаванд.

Умуман, равияи демократӣ ба назми ин давра низ роҳ пайдо менамуд. Чунончи, Мирзо Муҳаммадсодиқи Муншӣ, ки дар эҷодиёти ӯ оҳангҳои озодфикрӣ ва танқиди зулму истибдоди ҳукмронон эҳсос мешавад, намояндаи ҳамин равия ба шумор меравад. Тамоюли танқиди сохти мавҷударо дар эҷодиёти баъзе шоирони дигари Бухоро, аз қабили Ирсии Ҳисорӣ, Хиҷлати Бухороӣ, Раҳими Самарқандӣ ва ғайри низ метавон мушоҳида намуд. Дар доираи адабии Хӯқанд мисли Гулханӣ, Муҷрим, Кошиф, Маъдан, Ҳозиқ ва Махмур шоироне буданд, ки бо мароми эҷодиашон аз дигар муосирони худ фарқ доштанд. Шоира Дилшод, ки монанди бисёр адибони он замон асарҳояшро ба ду забон – тоҷикӣ ва ӯзбекӣ офаридааст, нисбат ба ҷабру ситам ва бедодгариҳои ҳокимони феодалӣ эътироз баён менамояд.

Дар ин давра асарҳои оид ба таърих асосан шакли воқеанигориро ба худ гирифта буданд. Лекин дар ҳар сурат як идда сарчашмаҳои таърихӣ ҳам ба вуҷуд омаданд, ки дар масъалаи омӯхтани ҳаёти асрҳои XVIII- XIX арзиши зиёде доранд. Яке аз ин гуна сарчашмаҳо асари Муҳаммадвафои Карминагӣ «Тӯҳфаи хонӣ» ё худ «Таърихи Раҳимхонӣ» аст. Ин китоб воқеаҳои дар байни солҳои 1721-1757 рӯйдодаро дар бар мегирад. Дигар аз асарҳои муҳимми ин давра китоби Муҳаммад Яъқуб «Гулшан-ул-мулук» мебошад, ки дар солҳои сиюми асри XIX навишта шуда, замони ҳукмронии манғитиҳоро то аҳди амир Насрулло тавсиф менамояд.

Таърихи хонҳои Хӯқанд дар «Мунтахаб-ул-таворих» ном асари Муҳаммад Ҳакимхон, ки воқеаҳои аз замони ҳукмронии Норбӯта (тақрибан с.1770) то айёми салтанати Муҳамадалихонро нақл менамояд баён ёфтааст. Асари Мулло Аттор «Ҷаҳоннамо», ки соли 1810 таълиф ёфта буд, асосан ба муносибати байни аморати Бухоро ва давлати хонии Хӯқанд бахшида шудааст. Илова бар ин доир ба таърихи давлати хонии Хӯқанд асарҳои дигар, аз қабили «Таърихи Шоҳрухӣ»-и Мулло Ниёз Муҳаммад ва «Таърихи муҳоҷирон»-и Дилшод низ таълиф ёфтаанд. Доир ба таърихи аморати Бухоро ғайр аз асари Аҳмад Махдуми Дониш «Таърихчаи Бухоро» ҳамчунин таърихи Мулло Ҳамулӣ (охири асри XVIII нимаи аввали асри XIX) қобили қайд мебошад.

# Рамзҳои тамаддуни халқҳои олам





# Осори фарҳанги ҷомеаи ибтидоӣ




















# Осори фарҳанг ва тамаддуни Шарқи Бостон


















































# Осори фарҳанги ва тамаддуни Атиқа


















XIII
















# Осори фарҳанг ва тамаддуни Исломӣ













# Осори фарҳанг ва тамаддуни давраи Эҳё, Ислоҳот, Маорифпарварӣ ва замони муосири Ғарб



















# Осори фарҳанг ва тамаддуни даврони Шӯравӣ ва соҳибистиқлолии комили Тоҷикистон























## §4. Маорифпарварӣ ва адабиёти тоҷик (нимаи дуюми асри XIX-ибтидои асри XX)

Аз тарафи Россия истило шудани Осиёи Миёна ба равнақи маданияту санъат ва адабиёт мусоидат намуд. Олимони тараққипарвари Россия дар бобати тадқиқи иқтисодиёт, этнография, таърих, забон, адабиёт, сарватҳои табиӣ ва ғайраи Осиёи Миёна хизмати босазое карданд.

**Аҳмад Махдуми Дониш**. Аҳмад Махдуми Дониш ва бисёр мутафаккирону шоирони Осиёи Миёна аз намояндагони зиёиёни пешқадами Россия сабақ мегирифтанд. Тадриҷан адабиёти кишвар ҳам пеш рафт. Дар ташаккули ҷаҳонбинии мутафаккири барҷастаи тоҷик **Аҳмад Махдуми Дониш**, ки бо лақаби Аҳмади Калла (солҳои 1827-1897) машҳур буд, таъсири маданияти пешқадами Россия хеле бузург аст.

Аҳмади Дониш яке аз барҷастатарин мутафаккирони асри XIX-и тоҷик ба шумор меравад. Ӯ духтур, шоир, мусиқидон, рассом, мунаҷҷим, олим ва хаттот низ буд. Аҳмади Дониш ба ивази озодфикрӣ ва ақидаҳои танқидиаш ба «кофирӣ» ном бароварда буд. Бо вуҷуди ин донишу маълумоти фавқулоддаи ӯ амирро маҷбур мекард, ки ба вай бо назари эътибор нигарад. Аҳмади Дониш ба сифати котиби сафорати амир се маротиба ба Петербург сафар карда буд. Шиносоӣ бо Россия ва маданияти рус дар тамоми ҳаёт ва фаъолият ӯ нақши ҳалкунанда бозид.

Аҳмади Дониш дар ибрози мақсад ва орзуҳои сиёсии худ ба шиори хаёлпарастонаи подшоҳи маърифатнок рӯ меовард. Ба ақидаи ӯ агар амир ба фоидаи маорифи халқ «бовар кунонда шавад», гӯё худи ҳамин барои ба тарзи нав сохтани ҳаёти воқеии Бухоро кофист. Лекин дар айни замон Аҳмади Дониш барои таъсис додани идораҳои машваратӣ ва ба ин восита маҳдуд гардонидани яккаҳукмронии амир баромад мекард. Рӯҳи тамоми гуфтаҳои ӯро меҳру муҳаббат нисбат ба халқ ва ғамхорӣ барои саодатмандии он фаро гирифтааст.

Аҳмади Дониш асли моҳияти ҳукумати мутлақи Россияро дарк карда натавониста бошад ҳам, аммо Россияро бо Бухоро муқоиса карда, табиист, ки аз илму фарҳанги бойи халқҳои Россия, тараққиёти ин кишвар ва шаҳрҳои рус ба ваҷд меомад.

Муҳимтарин асари Аҳмади Дониш рисолаи «Наводир-ул-вақоеъ» мебошад, ки аз маҷмӯи порчаҳои илмию фалсафӣ ва бадеӣ иборат аст.

Ӯ дар асари худ «Рисола ё мухтасаре аз таърихи хонадони манғитияи Бухоро» амирони Бухороро ба зери тозиёнаи танқиди сахт гирифта, ошкоро гуфтааст:

«Бас агар ҳоли султонро тафтиш кунӣ, фосиқе, золиме, саффоқе ва қозӣ марди мурташии ҳаромхоре, госибе ва раис к.., бедиёнате ва асас мухаммир ва муқаммир, саргурӯҳи роҳзанон ва саркардаи сориқон мебуд»[1].

Тамоми мутафаккирони боистеъдоду поквиҷдони он солҳои Бухоро дар атрофи Аҳмади Дониш гирд меомаданд. Устод Садриддин Айнӣ дар «Ёддоштҳо»-и худ таъкид намудааст, ки чӣ тавр Аҳмади Дониш батадриҷ худро аз дарбор дур кашида, дар атрофи худ одамонеро ҷамъ намуд, ки кӯшиш доштанд мардумро аз банди ҷоҳилӣ ва бенавоӣ раҳо диҳанд.

Ба ин тариқа, фикру ақидаҳои Аҳмади Дониш бо вуҷуди он ҳама маҳдудиятҳои худ нисбат ба он замон ақидаҳои пешқадам ва прогрессивӣ буданд. Бузургтарин хизмати Аҳмади Дониш аз он иборат аст, ки ӯ тавонист дар атрофи худ як гурӯҳ пайравон-маорифпарварони асри XIX тоҷикро муттаҳид намояд.

Абдулқодирхоҷаи Савдо (ваф.соли 1874), Қорӣ Раҳматуллоҳи Возеҳ (солҳои 1828-1894), Исо Махдуми Бухороӣ (солҳои 1826-1887), Шамсиддин Махдуми Шоҳин (солҳои 1857-1893), Ҳайрати Бухороӣ (солҳои 1876-1902) барин шоирони маҳфили Аҳмади Дониш ҳарчанд шоирони забардасти охири асри XIX буданд, вале аз ҷиҳати ақидаву мафкура ба дараҷаи ин мутафаккири бузург расида натавонистанд. Дар натиҷаи истилои Осиёи Миёна аз тарафи Россия дар шаҳру деҳаҳои Осиёи Миёна маҳаллаҳои русҳо пайдо шудан гирифтанд. Робита бо мардуми тараққихоҳи рус, рафтуомад ба ноҳияҳои марказии Россия боиси инкишофи адабиёти маорифпарварии охири асри XIX ва ибтидои асри XX гардиданд.

---

[1] Дониш А. Рисола ё мухтасаре аз таърихи хонадони манғитияи Бухоро. – Душанбе, 1992.

Намояндагони пешқадами ин адабиёт дар вилояти Фарғонаи кишвари Туркистон Муқимӣ, Фурқат, Ҳамза Ҳакимзода, Дилшод ва Анбаротун буданд.

Дар эҷодиёти Муҳаммадаминхоҷаи Муқимӣ (солҳои 1850-1903) ҳаҷв мақоми намоён дорад. Муқимӣ маҳз тавассути ҳаҷв беинсофӣ, бедодгарӣ, худсарӣ ва золимии амалдорони идораҳои подшоҳиро фош мекунад.

**Зокирҷон Фурқат** (солҳои 1858-1909). Зокирҷон Фурқат ба Россия, ба маданияти рус ҳусни таваҷҷӯҳи хоса дошт ва дӯстию рафоқати халқи русу халқҳои Осиёи Миёнаро доимо тарғибу ташвиқ мекард.

Эҷодиёти шоири маорифпарвар **Ҳамза Ҳакимзода** (солҳои 1889-1929) баъди револютсияи якуми рус хеле ривоҷу равнақ ёфт.

Омилҳои асосии ташаккули ақидаҳои пешқадами маорифпарварони халқи тоҷик ин шиносоии онҳо бо марказҳои илмию мадании Россия буд. Дар ташаккули ақидаҳои ҷамъиятию сиёсии Дилшод (солҳои 1800-1905/06) ва Анбаротун (1874-1908/09) низ ин омил яке аз омилҳои муҳимтарин буданд.

Дилшод ва Анбаротун мисли тамоми дигар равшанфикрон худсарию бедодгарии ҳукуматдорон, феодалҳо, истисмори гӯшношуниди халқро маҳкум мекарданд. Онҳо риёкорӣ, ҳарисӣ, фосиқӣ, ҷоҳилӣ ва бераҳмии бойҳоро фош ва ошкор карда, муфтхӯрон, молимардумхӯронро зери ҳаҷви сахт қарор дода буданд.

Дар ибтидои асри XX фаъолияти баъзе адибони пешқадами тоҷик басо вусъат ёфт. Ҳайрат, Саҳбо, Асирӣ, Айнӣ ва баъзе дигарон аз ҷумлаи он адибон буданд. Шиносоӣ бо адабиёти рус ба эҷодиёти онҳо таъсири бузург расонд.

**Ҳайрат.** Ҳайрат (солҳои 1878-1902) шоири боистеъдод ва ғазалсарои забардаст буд.

Шоир дар шеърҳояш халқро ба маърифат даъват намуда, дар роҳи беҳбудии мардум ҷаҳд карданро сифати олии инсонӣ мешуморид.

**Саҳбо**. Саҳбо худаш амалдори олимартаба буд, унвони тӯқсабо дошт. Аммо авомфиребӣ, ҳарисӣ ва ҷоҳилии дарборӣёну амалдорони амир ӯро водор намуданд, ки дарборро тарк намояд. Ашъори ӯ асосан лирикӣ буд, вале дар эҷодиёташ ҳаҷв низ бисёр ба назар мерасад. Соли 1918 Саҳбо бо фармони амир

барои иштирок дар неҳзати озодихоҳии халқ ба қатл расонида шуд.

**Тошхӯҷа Асирӣ.** Тошхӯҷа Асирӣ (солҳои 1864-1915) дар Хуҷанд ҳаёт ба сар бурдааст. Ӯ ба косибӣ машғул буд ва қашшоқона зиндагӣ мекард. Асирӣ шоири инсондӯст буда, ҳамеша таъкид менамуд, ки вазифаи адабиёт тавсифи ақлу дониш аст. Асирӣ дар ашъораш бою муллоҳои риёкорро сахт танқид карда, онҳоро «худозадагони роҳи дин» меномид. Дар як шеъраш Асирӣ таъкид менамояд, ки:

*Оҳ, аз ин ҷинси наҷосаттинатони зӯҳдкеш,*
*Ҷуз ба оби тег натвонӣ мутаҳҳар доштан.*
*Анкабӯтонанд ҳангоме ки гиранд эътикоф,*
*Сайди мазлуме ғараз дар зери чодар доштан.*

Асирӣ тарғиботчии фаъоли илму дониш буд ва ақидае дошт, ки бо роҳи маърифат халқро аз ҷаҳолат ва таассуби динӣ раҳо додан мумкин аст. Ӯ боварии комил дошт, ки мактабҳои дунявӣ, илму маданият мардумро хушбахт карда метавонанд. Масалан, ӯ дар як шеъраш таъкид мекунад,ки:

*Шуморо шояд акнун ҷаҳд кардан,*
*Ғамиислоҳи кори хеш хӯрдан,*
*Макотибҳои нав эҷод кардан,*
*Раҳи дарси наве иршод кардан.*

**Садриддин Айнӣ.** Садриддин Айнӣ (солҳои 1878-1954) ҳам аз адибони тараққипарвари он давра буд, ки соли 1909 аввалин китоби дарсии дунявӣ «Таҳсиб-ус-сибён»-ро таълиф кард. Дар ҳамон солҳо Айнӣ бисёр шеърҳое навишта буд, ки ба масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ бахшида шудаанд.

Тамоми адибони ин давра дар эҷодиёти худ хусусиятҳои мусбати маорифпарварии Аҳмади Донишро маҳфӯз дошта, бо роҳи маърифат ба халқ хизмат мекарданд, амoратро зери танқид мегирифтанд ва бо Россия алоқаву робита карданро ташвиқ менамуданд.

# БОБИ XIV. ФАРҲАНГИ ХАЛҚИ ТОҶИК ДАР ДАВРОНИ ШӮРАВӢ ВА СОҲИБИСТИҚЛОЛИИ КОМИЛИ ТОҶИКИСТОН (АСРИ XX – ИБТИДОИ АСРИ XXI)

## §1. Фарҳанги шӯравии тоҷик дар солҳои 1920-1941.

25 октябри (7 ноябри) соли 1917 дар Россия инқилоби сотсиалистӣ ғалаба кард ва Давлати Советӣ барпо карда шуд.

Бо ёрӣ ва дастгирии Россияи Шӯравӣ дар Осиёи Миёна низ тартиботи Шӯравӣ барпо карда шуд. Аз рӯзҳои аввали барпо гардиданаш Давлати советӣ ба инкишофи илму фарҳанг диққати ҷиддӣ медод.

Фарҳанги навтарини халқи тоҷикро ба се давраи асосӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Давраи аввали фарҳанги навтарини халқи тоҷик солҳои 1920-1929, давраи дуюм солҳои 1929-1991- ро дар бар мегирад. Давраи сеюми фарҳанги навтарини халқи тоҷик аз 9 сентябри соли 1991 оғоз ёфта, то ҳол идома дорад. Ҳар яке аз ин давраҳо дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошанд.

Дар солҳои аввали мавҷудияти ҳокимияти Шӯравӣ дар соҳаи маданият ва маориф корҳои зиёде ба ҷо оварда шуда буд. Дар назди Шӯроҳои маҳаллӣ шӯъбаҳои маорифи халқ ташкил карда шуда буданд, ки корҳои маданию маърифатӣ, маҳви бесаводии аҳолии калонсолон ва ба омӯзиши ҳатмӣ фаро гирифтани наврасон дар ихтиёри онҳо буд.Дар охири соли 1918 дар Тоҷикистони шимолӣ 15 мактаб, соли 1919 бошад 73 мактаби шӯравӣ кушода шуда буд.

Вале дар мактабҳо кадрҳои омӯзгорӣ намерасид. Барои тайёр кардани муаллимон дар шаҳрҳои Туркистон курсҳои кӯтоҳмуддати омӯзгорӣ ташкил карда шуда буданд. Дар асоси декрети Шӯрои Комиссарони халқи РСФСР оид ба таълими ҳатмии умумӣ Шӯрои вилояти Самарқанд қарор дод, ки тамоми аҳолии хату савод надоштаи ҳарду ҷинс аз 12 то 45 сола бояд дар мактабҳои шабона таҳсил мекарданд. Барои онҳо рӯзи кӯтоҳи корӣ ва дигар имтиёзҳо муайян карда шуда буд. Дар курсҳои шабонаи Хуҷанд аз фанҳои арифметика, грамматика,

таърих, сохтмони Шӯравӣ, забонҳои русӣ ва ӯзбекӣ дарс мегуфтанд. Дар Хуҷанд, Ӯротеппа, Драгомирово мактабҳои ягонаи меҳнатии дараҷаи 1 ва 2 амал мекарданд. Мактабҳои маҳви бесаводӣ бошанд дар ҳама ҷо кор мекарданд.

Бояд қайд кард, ки тамоми дигаргуниҳои сиёсӣ, хоҷагӣ ва маданӣ бо ёрию мадади халқи бузурги рус ва Россияи Шӯравӣ гузаронида мешуданд. Россияи Шӯравӣ барои бо васоити таълимӣ ва омӯзгорон таъмин кардани мактабҳо кӯмаки зиёд мерасонид.

Соли 1922 дар музофоти Хуҷанд курсҳои думоҳаи омӯзгорӣ кушода шуданд. Соли 1923 аввалин 11 нафар муаллимоне, ки ин курсҳоро хатм карда буданд, ба деҳот фиристода шуданд. Рӯз то рӯз шумораи мактабҳои нави шӯравӣ зиёд мешуд. Агар дар соли хониши 1923-1924 дар музофоти Хуҷанд 17 мактаб ва 1678 нафар талаба бошад, пас соли хониши 1924-1925 шумораи мактабҳо ба 27 расид, ки дар онҳо 2400 нафар талабагон таҳсил мекарданд.

Дар Хуҷанд маҳфилҳои ҳаваскорони санъат низ ташкил карда шуда буданд, ки асосгузорони он аввалин муаллимон буданд.

Дар Бухорои Шарқӣ қадамҳои нахустин дар соҳаи маориф гузошта шуда буданд. Моҳи марти соли 1921 дар Душанбе нозироти вилоятии маориф ва 5 мактаби шӯравӣ ташкил карда шуд. 600 нафар ҷавонписарону духтарон ба мактаби нави шӯравӣ қадам ниҳоданд. Баробари ин аввалин муаллимон ба Бухорои Шарқӣ омаданд. Соли хониши 1923-1924 дар Кӯлоб, Ховалинг, Ғарм, Ҳоит мактабҳои нав, дар Душанбе, Кӯлоб, Қаратоғ, Ғарм бошад интернатҳо кушода шудаанд. Муаллимон дар курсҳои кӯтоҳмуддат тайёр карда мешуданд, ки соли 1921 онро 25 нафар муаллимон хатм карданд. Азбаски муаллимон намерасиданд, бинобар ин дар курсҳо мудирони нозироти вилоятии маориф, сардорони милиса, коркунони ҳизбӣ-давлатӣ дарс мегуфтанд. Маҳви бесаводии калонсолон вазифаи аввалиндараҷа ҳисобида мешуд. Бар зидди бесаводӣ мубориза умумидавлатӣ сар шуд. Баробари он ба масъалаи инкишофи муассисаҳои давлатӣ-равшаннамоӣ аҳамияти зиёд дода мешуд. Соли 1923 дар Душанбе аввалин китобхона ташкил шуда, ба маркази корҳои оммавӣ-сиёсӣ табдил ёфт.

Адабиёти совстии тоҷик дар мубориза шадиди зидди пантуркистон ва миллатчиёни буржуазӣ ташаккул меёфт. Асарҳои Садриддин Айнӣ «Суруди Озодӣ», «Марсия», «Ба шарафи инқилоби Октябр» сурудҳои аввалини инқилобӣ буданд. С.Айнӣ соли 1920 повестҳои «Ҷаллодони Бухоро» ва соли 1924 «Одина»-ро пешкаши хонандагон намуд. Асарҳои ӯ дар маҷаллаи «Шӯълаи инқилоб», ки аз моҳи апрели соли 1919 то декабри соли 1921 дар Самарқанд нашр мешуд чоп мешуданд. Баробари С.Айнӣ, инчунин шеърҳои инқилобии Абулқосим Лоҳутӣ нашр мешуданд. Соли 1923 достони «Кремл»-и ӯ дар Москва чоп шуд. Худи ҳамон сол асари дигари ӯ «Инқилоби сурх» чон гардид. Соли 1920 Пайрав Сулаймонӣ «Ба шарафи Инқилоби Бухоро» ном шеъре навишт. Солҳои 1924-1925 шеърҳои Муҳаммадҷон Раҳимӣ низ дастраси хонандагон гардиданд.

Ҳамин тавр, ба душвории солҳои ҷанги шаҳрвандӣ нигоҳ накарда, дар пешрафти иқтисодиёт ва ташкил намудани аввалин марказҳои маданӣ-маърифатӣ комёбиҳои назаррас мушоҳида мешуданд.

Ҳукумати Шӯравӣ аз рӯзҳои аввали ташкил ёфтанаш ба масъалаи маориф ва фарҳанг аҳамияти аввалиндараҷа медод. Хусусан саводнок кардани халқ мароми асосӣ буд. Аз ин хотир, маорифи халқ дар Тоҷикистон густариш меёфт. Соли хониши 1924-1925 дар ҷумҳурӣ 32 мактаби нави Шӯравӣ ва интернатҳо мавҷуд буданд. Дар натиҷаи гузаронидани маъракаи дуҳафтаинаи маориф соли 1925 боз 28 мактаб сохта шуд, ки дар онҳо 1610 наврасон таҳсил мекарданд. Ҳамагӣ солҳои 1925-1926-ум 57 мактабҳои ибтидоӣ ва 8 интернатҳо кор мекарданд. Мактабҳо бо китобу васоити таълимӣ таъмин карда мешуданд. Баробари кушодани мактабҳои нав ба масъалаи маҳви бесаводӣ аҳамияти калон дода мешуд. Соли 1926 дар 63 мактаби маҳви бесаводӣ 1450 кас таҳсил мекарданд. Дар ҷумҳурӣ ҳанӯз мактабҳои олӣ набуданд. Соли 1924 дар Тошканд донишкадаи тоҷикии муаллимтайёркунӣ кушода шуд, ки он барои пешрафти маориф дар Тоҷикистон нақши бузург бозид. Кадрҳои ҷумҳурӣ дар шаҳрҳои Тошканду Москва маълумоти олӣ мегирифтанд. Дар соли хониши 1926-1927 дар Тоҷикистон 161 мактаб ва 20 хонаи бачагон мавҷуд буд, ки онҳо 5430 хонанда доштанд.

Яке аз вазифаҳои муҳими давраи азнавбар-қароркунии хоҷагии халқ сохтмони маданӣ буд. Дар ин соҳа вазифаи аввалин, маҳви бесаводии аҳолии калонсолон ва вазифаи дуюм, ба амал баровардани маълумоти ҳатмии ибтидоӣ барои бачагон буд. Соли 1925 дар назди Комиссариати маорифи халқи ҷумҳурӣ комиссияи фавқулодда доир ба маҳви бесаводӣ ташкил карда шуд. Соли 1928-1929 дар Тоҷикистон 318 мактаби маҳви бесаводӣ ташкил шуда буд, ки дар онҳо 9400 кас савод меомӯхт. Дар уезди Хуҷанд бошад, солҳои 1928-1929-ум 250 мактабҳои маҳви бесаводӣ 7500 касро фаро гирифта буданд. Агар соли 1926 бо роҳи курсҳои маҳви бесаводӣ як фоизи аҳолии ҷумҳурӣ саводнок шуда бошад, пас дар арафаи ташкилёбии ҶШС Тоҷикистон ин рақам ба 61 фоиз расида буд. Баробари ташкили мактабҳои маҳви бесаводӣ, мактабҳои нави шӯравӣ низ густариш мeёфтанд.

Соли хониши 1926-1927 дар ҷумҳурӣ 144 мактабҳои шӯравӣ ташкил карда шуданд, ки 3500 ё худ 5,6 фоизи ҳамаи наврасонро ба таҳсил фаро мегирифтанд. Ҳукумати Шӯравӣ ба хонандагони мактабҳо гузаштҳо карда, бачагонро бо китобу асбобҳои хониш, хӯроки бепул таъмин мекард, ба деҳқононе, ки барои хондани фарзандонашон ғамхорӣ содир мекарданд имтиёзҳо медод.

Соли хониши 1927-1928 дар Тоҷикистон 294 мактаб мавҷуд буд, ки дар онҳо 8900 нафар талабагон таҳсил доштанд. Ғайр аз ин барои бепарасторон мактаб-интернатҳо кушода шуданд. Соли 1929 мактабҳои усули кӯҳна барҳам хурданд. Омӯзгорон дар курсҳои кӯтоҳмуддат ва техникуму мактабҳои олии Тошканд тайёр карда мешуданд. Соли 1929 донишкадаи маорифи Тошкандро аввалин муаллимон хатм карданд ва ҳамон сол ин донишкада ба ихтиёри Комиссариати халқии маорифи Тоҷикистон дода шуд. Соли хониши 1928-1929 дар Тоҷикистон се техникуми омӯзгорӣ кор мекард.

Муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ ҳам густариш меёфтанд. Охири соли 1926 дар Тоҷикистон 11 касалхона, 15 гӯшаҳои тиббӣ, 11 гӯшаҳои фелдшерӣ ва амбулаторӣ кор мекарданд. Теъдоди онҳо сол то сол зиёд мешуд. Соли 1929 дар ҷумҳурӣ 11 китобхонаи оммавӣ, ду маҳфили дӯстдорони санъат, 32 клубу чойхонаҳои сурх ва 9 дастгоҳҳои кино мавҷуд буданд. Соли

1929 дар ҷумҳурӣ 12 беморхона, 61 амбулаторияю гӯшаҳои тиббӣ кушода шуданд.

Матбуоти шӯравии тоҷик дар инкишофи ҳаёти нави сотсиалистӣ ҳисса мегузошт. Солҳои 1926-1929 дар ҷумҳурӣ маҷаллаҳои «Роҳбари дониш», «Дониш ва омӯзгор», «Маориф ва маданият», рӯзномаҳои «Тоҷикистони Сурх», «Қизил Тожикистони», «Совет Тожикистони», «Пролетари Хуҷанд» чоп мешуданд.

Дар маркази Тоҷикистон соҳаҳои мухталифи санъат низ инкишоф меёфтанд. Соли 1927 дар Душанбе бо ташаббуси муаллим Ҳаким Карим маҳфили мусиқӣ-драммавӣ ташкил шуд, ки он асоси театри академӣ-драммавии ба номи А. Лоҳутӣ (соли 1933)-ро ташкил дод. Аввалин ҳунарпешагони ин театр Гулчеҳра Бақоева ва режиссёр Султон Саидмуродов буданд. Соли 1929 техникуми мусиқии Хуҷанд ба кор сар кард.

Адабиёти ҷавони шӯравии тоҷик дар мубориза ба муқобили майлонҳои пантуркистӣ обутоб меёфт. Пантуркистҳо, ки дар он солҳо решаи чуқур давонда буданд, ба муқобили забону адабиёти классикии тоҷик муборизаи беамон мебурданд. Яке аз муборизони оташсухани зидди пантуркизм ва панисломизм дар Осиёи Миёна асосгузори адабиёти шӯравии тоҷик Садриддин Айнӣ буд.

Садриддин Айнӣ дар кори дастраси умум намудани мероси бои адабиёти классикии тоҷик нақши бузург бозид. Бо ташаббуси ӯ соли 1926 «Намунаи адабиёти тоҷик» дастраси умум гашт, ки он адабиёти асри X ва ибтидои асри XX-ро дар худ таҷассум мекард. Саҳми шахсии устод Айнӣ дар ташаккулёбии насри шӯравии тоҷик хеле бузург аст. Бо қалами ӯ соли 1927 повести «Одина», солҳои 1927-1929 романи «Дохунда» навишта шуда, аз чоп баромаданд. Ин асарҳои таърихии устод дар саҳифаҳои адабиёти шӯравии тоҷик ганҷинаи бебаҳоанд.

Ба насри устод Айнӣ нависандаи ҷавон Ҷалол Икромӣ пайравӣ намуд. Аввалин ҳикояҳои ӯ «Ширин», «Як ҳавзи пурхун», «Раҳматуллоэшон» бо кӯмаки Садриддин Айнӣ навишта шудаанд. Назми шӯравии тоҷик низ таҳти роҳбарии С.Айнӣ пеш мерафт. Пайрав Сулаймонӣ, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Муҳиддин Аминзода, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода ва дигарон шеърҳои хешро пешкаши хонандагон мегардониданд. Дар асарҳои онҳо комёбиҳои аввалини инқилоби маданӣ, озодии

занон, мубориза ба муқобили урфу одатҳои кӯҳна ҷои намоёнро ишғол мекард.

Ҳамин тавр, маданияти қадима ва бойи халқи тоҷик шаклу мазмуни нав гирифта, дар омехтагӣ бо маданияти пешқадами халқҳои Шӯравӣ боз ҳам ғанитар мегардид.

**Вусъатёбии инқилоби фарҳангӣ. Маорифи халқ.** Дар нақшаи сохтмони сотсиалистӣ дигаргунсозиҳои фарҳангӣ ва ба амал баровардани инқилоби фарҳангӣ ҷои муҳимро ишғол мекарданд. Дар иҷрои ин вазифа пешрафти маорифи халқ нақши ҳалкунандаро мебозид. Соли хониши 1928-1929 дар Тоҷикистон 382 мактаб ва дар онҳо 18, 6 ҳазор хонандагон буданд, ки ба онҳо 718 нафар омӯзгорон таълим медоданд. Ба маълумоти ҳатмии ибтидоӣ аҳамияти зиёд дода мешуд.

Набудани таҳкурсии моддӣ-техникии мактабу маориф, нарасидани омӯзгорон, кори таълиму тарбияро халалдор мекард. Теъдоди мактабҳои миёна ва миёнаи нопура хеле кам буд. Бо вуҷуди он соли хониши 1932-1933 дар 2319 мактаб зиёда аз 125 ҳазор хонандагон таълим мегирифтанд ва ба онҳо 3795 нафар устодон дарс мегуфтанд. Дар тӯли панҷсолаи якум дар курсҳои кӯтоҳмуддату техникумҳо 5522 нафар омӯзгорон ба кор омода карда шуданд. Барои беҳтар шудани кори мактабу маориф ва таълими политехникӣ тамоми ташкилотҳои ҳизбӣ, комсомолӣ, иттифоқҳои касаба, шӯравӣ, колхозу совхозҳо сафарбар карда шуда буданд.

Соли 1931 дар Сталинобод ва соли 1932 дар Хуҷанд донишгоҳҳои омӯзгорӣ ташкил шуда, омӯзгорони маълумоти олидорро тайёр мекарданд. Дар Тоҷикистон чор донишкадаи олӣ ва 16 техникумҳо кор мекарданд, ки дар онҳо 1,9 ҳазор ҷавонписарону духтарон таҳсил мекарданд. Дар Москва, Ленинград, Киев, Тошканд ва дигар шаҳрҳо ҳам барои Тоҷикистон мутахассисон омода карда мешуданд. Дар панҷсолаи дуюм ба маълумоти ҳатмии ҳафтсолаи политехникӣ гузашта, ба бесаводӣ ва чаласаводӣ хотима дода шуд. Барои инкишофи маорифи халқ 447,5 миллион сӯм ҷудо карда шуда, 241 мактаб барои 42460 талаба сохта шуданд. Акнун колхозҳо ҳам барои сохтмони мактабҳо маблағ ҷудо мекарданд.

Соли хониши 1936-1937 дар ҷумҳурӣ 4224 мактаб, аз ҷумла, 89 мактабҳои ҳафтсола, 18 мактаби миёна кор мекар-

данд, ки дар онҳо 221 ҳазор хонандагон, аз ҷумла, 72 ҳазор духтарон таҳсил доштанд. Ба талабагон 8144 нафар омӯзгорон дарс мегуфтанд. Дар панҷ сол курсҳои маҳви бесаводиро 7998,2 ҳазор кас хатм карданд ва Тоҷикистон аз ҷиҳати саводнокии аҳолӣ дар Иттифоқ ба ҷои якум расид.

Чун ҳамеша халқҳои бародар барои Тоҷикистон кадрҳо тайёр мекарданд. Соли 1935 дар Тошканд барои Тоҷикистон донишгоҳи омӯзгорӣ кушода шуда буд. Дар назди донишкадаҳои омӯзгорӣ шӯъбаҳои ғоибона ташкил шуданд ва соли хониши 1937-1938 дар панҷ мактаби олӣ ва 28 техникумҳо 4,6 ҳазор донишҷӯён таҳсил мекарданд.

Маорифи халқ сол то сол нашъунамо меёфт. Соли хониши 1940-1941 дар ҷумҳурӣ 2628 мактаб ва дар онҳо 303,1 ҳазор хонанда таҳсил мекарданд. Барои беҳтар шудани кори мактабу маориф қарорҳои анҷумани муаллимони аълочии ҷумҳурӣ, ки моҳи июли соли 1939 баргузор шуда буд, аҳамияти калон доштанд. Пешниҳод шуда буд, ки аз алфавити лотинӣ ба алфавити кириллӣ гузашта шавад ва ин кор аз 21 маи соли 1940 қонунӣ карда шуд.

Соли хониши 1940-1941 дар ҷумҳурӣ дар шаш мактаби олӣ 2,3 ҳазор донишҷӯён ва дар 30 техникуму омӯзишгоҳҳо 5,9 ҳазор кас таҳсил менамуданд. Соли 1939 Донишкадаи тиббии Тоҷикистон кушода шуд.

## Муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ

Масъалаи густариши муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ яке аз масъалаҳои муҳим ҳисоб мешуд. Онҳо дар байни аҳолӣ сиёсати дохилӣ ва хориҷии Давлати Шӯравиро тарғиб мекарданд. Дар ин кор чойхонаҳои сурх ва клубҳо саҳми босазо мегузоштанд. Дар клубу чойхонаҳои сурх баромаду намоишҳои ҳунарпешагони санъат низ ташкил карда мешуд.

Ташкили китобхонаҳои оммавӣ низ ба роҳ монда шуда буд. Соли 1933 кушода шудани китобхонаи ҷумҳуриявии ба номи Фирдавсӣ воқеаи муҳими маърифатӣ буд. Соли 1937 дар ҷумҳурӣ 400 китобхона ва дар онҳо 234,6 ҳазор китоб мавҷуд буд.

Баробари муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатӣ матбуоти ҷавони тоҷик дар тарбияи башардӯстӣ ва меҳанпарастии аҳолии ҷумҳурӣ мавқеи хоса дошт. Матбуот оммаро аз сиёсати

ҳизбу ҳукумат воқиф гардонда, барои иҷрои нақшаҳои истеҳсолӣ ва мубориза алайҳи унсурони бегона кӯшиш ба харҷ медод. Рӯзномаҳои нав: «Деҳқонони камбағал», «Барои коллективонӣ», «Ҷавонони Тоҷикистон» (апрели соли 1930), «Пионери Тоҷикистон» (апрели соли 1932), «Барои маорифи коммунистӣ» (июли соли 1932), «Бадахшони Сурх», «Зарбдори сохтмони Вахш», журналҳои «Роҳбари дониш», «Маориф ва маданият», «Барои адабиёти сотсиалистӣ», «Бо роҳи Ленин», «Тандурустии Тоҷикистон» (соли 1933), «Коммунисти Тоҷикистон» (соли 1936) чоп мешуданд. Соли 1929 бинои матбааи Сталинобод ба кор даромад. Радиои тоҷик ҳам ташкил шуда буд. Агар соли 1937 дар ҷумҳурӣ 65 рӯзнома бо тиражи 175 ҳазор чоп мешуда бошад, пас соли 1940-ум 83 рӯзнома ва 9 маҷалла нашр мешуд. Дар 201 китобхонаҳои оммавӣ 495 ҳазор нусха адабиёт маҳфуз буд.

Санъати тоҷик нашъунамо меёфт. Дар асоси маҳфилҳои ҳаваскорони санъат театрҳои касбӣ ба вуҷуд омаданд. Соли 1929 театри академӣ-драмавии ба номи А. Лоҳутӣ ташкил шуд. Театр барои реализми сотсиалистӣ мубориза бурда, намоишномаҳои «Балво»-и Д.Фурманов, «Ду нафар коммунист»-и К.Яшин, «Шоҳдухтар Турандот», «Ҳаёт даъват мекунад», «Мубориза», «Душман», «Отелло», «Ревизиор», «Рустам ва Сӯҳроб», «Калтакдорони сурх», «Шодмон», «Шӯриши Восеъ» ва «Коваи оҳангар» ба саҳна гузошта шуда буданд. Аввалин ҳунарпешагони театри ба номи А. Лоҳутӣ Ҳ.Карим, Гулчеҳра Бақоева, Саидахон Раҷабова, Мастура Муллоҷонова, София Тӯйбоева, Тӯҳфа Фозилова, Азиза Азизова ва дигарон буданд. Соли 1933 дар назди театр гурӯҳи машшоқону раққосон низ ташкил шуда буд.

Театрҳои мусиқӣ-драмавӣ дар Хуҷанд (соли 1932), Хоруғ, Кӯлоб, Ғарм (соли 1936), театри драммавии русии ба номи В.Маяковский дар Душанбе (соли 1937) ташкил карда шуда буданд. Соли 1937 дар ҷумҳурӣ 13 театрҳои касбӣ кор мекарданд, ки дар онҳо зиёда аз 40 нафар ҳунарпешагони маҳаллӣ иҷрои вазифа доштанд. Барои тайёр кардани ҳунарпешагони драммаю балет ва ромишгарон соли 1936 дар Душанбе ва Ленинобод омӯзишгоҳҳои махсус кушода шуда буданд. Ҳанӯз соли 1931 слёти якуми ҳофизон, ромишгарон ва раққосони халқии

ҷумҳурӣ барпо шуда буд, ки дар он беҳтарин ҳаваскорони санъат ширкат варзида буданд.

Санъати халқи тоҷик сол то сол ганӣ гардида, дар он жанрҳои нави театрӣ, мусиқӣ ва драммавӣ ҷорӣ мешуданд. Соли 1938 филармонияи давлатӣ, оркестри асбобҳои халқӣ, соли *1940 ансамбли тарона ва рақси тоҷик, инчунин дар назди фи*лармония ансамбли занони рубобнавоз ва соли 1939 ансамбли этнографии Помир ташкил шуданд. Дар пешбурди санъати мусиқии тоҷик саҳми Д.Ибодов, Ш.Соҳибов, Леви Бобохонов, Акашариф Ҷӯраев ва дигарон бузург буд.

Соли 1940 иттифоқи бастакорони тоҷик таъсис ёфта, асарҳои аввалин бастакорони тоҷик З.Шаҳидӣ, Ф.Солиев, Н.Пӯлодов, Ш.Бобокалонов ва дигаронро манзури шунавандагон гардонид. Дастовардҳои санъати тоҷик моҳи апрели соли 1941 дар даҳаи якуми адабиёт ва санъати халқи тоҷик дар шаҳри Москва намоиш дода шуданд. Театри опера ва балети ба *номи С.Айнӣ бо ордени Ленин ва театри драммавӣ*-академии ба номи А.Лоҳутӣ бо ордени Байрақи Сурхи меҳнат мукофотонида шуданд. Ба Муҳаммадҷон Қосимов унвони Артисти Халқии ИҶШС ва ба Т.Фозилова, Р.Ғолибова унвони Артистони Халқии ҶШС Тоҷикистон дода шуд. Даҳаи адабиёт ва санъат дар Москва тантанаи санъату адабиёти тоҷик гардид.

Дар бузургдошти бедории сиёсӣ ва ҷаҳонбинии мардум нақши кино бағоят бузург буд. Тоҷикон, ки аз ин санъат дур буданд солҳои бистуми асри XX ба он ошноӣ пайдо карданд. Аввалин намоиши кино соли 1927 дар Душанбе, Хуҷанд, Ӯротеппа ва Конибодом сурат гирифта буд.

*Соли 1929 дар назди вазорати маорифи* Тоҷикистон гурӯҳи кино ташкил шуда, моҳи июли соли 1930 ба театри «Тоҷиккино» табдил дода шуд ва филмҳои «Омадани поезди аввалин ба Душанбе», «Аввалин трактор дар Тоҷикистон», «8-уми март», «Сохтмони Вахш», «Вақте, ки амирон мемиранд», «Даъват», «Муҳоҷир», филми овозадори «Тоҷикистони офтобрӯя» (соли 1936) пешкаши тамошобинон гардиданд. Соли 1939 «Тоҷиккино» ба тарҷумаи филмҳои бадеӣ ба забони тоҷикӣ шурӯъ кард. Соли 1940 дар Тоҷикистон 140 дастгоҳи намоиши кино мавҷуд буд.

Санъати тасвирии халқӣ-кандакорӣ дар чӯб, гаҷ ва санг ба дараҷаи баланди касбӣ расида буд. Соли 1937 комёбиҳои

устохо ва хунармандони точик дар намоишгохи байналхалкии Париж сазовори бахои баланд гардиданд.

**АДАБИЁТ.** Адабиёти халки точик хеле кадима буда, дар таърихи адабиёти халкхои чахон мавкеъ ва макоми хоса дорад. Бо вучуди он то замони Шўравӣ ин адабиёти гуногунжанр ва мазмунан бой дастраси мардум набуд. Пўшида нест, ки дар даврони Шўравӣ ба густариши тамоми жанрхои адабӣ ахамияти аввалиндарча дода мешуд. Дар тамоми жанрхои адабӣ принсипи адабиёти шаклан миллию мазмунан сотсиалистӣ риоя карда мешуд. Бо хамин равия адабиёти точик пеш мерафт. Хусусияти хоси адабиёти точик дар солхои 30-юм иборат аз жанрхои конфликтологӣ буда, он дар муборизаи идеологӣ бо назарияхои пантуркӣ, панисломӣ, миллатгароёни буржуазӣ ва акидахои зидди шўравӣ сурат мегирифт.

Барои пешрафти адабиёти шўравии точик карори КМ ХК(б) Умумииттифок аз 23-юми апрели соли 1932 «Дар бораи азнавсозии ташкилотхои адабӣ-бадеӣ ва карори КМ ХК(б) Точикистон аз 10 июли соли 1932 «Дар бораи дигаргунсозии ташкилотхои «адабӣ-бадеӣ» ва ташкил намудани «Иттифоки нависандагони Точикистон» сабаб шуданд. Карорхои анчумани якуми нависандагони ИЧШС (августи соли 1934) ва анчумани якуми нависандагони Точикистон (соли 1934) барои инкишофи минбаъдаи адабиёти шўравии точик такони бузурге доданд.

Дар асоси ин карорхо адибони точик ба муборизаи мехнаткашон барои сохтмони сотсиалистӣ хамрох шуданд, ки дар ин кор сарвар ва пешоханги онхо Садриддин Айнӣ буд. Бо сарпарастии С.Айнӣ ва шоири инкилобӣ Абулкосим Лохутӣ дар солхои 30-юм як зумра шоиру нависандагони боистеъдод ба монанди М.Турсунзода, М. Миршакар, Ч.Икромӣ, А.Дехотӣ, М.Рахимӣ, С.Улуғзода, С.Чавхаризода ва дигарон ба арсаи адабиёти точик омаданд. Дар эчодиёти ин адибон мавзўи хаёти нав ва мубориза бар зидди сохти кўхна мавкеи асосиро ишғол мекард.

Махз дар солхои 30-юм хонандаи точик бо бисёр асархои адибони рус аз кабили М.Горкий, В.Маяковский, А.Серафимович, А.Чехов, М.Е.Салтиков-Шедрин, А.Н. Островский, А.С.Пушкин, Н.А. Некрасов, И.А. Крилов, адибони

халқҳои бародар Т.Г.Шевченко, Янка Купала, Павло Тичина ва дигарон шинос гардид.

Асарҳои С.Айнӣ «Дохунда» (соли 1930), «Колхози коммунизм» (соли 1933), «Мактаби кӯҳна», «Марги судхӯр» (соли 1935), «Ғуломон» (соли 1935), «Ҷанги одам бо об» (соли 1937), «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва ғайра чоп шуда, хонандаи тоҷикро бо ҳаёти гузашта ва муосир ошно намудаанд. С.Айнӣ ҳамчун нависандаи ҳақиқатнигор ҳаёти вазнини то инқилобии халқро дар асарҳояш таҳлил намуда, насли навро дар рӯҳияи ватандӯстии сотсиалистӣ тарбия менамуд.

Солҳои сиюм адабиётшиносӣ ва танқиди адабӣ низ ривоҷ ёфта буд, ки асосгузори он С.Айнӣ маҳсуб мешуд. Аввалин тадқиқотҳои илмии адабиётшиносон Ш.Ҳусейнзода ва Х.Мирзозода низ пайдо шуданд. Дар арафаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ асари С.Айнӣ «Ятим» (соли 1940), қисми якуми романи «Шодӣ»-и Ҷ.Икромӣ (соли 1940), ҳикояҳои Ҳаким Карим, ҳикояҳои Раҳим Ҷалил «Ҳисса аз қисса», романи «Гулрӯ» ва ғайра нашр шуданд.

Дар маҷмӯъ ин асарҳо роҳи халқи тоҷикро ба сӯи ҳаёти нав мунаввар менамуданд. Вале ҷанги хонумонсӯз ба эҷодиёти адибони тоҷик газанд овард.

**ИНКИШОФИ ИЛМ**. Сохтмони ҷомеаи нав бе густариши илму техника номумкин буд. Аз ин лиҳоз омӯзиши нерӯҳои тавлидотӣ, сарватҳои табиӣ, нерӯи барқ, набототу, ҳайвонот, забону адабиёт, таъриху фарҳанги халқи тоҷик талаботи давру замон гардида буд.

Соли 1930 дар назди Комиссариати халқии маорифи Тоҷикистон нахустин муассисаи илмӣ-пажуҳишгоҳи, илмӣ-тадқиқотии давлатӣ доир ба омӯзиши забону адабиёт ва таъриху мардумшиносии халқи тоҷик ташкил дода шуд. Худи ҳамон сол стансияи таҷрибавии пажӯҳиши илмӣ-тадқиқотии Умумиттифоқии пахтакорӣ дар Вахш ва соли 1932 пажӯҳишгоҳи меваю сабзавот ва токпарварӣ, инчунин расадхонаи Сталинобод ба кор шурӯъ карданд.

Соли 1932 дар асоси экспедитсияи комплексии Тоҷикӣ-Помирӣ, иборат аз 72 отряд 700 нафар пажӯҳишгар таҳти роҳбарии А.Е.Ферсман дар маҷлиси якҷояи бригадаи АУ ИҶШС дар ҳайати академикҳо В.Л.Комаров, А.Е.Ферсман, С.Ф.Олденбург, А.Ф. Иоффе, Д.Н. Прянишников, профессорон

Д.В.Наливкин, Е.Н.Павловский ва дигарон бо ризогии ШКХ Тоҷикистон базаи Тоҷикистонии АУ ИҶШС ташкил ёфт.

Солҳои 1929-1931 дар Тоҷикистон пажӯҳишгоҳҳои эпидемиологӣ, микробиологӣ, санитарӣ, паразитологӣ, вараҷа низ ба кор оғоз карданд. Дар ҳайати базаи академияи улум 13 муассисаи илмӣ, аз ҷумла, пажӯҳишгоҳҳои тропикӣ, санитарӣ-бактериологӣ, пахтакорӣ, расадхонаи астрономӣ ва ғайра амал мекарданд.

Моҳи апрели соли 1933 дар шаҳри Ленинград конференсияи якум оид ба омӯхтани нерӯҳои тавлидотии Тоҷикистон шуда гузашт. Дар асоси нишондодҳои ин конфронс олимони намоёни кишвар Д.И.Шербаков, Н.П.Горбунов, Д.В.Наливкин, Е.Н.Павловский, А.Е.Ферсман, В.Л.Комаров, Б.И.Вавилов ва дигарон дар омӯзиши боигариҳои табиӣ ва инкишофи илми табиатшиносии халқи тоҷик саҳми арзандаи худро гузоштанд.

Баъдан дар Тоҷикистон пажӯҳишгоҳи Умумииттифоқии илмӣ-тадқиқотии субтропикҳои хушк (соли 1934), стансияи хокшиносӣ-мелиоративии Вахш (соли 1936) таъсис ёфтанд. Соли 1937 базаи Тоҷикистонии АУ ИҶШС дорои 7 пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотӣ, даҳ стансияҳои соҳавӣ ва 172 нафар ходимони илмӣ буд. Тадқиқотҳои илмӣ ба сохтмони сотсиалистӣ сахт марбут буданд. Соли 1933 олим В.П.Красичков навъи пахтаи наверо ихтироъ карда буд, ки ҳосилнокиаш 15 фоиз гашт.

Дар ҷодаи илми тиб низ ғамхорӣ хеле зиёд буд. Дар панҷсолаи дуюм барои ин соҳа 168 млн.сӯм харҷ шуда буд. Соли 1937 дар Тоҷикистон 96 беморхона, 206 гӯшаҳои амбулаторӣ, 176 бунгоҳҳои акушерӣ-фелдшерӣ, 46 машваратҷой барои занон ҷой доштанд. Ба мардум 407 духтурон ва 1430 пешхизматони хурду миёнаи тиб хизмат карда, алайҳи касалиҳои сирояткунанда, вараҷа, нагзак ва ғайра мубориза мебурданд.

Олимони ҷумҳурӣ дар ҳалли масоили мухталифи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, аз ҷумла, пахтакорӣ, ғаллакорӣ, кирмакпарварӣ, боғу токпарварӣ саҳмгузор буда, навъу усулҳои беҳтарину серҳосили зироатҳоро дар соҳаи кишоварзӣ ва чорводорӣ пешниҳод мекарданд.

Соли 1941 базаи Тоҷикистонии АУ ИҶШС ба филиали Тоҷикистонии АУ ИҶШС табдил дода шуд, ки сардори он академик Е.Н.Павловский буд. Дар ҳайати он пажӯҳишгоҳҳои

илмӣ-тадқиқотии геологӣ, ботаника, зоологӣ-паразитологӣ, таърих, забону адабиёт, расадхонаи Сталинобод, стансияи хоку обсанҷии Вахш ва ғайра ворид буданд. Ба пешрафти минбаъдаи илми тоҷик Ҷанги Бузурги Ватанӣ халал расонид.

## §2. Илм ва фарҳанги халқи тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945)

Аз рӯзи аввали ҷанг ходимони илму фарҳанги тоҷик фаъолияти эҷодии худро ба кори ҷабҳа равона карданд. 1-уми сетябри соли 1941 ШКХ ҶШС Тоҷикистон «Дар бораи дигаргунсозии кори филиали Тоҷистонии АФ ИҶШС» қарор қабул намуд. Олимони институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба манфиати иқтисодиёт ва мудофиаи Ватан мубориза мебурданд. Геологҳо ҷустуҷӯи конҳои нави ангишт, нафт (Қизилтумшуқ), нимфулӯзҳо, фулӯзҳои ранга, ашёи хоми кимиёӣ, истеҳсоли намак ва ғайраро васеъ карданд.

Барои парвариши растаниҳои шифобахш дар боғи ботаникии Душанбе 27 намуди растаниҳо аз таҷриба гузаронида шуданд.Рустаниҳои шифобахши валериан, наперстиан, белладон ва ғайра натиҷаҳои хуб доданд. Парвариши арча ва аз он тайёр кардани доруи шифобахш ба роҳ монда шуд.

Зоологу паразитологҳо, селексионерон корҳои зиёде карданд. Хусусан, хизматҳои пажӯҳишгоҳи зоологияи АФ ИҶШС (директораш академик Е.Н.Павловский), ки ба Душанбе кӯчонида шуда буд хеле калон аст. Ходимони он алайҳи касалиҳои вараҷа, сирояткунанда, ҳашароти зараровари кишоварзӣ ва ғайра корҳои зиёди илмӣ-тадқиқотӣ мебуранд. Олимони ҷамъиятшиноси тоҷик дар соҳаи омӯзиши таъриху фарҳанг корҳои зиёди илмӣ-тадқиқотиро анҷом дода, меҳнаткашонро дар рӯҳияи ватандӯстӣ ва садоқати бепоён ба халқу ватан тарбия менамуданд.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ барои кормандони соҳаи маорифи халқ имтиҳони ҷиддӣ буд. Онҳо барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти ақибгоҳ мутахассис тайёр менамуданд. Таълиму тарбияи насли наврас дар шароити хеле вазнини рӯзҳои ҷанг мегузашт. Дар ҷумҳурӣ барои дуруст ташкил намудани таълиму тарбия омӯзгорон ва васоити таълимӣ намерасид. Масалан,

солҳои 1942-1943 дар ҷумҳурӣ китобҳои дарсӣ нашр карда нашуданд. Ҷавононе, ки мактабро тарк менамуданд, сафи коргарону деҳқононро пурра намуда, қисмашон дар курсҳои кӯтоҳмуддат ихтисос мегирифтанд.

Мактабиён аз нарасидани сару либос танқисӣ мекашиданд. 17-уми декабри соли 1942 КМ ҲК (б) Тоҷикистон «Дар бораи вазъияти кори мактабҳои ҷумҳурӣ» қарор қабул намуда, ташкилотҳои ҳизбӣ-шӯравӣ ва комсомолиро вазифадор кард, ки барои беҳтар ташкил намудани таълим дар мактабҳо чораҳо андешанд. Фонди таълими умумӣ ташкил дода шуда, ба кӯдакон хӯроки бепул, сару либос ва ашёи хониш дода мешуд.

Қарори ШКХ ИҶШС «Дар бораи аз синни ҳафтсолагӣ ба мактаб қабул намудани кӯдакон» аз 8-уми сентябри соли 1943 аҳамияти калон дошт. Ин қарор дар Сталинобод ва тамоми Тоҷикистон аз якуми сентябри соли 1944 ҷорӣ карда шуд. Маблағгузории давлатӣ ба маорифи халқ зиёд мешуд. Агар соли 1941 барои инкишофи маорифи халқ 180,4 млн.сӯм ҷудо карда шуда бошад, пас ин маблағ дар соли 1945 ба 219,5 млн. сӯм расид.

Барои бепарасторон интернатҳои давлатӣ, хонаҳои бачагон ташкил карда мешуданд. Агар соли хониши 1943-1944 7 интернат бошад, пас соли хониши 1945-1946 дар ҷумҳурӣ 21 интернати давлатӣ буд. Шумораи тарбиятгирандагон аз 336 ба 1368 нафар расид. Теъдоди хонандагон дар мактабҳои таълими умумӣ сол то сол зиёд мешуд. Агар шумораи хонандагон соли хониши 1942-1943 дар ҷумҳури 237 ҳазор нафар бошад, пас соли хониши 1943-1944 он ба 254 ҳазор нафар расида буд.

Дар асоси қарори ШКХ ИҶШС аз 21 июни соли 1944 «Дар бораи чораҳо оид ба беҳтар намудани сифати таълим дар мактабҳо», соли хониши 1944-1945 ҷорӣ гаштани имтиҳони «Номаи Камол» аҳамияти калон дошт. Аввалин маротиба 33 нафар хатмкунандагон мактаби миёнаро бо медали тилло тамом карданд. Яке аз роҳҳои асосии баланд бардоштани сифати таълиму тарбия ба тайёр намудани кадрҳои болаёқати педагогӣ вобаста буд. Дар маркази вилояту шаҳрҳо ва ноҳияҳои калони ҷумҳурӣ курсҳои кӯтоҳмуддати муаллимтайёркунӣ кушода шуданд. Дар оғози соли хониши 1944-1945 дар ҷумҳурӣ 12783 нафар муаллимон ба тарбияи насли наврас машғул буданд.

Ҳамон сол мактабҳои олии омӯзгории ҷумҳуриро 607 нафар муаллимони ҷавон хатм намуданд.

Дар солҳои ҷанг меҳнати пуршарафи муаллимон аз тарафи ҳизбу ҳукумат қадр карда мешуд. Моҳи апрели соли 1944 нишони сарисинагии «Аълочии маорифи халқи ҶШС Тоҷикистон» таъсис дода шуд. Ҷанг ба пешрафти маълумоти олӣ дар Тоҷикистон таъсири манфии худро расонд. Мактаби олӣ дар роҳи тайёр намудани кадрҳои соҳибмаълумот барои хоҷагии халқ қадамҳои аввалин мегузошт. Аммо ҷанг пешравии онро боздошт. Кадрҳои беҳтарини омӯзгорӣ ва қисми зиёди донишҷӯён ба ҳимояи Ватан даъват карда шуда буданд. Бо вуҷуди ин мактаби олӣ дар тайёр намудани кадрҳои болаёқат саҳми арзанда мегузошт.

Соли хониши 1941-1942 дар Тоҷикистон шаш мактаби олӣ амал мекард. Соли 1942 Донишгоҳи технологии саноати консервабарории шаҳри Одесса ба шаҳри Сталинобод кӯчонида шуд, ки он дар тайёр намудани муҳандисон саҳм гузошт. Соли 1942-1943 дар ин донишкада 250 нафар ҷавонписарону духтарон таҳсил менамуданд.

Дар солҳои ҷанг аз ҳисоби ба ақибгоҳ муҳоҷир шудани профессорону муаллимони баъзе мактабҳои олии кишвар, омӯзгорони мактабҳои олии ҷумҳурӣ афзуд. Соли 1943 Донишкадаи омӯзгории Ленинобод ба Донишкадаи омӯзгории занона табдил дода шуд. Омӯзишгоҳҳои омӯзгории Ленинобод, Конибодом ва Хоруг ҳам занона шуданд. Соли 1943 Донишкадаи технологии саноати консервабарории Тоҷикистон 31 нафар муҳандисонро ба кор омода сохт. Дар Донишкадаи тиббии Тоҷикистон соли хониши 1941-1942 548 нафар донишҷӯён таҳсил мекарданд, ки ба тарбияи онҳо 78 нафар муаллимон машғул буданд. Соли хониши 1942-1943 теъдоди донишҷуён ба 941 нафар ва муаллимону профессорон ба 111 нафар расид. Соли хониши 1945-1946 дар ҳафт донишкадаи олии Тоҷикистон 2,7 ҳазор донишҷӯён таҳсил доштанд. Солҳои ҷанг мактабҳои олии ҷумҳуриро зиёда аз ҳазор нафар муаллим, аграном, муҳандисон, духтурон, зоотехникҳо ва дигар ихтисосҳо хатм намуданд.

Дар баробари мактаби олӣ, инчунин ба инкишофи маълумоти миёнаи махсус аҳамият дода мешуд. Соли хониши 1945-1946 дар ҷумҳурӣ 24 ҳунаристони миёнаи махсус буд, ки

онҳоро соли 1945 бештар аз 792 нафар ҷавонписарону духтарон хатм намуданд. Корҳои тиббу тандурустӣ ҳам ба тарзи ҳарбӣ аз нав сохта шуданд. Бисёр коркунони тиб ба ҷанг рафтанд. Охирҳои ҷанг дар Душанбе ва Ленинобод госпиталҳои ҷарроҳӣ барои маҷрӯҳони ҷанг кушода шуд.

Адабиёти шӯравии тоҷик дар муборизаи умумихалқӣ бар зидди душман ҳиссаи арзандаи худро гузошт. Шоиру нависандагони тоҷик аз рӯзҳои аввали ҷанг иштирокчиёни муҳорибаҳо гардиданд. Дар сафи ҷанговарон Ҳ.Юсуфӣ, С.Улуғзода, Ф.Ниёзӣ, Б.Раҳимзода, В.Кириллов, А.Пирмуҳаммадзода, Л.Бузургзода, Ҳ.Карим, А.Назаров ва дигарон буданд. Онҳо қалами хешро ба яроқ иваз намуда, ватани азизро аз душман ҳифз мекарданд.

Садриддин Айнӣ оташи ғазаби хешро ба душман дар назму насри нурҳарораташ изҳор менамуд. Шеърҳои «Қаҳрамони Ленинград», «Суруди зафар», «Қасидаи ҷанг ва зафар» аз ганҷинаи бебаҳои назми ҷангии тоҷик ба шумор мерафт. Мақолаҳои публисистии «Чингизи асри XX», «Деви ҳафтсар», «Шерзод» хусусан, асарҳои таърихии «Шӯриши Муқаннаъ», «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик» ва ғайра халқро ба муборизаи зидди душман сафарбар мекарданд.

Мавзӯи асосии адабиёт муборизаи зидди фашизм буд. Шеърҳои А.Лоҳутӣ «Шамшери душман бишканем», «Ба шаҳри Ленин», «Хонаи Тарас озод хоҳад шуд», «Ба халқи муборизи Украина», «Ба бародари рус» ва ғайра шӯҳрати калон пайдо карданд. Соли 1942 «Қишлоқи тиллоӣ», «Қасами Тешабой», «Одамон аз Боми ҷаҳон»-и М.Миршакар дастраси хонандагон гардиданд. Мирзо Турсунзода ҳам баҳри ғалаба шеъру достонҳои беҳтарини ҷангӣ «Хотираи капитан», «Роҳи оҳан», «Ҳаргиз», «Баҳодури тоҷик», «Ба ҷанг», «Писари Ватан» ва ғайра эҷод мекард. Шоири ҷанговари тоҷик Ҳабиб Юсуфӣ, ки ҷони хешро дар ҳифзи Ватан нисор кардааст, дар заминканҳо шеърҳои ватандӯстона эҷод мекард. Ӯ ҳисси бепоёни ватандӯстии худро дар шеъри «Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯсттар» баён намуда буд:

***Вақти он аст, эй қалам, буррандатар гардӣ зи тег,***
***Вақти он аст, эй сухан ғуррандатар гардӣ зи барқ!***

Рӯзи ғалаба аз болои фашизми Германия наздик шуда буд. Аммо Ҳ.Юсуфӣ онро надид. 22-юми феврали соли 1945 дар наздикии шаҳри Варшава ҳалок гашт.

Санъат дар кори сафарбаркунии умумии омма ба ҷабҳа дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ саҳми арзанда гузошт. Ба душвориҳои солҳои ҷанг нигоҳ накарда, сохтмони бинои театри опера ва балети тоҷик 17 феврали соли 1942 ба охир расид. Дар бинои нав спектакли «Суруди ғазаб», мазҳакаи мусиқии «Розия», операи «Тоҳир ва Зӯҳро» намоиш дода шуд. Театри ба номи Лоҳутӣ бошад, спектаклҳои «Дили модар», «Хонаи Нодир», «Дар оташ»-ро намоиш дод, ки онҳо аз ҳаёти коркунон, ҷанговарону меҳнаткашон нақл мекарданд. Ба ақибгоҳ аз шаҳрҳои Ленинграду Воронеж театрҳо кӯчонида шуда буданд. Устодони санъати тоҷик бо ҳамкории дӯстони хеш маҳорати худро такмил медоданд. Соли 1943 дар ҷумҳурӣ 15 театр амал мекард.

Моҳи июли соли 1943 бо қарори КМ ҲК(б) Тоҷикистон «Театри фронтии ҶШС Тоҷикистон» ташкил шуд. Ин театр дар давоми ду моҳи дар фронт буданаш ба ҷанговарон 250 консерт намоиш дод, ки онро зиёда аз 209 ҳазор аскару афсарони шӯравӣ тамошо карданд.

Кинои тоҷик пеш рафт. Тирамоҳи соли 1941 ба Душанбе киностудияи «Союздетфилм» оварда шуд. Моҳи ноябри соли 1941 ШКХ ҶШС Тоҷикистон дар бораи якҷоя кардани киностудияҳои Москваю Душанбе қарор кард. Кинофилмҳои «Фарзанди Тоҷикистон» (соли 1943), «Консерти тоҷик ба фронт» ва киножурнали «Тоҷикистони советӣ» бароварда мешуданд. Рассомон бо расму ҳаҷвия ва плакатҳои пурмазмуни «Мушфиқӣ дар Европаи фашистӣ», «Ҷанговарони тоҷик» ва ғайра ҳаёти замони ҷангро тасвир менамуданд.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ матбуоти тоҷик халқро ба офаридагорӣ ва ҷанговаронро ба шуҷоатмандӣ даъват мекард. Ҳар як мақола, очерк ва ҳикояе, ки дар саҳифаҳои матбуот ҷой мешуд, он васфи меҳнати пурмаҳсулу корнамоии ҷангии фарзандони тоҷик буд. Дар солҳои ҷанг рӯзномаҳои «Тоҷикистони сурх», «Коммунист Таджикистана», «Қизил Тожикистони» ва 64 рӯзномаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ нашр мешуданд.

Ҳамин тавр, муассисаҳои фарҳангӣ-маърифатии Тоҷикистон дар торумори фашизми Олмон ва тарбияи меҳанпарастӣ, далерӣ, дӯстӣ ва бародарии халқҳои Шӯравӣ саҳми босазо гузошта, мардумро баҳри ғалаба чӣ дар майдони ҳарбу зарб ва чӣ дар ақибгоҳ бар зидди душман сафарбар намуданд.

## §3. Инкишофи илму фарҳанги халқи тоҷик дар солҳои баъдиҷангӣ (1946-1960)

Солҳои ҷанг таълиму тарбия дар мактабҳои шӯравӣ бисёр зарар дид. Баъд аз ҷанг ба мустаҳкам кардани таҳкурсии моддӣ-техникии таълим дар мактабҳо диққати хоса дода, масъалаи бо кор омода сохтани омӯзгорони мактабҳо дар мадди аввал меистод. Татбиқи маълумоти ҳатмии умумӣ, аз синни ҳафтсолагӣ ба мактаб ҷалб кардани бачагон ва баланд бардоштани сифати таълиму тарбияи мактабиён аз вазифаҳои зиндагисоз маҳсуб мешуданд.

Барои инкишофи мактабу маориф маблағи зиёд ҷудо карда мешуд. Агар соли 1945 дар ҷумҳурӣ барои мактабу маориф 219 миллиону 53 ҳазор сӯм ҷудо карда шуда бошад, пас соли 1950 маблағгузорӣ қариб 434 млн. сӯмро ташкил дода буд. Соли 1946 дар 100 мактабҳои миёна ва 790 мактабҳои миёнаи нопурра зиёда аз 240 ҳазор хонанда таҳсил мекарданд. Соли 1950 теъдоди мактабҳо дар ҷумҳурӣ ба 3005 расида буд. Соли 1958 шумораи хонандагон дар мактабҳои ҷумҳурӣ ба 320,1 ҳазор расида, ба онҳо қариб 20400 нафар муаллимон дарс мегуфтанд.

Сол то сол теъдоди хатмкунандагони мактабҳои таълими умумӣ афзоиш меёфт. Агар соли хониши 1945-1946 синфҳои 7-10-ро 9108 нафар хонандагон хатм карда бошанд, пас соли хониши 1949-1950 шумораи онҳо ба 12935 нафар расида буд. Дар ин давра барои ба таълим бештар ҷалб намудани хонандагон дар шаҳрҳои Сталинобод, Ленинобод, Хоруғ ва ғайра мактаб-интернатҳои давлатӣ ташкил карда шуда буданд. Баъд аз ҷанг ба ташкили мактабҳои шабона ва ғоибонаи ҷавонони шаҳру деҳот аҳамияти калон дода мешуд. Агар соли хониши 1945-1946 дар ин мактабҳо 3836 нафар таҳсил карда бошанд, пас соли хониши 1950-1951 теъдоди онҳо ба 11852 нафар расида, ҷавонон аз истеҳсолот ҷудо нашуда, таълим мегирифтанд.

Дар Тоҷикистон барои мустаҳкам кардани таҳкурсии моддӣ-таълимии мактабҳо диққати хоса дода мешуд. Солҳои 1946-1950 дар ҶШС Тоҷикистон аз тарафи давлат 548 ва аз тарафи колхозҳо 388 биноҳои мактабҳо сохта шуданд. Бо омӯзгорони баландихтисос таъмин кардани мактабҳо вазифаи муҳимтарини ҳизбу давлат маҳсуб мешуд. Донишкадаи омӯзгории шаҳри Кӯлоб аз нав ба кор шурӯъ кард. Аз Россия тӯли панҷсолаи чаҳорум ба Тоҷикистон 600 нафар муаллимон фиристода шуданд. Аз ҳисоби занону духтарон дар донишкадаи занонаи омӯзгории шаҳри Сталинобод, Омӯзишгоҳҳои омӯзгории Сталинобод, Ленинобод ва Конибодом муаллимаҳо тайёр карда мешуданд. Соли 1948 Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин ташкил шуда, барои тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла, мактабҳои миёна ва олӣ кадрҳо омода менамуд.

24 декабри соли 1958 Шӯрои Олии ИҶШС «Қонун дар бораи мустаҳкам намудани алоқаи мактаб бо ҳаёт ва боз ҳам инкишоф додани маорифи халқ дар ИҶШС»-ро қабул намуда, дар назди мактабу мактабиён вазифаҳои муҳими зиндагисозро гузошт, ки он аввали соли 1959 аз тарафи Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон маъқул дониста шуда, қабул карда шуд. Заҳмати омӯзгорон аз тарафи ҳизбу ҳукумат қадр карда шуда, дар давоми солҳои 1945-1950 бештар аз 1100 нафар муаллимон бо ордену медалҳо сарфароз гардонида шуда, 60 нафар омӯзгорон ба гирифтани унвони фахрии «Муаллими хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон» мушарраф гардиданд.

Солҳои баъди ҷангӣ дар пешрафти маълумоти олӣ дастовардҳо кам набуданд. Соли 1956 пас аз ташкил ёфтани Донишкадаи политехникии Тоҷикистон теъдоди мактабҳои олии ҷумҳурӣ ба 7-то расид. Танҳо соли 1958 донишкадаҳои олиро 5,2 ҳазор ва техникумҳоро 7,4 ҳазор нафар мутахассисон хатм карданд. Соли 1959 ба ҳазор нафар аҳолии Тоҷикистон 10 нафар шахси маълумоти олидор ва 214 маълумоти миёна дошта рост меомад. Дар 29 омӯзишгоҳу ҳунаристонҳои ҷумҳурӣ 13,6 ҳазор шогирдон таҳсил доштанд. Тайёр кардани кадрҳои роҳбарикунандаи ҳизбӣ ва давлатӣ вазифаи муҳим буд. Соли 1946 дар шаҳри Сталинобод мактаби ҷумҳуриявии ҳизбӣ ташкил шуд. Барои баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва фарҳанги умумии шаҳрвандон аз воситаҳои ахбори умум ва

таблиғотӣ васеъ истифода бурда мешуд. Моҳи июни соли 1948 ҷамъияти паҳнкунандаи донишҳои сиёсӣ ва илмии ҶШС Тоҷикистон ташкил ёфт, ки он дар паҳн намудани комёбиҳои илм ва таҷрибаи пешқадами истеҳсолӣ дар байни шаҳрвандон нақши муҳим мебозид. Моҳи июли соли 1951 дар назди КМ ҲК (б) Тоҷикистон Пажуҳишгоҳи таърихи ҳизб ҳамчун филиали Пажуҳишгоҳи марксизм-ленинизм-и назди КМ ҲК (б) У таъсис дода шуд.

Ҳамин тавр, дар нимаи дуюми солҳои чилум ва аввали солҳои панҷоҳум мактабу маориф ва маълумоти олӣ дар Тоҷикистон ба баъзе норасоиҳо нигоҳ накарда хеле пеш рафт.

**ИНКИШОФИ ИЛМ.** Баробари соҳаҳои дигари хоҷагии халқ охири солҳои чилум ва панҷоҳум ба инкишофи ҳаматарфаи соҳаҳои мухталифи илм аҳамияти калон дода мешуд. Дар ин ҷода филиали Академияи улуми ИҶШС дар Тоҷикистон хизматҳои зиёд кардааст. Кормандони ин филиал дар соҳаи пажӯҳиши илмӣ роҷеъ ба геология, табиатшиносӣ, зоологияю паразитология, кимиёю астрофизика, таъриху филология ва ғайра саҳми арзанда гузоштанд.

Кормандони илмии филиали Тоҷикистонии АУ ИҶШС масъалаҳои муҳими иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳуриро пажӯҳиш карда, ба ҳаёт татбиқ мекарданд. Соли 1947 бори аввал Бобоҷон Ғафуров китоби «Таърихи мухтасари халқи тоҷик» (аз замонҳои қадим то инқилоби октябр)-ро пешкаши хонандагон гардонд. Бо роҳбарии бостоншиносони маъруф А.Я.Якубовский, М.М.Дяконов ва А.М.Беленитский дар Панҷакенти бостонӣ ҳафриётҳо гузаронида, дар таърихи кӯҳани халқи тоҷик саҳифаҳои тоза боз намуданд. Бозёфтҳои нодир собит намуданд, ки Панҷакент яке аз шаҳрҳои рушдёфтаи қадимаи Осиёи Миёна ба шумор мерафтааст.

14 апрели соли 1951 Филиали Тоҷикистонии АУ ИҶШС ба Академияи Улуми ҶШС Тоҷикистон табдил дода шуд, ки президенти аввалини он С.Айнӣ буд. Ташкилёбии академия воқеаи муҳимтарини ҳаёти илмии Тоҷикистони баъди ҷангӣ буд. Соли 1953 дар ҳайати Академияи илмҳои ҷумҳурӣ 34 муассисаи илмӣ, аз ҷумла, 14 пажӯҳишгоҳ буд, ки дар онҳо 971 нафар олимон, аз ҷумла, 30 нафар докторон ва 221 нафар номзадҳои илм ифои вазифа доштанд. Солҳои 1951-1958 дар ҳайати Академия институтҳои астрофизика, зилзиласанҷӣ, бо-

таника, шуъбаҳои физика, энергетика, фалсафа, институтҳои таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ, институти забону адабиёти тоҷик ва ғайра амал мекарданд.

Дар ин солҳо илм бо истеҳсолот сахт марбут буд. Олимони тоҷик навъҳои нави серҳосили пахта, гандум, нахӯд ва ғайраро ихтироъ карданд. Олимони соҳаҳои зоология ва паразитология роҳҳои аз ҳашароти зараррасон эмин нигоҳ доштани пахтазорро таҳқиқ карданд. Омӯзиши олами наботот, ҳайвонот, коинот, зилзиласанҷӣ дар маркази диққати олимон буд.

Солҳои 50-ум дар соҳаи илмҳои ҷамъиятӣ низ тадқиқотҳо кам набуданд. Таърихшиносон ба иншои таърихи бисёрҷилдаи халқи тоҷик шурӯъ намуданд. Олимони соҳаи забону адабиёт «Очеркҳои таърихи адабиёти советии тоҷик» (ду ҷилд) ва қисми якуми «Таърихи грамматикаи забони тоҷик»-ро пешкаши хонандагон гардониданд. Дар ташкилу инкишофи илми тоҷик олимони машҳур Б.Ғ.Ғафуров, А.А.Семёнов, А.Ю.Якубовский, З.Ш.Раҷабов, М.С.Андреев, Н.А.Кисляков, Е.Э.Бертелс, А.М.Баҳоваддинов, А.Мирзоев, В.П.Красичков, С.Ф.Олденбург, Е.Павловский, С.Айнӣ ва дигарон саҳми босазо гузоштанд.

**АДАБИЁТ ВА САНЪАТ.** Баъд аз ҷанг адабиёт ва санъати халқи тоҷик дар шароити осоишта рӯ ба инкишоф оварда, дар он қарорҳои КМ ҲК(б)У «Дар бораи журналҳои «Звезда» ва «Ленинград», «Дар бораи репертуари театрҳои драммавӣ ва чораҳои беҳтар кардани он» (соли 1946), «Дар бораи операи «Дӯстии бузург»-и В.Мураделӣ (соли 1948) нақши худро гузоштанд.

Дар асарҳои адибони тоҷик мавзӯҳои ҳаёти сотсиалистӣ, ғалабаи таърихии халқи шӯравӣ аз болои фашизм, мубориза алайҳи зуҳуроти миллатгароӣ ва боқимондаҳои урфу одатҳои зараровар, тарғиби ғояҳои дӯстии халқҳо, меҳанпарастии сотсиалистӣ тараннум мешуданд. Дар ин давра асарҳои С.Айнӣ «Ёддоштҳо», Ҷалол Икромӣ «Шодӣ», Раҳим Ҷалил «Одамони ҷовид», Фотеҳ Ниёзӣ «Вафо» ва асарҳои назмии Мирзо Турсунзода «Қиссаи Ҳиндустон», «Ман аз Шарқи озод», «Ҳасани аробакаш», «Чароғи абадӣ», «Садои Осиё», Мирсаид Миршакар «Панҷи нооором», «Қишлоқи тиллоӣ» пешкаши хонандагон шуданд. Барои асарҳои баъдиҷангӣ С.Айнӣ, М.Турсунзода ва М.Миршакар сазовори унвони Лауреати Му-

кофоти Давлатӣ гардиданд. Баъд аз ҷанг насли нави шоирону нависандагон Ф.Муҳаммадиев, Ф.Ансорӣ, Ғ.Мирзо, А.Сидқӣ, А.Баҳорӣ, М.Фарҳат, А.Шукӯҳӣ ба шоҳроҳи адабиёт гом ниҳоданд.

Эҷод гаштани драммаҳои нав ба забони тоҷикӣ, тарҷума шудани шоҳасарҳои драмматургони ватанӣ ва ҷаҳонӣ саҳнаи театрҳои моро гуворотар намуда, мазмуну мундариҷаи кори онҳоро ғанӣ гардониданд. Дар саҳнаи театри Опера ва балети ба номи С.Айнӣ асарҳои барҷастаи П.Чайковский, Р.Корсиков, В.Шекспир, Ҷ.Вердӣ ва нахуст балети тоҷик «Лайлӣ ва Маҷнун»-и бастакор С.Баласанян ва гайра намоиш дода шуданд.

Театри академӣ-драммавии ба номи А.Лоҳутӣ солҳои 50-ум намоишномаҳои Ф.Ансорӣ «Имтиҳон», А.Сидқӣ «Иродаи зан», А.Деҳотӣ «Нур дар кӯҳсорон» ва ғайраро рӯи саҳна баровара буд. Театри драммавӣ-русии ба номи В.Маяковский намоишномаҳои «Саодат», «Ғолибон», «Одами милтиқдор», «Губернатори музофот»-ро манзури тамошобинон карда буд.

Солҳои 50-ум дар ҷумҳурӣ 10 театр кору фаъолият мекарданд, ки дар онҳо ситораҳои санъати тоҷик М.Қосимов, Т.Фозилова, А.Бурҳонов, С.Тӯйбоева, Х.Назарова, Ғ.Завқибекова, Л.Зоҳидова, Ғ.Ғуломалиев, З.Дӯстматов, Ш.Муллоҷонова, А.Бобоқулов, Ҳ.Раҳматуллоев, Ғ.Ниёзов, Ҳ.Мавлонова ва дигарон кор ва фаъолият мекарданд.

Баробари санъати касбии тоҷик, инчунин дар пешрафти эҷодиёти бадеии мардумӣ низ пешравиҳои хуб эҳсос карда мешуданд. Соли 1958 дар Тоҷикистон 1153 маҳфилҳои ҳаводорони санъат амал карда, 19,6 ҳазор аъзо доштанд. Танҳо соли 1950 дар ҷумҳурӣ 971 клубу хонаи маданият, 4 осорхонаи кишваршиносӣ -таърихӣ, 1212 китобхона мавҷуд буданд. Соли 1958 фонди умумии китобҳо дар китобхонаҳо ба 4600 ҳазор нусха расида, теъдоди хонандагон дучанд афзуд. Солҳои 1951-1958 дар ҷумҳурӣ 2862 номгӯй китоб нашр шуда буд, ки адади нашри онҳо ба 20,4 миллион нусха мерасид. Ғайр аз он 7 рӯзнома ва 6 маҷаллаи ҷумҳуриявӣ нашр мешуданд.

Дар он солҳо саҳми кино дар тарбия ва ташаккулёбии ҷаҳонбинии шаҳрвандон бузург буд. Танҳо соли 1950 ба аҳолии Тоҷикистон 368 дастгоҳ кино намоиш медод, ки теъдоди онҳо соли 1958 то ба 478 расида буд. Ба забони тоҷикӣ офаридан ва

тарҷума намудани кинофилмҳо ба роҳ монда шуда буд. Студияи «Тоҷикфилм» соли 1955 баъди танаффуси тӯлонӣ ба кор шурӯъ карда, яке аз филмҳои беҳтарини мазҳакавӣ-мусиқавӣ – «Ман бо духтаре вохӯрдам»-ро ба навор гирифт, ки он дар 60 мамлакати ҷаҳон ба намоиш бароварда шуда буд. Ин филм соли 1958 дар кинофестивали кишварҳои Осиё ва Африқо ба гирифтани мукофоти «Гулдони тиллоӣ» ноил гашт. Филми «Дохунда» низ яке аз беҳтаринҳо маҳсуб шуда буд. Моҳи сентябри соли 1949 дар шаҳри Москва даҳаи адабиёту санъати халқи тоҷик барпо шуда, ба иди фарҳанги тоҷик табдил ёфт. Адибону аҳли санъати Тоҷикистон дар он ҷо дастовардҳои беназири фарҳанги тоҷикро намоиш доданд, ки тамошобинону ҳаводоронро моту мамнун сохтанд.

Умуман, дар он солҳо маданияти шаклан миллию мазмунан сотсиалистии халқи тоҷик густариш ёфта, бо мазмуну жанрҳои навтарин ғанӣ гардид.

## §4. Фарҳанги халқи тоҷик дар солҳои 60-80-уми асри XX

**ҲАЁТИ ФАРҲАНГӢ ВА ИҶТИМОӢ**. Рукни асосии фарҳанг мактаб ва маориф мебошад. Солҳои 60-80-уми асри XX давраи нашъунамои маданияти халқи тоҷик буд. Қабул карда шудани қонун «Дар бораи мустаҳкам намудани алоқаи мактаб бо ҳаёт ва боз ҳам инкишоф додани маорифи халқ дар ИҶШС», ки онро 24-уми декабри соли 1958 сессияи Шӯрои Олии ИҶШС тасдиқ намуда буд, барои ривоҷу равнақи соҳаи маориф аҳамияти бузург дошт. Ин қонунро моҳи марти соли 1959 сессияи Шӯрои Олии ҶШС Тоҷикистон маъқул дониста қабул кард.

Мувофиқи ҳамин қонун соли 1963 дар Тоҷикистон гузариш ба таълими ҳатмии ҳаштсола пурра анҷом ёфт. Аз ҳисоби маблағҳои давлат ва колхозҳо тӯли солҳои 1949-1963-ум 142 мактабҳои нав сохта шуданд. Соли таҳсили 1965-1966 ба паси мизи мактабҳо 583,3 ҳазор нафар хонандагон нишастанд. Барои инкишофи мактаб танҳо соли 1960-ум 657,2 млн.сӯм сарф шуда буд. Соли 1966-ум 796 ҳазор кас ба воситаҳои гуногуни таълим фаро гирифта шуда буданд. Агар соли 1966 шумораи умумии мактабҳо дар ҷумҳурӣ 2834 ададро ташкил карда бошад, пас

соли 1971 ба 3078 адад расида буд, ки дар онҳо таносубан 32,5 ҳазор ва 49,9 ҳазор муаллимон кор мекарданд. Соли 1980 шумораи мактабҳо то ба 3200 расида буд, ки дар онҳо қариб 58 ҳазор устодон ифои вазифа доштанд. Соли хониши 1970-1971 дар 280 мактабҳои шабона ва ғоибонаи коргарҷавонон 24 ҳазор хонандагон ва дар 32 мактаб-интернатҳои ҷумҳурӣ 12,3 ҳазор бачагон таҳсил доштанд. Аз ҳисоби маблағҳои колхозҳо дар ноҳияҳои Колхозобод, Ленин, Шаҳритус, Куйбишев, Хуҷанд, Конибодом, Исфара, Рӯшон, Қурғонтеппа, Пролетар ва ғайра мактабҳои зебо ва бо техникаи таълимӣ хуб ҷиҳозонидашуда сохта шуданд.

Умуман, дар давоми солҳои 1960-1985 дар ҷумҳурӣ 2382 мактабҳо сохта шуда, теъдоди хонандагони онҳо соли хониши 1985-1986 ба 1.155,2 ҳазор хонанда расид, ки ба онҳо 71639 нафар муаллимон таълим медоданд. Зиёда аз 80 фоизи устодон соҳиби маълумоти олӣ буданд. Ташкили бригадаҳои истеҳсолии талабагон мактабро ба истеҳсолот наздик менамуд. Танҳо соли хониши 1964-1965 барои 181 бригадаҳои истеҳсолии талабагони деҳот 774 га. замин ҷудо карда шуда буд, ки дар онҳо зироатҳои гуногун кишт карда мешуданд.

Ба масъалаи мустаҳкам кардани таҳкурсии моддӣ-техникии таълимӣ дар мактабҳо диққати ҷиддӣ дода мешуд. Мактабҳо аз воситаҳои техникии таълим васеъ истифода бурда, корҳои лабараторӣ, таҷрибавӣ ва истеҳсолӣ мегузарониданд. Кабинетҳои хуб ҷиҳозонидаи замонавӣ аз фанҳои физика, кимиё, биология, таълими меҳнат ва ғайра дар ихтиёри талабагон буданд. Дар тӯли солҳои 1976-1980 мактабҳои ҷумҳурӣ ба маблағи қариб 9 млн.сӯм воситаҳои техникии таълим, аз ҷумла, киноаппарат, магнитофон, телевизиор,узели радио ва ғайра хариданд. Ихтисос ва маҳорати омӯзгории устодон тавассути курсҳои гуногун, худомӯзӣ, мактаби таҷрибаи пешқадам, университетҳои халқии донишҳои илмӣ-педагогӣ, хонишҳои педагогӣ, лексияҳо, маърӯзаҳо, сӯҳбатҳо, конференсия ва машваратҳои педагогии ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ, дохилимактабӣ ва ғайра такмил ва сайқал дода мешуд.

Солҳои 60-80-уми асри XX як зумра омӯзгорони пешқадами макотиби олӣ ва ҳамагонии ҷумҳурӣ байрақбардорони мактабу маориф гардиданд, ки ба ин саф қаҳрамонони меҳнати сотсиалистӣ М.Маҳмудова, Ҳ.Каримова,

муаллимони пешқадам С.Наъимов, Р.Саидов, В. Сафаров, Д.Саидмуродов, М.Бобохонов, А.Раҳматуллоев, С.Н.Наврузов, Т.Муҳиддинов, М.Ҳ.Маликов, Ф.Н.Иванов, Т.Н. Талбаков, М.Н.Назаршоев, Ҳ.А.Аҳмадов, М.Р.Шукуров, М.Эркаев, Х.С.Сатторов, Б.Ҳайдарқулов, Р.К.Раҳматулина, Е.Абдушукурова, Е.М.Симакова, М.Н.Сидоренко ва дигарон дохил буданд. Бисёриҳо сазовори унвони «Муаллими хизматнишондодаи мактаби ҶШС Тоҷикистон» гардиданд. Ҳамин тавр, маорифи халқ пеш мерафт. Мактаб ба истеҳсолот наздик мешуд. Маълумоти миёнаи умумӣ характери оммавӣ гирифт. Таҳкурсии моддӣ-техникии мактабҳо мустаҳкам ва сифати таълим баланд гардид. Теъдоди мактабҳо ва омӯзгорони маълумоти олидор хеле зиёд шуд. Ҳаёт талаб мекард, ки истеҳсолот бо кадрҳои ихтисосманду соҳибмаълумот таъмин бошад. Ин вазифаро макотиби олӣ ва миёнаи махсус ба ӯҳда дошт. Соли 1961 донишкадаи технологии Тоҷикистонро бори аввал 132 нафар донишҷӯён хатм карда, ба истеҳсолот рафтанд.

Пешбинӣ шуда буд, ки дар панҷсолаи ҳаштум қабули донишҷӯёни макотиби олӣ 20 фоиз ва шогирдпешаҳои ҳунаристону омӯзишгоҳҳо 60 фоиз зиёд карда шавад. Соли 1970 дар 7 мактаби олии ҷумҳурӣ 44,5 ҳазор донишҷӯён ва дар 35 мактабҳои миёнаи махсус 35,3 ҳазор кас таълим мегирифтанд. Тӯли солҳои панҷсолаи ҳаштум аз мактабҳои олӣ ба истеҳсолот 54 ҳазор мутахассис ва аз омӯзишгоҳҳо 53 ҳазор ҳунармандон фиристода шуданд.

Пешоҳанги макотиби олии ҷумҳурӣ Университети Давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) буд, ки соли 1970 дар он 12,3 ҳазор донишҷӯён таҳсил доштанд. Мактабҳои олии ҷумҳурӣ бо лабораторияҳо ва васоити беҳтарини таълимӣ таъмин буданд. Масалан, соли 1968 васоити техникии таълимии Университети давлатии Тоҷикистон ба номи В.И.Ленин қариб 2 млн.сӯмро ташкил медод. Донишҷӯён пажӯҳишгарони соҳаҳои мухталифи илм буда, дар конференсияҳои илмии дохилидонишгоҳӣ, шаҳрӣ, ҷумҳуриявӣ ва умумиттифоқӣ иштироки фаъолона доштанд. Донишҷӯён дар ҳайати гурӯҳҳои бинокор ҳам иштирок карда, дар бунёди корхона ва иншоотҳои саноатӣ ва кишоварзӣ саҳмгузор буданд.

Барои Тоҷикистон мактабҳои олии Москва, Ленинград, Тошканд, Киев, Воронеж кадрҳои зарурӣ тайёр мекарданд. Аспирантура ва Шӯроҳои илмии мактабҳои олӣ кадрҳои зиёди илмӣ-педагогӣ тайёр мекарданд. Танҳо соли 1970 ба аспирантура 200 кас қабул шуда буданд. Роҳҳои пешрафту пешбурди маълумоти олӣ дар қарори КМ ҲКИШ ва Шӯрои Вазирони ИҶШС аз 18-уми июли соли 1972 оиди «Чораҷӯиҳо дар бораи такмили минбаъдаи маълумоти олӣ дар мамлакат» муайян карда шуда буданд. Дар ин асос дар ҷумҳурӣ соли 1971 Донишкадаи тарбияи ҷисмонӣ ва соли 1973 Донишкадаи санъати Тоҷикистон кушода шуданд. Донишкадаҳои олии ҷумҳуриро соли 1975-ум 50,4 ҳазор донишҷӯён хатм карданд, ки аз рӯи 120 ихтисос мутахассисон тайёр карда буданд. Соли 1985 дар мактабҳои олӣ ва миёнаи махсус 95247 нафар толибилмон таҳсил доштанд, ки 55056 нафарашон дар мактабҳои олӣ таҳсил доштанд.

Баробари донишкадаҳои тарбияи ҷисмонӣ, ҳунарҳои зебо ва забони русӣ (Донишкадаи забонҳо) филиалҳои донишкадаи политехникӣ дар шаҳри Ленинобод, Донишкадаи омӯзгории ба номи Шевченко (ҳоло С.Айнӣ) дар шаҳри Қӯргонтеппа ва ғайра кор мекарданд. Мактабҳои олӣ ва миёнаи махсуси ҷумҳурӣ имкон доштанд, ки то оғози асри XXI бештар аз 100 ҳазор мутахассисонро омода созанд. Танҳо соли 1987 донишкадаҳои олӣ 8 ҳазор ва миёнаи махсус 12 ҳазор мутахассис тайёр намуданд.

Обрӯ ва эътибори макотиби олӣ ва миёнаи махсуси Тоҷикистон афзуда, аз мамолики тараққикардаи ҷаҳон пеш гузашта буд. Ин буд, ки дар донишгоҳу донишкадаҳои олӣ ва омӯзишгоҳу ҳунаристонҳои ҷумҳурӣ намояндагони қариб 40 кишварҳои ҷаҳон таҳсили илму ҳунар доштанд. Бо вуҷуди пешравиҳо дар кори мактабу маориф норасогиҳо низ ҷой доштанд. Ҳанӯз ҳам таҳкурсии моддию техникии таълимии мактабҳо ба талабот пурра ҷавобгӯ набуд. Хусусан вазъият дар мактабҳои деҳот беҳбудиро мехост. Яке аз хусусиятҳои фарҳангии солҳои 60-80 ин суръат гирифтани тадқиқотҳои илмӣ буд, зеро илм ба нерӯи асосии тавлидотии ҷомеа табдил ёфта буд. Аз ин сабаб ҳизбу ҳукумат ба пажӯҳишҳои илмӣ аҳамияти калон медод ва илмро ба истеҳсолот наздик менамуданд.

Олимони Академияи илмҳо ва мактабҳои олии ҷумҳурӣ ба ҳалли якҷояи масъалаҳои мубрами илм аҳамияти зиёд медоданд. Солҳои 1958-1961 дар Академияи илмҳои ҷумҳурӣ 7 докторони илм ва 55 нафар номзадҳои илм тайёр карда шуда, 300 нафар ҷавонон ба аспирантура шомил гаштанд. Соли 1964 пажӯҳишгоҳҳои физиология ва биофизикаи растаниҳо, пажӯҳишгоҳи физикӣ-техникӣ ба истифодаи мошинҳои барқии ҳисобдор гузаштанд. Шӯъбаи энергетикаи АИ ҷумҳурӣ машғули интиқоли хатҳои баландшиддати барқӣ дар шароити кӯҳсор буданд ва олимони пажӯҳишгоҳҳои зилзиласанҷӣ ба зилзила тоб овардани сарбанди ГЭС-и Норакро таҳқиқ мекарданд. Ходимони илмии пажӯҳишгоҳи химия нақшаи комплексии технологии конҳои Майхураро кашида, ба истифода доданд. Олимони зоологу паразитолог барои аз ҳашароти зараррасон ҳифз намудани ҷангалзорҳо, марғзорҳо ва соҳаҳои кишоварзӣ бисёр пешниҳодҳои муфид анҷом доданд. Олимони соҳаи кишоварзӣ ва чорводорӣ барои навъҳои серҳосили ғалладона, пахта ва парвариши гӯсфандони серпашму гӯшт, баланд бардоштани равғаннокии шири чорвои калони шохдор мубориза мебурданд.

Таърихшиносон соли 1963 таърихи сеҷилдаи халқи тоҷикро дар панҷ китоб ба табъ расонданд. Дар харобаҳои Панҷакенти бостонӣ ҳафриётҳои наҷиби бостоншиносӣ идома дошт. Муҳаққиқони пажӯҳишгоҳи забону адабиёт «Номгӯи дастхатҳои Шарқ»-ро тартиб доданд. Доир ба иқтисодиёт, фалсафа, ҳуқуқ ва давлат як қатор асарҳои нодир чоп шуданд. Роҷеъ ба проблемаҳои мухталифи илм бисёр конференсияҳо ва симпозиумҳо гузаронида мешуданд.

Дар назди Академияи илмҳои Ҷумҳурӣ маркази ҳисоббарории барқӣ ва дар УДТ ба номи В.И.Ленин лабораторияи ҳисоббарории математикӣ кушода шуданд. Солҳои 1966-1970 дар илми тоҷик саҳифаҳои нав боз шуд. Дар назди Академияи илмҳои Ҷумҳурӣ 14 пажӯҳишгоҳҳо, 3 шӯъбаи илмӣ, Шӯрои омӯзиши нерӯҳои тавлидотӣ, сарредаксияи Энсиклопедияи Шӯравии тоҷик, китобхонаи илмӣ ташкил карда шуданд.

Соҳаҳои илмҳои ҷамъиятӣ ва иқтисодӣ низ рушд карданд. Масалан, Атласи ҶШС Тоҷикистон тартиб дода шуд. Асарҳои калонҳаҷми «Очеркҳои сохтмони колхозӣ дар Тоҷикистон» (солҳои 1917-1965)», «Очеркҳои таърихи партияи Коммунистии

Тоҷикистон», «Очеркҳои таърихи хоҷагии халқи Тоҷикистон» (солҳои 1917-1965) аз чоп баромаданд.

Соли 1972 асари барҷастаи академик Б.Ғафуров «Тоҷикон» пешкаши хонандагон гардида, сипас асари дуҷилдаи «Таърихи синфи коргари Тоҷикистон» (солҳои 1917-1975), китоби дуҷилдаи «Таърихи сохтмони маданӣ дар Тоҷикистон», асари 20 ҷилдаи «Маҷмӯи фолклори тоҷик», «Луғати забони адабии ҳозираи тоҷик» ва ғайраҳо чоп гардиданд.

Обрӯ ва эътибори олимони тоҷик дар арсаи ҷаҳон баланд гардида, Душанбе яке аз ҷойҳои гузаронидани конференсияҳои илмии кишвар ва ҷаҳон гардид. Масалан, соли 1968 бо ташаббуси ЮНЕСКО дар Душанбе конференсияи умумиҷаҳонӣ оид ба омӯзиши тамаддуни Осиёи Марказӣ дар замони Кӯшониён дар дараҷаи баланд гузашт. Бо ташаббуси кормандони Пажӯҳишгоҳи шарқшиносии АИ Тоҷикистон соли 1988 дар Душанбе конференсияи илмии «Ислом ва сиёсат» ва симпозиуми III Умумииттифоқии шарқшиносон дар мавзӯи "Таъсири мутақобилаи тамаддун дар Шарқ» гузаронида шуданд. Олимони тоҷик дар бисёр конференсияҳои илмии умумииттифоқӣ ва ҷаҳонӣ баромаду пешниҳодҳо мекарданд.

Теъдоди олимон дар Академияи илмҳои Ҷумҳурӣ сол то сол зиёд мешуд. Дар панҷсолаи ҳаштум тавассути аспирантура 250 номзадҳо ва 19 доктори илм тайёр карда шуданд. Дар ҳайати академия 22 академик ва аъзо -корреспондентҳо кор мекарданд. Коркунони илмӣ аз 3538 нафар ба 5067 нафар расиданд. Номзадҳои илм аз 737 кас то 1364 нафар (344 нафар занон) расиданд. Соли 1989 дар 15 пажӯҳишгоҳ, 1514 нафар олимон кор мекарданд, ки 85 нафарашон доктори илм ва 656 нафарашон номзадҳои илм буданд.

Солҳои 70-80 дар Академияи илмҳои Тоҷикистон маркази нави илмӣ: Пажӯҳишгоҳи математика бо маркази ҳисоббарорӣ, Шӯъбаи генетикаи нахта, лабораторияи генетикаю селексия ва ғайра кушода шуданд. Олимони физик роҷеъ ба ҳам таъсиррасонии ядроӣ, астрофизикҳо доир ба назарияи нави метеорҳо, назарияи олидараҷаи сохти спиралии само кашфиётҳои нодире карданд.

Соли 1967 мукофоти давлатии Тоҷикистон ба номи А.Сино оид ба илму техника таъсис дода шуд. Лауреатҳои ав-

валини ин унвон академикҳо Баҳоваддинов А.М., Раҷабов З.Ш., Махсумов А.Н. ва Тоҷиев К. буданд. Олимони машҳури тоҷик Б.Ғафуров, Б.Искандаров, С.Умаров, А.Адҳамов, З.Ш.Раҷабов, С.А.Раҷабов, М.Эркаев, Б.А.Литвинский, Э.А.Давидович, А.Мирзоев, А.А.Семёнов, А.М.Баҳоваддинов, Қ.Ш.Ҷӯраев, Т.Р.Каримов, Ғ.Ҳайдаров, Р.Масов, Б.Нарзуллоев, Д.Е.Хайтун, М.Осимӣ, У.Мирсаидов, П.Бобоҷонов, А.Мухторов, Б.Сангинов, Ю.Носиров, Ҳ.Мансуров, Ю.Исҳоқӣ, М.Ғуломов, М.Назаршоев, Ю.Нуралиев, Д.Тоҷиев ва бисёр дигарон шӯҳрати ҷаҳонӣ пайдо карда, дар пешрафти илми муосир саҳми арзанда гузоштанд.

**АДАБИЁТ ВА САНЪАТ.**Солҳои 60-80-уми асри XX марҳалаи нави нашъунамои адабиёти шӯравии тоҷик буд. Акнун шоиру адибон дар асарҳои худ бештар мавзӯҳои лирикӣ, меҳанпарастӣ, таърихӣ, меҳнатдӯстиро тараннум менамуданд. Соли 1960 М.Турсунзода барои асарҳои «Ҳасани аробакаш» ва «Садои Осиё» сазовори мукофоти Ленинӣ гашт. Барои асарҳои баландгоя ва сермазмуни адабӣ ва санъат мукофоти давлатии ҷумҳуриявии ба номи А. Рӯдакӣ таъсис дода шуда буд. Аввалин шуда соли 1963 Мирзо Турсунзода барои маҷмӯаи шеърҳояш «Ҷони ширин» сазовори ин унвон гардид. Ӯ соли 1967 барои хизматҳои бузургаш дар пешбурди фарҳанг, мустаҳкам кардани сулҳу амонӣ ва дӯстии халқҳо, инчунин барои асарҳои «Аз Ганг то Кремл», «Роҷа дар Кремл», «Роҳ ба сӯи Мавзолей» ва ғайра сазовори унвони баланди Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ гардида, соли 1968 барои шеърҳои «Қиссаи Ҳиндустон» ба гирифтани мукофоти ба номи Ҷавоҳирлол Неҳрӯ мушарраф шуд. Соли 1975 мунтахаботи дуҷилдаи М.Турсунзода ва соли 1973 асари «Асри ман»-и ӯ (бо забони русӣ) чоп шуданд. Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон хизматҳои ватандӯстонаи ин фарзанди фарзонаи миллатро қадр карда, ба ӯ унвони Қаҳрамони Тоҷикистон дода шуд.

Дар назди адибон ва ходимони санъат вазифа гузошта шуда буд, ки адабиёт, кино, театр, мусиқӣ бештар ба ҳаёт наздик карда шуда, дараҷаи ғоявӣ-бадеии онҳо баланд бардошта шавад. Хонандагон бо асарҳои Ҷалол Икромӣ «Духтари оташ», «Дувоздаҳ дарвозаи Бухоро», «Хатлон», Фотеҳ Ниёзӣ «Ҳар беша гумон мабар, ки холист», Ф.Муҳаммадиев «Дар он дунё», «Шоҳии япон», Раҳим Ҷалил «Шӯроб», «Маъвои дил»,

Ф.Ансорӣ «Шеърҳо дар бораи водии Вахш», Мӯъмин Қаноат «Мавҷҳои Днепр», «Сурӯши Сталинград, Ю.Акобиров «Замини падарон», «Водии муҳаббат», «Норак», Сорбон «Актёр» ва бисёр дигарон ошно шуданд. Адибон М.Миршакар, Б.Раҳимзода, Ғ.Мирзо, Г.Сулаймонова, С.Маъмур, С.Турсун, М.Ҳоҷаев, У.Раҷаб шеъру асарҳои шоиста эҷод карда, жанру равияҳои адабиёти шӯравии тоҷикро бой гардонданд.

Солҳои 60-80-ум давраи густариши драматургия ва асарҳои саҳнавии адибони тоҷик буд. Дар ин давра эҷодиёти С.Улуғзода («Рӯдакӣ»), Б.Раҳимзода («Чанори гӯё»), Ғ.Абдулло, М.Миршакар, С.Саидмуродов, Ҷ.Икромӣ, Ш.Қиёмов, Ф.Ансорӣ, А.Сидқӣ ва дигарон хеле пеш рафт. Ба арсаи адабиёт шоирони ҷавону умедбахш Б.Собир, Л.Шералӣ, Г.Келдиев, М.Бахтӣ, Г.Сафиева гом бардоштанд.

Дар саҳнаи театрҳои тоҷик асарҳои «Тӯфон», «Суруди кӯҳсор», «Зангӯлаҳои Кремл», «Қишлоқи тиллоӣ», «Достони Бибизайнаб», операҳои «Шӯриши Восеъ», «Пӯлод ва Гулрӯ», «Комде ва Мадан», «Шоҳ Лир», «Ромео ва Ҷуллета», «Макр ва муҳаббат», «Хизматгори ду хоҷа», «Имтиҳон», «Иродаи зан», «Дили модар», «Шӯълаи инқилоб», «Дохунда», «Гарнизон таслим намешавад», «Роҳи падарон», «Беватан», «Эзоп», «Мо аз боми ҷаҳон», «Роҳзанҳо», «Ваня-тағо», «Дар чорсӯ» ва дигар асарҳои адибони ҷаҳон ва тоҷик ба намоиш бароварда шуда буданд.

Санъати киноӣ тоҷик ба дараҷаи баланд баромад. Кинофилмҳои «Қисмати шоир» (соли 1959 мукофоти «Уқоби тиллоӣ»), «Зумрад» (соли 1962), «Лайлӣ ва Маҷнун», «Бачагони Помир», «Ҳасани аробакаш», «Нисо», «Марги судхӯр», «Хиёнат», «Рустам ва Сӯҳроб», «Гуфтор дар васфи Рустам» дар бисёр кишварҳои ҷаҳон намоиш дода шуда, дар озмуну фестивалҳои ҷаҳонӣ соҳиби мукофот ва ҷойҳои арзанда гардида буданд.

Дар соҳаи театру кино ва мусиқӣ ҳунарпешагони машҳури тоҷик Б.Кимёгаров, Т.Собиров, А.Раҳимов, К.Олимов, М.Орифов, Д.Қосимова, И.Барамиков, Е.Кузин, Ҳ.Гадоев, Т.Фозилова, С.Тӯйбоева, А.Ҷӯраев, М.Қосимов, Ҳ.Мавлонова, А.Бобоқулов, Л.Зоҳидова, Ғ.Валаматзода, М.Воҳидов, М.Собирова, Ҷ.Муродов, З.Нозимов, А.Назриев, Г.Завқибеков, Х.Назарова, О.Ҳошимов, А.Муҳаммадҷонов ва

дигарон ҳунарнамоӣ мекарданд. Яке аз саҳифаҳои ғании санъати театри тоҷик он буд, ки дар деҳоту маркази ноҳияҳо, шаҳрҳо ва вилоятҳо дар заминаи кружокҳои худфаъолиятии бадеии театрҳои халқӣ ба вуҷуд омаданд. Озмунҳои гуногуни санъат аз қабили «Парасту», «Бӯстон» гузаронида мешуд. Ансамблҳои «Шашмақомхонҳо», «Рубобчизанон», «Гулшан», «Лола», оркестрҳои симфонӣ ва асбобҳои халқӣ ва ғайра фаъолият мекарданд.

Равобити фарҳангии Тоҷикистон бо ҷумҳуриҳои бародар ва кишварҳои хориҷ густариш меёфт. Дар Тоҷикистон рӯзҳои адабиёт ва санъати ҷумҳуриҳои бародар – Ӯзбекистон, Озарбойҷон, Қирғизистон, Қазоқистон, РСФСР, Украина, Белорусия, Латвия, Литва, Эстония ва ғайра гузаронида мешуданд. Рӯзҳои адабиёт ва санъати Тоҷикистон дар ҷумҳуриҳои номбурда гузаронида мешуданд. Рӯзҳои адабиёт ва санъати Тоҷикистон дар Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, Ветнам, Индонезия, Непал, Англия, Канада, Полша, Олмони Демократӣ ва кишварҳои дигар баргузор шуданд. Ба Тоҷикистон намояндагони адабиёту санъат, мутахассисону ҷамоатчиёни зиёда аз 80 кишварҳои хориҷа ташриф оварда буданд. Инкишофи санъати касбӣ ба пешрафти санъати худфаъолиятии бадеӣ зиёда аз 78 ҳазор иштирокчиёнро дар бар гирифта, ба аҳолӣ 15144 консерту намоишномаҳо пешкаш карданд. Ин амал дар ноҳияҳои Орҷоникидзеобод (Ваҳдати имрӯза), Ғарм (Рашти имрӯза), Совет (Темурмалики имрӯза), Файзобод, Хуҷанд, ВАБК (ВМКБ имрӯза) ва ғайра натиҷаҳои хуб додаанд.

Васоити ахбори умум, радио, оинаи нилгун, матбуот низ ташаккул меёфт. Масалан, агар соли 1966 дар ҷумҳурӣ 48 рӯзномаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ бо тиражи 603 ҳазор адад нашр шуда бошанд, пас соли 1970-ум 61 рӯзномаҳо бо тиражи 888 ҳазор нусха нашр мешуданд. Инчунин 42 маҷалла бо тиражи 10 млн. нусха чоп мешуд. Аз ҷумла, рӯзномаи «Шоми Душанбе», «Помир» чоп мешуданд. Соли 1970 дар ҷумҳурӣ 1163 китобхонаи оммавии дорои 7,2 млн. китоб, 929 клубҳо, осорхонаҳои таърихӣ-кишваршиносӣ, санъати тасвирӣ, осорхонаҳо дар вилоятҳои Ленинобод, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, шаҳрҳои Хоруғ, Панҷакент, Ӯротеппа, осорхонаҳои С.Айнӣ, А.Лоҳутӣ ва дигарон дар хизмати

шахрвандон буданд. Соли 1985 теъдоди китобхонаҳо ба 1628 расида, дар онҳо 14872 млн. нусха китоб маҳфуз буд. Китобхонаҳо дорои 120 ҳазор хонанда буданд.

Фаъолияти кори клубҳо ва хонаҳои маданият, инчунин театрҳои халқӣ ҷоннок шуда буд. Соли 1985-ум 1338 клубҳо, 3776 кружокҳои дӯстдорони санъат ва 50420 нафар аъзоёнро дар атрофи худ муттаҳид мекарданд. Теъдоди кинотеатр ва дастгоҳҳои кинонамоишдиҳӣ низ рӯ ба инкишоф доштанд. Агар соли 1960 дар ҷумҳурӣ 1172 дастгоҳи кино ба 40989 ҳазор аҳолӣ хизмат карда бошанд, соли 1985-ум 1318 дастгоҳ ба 44600 ҳазор шахрванд хизмат мекарданд.

Бояд зикр кард, ки тамоми комёбиҳои соҳаи адабиёт, санъат, илм ва фарҳанги халқи тоҷик натиҷаи ғамхории доимии ҳизби коммунист ва ҳукумати шӯравӣ буд. Дар қарору нишондодҳои ҳизби Коммунисти Тоҷикистон ва Ҳукумати ҷумҳурӣ роҳҳо, воситаҳо, барнома ва нақшаҳои пешбурди тамоми соҳаҳои фарҳанги халқи тоҷик нишон дода шуда буданд.

Масъалаҳои мухталифи маориф ва адабиёт дар қарору пешниҳодҳои вазорату идораҳои дахлдор, анҷуманҳои нависандагони Тоҷикистон нишон дода шуда, ҳаллу фасл мегардиданд. Ҷашнвораҳои олимону адибон, ходимони илму санъат воситаи пешбурди фарҳанги миллӣ ба шумор мерафтанд. Ба ин ҷашнҳои 1000-солагии зодрӯзи Абуалӣ ибни Сино, 110-солагии С.Айнӣ, 100-солагии А.Лоҳутӣ, 70-солагии М.Турсунзода ва дигарон намуна шуда метавонанд.

Баробари пешрафти соҳаҳои мухталифи иқтисодиёт ва фарҳанги ҷумҳурӣ ҳаёти моддӣ-маишӣ ва иҷтимоии шахрвандон рӯ ба беҳбудӣ дошт.

Дар колхозу совхозҳо корхонаҳои адои хизмати маишӣ, аз ҷумла, филиалҳои ноҳиявии комбинатҳои хизмати маишӣ, бригадаҳои сайёри хизматрасон ташкил дода шуда буданд.

Тӯли солҳои 1966-1970 теъдоди муассиса ва корхонаҳои хизмати маишӣ 1,6 баробар, ҳаҷми корҳои иҷрошуда 2,5 баробар зиёд шуд. Дар ҷумҳурӣ ба миқдори 5,4 млн. метри мурабабаъ хонаву ҷой сохта шуд, ки қариб 3 миллиони он дар деҳот буд, 620 ҳазор аҳолӣ хонаи нав гирифт, 471 км.қубури обгузар сохта шуда, ба 122 ҳазор хона газ гузаронида шуд.

Барои муассисаҳои тиббӣ 354 млн. сӯм ҷудо карда шуда буд. Шумораи муасиссаҳои тиббӣ соли 1970 то ба 1734 то ра-

сид, ки 294 тояш бемористон буд. Ба 10 ҳазор аҳолӣ 98 кат рост меомад. 906 дорухона, дӯкони доруфурӯшӣ, лабораторияҳо ва фабрикаи дорусозии шаҳри Душанбе ба халқ хизмат мекарданд. Авиатсияи санитарӣ, ёрии таъҷилӣ, машваратхонаҳои тиббӣ ба аҳолӣ хизмати бепул (ройгон) карда, корҳои тарғиботӣ, санитарӣ-профилактикӣ мебурданд. Барои модарону атфол нуқтаҳои консултатсионӣ, акушерӣ, санитарӣ, профилакторӣ ва ғайра амал мекарданд. Занони ҳомила ва навзод аз давлат ёрии моддӣ мегирифтанд. Танҳо солҳои 1966-1970 ба 2730 занҳои ҷумҳурӣ унвони «Қаҳрамонмодар» дода шуда буд.

Меҳнаткашон дар осоишгоҳҳо, фарогатҷойҳо, курорту санаторияҳои Хоҷа Оби-Гарм, Обигарм, Шоҳамбарӣ, Гармчашма, Явроз, Ҳушёрӣ, Қаратоғ, Шаҳристон, Харангон, Исфара, хонаҳои истироҳатии «Ҷавонон», Академияи илмҳо, «Бофанда», «Гулистон», Иттифоқи нависандагон, «Зимчрӯд», «Ҳавотоғ», «Алмосӣ» ва ғайра истироҳат карда, табобат мегирифтанд. Баъзе дар курорту санаторияҳои Умумииттифоқ ва хориҷи кишвар дам мегирифтанд. Барои атфол ва мактаббачагон теъдоди зиёди лагерҳои тобистонаи пионерӣ, базаҳои туристӣ-экскурсионӣ ва санаторияҳои бачагона мавҷуд буданд.

Дар панҷсолаи нуҳум нафақаи коргарон, колхозчиён, хизматчиён, маҷрӯҳони ҷанг, ёрдампулӣ ба оилаҳои серфарзанд зиёд карда шуд. Даромади миллӣ 33 фоиз, фондҳои ҷамъиятии истеъмолӣ 64 фоиз, даромад ба ҳар сари аҳолӣ 23 фоиз афзуданд. Сифати хӯроки умумӣ, сохтмони хонаҳои истиқоматӣ, хизмати тиббӣ, санитарӣ-гигиенӣ баланд гашта, варзиш характери оммавӣ гирифт. Дар тӯли панҷ сол дар ҷумҳурӣ ба теъдоди 5,821 м² хонаҳои истиқоматии бо газ ва нерӯи барқ таъминбуда, сохта шуданд. Нуқтаҳои савдои чакана ба 6962 адад, муассисаҳои хӯрокӣ умумӣ ба 3370 адад, теъдоди духтурони маълумоти олидор ба 7198 нафар, маълумоти миёнаи тиббӣ дошта ба 21244 нафар расид. Қариб 177 ҳазор модарони серфарзанд аз давлат ёрдампулӣ мегирифтанд.

Ин анъанаи хуби даврони шӯравӣ дар солҳои 80-ум низ давом кард. Вале сиёсати «бозсозӣ» онро хеле халалдор карда, ба пешрафти ҳаёти фарҳангӣ ва иҷтимоии мардуми шӯравӣ, аз ҷумла, халқи тоҷик монеаи калон гардид. Бо мурури замон анъанаҳои хуби даврони шӯравӣ мисли дар мактабҳои миёна ва

олӣ бепул хондану табобат гирифтан ва дар курорту санаторияҳо бепул дам гирифтан, асарҳои илмӣ, адабӣ ва санъатро бепул ба чоп расондан барҳам хӯрданд.

## §5. Фарҳанги халқи тоҷик дар давраи соҳибистиқлолии комили Тоҷикистон (солҳои 1991-2011)

Баъди барҳам хӯрдани СССР ва соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон қувваҳои мухталифи сиёсӣ бо дастгирии хоҷагони хориҷиашон барои ба даст даровардани ҳокимияти сиёсӣ дар Тоҷикистон муборизаро оғоз намуданд. Дар натиҷа кишварро бесарусомонӣ ва харҷу марҷ (анархия) фаро гирифта, тоҷикистониён ба кӯчаи сарбастае рафта қарор гирифтанд.

Аз кашмакашиҳои дохилӣ, бенизомиҳои маҳаллӣ, гирдиҳамоиҳои тӯлонии беъманӣ ва билохир ҷанги бародаркӯш (солҳои 1992-1997) ҳаёти фарҳангӣ ва аҳли зиёи ҷумҳурӣ зарару зиёни ҷиддӣ дид. Дар оташи ҷанг садҳо биноҳои мактабу муассисоти томактабии кӯдакон, китобхонаҳо, клубҳо, кинотеатрҳо, хонаҳои фарҳангӣ ва бисёр марказҳои илмӣ, фарҳангию-маърифатӣ сӯзонида нобуд карда шуданд. Намуди фарҳангии водиҳои шукуфони Вахш, Ҳисор, Рашт, Дарвозу Бадахшон ба сар чодари сиёҳ дошт.

То ба имзо расидани Созишномаи сулҳу оштии миллӣ мактабу маориф, муассисоти тандурустӣ, санъат, илму адабиёт давраи мушкилтаринро аз сар мегузаронд. Вазъи мактабу маориф дар ҳолати фоҷиавӣ қарор дошт. Маблағгузории давлатӣ ба мактаби таълимоти умумӣ, миёнаи махсус ва олӣ қатъ гардид. Бо сабабҳои муҳтоҷӣ ҳазорон хонандагон, донишҷӯён ва омӯзгорону устодон мактабро тарк гуфтанд. Сифати таълиму тарбия паст шуд. Талаботи нақша ва барномаҳои таълимӣ иҷро намешуд. Сатҳи дониши талабагону донишҷӯён ба пуррагӣ коҳиш ёфт.

Зиндагии тоқатфарсо талабагони зиёдро аз мактаб ба кӯча партофт. Онҳо дар бозорҳо аробакашӣ, носу сигорфурӯшӣ карда, дар кӯчаҳо барои пайдо кардани қути лоямут мошинҳои «тоҷикони нав»-ро шустушӯ мекарданд. Устодону омӯзгорон гӯшаи бозорро интихоб карда, майда-чуйдафурӯшӣ мекарданд.

Зиндагӣ сафи ҷавонони маънавиёташон пасту равонашон шикастаро зиёд кард. Теъдоди бедодгарон, майзадагон, нашъамандон, нашъаҷаллобон, дуздон, шӯрапуштону гадоҳои сари кӯчаву бозор афзуд.

Илму муассисоти илмӣ аз набудани маблағ ва нарасидани воситаҳои моддӣ-техникӣ ҳоли ногуворе доштанд. Олимону мутахассисони зиёд ҷумҳуриро тарк намуданд. Бисёр ходимони санъату адабиёт дилшикаста шуданд. Вале дар байни ходимони илм, санъату адабиёт теъдоди меҳанпарастони асил бештар буда, онҳо ба оянда бо чашми умед менигаристанд. Маҳз дар ҳамин давра филми Бақо Содиқов «Имом-ал-Бухорӣ» эҷод шуд. Театри «Аҳорун»-и Фаррух Қосим амал кард. Гурӯҳи мусиқии «Борбад», гурӯҳи «Шашмақом» таъсис ёфтанд.

Дар давраи бӯҳрони шадиди фарҳанги тоҷик фарзандони фарзонаи миллат роҳи рафъи ин бӯҳронро ҷӯён буданд. Зарур буд, ки қабл аз ҳама ба беҳбудии кори мактабу маориф аҳамият дода шавад. Кори мактаб дар ҷумҳурӣ мувофиқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки 27-уми декабри соли 1993 Маҷлиси Олӣ қабул карда буд ва «Дастуруламал оид ба мактаби маълумоти умумӣ», ки Ҳукумати Ҷумҳурӣ 12-уми октябри соли 1995 қабул карда буд ба роҳ монда мешавад.

Дар қонун омадааст, ки вазифаи таълиму тарбия дар доираи маориф мувофиқи шароитҳои давлати демократии дунявӣ иборат аз он аст, ки шаҳрвандони баландмаълумоти эҷодкору ҳаматарафа инкишофёфтае тайёр карда шаванд, ки дорои дониши чуқур, тавоно, малакаи касбӣ буда, дар онҳо ғояҳои сулҳдӯстӣ, гуманистӣ, меҳанпарастӣ, ҳақиқати иҷтимоӣ, ҳифзи арзишҳои эътирофшудаи гуманистӣ, ҳуқуқ ва қонун мақоми ҳалкунанда дошта бошад.

Баъд аз истиқрори сулҳ ҳукумат доир ба такмили кори мактабу маориф чандин қарору нишондодҳо қабул намуд, ки дар маҷмӯъ як ислоҳоти пурраи маорифро ташкил медиҳанд. Мундариҷаи асосии ислоҳотро консепсияи мактаби миллӣ дар бар мегирад. Дар ин кор қонун «Дар бораи забони давлатӣ» (соли 1989) амал мекунад.

Лоиҳаи «Консепсияи миллии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» моҳи декабри соли 2001 ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод шуда буд. Ин ҳуҷҷат иборат аз 15 банд буда, мақсад ва вазифаҳои маълумот, сарчашмаҳои маълумот,

зинаҳои таълиму тарбия, омодасозии кадрҳои илмӣ-омӯзгорӣ, симои муаллими замон ва ғайраро дорост.

Дар назар буд, ки тамоми мактабу муассисоти фарҳангии дар натиҷаи ҷанг хароб гашта барқарор карда шуда, таҳкурсии моддӣ-техникии онҳо мустаҳкам карда шавад, теъдоди қаблии хонандагон пурра карда шуда, омӯзгорон ба ҷойҳои пештараи кор ба мактабҳо баргардонда шаванд. Талабагону донишҷӯён бояд мувофиқи талаботи муносибатҳои бозаргонӣ таълиму тарбия гирифта, на танҳо касби дӯстдоштаашонро мебоист интихоб мекарданд, балки донишу таҷрибаи наслҳои гузаштаро аз бар карда, шахсони меҳнатдӯст, инсонпараст ба воя мерасиданд.

Бояд таҷрибаи пешқадам, усулҳои беҳтарини таълиму тарбия дар мактабҳо ҷорӣ карда шуда, ба усули омӯзиши гимназиягӣ, литсей, коллеҷ ва мактабҳои шахсӣ гузашта мешуд. Дар назар буд, ки донишҷӯён ба асрори муносибатҳои бозаргонӣ пурра сарфаҳм рафта, таълим ба стандарти умумиҷаҳонӣ ҷавобгӯ мешуд.

То 1-уми январи соли 2001 дар 3567 мактабҳои маълумоти умумии ҷумҳурӣ 1506153 кас таҳсил доштанд, ки 693206 нафарашонро духтарон ташкил медоданд. Дар мактаб 97770 омӯзгорони соҳибмаълумот ба кори таълиму тарбияи ҷавонон машғул буданд. Дар кори мактаб камбудиҳо низ ҷой доштанд. Теъдоди хонандагони аз мактаб дурмонда кам набуд. Таҳкурсии моддӣ-техникии таълим дар мактабҳо ба талабот ҷавобгӯ набуд ва аз сабаби камии маош дар мактаб омӯзгорон намерасиданд.

Мувофиқи ҳисоби мутахассисон то соли 2015-ум шумораи хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ ба 2 миллиону 350 ҳазор нафар мерасад. Дар айни замон дар ҷумҳурӣ 741 мактаб ва 8881 муаллим намерасад. Наврасони Тоҷикистон ба 600 ҳазор ҷои нишасти талаба ниёз доранд. Ҳарчанд, ки то имрӯз барои чопи китобҳои дарсӣ беш аз 20 миллион доллар сарф шудааст, вале қисми зиёди китобҳои дарсӣ ҳанӯз нашр нашудаанд. Алоқаи мактаб бо истеҳсолот ва волидайни хонандагон мувофиқи матлаб нест.

Тибқи қарори ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23-юми феврали соли 1996 дар мактабҳои олӣ усули бисёрзинагии касбомӯзӣ ҷорӣ шуда, донишҷӯён мувофиқи қобилият ва имко-

нияташон ҳамчун бакалавру магистр тайёр карда мешаванд. Вале ин равия пурра одат нашудааст. Дар мактабҳои олӣ ва ҳунаристонҳо зиёда аз 100 ҳазор донишҷӯён таълим мегиранд. Аз нӯҳ ҳазор кормандони соҳаи илм қисми зиёдашон дар мактабҳои олӣ ба кори таълиму тарбияи донишҷӯён машғуланд.

Теъдоди мактабҳои олӣ ва коллеҷҳо дар ҷумҳурӣ сол то сол меафзояд. Вале қисми муайяни онҳо, хусусан мактабҳои олии худрӯи маҳаллӣ, на таҳкурсии моддӣ-техникии зарурии таълим ва на устодони унвондору соҳибтаҷриба доранд. Таълим дар ин гуна мактабҳои олӣ дар асосҳои шартномавӣ сурат гирифта, барои баъзе ашхос манбаи даромад мегардад. Дар ҳамаи онҳо «иқтисодчиён» ва «ҳуқуқшиносон»-ро омода месозанд. Аммо кадрҳои муҳандисӣ-техникӣ, сохтмончиён, мутахассисони кӯҳкану роҳсоз дар ҷумҳурӣ ба теъдоди ҳазорон намерасанд. Ҷавонони хушзеҳну қобил бояд майли омӯзиши ихтисосҳои техникӣ, хоҷагидорӣ ва табиатшиносӣ дошта бошанд, зеро пешрафти минбаъдаи кишварамон ба истифодаи захира ва боигариҳои табиӣ вобастагии зич дорад.

Дараҷаи дониши донишҷӯёни ҷабҳаи шартномавӣ дар тамоми факултет ва мактабҳои олии ҷумҳурӣ дар дараҷаи ниҳоят паст қарор дошта, бисёрии онҳо то ба курсҳои хатмкунӣ намерасанд. Бояд пеши роҳи ин бенизомиҳо гирифта шуда, дараҷаи тайёр кардани кадрҳои баландихтисос ба талаботи замон мувофиқ карда шавад. Ислоҳоти мактаб, маориф ва илмро Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон масъалаи муҳимтарини имрӯзу фардо донистааст, ки талаботи хоҷагии халқро ба кадрҳо омӯхта, мутахассисони ба иқтисодиёти бозаргонӣ ҷавобгӯ тайёр карда шаванд.

Ҳукумат барои инкишофи илми академӣ аҳамияти зиёд медиҳад, зеро Академияи илмҳо маркази илмии хоҷагии халқ, густариши маориф ва фарҳанги ҷумҳурӣ мебошад.

Олимони академия пайваста дар ҷустуҷӯи мавзӯҳои илмӣ, омӯзиши захираҳои табиӣ, нерӯҳои тавлидотӣ буда, тамоми фаъолияти илмии худро барои пешбурди иқтисодиёт, баланд бардоштани дараҷаи маънавиёти аҳли ҷомеа равона кардаанд. Зарур дониста шудааст, ки маҳсули илмии олимон ба талаботи иқтисодиёти бозаргонӣ мувофиқ карда шуда, ба миқёси ҷаҳонӣ бароварда шавад.

Илми академӣ бо тадқиқотҳои олимону устодони кафедраҳои мактабҳои олӣ пайванди ногусастанӣ дорад. Мактабҳои олӣ ба масъалаи тайёр кардани пажӯҳишгарони ҷавон аҳамияти калон медиҳанд. Дар ин кори хайр идрори президентӣ ба донишҷӯёни қобилиятноку аспирантҳо иқдоми нек аст. Халқи тоҷик бо олимони намоёни худ С.Табаров, А.А.Раҳмонов, Ӯ.Мирсаидов, А.Мухторов, С. Мухторов, О. Бобоев, Л. Саидмуродов, М. Илолов, И. Қурбонов, Р.Масов, Ю.Носиров, Б.Сангинов, П.Бобоҷонов. Ҳ.Мансуров, Ҳ.Сафиев, Ю.Нуралиев, Ю.Ёқубов, Ю.Исҳоқӣ, М.Ғуломов, А.Пӯлодов, Б.Кимсанов, Н.Мирзоев, Ш.Холиқов, М.Динор-шоев, Х.Асозода, Д.Гулмирзоев, С.Наврӯзов, Р.Набиева, Д.Уроқов, Т.Ғаниев, Н.Саидов, А. Шамолов, С.Ҷононов ва дигарон ифтихор дорад.

Олимони Академия дар тӯли панҷ сол (солҳои 1996-2000) беш аз се ҳазор корҳои илмӣ, 335 монография, китобча ва маҷмӯаҳои илмӣ ва 2392 мақолаҳои илмӣ чоп карданд, ки 350-тои онҳо дар хориҷа ба чоп расидаанд.

Бо ташаббуси Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон Академияи илмҳои мактабҳои олии Тоҷикистон таъсис ёфт, ки бояд имкониятҳои илмии олимонро такмил дода, мутахассисони қобилиятноки ҷавонро ба воя расонанд. Инчунин бо мактабҳои олии Иттиҳоди Давлатҳои Муштаракулманофеъ иртиботи наздики илмӣ дошта бошанд. Сифати корҳои илмии олимони ҷавонро баланд бардошта, ба талаботи замона мувофиқ кунонидан лозим меояд.

Бенизомиҳои солҳои 90-ум, хусусан гирдиҳамоиҳои тӯлонӣ ва ҷанги бародаркӯш ба аҳли зиё таъсири гуногун доштанд. Баъзе зиёиён диссидентӣ (муртад), баъзеҳо ба исломгароӣ, пешвои ҳизбҳои сиёсӣ ва ҷунбишҳои ҷамъиятӣ гаравида, ташаббускорони гирдиҳамоиҳо ва низои байни тоҷикон шуданд.

Иддае аз зиёиёни мансабхоҳу карахту кӯҳнапараст алайҳи С.Айнӣ ва шоири номвари тоҷик М.Турсунзода ҳаргуна бадгӯиҳои нобарҷо ва тӯҳматангез изҳор доштанд. Ҳатто нисбати Р.Ҷалил, Ҷ.Икромӣ, С.Улугзода, А.Шукӯҳӣ, А.Баҳорӣ, М.Миршакар ҳам суханҳои ғаразнок гуфта, онҳоро бо дурагагӣ ном мегирифтанд.

Имрӯзҳо ҳаёти адабӣ-бадеӣ дар ҷумҳурӣ ба тадриҷ пеш рафта, рангу бӯи тоза мегирад. Адибон, шоиру нависандагон,

рӯзноманигорон, аҳли санъат ҳаётро омӯхта, асарҳои шоистаи замонавӣ эҷод мекунанд. Аз усули эҷоди реализми сотсиалистӣ ба реализми ҳақиқӣ гузашта, ҳодисоти ҳаётро аз назари танқидӣ меомӯзанд. Дар адабиёт ғояҳои таърихӣ, ягонагии миллӣ, бедории миллӣ тараннум мешаванд. Доир ба бинокорони истгоҳҳои барқии Сангтӯда, Рогун, ҳаёти шаҳриёну деҳотиён ва таърихи халқ асарҳо эҷод шуда истодаанд.

Эмомалӣ Раҳмон 19-уми ноябри соли 1997 дар анҷумани XI нависандагони Тоҷикистон иброз дошт, ки нависандагони муосир идомадиҳанда ва меросбардорони адабиёти классикӣ аз А.Рӯдакӣ то С.Айнӣ мебошанд. Аз ин рӯ, адибон бояд дӯстиро тараннум карда, ҳақиқатҷӯву ростгӯ бошанд. Ин ғояҳо дар эҷодиёти Мӯъмин Қаноат, Гулназар Келдӣ, Аюбӣ, Камол Насрулло, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор, Бозор Собир, Фарзона, Зулфия Атоӣ, Аскар Ҳаким, Муҳаммад Ғоиб, Меҳмон Бахтӣ, Саидали Маъмур, Абдулло Қодирӣ, Сорбон, Абдуҳамид Самадов, Низом Қосим, Урун Кӯҳзод, Саттор Турсун, Юсуф Акобиров, Убайд Раҷабов ва дигарон хеле инкишоф ёфтаанд.

Симои ҷомеаи ҳуқуқбунёду демократии Тоҷикистонро васоити ахбори умум, радио, телевизиор, интернет, рӯзнома ва маҷаллаҳо ифода мекунанд. Дар Тоҷикистон ин васоитҳо ба таври озод амал мекунанд ва ҳасти дохиливу берунии ҷумҳуриро инъикос менамоянд. Ба ғайр аз нашрияҳои «Садои Мардум», «Ҷумҳурият», «Шоми Душанбе», «Минбари халқ», «Садои Шарқ», «Помир», «Адабиёт ва санъат» боз бисёр нашрияҳои соҳавӣ, ҳизбӣ, шахсӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, маҷмӯаҳо ва ғайра чоп мешаванд.

Дар густаришёбии фарҳанг мавқеи коркунони телевизион, радио, осорхонаҳо ва театрҳои ҷумҳурӣ бузург аст. Ҳоло дар ҷумҳурӣ 1463 китобхона, 30 осорхона, 1100 хона ва қасрҳои фарҳанг, 15 театрҳои касбӣ ва дар тамоми шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ театрҳои маҳаллӣ кор мекунанд. Онҳо дар дилу дидаи мардум нури хирад, маърифат, зебоипарастиро мепарваранд.

Имрӯзҳо кӯшиши давлат ба рушд ва таъмини моддии инфраструктураи фарҳанг – дастгирии театрҳо, марказҳои фарҳангии ҷавонон, китобхонаҳо, нашри адабиёти таълимӣ ва бадеиву методӣ, бо технологияи компютерӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ, варзишӣ ва таҳияи барномаҳои гуногун

оид ба ташаккули арзишҳои ахлоқиву маънавӣ, тарзи ҳаёти солим ва тарбияи ҷисмонӣ нигаронида шудааст.

Кушода шудани барномаҳои телевизионии «Сафина», «Баҳористон», «Ҷаҳоннамо» «Пойтахт», «Симои мустақим» падидаи мусбат дар ҳаёти фарҳангии кишвар маҳсуб меёбад. Вазъи муассисаҳои фарҳангӣ хуб нест. Бемақсад хусусӣ кардани ин гуна муассисаҳо бояд манъ карда шавад.

Дар байни мардум дастаҳои навбунёди «Шашмақом», «Фалак» ба мисли дигар соҳаҳои санъат обрӯ ва эътибори баланд пайдо карда истодаанд. Овозхонҳои машҳури ҷумҳурӣ Одина Ҳошимов, Зафар Нозимов, Ҷӯрабек Муродов, Абдулло Назриев, Давлатманд Холов, Муродбек Насриддинов, Лола Азизова, Нуқра Раҳматова, Ҷӯрабек Назриев, Саидқул Билолов, Афзалшо Шодиев, Хосият Ортиқова, Хурсандмурод Зарифов, Нигина Рауфова ва дигарон маъруфу писанди мардум шудаанд. Мактаби овозхонии Одина Ҳошим, Ҷӯрабек Мурод, Дӯстмурод Алиев, Муқаддас Набиева барин ҳунарпешаҳо санъати сарояндагӣ, ромишгарӣ ва мусиқии ҷумҳуриро ғанӣ гардонданд.

Дар пешбурди фарҳанги халқи тоҷик вохӯриҳои ҳамасолаи Раиси Ҷумҳур Эмомалӣ Раҳмон бо аҳли зиё мавқеъ ва мақоми хоса доранд.

Вазифаи аввалиндараҷаи фарҳанги имрӯза он аст, ки ҷавонон дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, инсондӯстӣ, ваҳдат, ободкориҳо тарбия ёбанд. Ба мардуми фарҳангдӯсти тоҷик ахлоқи ҳамида, гуфтори нек, кирдори нек ва пиндори нек хос мебошад. Тоҷикон ватани ягона, миллати ягонаи барои мо чун модари ғамхору мушфиқ доранд, ки ободу шукуфон нигоҳ доштани он мароми мост.

6-7 сентябри соли 2008 дар шаҳри Душанбе бахшида ба 1150-*солагии қофиласолори* шеъру адаби тоҷику форс Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Симпозиуми байналмилалии илмӣ дар мавзӯи «Рӯдакӣ ва фарҳанги ҷаҳон» баргузор гардид.

5-6 октябри соли 2009 бошад дар шаҳри Душанбе Симпозиуми байналмилалии «Мероси Абӯҳанифа ва аҳамияти он дар муколамаи тамаддунҳо» шуда гузашт, ки дар он намояндагони зиёда аз 50 давлати ҷаҳон ширкат варзиданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ғайр аз кишварҳои алоҳида, бо бисёр ташкилоту ҷамъиятҳо ва фондҳои шахсии байналхалқӣ

муносибатҳои неки ҳамкорӣ ва равобити судманди иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии дуҷониба дорад. Чунин муносибатҳо бо фонди Оғохони IV умедбахшанд. Шоҳзода Шокарим ал-Ҳусайнӣ Оғохони IV бо Тоҷикистон бисёр муносибати нек ва ҳамкорӣ дорад. Таваҷҷӯҳи ӯ ба Тоҷикистон аз ташрифҳои шахсӣ ва кӯмакҳои беғаразонаи фонди Огохон пайдост.

Пӯшида нест, ки бо кӯмаки фонди Оғохони IV дар давраи мудҳиши бӯҳрони иқтисодию сиёсии солҳои 90-уми асри XX аҳолии минтақаҳои Кӯҳистони Бадахшону Рашт аз гуруснагӣ ва мӯҳтоҷӣ наҷот ёфтанд. Ҳар як сокини ин ҷо аз тифли навзод то пири солхӯрда аз фонди номбурда ба андозаи муайян маводи ғизо – орд, равған, биринҷ, қанд ва ғайра ёрии бепулу бебозгашт мегирифт.

Мактабҳои ин диёр бо ёрдами фонди мазкур таъмир шуда, соҳиби васоити таълим – китоб, компютер ва ғайра шуда, талабагон забони англисиро хуб азхуд мекарданд.

Дар шароити имрӯза равобити фарҳангӣ ва илмии байни Тоҷикистону Эрон густариш меёбад. Дар ҷашнвораҳои ҳазорсолаи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, 650-солагии зодрӯзи Мир-саид Алии Ҳамадонӣ, 675-солагии Камоли Хуҷандӣ, 1100-солагии давлати Сомониён, Соли бузургдошти «Тамаддуни ориёӣ», 80-солагии шаҳри Душанбе, ҷашни 2700-солагии шаҳри бостонии Кӯлоб, 18-солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, 800-солагии зодрӯзи нобиғаи Шарқ Ҷалолиддин Муҳаммади Балхӣ, 1150-солагии устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Соли бузургдошти забони тоҷикӣ ва Соли бузургдошти Имоми Аъзам (с.2009) донишмандони ҳарду кишвар дар баробари намояндагони дигар кишварҳо ширкати фаъолона доштанд.

Дар Душанбе мағозаи китобфурӯшии «Ал-Ҳудо» ҷойгир аст. Дар Эрон асарҳои олимон, адибон, шоирону нависандагон, аз ҷумла, таърихи бисёрҷилдаи халқи тоҷик чоп мешаванд. Дар Тоҷикистон низ асарҳои олимону мутафаккирони Эрон нашр мешаванд.

Дар ибтидои асри XXI халқи тоҷик ба иқтисодиёту истеҳсолоти замонавии ҷавобгӯи манфиатҳои давлатдории миллӣ, татбиқи дастовардҳои пешрафтаи иқтисоди ҷаҳонӣ ва илму технологияи нав, ҳамчунин тарбияи насли дорои тафаккури созанда, ҷаҳонбиниву дониши муосир, зираку соҳибмаърифат ва ватанпараст ниёз дорад.

Тарбияи чунин насли соҳибмаърифат, огоҳу бедордил, забондону ҷӯянда ва донандаи техникаву технологияи муосир минбаъд низ ҳамчунин самти муҳими сиёсати давлат бояд боқӣ монад. Зеро пешрафту тараққиёти ҳар як давлатро маҳз кадрҳо ва мутахассисони баландихтисосу кордон таъмин карда метавонанд.

Дар доираи ин вазифаи муҳим Ҳукумати Тоҷикистон рушди соҳаи маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти худ шумурда, дар тӯли бист соли истиқлолият ҳамасола маблаггузории соҳаро зиёд намуд, ки дар натиҷа шароити моддиву техникӣ ва раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёна, касбӣ ва олӣ хеле беҳтар гардид.

Масалан, дар соли 1995 маблағгузории соҳаи маориф аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҳамагӣ якуним миллион сомонӣ буд, вале соли 2008 он ба 700 миллион сомонӣ расонида шуд, ки ин 16 фоизи буҷети давлатиро ташкил медод. Танҳо дар ҳашт соли охир (то соли 2008) маблағгузории давлатии соҳаи маориф 16 маротиба афзуд.

Ҳамзамон сиёсати иҷтимоии давлат ба ислоҳот ва инкишофи соҳаҳои тиб, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, фарҳанг, инчунин баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, рушди зеҳниву ҷисмонии ҷавонон ва тараққи додани варзиш нигаронида шуда буд. Дар ин самтҳо Тоҷикистон дар тӯли солҳои соҳибихтиёрӣ ба пешрафти назаррас ноил гардид. Натиҷаҳои бозиҳои олимпӣ дар Пекин (с.2008) гувоҳи равшани ин гуфтаҳоанд.

Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон яке аз масъалаҳои доги рӯз ин авҷ гирифтани хурофотпарастӣ ва гузаронидани ҷашну маъракаҳои сермасраф дар ҷомеаи тоҷик буд. Ин ҷашну маъракаҳо бори гароне буд бар дӯши мардуми Тоҷикистон. Ин ҳолат ҳукуматро водор намуд, ки тадбирҳои таъҷилӣ андешад.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон барои таъмини зиндагии осудаи халқ ба қонуни махсус оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо имзо гузошта, таъкид намуданд, ки «... То расму ойин ва маросимҳои милливу динии худро ба як низоми муайян надарорем ва хароҷоти беҳудаву зиёдатии мардумро аз байн набарем, ба қабулу татбиқи барномаҳои давлатӣ ва сарфи маблағҳои зиёда дар масъалаи паст кардани сатҳи камбизоатии

аҳолӣ ба натиҷаҳои дилхоҳи назаррас ноил шуда наметавонем»[1].

Дар ҳақиқат анъана ва ҷашну маросимҳо ҳамчун омили муҳими зуҳуроти иҷтимоӣ зарурат ба танзим дошта, мутобиқи талаботи замон бояд инкишоф ёбанд. Тақлидкорӣ ва рақобати бемантиқи одамон дар гузаронидани тӯю маъракаҳо боиси хароҷотҳо ва исрофкориҳои аз ҳад зиёд шуда, маросимҳои дафну азодориро ба бори гарони зиндагӣ табдил дода буданд. Кор то ҷое расида буд, ки ғаму андӯҳи хароҷоти пас аз марги наздикон на танҳо ворисон, ҳамчунин шахсони зиндаро, қабл аз марг ба ғами вазнин гирифтор мекард.

Воқеан, қисме аз мардуми тоҷик ба сабаби зоҳирпарастии беасос ва дар иҷрои маросимҳо ва маъракаороиҳо пойбанди таассубу хурофот будани худ ба амалҳое даст мезаданд, ки дар ягон гӯшаи дигари олами ислом ба назар намерасад. Роҳи ягонаи ҳарчи зудтар раҳо кардани мардум аз ин вазниниҳои сохта ва бидъатҳо қабул кардани қонун буд.

Ин буд, ки 8 июни соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардида, тағйироту иловаҳо ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ворид гардид. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раёсат оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳои Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфта, Низомномаи он тасдиқ гардид. Ин ва дигар чорабиниҳои ҳуқуқию ташкилӣ воситаи беҳтар кардани вазъи иҷтимоии мардум, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва таъмини шароити арзандаи зиндагӣ барои ҳар сокини кишвар гардид. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» сариваќти буда, дар шароити боловарии нархи ҷаҳонии маҳсулоти хӯрока манфиатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрвандонро ҳифз ва барои амалӣ гаштани стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҷумҳурӣ мусоидат намуд. Мардуми Тоҷикистон дар чор сол

---

[1] Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба танзими анъана ва ҷашну маросимҳо. – Душанбе, 2007, саҳ.3.

(нимаи дуюми соли 2007 ва нимаи аввали соли 2011) бештар аз 4,5 миллиард сомонӣ маблағро ба манфиати хеш сарфа карданд. Маблағҳои сарфагардида ба баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ ва пурсамар масраф намудани буҷаи оилавии шаҳрвандон мусоидат намуданд.

Дар амалӣ гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» нақши раисони ҷамоатҳои деҳот ва раисони маҳаллаҳо хеле назаррас аст. Дар ин ҷода фаъолияти пурсамари раиси ҷамоати деҳоти «Чоргултеппа»-и ноҳияи Рӯдакӣ Сайфиддинов Абдусамад, раис ва ҷонишини раиси ҷамоати деҳоти «Чортеппа»-и ноҳияи Рӯдакӣ Шодиев Давлатбек, Нозимов Зиёдулло, раиси маҳаллаи Маърифатии ноҳияи Рӯдакӣ Алиев Ҷумъа ва раиси маҳалла аз ноҳияи Исмоили Сомонии ш.Душанбе Ситамов Назар ва дигарон ибратбахш буда, сазовори дастгирӣ мебошанд. Барои боз ҳам мукаммал гардонидани мундариҷаи Қонун Ҳукумати Ҷумҳурӣ апрели соли 2008 ба он боз тағйиру иловаҳо ворид намуд.

Барои тақвият бахшидани робитаи оила бо мактаб ва баланд бардоштани ҳисси масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд 14 декабри соли 2010 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таҳия ва ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод гардид. Ин лоиҳа яке аз муҳимтарин санадҳои батанзимдарорандаи одобу ахлоқ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Зеро равандҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва маънавии ҷомеаи муосири башарӣ собит месозанд, ки имрӯз сатҳи пешрафту инкишофи ҳаёти маънавии инсониятро на шумораи зиёди аҳолӣ ва сарватҳои моддӣ, балки ахлоқи ҳамида, тарбияи нек, рушду нумӯи илму маориф ва техникаву технологияҳои муосир муайян мекунад.

Ин Қонун на танҳо падару модар, балки роҳбарони муассисаҳоли таълимии ҳамаи зинаҳои таҳсилот, омӯзгорон, ҷомеа ва давлатро вазифадор менамояд, ки ба масъалаи таълиму тарбияи фарзанд диққати махсус диҳанд. Он ҳамчунин дар тарғибу ташвиқи одоби муошират, риояи арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва ҷавонмардиву ахлоқи ҳамида ба воя расонидани хонандагону донишҷӯён нақши муҳим мебозад. Дар ҳақиқат имрӯз дар за-

мони ҷаҳонишавии босуръати проблемаҳои башарӣ ва омезиши арзишҳо, ки нақш ва нуфузи таълиму тарбия ҳамчун меъёри иҷтимоӣ ба хотири рушди инсон ва таҳкими сармояи зеҳнӣ асоси бунёди ҷомеаи навро ташкил менамояд, қабули чунин санади муҳим иқдоми саривақтӣ мебошад ва он натиҷаҳои дилхоҳ дод.

Имрӯзҳо бошад мардуми шарифи Тоҷикистон ба муроҷиатномаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон оид ба бунёди иншооти бузурги аср-Нерӯгоҳи барқӣ обии Роғун ҳамовоз шуда, баҳри бунёди он бо як рӯҳияи баланди ватандӯстию созандагӣ камари ҳиммат бастаанд.

Дар давоми 20-соли истиқлолият паҳлӯҳои гуногуни фарҳанги миллӣ таҷдиду такони тоза ёфтанд. Ба шарофати гамхориҳои доимии ҳукумат садҳо муассисаҳои фарҳангӣ-театрҳо, толорҳои консертӣ, осорхонаву китобхонаҳо, ёдгориҳои нодири таърихӣ таъмиру азнавсозӣ гардиданд ва даҳҳо биноҳои замонавии фарҳангӣ қомат афрохтанд.

Дар ин замон Консерваторияи миллӣ таъсис ёфт, ки дар рушди санъати мусиқӣ ва омода намудани мутахассисони соҳибкасби соҳа саҳми арзанда дорад.

Дар Душанбе бунёд гардидани Китобхона ва Осорхонаи миллӣ ҳамчун марказҳои бузурги илмиву фарҳангӣ аз ҷумлаи рӯйдодҳои муҳими даврони истиқлолият мебошад, ки дар хизмати наслҳои имрӯзаву оянда қарор хоҳад гирифт.

Дар ин радиф шоистаи зикр аст, ки силсилаи қонуну барномаҳои давлатӣ, асноди меъёрии ҳуқуқии вобаста ба инкишофи минбаъдаи соҳаҳои фарҳанг-театр, китобхонаву осорхона, воситаҳои ахбори омма ва ҳифзу истифодаи ёдгориҳои таърихӣ барои таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои фарҳанг, бунёди инфраструктураи муосири фарҳангӣ, татбиқи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон ҷиҳати истифода аз дастовардҳои соҳаи фарҳанги миллӣ ва умумибашарӣ мусоидат намуданд.

Бо вуҷуди ин, то ҳанӯз як силсила масъалаҳое ҷой доранд, ки ҳаллу фасли онҳо зарур аст.

Имрӯз дар мамлакат беш аз 40 осорхонаи таърихиву кишваршиносӣ, ки дорои теъдоди зиёди бозёфтҳои нодир мебошанд, фаъолият менамоянд.

Вале аз ҷониби мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо барои ободонӣ, таъмиру тармим, таҳкими базаи моддиву техникии онҳо ба қадри кофӣ маблағҳо ҷудо карда намешаванд, ки дар натиҷа шумораи зиёди нигораҳои дорои арзиши баланди илмӣ ва таърихиву фарҳангӣ осеб мебинанд.

Васоити ахбори умум дар ҷомеа нерӯи муассири иттилоотӣ ва таблиғгари афкори нав мебошанд. Нақши онҳо дар раванди демократикунонӣ ва рушди ҷомеа ниҳоят калон аст.

Бояд қайд кард, ки теъдоди воситаҳои ахбори умум дар солҳои истиқлолият ба таври назаррас афзудааст.

Барои қиёс, дар соли 1991 ҳамагӣ 139 адад рӯзномаву маҷалла вуҷуд дошт, ки фақат чортои он хусусӣ буд. Ҳамагӣ як агентии иттилоотии давлатӣ фаъолият мекард.

Имрӯз 404 рӯзномаву маҷалла ба табъ мерасад, ки аз ин теъдод 250-тоаш хусусӣ мебошад.

Аз ҳашт агентии иттилоотӣ, ки ба қайд гирифта шудааст, ҳафт агентии ғайриҳукуматӣ аст.

Инро ҳамчун падидаи мусбат дар ташаккул ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ арзёбӣ намудан мумкин аст. Дар комилсозии фазои иттилоотии кишвар дар баробари шабакаҳои радиои давлатӣ, инчунин радиоҳои ғайриҳукуматӣ низ саҳм мегиранд. Ҳоло дар мамлакат 44 шабакаи радиотелевизионӣ амал мекунад, ки аз ин миқдор 28 радиову телевизион хусусӣ мебошад.

Раванди ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ба давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон рост меояд. Ҳизбҳои сиёсӣ ва созмонҳои ғайриҳукуматӣ, ки ниҳодҳои муҳими ҷомеаи шаҳрвандӣ маҳсуб мсёбанд, асосан дар даврони истиқлолият арзи вуҷуд намуданд.

Ин ниҳодҳо дар ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, демократикунонии ҷомеа ва тавсеаи фарҳанги таҳаммулпазирӣ дар Тоҷикистон мақоми хосаро соҳиб гардидаанд.

Агар соли 1992 шумораи онҳо 141 ададро ташкил карда бошад, соли 2011 ин шумора ба 2364 адад расидааст. Ҳашт ҳизби сиёсӣ озодона фаъолият дорад, ки панҷтои он дар парламенти кишвар намояндаи худро дорад. Ҳукумати Тоҷикистон барои ташаккулёбии ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат мекунад. Ҷиҳати баланд бардоштани маънавиёти ҷомеа бо дастгирии ҳукумати Тоҷикистон зиёда аз 600 номгӯй асарҳои классикон ва

адибони муосир чоп гардида, таъминоти китобхонаҳои давлатӣ бо адабиёти тозанашр то андозае беҳтар гардид ва шумораи мағозаҳои давлатии фурӯши китоб ба беш аз 100 адад расонида шуд.

Боиси ифтихор аст, ки бо ташаббуси Тоҷикистон ва як қатор кишварҳои дигар соли 2010 тибқи қатъномаи махсуси Созмони Милали Муттаҳид ҷашни аҷдодиамон-Наврӯзи Аҷам мақоми байналмилалиро соҳиб гашт.

Рӯйдоди дигари таърихиву фарҳангӣ ин аст, ки бо қарори ЮНЕСКО ёдгории таърихиву археологии нодир ва панҷҳазорсолаи Саразм ба Феҳристи ёдгориҳои ҷаҳонии аз тарафи ин созмон ҳифзшаванда ворид гардид.

Барои ба ин рӯйхат тавассути барномаи трансмиллии «Шоҳроҳи бузурги абрешим» ворид намудани 8 ёдгории таърихиву фарҳангӣ аз қабили «Шаҳраки қадимаи Панҷакент», «Шаҳри Бунҷекат», «Қалъаи Ҳисор», «Маъбади буддоии Аҷинатеппа», «Мадрасаи Хоҷа Машҳад», шаҳри «Тахти Сангин», «Шаҳри Ҳулбук», «Қалъаи Ямчун» корҳои тадқиқотӣ идома доранд. Фарҳанг ва ҳунари воло дар ҳама давру замон ҳамчун василаи муҳими муаррифии халқу кишвар ба ҷаҳониён шинохта шудааст. Боиси қаноатмандист, ки имрӯз тоҷикистониён дар беҳтарин саҳнаҳои ҷаҳон ҳунарнамоӣ менамоянд. Тавассути дастгирии ҳукумати кишвар дар даврони истиқлолият санъаткорони тоҷик ба зиёда аз 50 кишвари ҷаҳон сафари ҳунарӣ анҷом доданд. Танҳо дар соли 2010 ҳунармандони тоҷик дар ҷашнвораву озмунҳо ва фестивалҳои 20 мамлакати ҷаҳон ширкат варзида, фарҳангу ҳунари волои миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ карданд.

Ҳамаи ин дигаргунию ислоҳотҳо ва саъю кӯшишҳои халқи тоҷику сарвари давлати тоҷикон Эмомалӣ Раҳмон гувоҳи онанд, ки Тоҷикистони соҳибистиқлол дарояндаи наздик ба яке аз кишварҳои пешрафтаи ободу шукуфон табдил хоҳад ёфт.

# БОБИ XV. ФАРҲАНГИ МУОСИРИ ҶАҲОН

Дар асри XX ва ибтидои асри XXI сайёраи мо ва сокинони он ба проблемаҳое рӯ ба рӯ шуданд, ки аз ҳалли дурусту самарабахши онҳо тақдири тамаддуни аҳли башар вобаста аст. Ин проблемаҳо глобалӣ (ҷаҳонӣ) номида шудаанд. Истилоҳи «глобалӣ» лотинӣ буда, маънои «кураи замин»-ро дорад. Баъди ихтироъи яроқҳои даҳшатбори қатли ом, тақдири сайёра ва инсоният дар зери хатар монд. Ин проблемаҳоро аҳли башар ва тамоми давлатҳои ҷаҳон бояд дар якҷоягӣ ҳал намоянд.

Баъди ҷанги дуюми ҷаҳонӣ иқтисод ва фарҳанги умумиҷаҳонӣ дар заминаи дастовардҳои илмии пеш аз ҷанг тараққӣ мекарданд. Самти асосии рушди илм ворид шудан ба асрори сохтори ҳаста (атом) ва дарки имконияти истифодаи энергияи ҳастаи, асрори ҳуҷайра ва коинот буд.

Дар таҳқиқи олами атроф ва ба вуҷуд овардани намунаҳои нави техника гардиши бузург ба вуҷуд омад. Ин гардиш номи «инқилоби илмӣ-техникӣ»-ро гирифт ва марҳалаи аввали он ба миёнаҳои асри XX рост меояд.

Нерӯ ва маблағи зиёд барои тараққиёти воситаҳои нақлиёт (махсусан ҳавопаймоҳои реактивӣ), саноати нафту кимиё, ба даст овардани энергияи ҳастаӣ сарф мешуд. Ихтироъи транзистор дар соли 1948 ба рушди радиотехника такони ҷиддӣ дод.

Ба кайҳон баровардани аввалин ҳамсафари маснӯии замин (соли 1957) ва парвози аввалин кайҳоннавард – Юрий Гагарин (соли 1961) дар Иттиҳоди Шӯравӣ ба кашф ва таҳқиқи фазои кайҳон ибтидо гузошт. Қадами дигари ҷиддӣ дар ин самт парвози ду фазонаварди америкоӣ ба моҳ (соли 1969) буд, ки 21 июли соли 1969 ба моҳ қадам гузошт.

Ҳамзамон кашфи «кайҳони дуввум»- укёнуси ҷаҳонӣ давом дошт. Бо ёрии дастгоҳҳои зериобӣ қаъри укёнус – олами биологӣ ва маъдании онро меомӯхтанд.

**Адабиёти бадеӣ.**

Баъди хотима ёфтани ҷанги дуюми ҷаҳон фарҳанги умумиҷаҳонӣ рӯ ба инкишоф ниҳод. Эҳсосот, афкор ва рӯҳияи мардум оид ба ҷанг дар осори адабӣ, санъати тасвирӣ, муҷассамасозӣ ва театру кино ба хубӣ инъикос ёфтаанд.

Фоҷиаи ҷанг, қурбониҳои бемислу монанди мардум дар муҷассамаҳои бузургу ғамангезе таҷассум ёфтанд, ки дар хиёбонҳои садҳо шаҳрҳои ҷаҳон гузошта шуданд.

Мавзӯи ҷанг ва муқовимат дар адабиёти бадеии бисёр кишварҳо мақоми барҷаста дошт. Тараққиёти иҷтимоию сиёсӣ дар солҳои аввали баъд аз ҷанг ба пурзӯршавии анъанаҳои реалистӣ дар адабиёт ва санъат мусоидат намуд.

Дар Олмони Ғарбӣ мавзӯи асосии адабиёти солҳои аввали баъдиҷангӣ мавзӯи аз байн бурдани мероси фашизм буд. Ин мавзӯъ ба таври васеъ дар ҳикояҳои Г.Белл, дар осори нависандагони олмонӣ, ки дар муҳоҷират буданд ифода ёфта буд. Дар романи фалсафии Т.Манн «Доктор Фаустус» (соли 1947) ва романҳои Э.М.Ремарк «Тоқи зафар» (соли 1946), «Вақти мурдан ва вақти зистан» (соли 1954), «Сутуни сиёҳ» (соли 1956) ва ғайра мавзӯи зиддифашистӣ ба таври равшан мушоҳида мешавад.

Дар ИМА нависандагони машҳур У.Фолкнер ва Э.Ҳемингуей, ки солҳои баъдиҷанг ба гирифтани ҷоизаи Нобел мушарраф гардиданд эҷод мекарданд. Ҷанг ва фоҷиаи инсонӣ маҷбур мекард, ки дар бораи беҳимоягии одамон, талафоти ҷубронноназири онҳо, дар бораи ҳаёти инсон ҳамчун олитарин арзиш фикр кунанд.

Эҷодкорон ба ин масъала ҳар хел муносибат мекарданд. Баъзеҳо кӯшиш мекарданд, ки аз ин воқеияти мудҳиш худро дар канор бигиранд. Дигарон ба ҳимояи инсон, ҳуқуқи вай ба зиндагию хурсандӣ бархостанд.

Ақидаҳои гуногуни эҷодкорон ба ин масъалаҳо махсусан дар театр ва киноӣ солҳои баъди ҷанг ба хубӣ мушоҳида карда мешуд.

**Санъати кино.**

Намояндагони адабиёт ва санъат ба масъалаҳои муҳими ҳаёти инсон ва ҷомеа, ба мафҳумҳои некию бадӣ, ишқу нафрат, вафодорию хиёнат таваҷҷӯҳ зоҳир мекарданд. Дар синамои Италия ҷараёни наве бо номи **неореализм (реализми нав)** ба вуҷуд омад. Филми Р.Росселини «Рим шаҳри кушода» (соли 1945) ба он ибтидо гузошт.

Қаҳрамонони филмҳои реализми нав одамони оддӣ, ташвишҳои рӯзмарраи онҳо, ҷӯстуҷӯи бахт, барору нобароpиҳои онҳо буд. Тамошобин якҷо бо қаҳрамонони ин

филмҳо хурсандӣ мекард ва ашк мерехт. Солҳои 60-уми асри XX намояндагони кинои аврупоӣ, махсусан фаронсавӣ Ж.Л.Годар, А.Рене, Ф.Трюфо машҳур гардиданд.

Бисёр филмҳо барои ҷавонон офарида мешуданд. Дар онҳо масъала ва мушкилоти ҷавонони 14-19 сола инъикос меёфтанд. Баъзе филмҳо хеле серхароҷот буданд. Ин гуна филмҳо асосан дар бораи ҷосусҳо (мисли филмҳо дар бораи ҷосуси 007 Ҷеймс Бонд), дар мавзӯҳои таърихӣ ва ғайраҳо буданд.

**Театри абсурд[1].**

Дар охири солҳои 40-ум ва ибтидои солҳои 50-ум дар санъати аврупоӣ театри ба ном **абсурд** ба вуҷуд омад. Қаҳрамони асосии намоишномаҳои ин театр инсони кӯчак, беҳимояву бесарпаноҳ дар назди тақдир буд, ки ӯро даҳшат фаро гирифтааст.

Дар намоишномаҳои асосгузорони театри абсурд Э.Ионеско, С.Беккет сужет ва амал дида намешавад. Қаҳрамонҳо ҳама вақт дар интизори чизе ё касе нишастаанд. Ҳама гуна кӯшиш ва амал, ҳатто худи зиндагӣ аз назари онҳо маъно надорад. Онҳо мегуфтанд: «ҷаҳон маъно надорад, воқеият – ғайривоқеист», «одамон дар нобасомониҳо саргардонанд ва ба ҷуз тарсу воҳима, азоби виҷдон... эҳсоси холигӣ дар зиндагии худ чизи дигаре надоранд» (Ионеско), «ба инсон вақт барои он дода мешавад, ки пир шавад...» (Беккет)

**Санъати тасвирӣ**

Равандҳои бӯҳронӣ, ки ба муҳити атроф ва зиндагии маънавии ҷомеа таъсир мерасониданд, дар ҷараёнҳои мухталифи санъати тасвирӣ таҷассум ёфтанд. Баъд аз ҷанги дуюми ҷаҳон дар санъати тасвирӣ марҳалаи нав оғоз гардид. Ин марҳала бо номи **постмодернизм** (баъд аз модернизм) маълум аст.

Ин аломати шартии фарҳанги охири асри XIX ва миёнаҳои асри XX мебошад. Модернизм ба навоварӣ дар соҳаи шаклу мундариҷа асос ёфтааст.

Постмодернизм ҳангоме ба вуҷуд омад, ки хатари аз байн рафтани тамаддуни инсонӣ ба воқеият табдил ёфт, хавфи фоҷиаи экологӣ, яъне муҳити зист вусъат пайдо кард.

---

[1] Абсурд аз калимаи лотинӣ гирифта шуда, маънои бемаънӣ, беҳударо дорад.

Ҳамзамон ҷустуҷӯи шаклу шеваҳои тоза ифодагари тағйироти самту мактабҳои нав буд.

Дар даҳсолаҳои аввали баъд аз ҷанг дар санъати Аврупо нақши муҳимро устодони насли калон П.Пикассо, М.Талли, Ж.Мате ва дигарон мебозиданд.

**Авангардизм, модернизм, постмодернизм** номҳои умумии падидаҳои вобаста ба ҷараёнҳои нав дар санъати асри XX буданд.

**Авангард** аз калимаи франсузӣ гирифта шуда, маънои пешопешраванда, пешоҳангро дорад. Авангардизм падидаҳои ҳаёти маданији асри XX-ро муттаҳид мекард, ки ба таҷрибаю навовариҳои қатъӣ дар санъат вобаста буданд.

Авангардизм ҷараёнҳои гуногунро дар бар мегирифт. Яке аз ин гуна ҷараёнҳо **сюрреализм** буд.

**Сюрреализм** аз калимаи франсузӣ гирифта шуда, маънои боло ва реализмро дорад. Сюрреалистҳо Салвадор Дали, Рене Магрит, Макс Эрнс ва дигарон дар тасвирҳои худ мехостанд, ҳам зоҳири (берунӣ) ашё ва ҳам моҳияти ботинии онро тасвир кунанд, ки ақли инсонӣ онро дарк карда наметавонад. Онро фақат зершуури мо бо фаросат (интуится) эҳсос мекунад. Ҳамин тарафи ботинии олам, ки бо чашми муқаррарӣ дида намешавад, барои сюрреалистҳо аз ҳама асосӣ буд. Мазмуни тасвирҳо на ҳама вақт ҳатто барои худи муаллифони онҳо маълум буд.

Бузургтарин намояндаи сюреалистҳо рассоми испониягӣ Салвадор Дали мегуфт, ки вақте тасвире ба вуҷуд меорад, сужети онро пурра намедонад. Ҳатто намедонад, ки он дар бораи чист. Тасвир худ аз худ ба вуҷуд меояд ва ба зиндагии худ идома медиҳад. Барои ҳамин ҳар кас асарҳои ӯро ба таври худ мефаҳмад. Шеваи кори худро ӯ «девонагию танқидӣ» меномид. С.Дали одами ғайриоддӣ буд. Ӯ бо тарзи либоспӯшию мӯйлабмониаш ҳам аз дигарон фарқ мекард. Дар зери бисёр асарҳояш имзои «Гала-Дали» мегузошт, зеро чунин меҳисобид, ки бидуни зани дӯстдоштаи худ (занаш рус буд) эҷод карда наметавонад. Чеҳраи олиҳаи муқаддас дар «Кашфи Амрико» бо чеҳраи занаш монанд аст.

**Рушди адабиёт ва фарҳанг**.

Авҷгирии ҳаракати миллӣ – озодихоҳӣ баъд аз ҷанг ва таназзули системаи мустамликадорӣ ба рушди фарҳанг дар

кишварҳои Осиё Африқо ва Америкаи Лотинӣ мусоидат кард. Осори пурбаҳои адибони кубагӣ Николас Гилен (солҳои 1902-1989), чилиягӣ Пабло Неруда (солҳои 1904-1973), бразилиягӣ Жорж Помпиду саршор аз андешаҳои башардӯстӣ ва реализм буданд.

Дар миёни нависандагони Япония М.Йоко (солҳои 1925-1981), Хитой Мао Дун (солҳои 1896-1981), Ба Сзин, Лоо Шэ ва дигарон машҳур гардидаанд.

Масъалаи бисёрзабонию гуногунмазҳабӣ, қашшоқӣ, табақабандӣ дар ҷомеа масъалаҳое буданд, ки мазмуни осори адибон ва кинои ҳиндро ташкил медоданд. Нависанда ва коргардони кинои ҳинд Хоҷа Аҳмади Аббос бо филмҳои «Оворагард», «Ҷаноби 420» ва гайра ба тамошобини тоҷик хеле хуб маълум аст.

Шоирону нависандагони тоҷик Садриддин Айнӣ, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Мӯъмин Қаноат, Мирзо Турсунзода, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, турк- Нозим Ҳикмат, Азиз Несин, араб – Юсуф-ас Сибаӣ, Абдураҳим ал-Хамисӣ, африқоӣ – Питер Абраҳам (Ҷумҳурии Африқои Ҷанубӣ), Агостиню Нето (Ангола) ва ғайра дар осори худ воқеаҳои муҳими ҳаёти ҷомеаро тасвир мекарданд.

Дар Иттиҳоди Шӯравӣ ҷараёни реализм, ки чеҳраи тоталитаризмро тасвир мекард ба вуҷуд омад. Осори Б.Л.Пастернак (солҳои 1890-1960), «Доктор Живаго», А.И.Солженитсин «Як рӯзи Иван Денисович» ва ғайра дар Ғарб машҳур шуданд. Ҳарду адиб ба мукофоти Нобелӣ мушарраф гардиданд.

**Фарҳанги оммавӣ**

Дар асри XIX ва ибтидои асри XX ҳатто дар мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон аксари аҳолӣ бесавод ё камсавод буданд. Эҷодиёти бадеӣ ва театр барои қиеми маълумотдори ҷомеа равона шуда буд. Афзоиши макотиби таҳсилоти ҳамагонӣ, саводнокии (дар баъзе мамлакатҳо) қариб саросарии аҳолӣ, афзоиши аҳолии шаҳрҳо заминаи бавуҷудоии фарҳанги оммавиро муҳайё намуданд.

Бо ихтироъ ва рушди кинои овоздор, техникаи сабти овоз, ба зиндагии рӯзмарраи мардум ворид шудани радио ва телевизион раванди гузариш ба фарҳанги оммавӣ анҷом ёфт.

Фарҳанги оммавӣ, ба қавли асосгузори ин истилоҳ Д.Белл маҷмӯи арзишҳои маънавӣ мебошад, ки ба завқ ва дараҷаи инкишофи истеъмолкунандаи оммавӣ мувофиқ аст. Вай талаботи оммаро ба маҳсулоти арзон қонеъ мегардонид.

Ҳанӯз дар охири солҳои 30-юми асри XX коргардон ва рассоми филмҳои тасвирӣ –Уолт Дисней дар тамоми ҷаҳон машҳур гардида буд.

Қаҳрамонони филмҳои ӯ – мушбача Микки, мургобича Доналд, Барфак ва ғайра ба кӯдакони қариб тамоми дунё маълум буданд.

Соли 1955 дар Калифорния (ИМА) аввалин боғи дилхушии кӯдакон Диснейленд сохта шуд. Баъдтар чунин марказҳои дилхушии кӯдакон дар бисёр кишварҳо ба вуҷуд омаданд.

**Поп-арт**. Қисми таркибии фарҳангӣ оммавӣ поп-арт буд. Яке аз асосгузорони поп-арт Р.Ҳамилтон шӯхиомез ҷараёни навро «ба ҳама дастрас, шӯх, истеъмолӣ, гузаранда, арзон, оммавӣ, ҷавон, шаҳвонӣ, фиребанда, зебо ва бизнеси калон номида буд».

Поп-арт аз калимаи англисӣ гирифта шуда, маънои санъати ба ҳама дастрасӣ оммавиро дорад.

Ба фикри тарафдорони ин ҷараён, ҳама гуна ашё метавонад мавзӯи санъат шавад. Ба ҳам васл кардани ашё сифати навро ба вуҷуд меорад. Дар поп-арт мафҳуми «асари санъат» мазмуни муқаррарии худро гум мекунад. Рассом асари асил намеофарад ва маводи зери дасташ бударо бо ҳам часпонда, як чизи нав меофарад. Бисёр одамон поп-артро санъат нашуморида, зидди санъат мехонданд. Намояндагони машҳури поп-арт амрикоиҳо Р.Раушенберг, Й.Йонс, Э.Уорхел ва дигарон буданд.

**Мусиқӣ.** Гардиши муҳим дар санъати мусиқии нимаи дуюми асри XX маҳз ба поп-арт алоқаманд буд. Баъд аз ҷанг мусиқии классикӣ ба рушду инкишофи худ идома медод. Аммо оммаи васеъ ба **«рок-н-рол»** бештар таваҷҷӯҳ доштанд.

**Рок-н-рол** аз калимаи англисӣ гирифта шуда, маънои калавидан ва чарх заданро дорад. Ин як намуди рақси дукасаи амрикоист, ки бо суръати баланд иҷро карда мешавад.

Мусиқинавозон ва сарояндагони амрикоӣ Билл Хейли, Чак Бери, Фетс Домино, Элвис Пресли бо таронаҳои навоваронаи худ дар байни ҷавонон хеле шӯҳрат ёфта буданд.

Дар солҳои 60-ум маркази мӯд ва мусиқӣ Лондон гардид. Гурӯҳҳои «Битлз» ва «Роллинг стоунз» дар мусиқӣ марҳалаи нав кушоданд.

Машҳур гардидани ин гурӯҳҳо на танҳо ба мусиқӣ ва шеваи иҷрои он, балки инчунин ба матни сурудҳо вобастагӣ дошт. Мавзӯи танҳоӣ, умед, ишқу муҳаббат, ба рӯҳияи қисми зиёди ҷавонони он солҳо мувофиқ буд.

Картаҳои Элвис Пресли, ки соли 1957 баромада буданд, дар тамоми гӯшаю канори Америка садо медоданд. Ин мусиқӣ рамзи насли нав буд, ки фарҳанги падару бобоёни худро инкор мекарданд.

Гурӯҳи «Битлз», ки дар охири солҳои 50-ум ба фаъолият оғоз кард, парварда ва ҳаракатдиҳандаи фарҳанги оммавӣ буд.

Гурӯҳи «Битлз» соли 1958 дар Ливерпул ба фаъолият шурӯъ кард ва солҳои 60-ум дар тамоми Англия машҳур гардид. Дар даҳ соли фаъолияти худ «Битлз» чандин албоми мусиқӣ бароварда, дар филмҳои гуногун иштирок кард. Соли 1965 иштирокчиёни гурӯҳ – Ҷ.Леннон, П.Макарти, Ҷ.Харрисон ва Р.Старр бо орденҳои империяи Британия мукофотонида шуданд.

Дар аввалин консерти ин гурӯҳ соли 1964 дар Ню-Йорк 2 ҳазор нафар тамошобин иштирок карданд. Баъдтар 73 миллион нафар одамон ин консертро ба воситаи телевизион тамошо намуданд.

**Ташаккули ҷараёнҳои нав дар миёни ҷавонон.**

Рушди фарҳанги оммавӣ шаклҳои нави рафтори ҷавононро ба вуҷуд овард. Кӯшиши «ба мисли ҳама набудан», «касе будан» ба афзоиши ҷараёнҳои гуногун, ки онҳоро хилофи фарҳанг ё акси фарҳанги ҷавонон меномиданд сабаб гардид. Дар ибтидои солҳои 50-ум намояндагони ҷавонони табақаи коргар кӯшиш мекарданд, ки ба тарзи рафтору либоспӯшии намояндагони табақаи болоии ҷомеа тақлид кунанд.

Пиджаки васеи гирсбонаш махмалин, шимми духташ ниҳоят танг, пойафзоли пошнаҳояш резинӣ, галстуки ниҳоят борик дар байни онҳо мӯд буд. Ин ҷавононро «тэдди-бойз» (бачаҳои Тедди) меномиданд. Тедди номи кӯтоҳшудаи шоҳзодаи англис Эдуард буд. Онҳо бо ҷавонони гурӯҳҳои дигар ва бо муҳоҷирин хусумат доштанд. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ,

аз ҷумла дар Тоҷикистон пайравони «тэдди бойз»-ро «стиляг» меномиданд.

Падидаи нави солҳои 60-ум рушди ҳаракати «битник»-ҳо буд. **«Битник»** маънои шикаста, зоеъшударо дорад. Асосгузори ин ҳаракат шахсе бо номи Й.Каруак буд, ки дар флоти тиҷоратии ИМА хизмат карда буд ва баъдтар оворагардӣ мекард, шеъру қисса менавишт. Каруак пайравони худро аз байни ҷавонони оилаҳои осудаҳол, ки ба оворагардӣ ва ишқварзии озод машғул буданд пайдо кард.

Инкишофи битникҳо ҳаракати хиппӣ буд, ки бисёр мамлакатҳоро фаро гирифт. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ бо номи хиппиҳо ёд мешуданд. Онҳо ҳама гуна ҳокимиятро инкор мекарданд. Оила доштан ва моликияти хусусиро рад менамуданд, вале ба сиёсат коре надоштанд.

Акси **битникҳо ва хиппиҳо рокер, скинхед ва панкҳо** буданд. Ҳаракати рокерҳо дар байни ҷавонони 15-25 солаи ИМА ва Англия ба вуҷуд омада буд. Онҳо аз оилаҳои нопурра ва носоз баромада буданд.

Либоси маъмулии рокерҳо – курткаи чармин бо нишон ва навиштаҷот, шимҳои ҷинси кӯҳна ва пойафзоли дурушт буд. Онҳо бо овози дағал ва лаҳҷаи махсус гап мезаданд ва инро нишонаи мардонагӣ медонистанд. Ба мототсикл ва ҳунари рондани он диққати махсус медоданд.

**Скинхедҳо** (сартарошидагиҳо) дар охири солҳои 60-ум ва ибтидои солҳои 70-уми асри XX дар Англия ба вуҷуд омаданд. Ин замоне буд, ки дар миёни ҷавонони беихтисос бекорӣ меафзуд. Скинхедҳо бо доштани рӯҳияи нажодпарастӣ фарқ мекарданд. Онҳо намояндагони миллатҳои осиёгиро лату кӯб мекарданд, ба хиппиҳо дармеафтоданд.

Баъди барҳам хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ скинхедҳо дар Россия хеле фаъол шуданд. Онҳо нисбати дигар халқияту миллатҳое, ки дар Россия кор ва фаъолият менамоянд нафрати бепоён дошта, қисме аз ин аққалиятҳои миллиро таҳқир, лату кӯб ва ваҳшиёна ҷисман нест мекунанд. Онҳо на ба занон, на ба мардон ва на ба кӯдакони муҳоҷирони меҳнатӣ раҳму шафқат надоранд. Рӯзе нест, ки аз Федератсияи Россия ба Тоҷикистон тобути тоҷикеро наоранд. Ҳамаи онҳо бо дасти фашистони навбаромади рус-скинхедҳо кушта мешаванд. Ҳукуматдорони ку-

нунии Россия бошад ба таври бояду шояд пеши роҳи ин фашистони навбаромадро намегиранд.

Дар охири солҳои 70-ум панкҳо ба вуҷуд омаданд. Онҳо арзишҳои анъанавии ахлоқиро инкор мекарданд. Атрофиёнро бо сару либоси ғайри маъмулӣ, мӯй сари рангшуда ва ба таври ғайриоддӣ ороёфта, ки тасвири зургӯй ва хунхӯрӣ дар онҳо ҳувайдо буд ба ваҳшат меоварданд.

Хулоса, инқилоби илмию техникӣ ва технологияи нав пояҳои моддию техникии ҷомеаро тағйир дод. Воситаҳои нави истеҳсолот, асбобҳои техникии рӯзгор, инкишофи маорифу фарҳанг ва гайра имконоти ташаккули инсон ва зиндагии сифатан нави ӯро таъмин намуданд. Аммо инқилоби илмию техникӣ дар ҷаҳон маънои тантанаи ғояҳои инсондӯстӣ, таъмини адолат, солимии ахлоқию ҷисмонии ҷомеа ва тозагии муҳити зистро надорад. Масалан, ҷомеаи Ғарб бо он, ки аз илму фарҳанги ғании умумибашарӣ баҳравар гардида, ба пешрафти бузурги иқтисодию техникӣ ноил гашта бошад ҳам, вале ҳоло дар бунбасти бӯҳрони азими ахлоқию маънавӣ қарор дорад. Албатта, он рӯз дур нест, ки ғарбиён ва ғарбпарастон баъд аз таҳқиқу дарки ҳақиқат ба арзишҳои волои ахлоқию маънавии инсонӣ хоҳу нохоҳ рӯй хоҳанд овард. Барои ин зарур аст, ки ақлу заковати тамоми аҳли башар сафарбар карда шавад ва мардуми сайёра дар ин ҷода кӯшишу ғайратро идома диҳанд.

Воқеаҳои ибтидои асри XXI собит намуда истодааст, ки тақсимоти нави территориявии ҷаҳон дар байни давлатҳои абарқудрати дунъё барои сарват ва мавқеи геополитикӣ оғоз ёфтааст (истилои Афғонистон, Ироқ, Либия ва воқеаҳои кишварҳои арабу Шарқи Миёна ва умуман ҷаҳон), ки ин падидаҳо барои тамоми мардуми сайёра хатари ҷиддӣ доранд. Чуноне, ки мебинем дар ибтидои асри XXI инсоният ба проблемаҳое рӯ ба рӯ шуда истодааст, ки ҳалли самарабахши онҳо тақдириояндаи мардуми ҷаҳону сайёраро муайян менамоянд. Вазифаҳои асосии аҳли башар дар замони муосир дар ин самтҳо аз инҳо иборатанд:

– Бартараф намудани хавфи ҷанги термоядрой ва барпо намудани низоми умумибашарие, ки барои пешрафти ҳамаи халқҳо дар заминаи ҳифзи манфиатҳояшон мусоидат намояд;

–Бартараф намудани тараққиёти ноҳамвори иқтисодию мадании кишварҳое, ки тобеъи муносибатҳои гуногуни иқтисодӣ ва марбути давраҳои гуногуни таърихӣ мебошанд;

– Бартараф намудани ақибмондагии иқтисодӣ, қашшоқию гуруснагӣ, экологию демографӣ ва бесаводию бефарҳангӣ;

– Бо маводҳои табиӣ ва иқтисодӣ таъмин намудани инсоният (аз ҷумла, бо маводи хӯрока, ашёи хом ва манбаҳои энергия);

– Бартараф намудани бӯҳрони экологӣ, ки натиҷаи мудохилаи бемулоҳизаи инсон ба биосфера буда, боиси заҳролуд шудани муҳити зист, баҳру уқёнусҳо ва кайҳон гардидааст;

– Ба танзим даровардани афзоиши босуръати аҳолии рӯи замин (таркиши эҳтимолии демографӣ), ки вазъи иҷтимоию иқтисодии инсониятро мураккаб мегардонад;

– Пешгирӣ ва бартараф намудани оқибатҳои манфии инқилоби илмӣ-техникӣ ва самаранок истифода бурдани комёбиҳои он ба манфиати тамоми инсоният.

– Баромадан аз бунбасти бӯҳрони азими ахлоқию маънавие, ки имрӯз мардуми сайёра ба он гирифтор шудааст.

Ҳалли самарабахши ин проблемаҳо амалиёти ягонаи тамоми сокинони кураи замин ва сарварони кишварҳои оламро тақозо менамояд, зеро чуноне ки Саъдии бузургвор гуфтааст:

***Банӣ одам аъзои якдигаранд,***
***Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.***
***Чу узве ба дард оварад рӯзгор,***
***Дигар узвҳоро намонад қарор.***

## РӮЙХАТИ САРЧАШМАҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА


1. Абаев В.И. Авеста. География Ирана. Авеста (религия).- Хрестоматия по истории древнего Востока.-М., 1963).
2. Абдуллоев Ш. Маорифпарварӣ ва озодфикрӣ-Душанбе, 1994
3. Абдуллозода Ш. Муқаддима ба исломшиносӣ-Душанбе, 1998.
4. Абдураззоков А.А. и др. Стеклоделие в Средней Азии в древности и средневековье –Ташкент, 1963.
5. Авеста. Избранные гимны.-Душанбе, 1990.
6. Абулҳусайн Зарринкӯб. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон. – Душанбе, 1992.
7. Адаш Истад, Аскаралӣ Раҷаб. Ҳикояҳо аз рӯзгори Борбад.-Душанбе, 1990.
8. Азимова А. Танцевальная искусство Таджикистана-Душанбе, 1957.
9. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик .- М., 1926.
10. Айнӣ С. Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик. Исёни Муқаннаъ. -Душанбе, 1987.
11. Айнӣ С.Куллиёт. Иборат аз 13 ҷилд.-Душанбе, 1966.
12. Айнӣ С. Устод Рӯдакӣ.-М., 1959.
13. Альбаум Л.И. Живопись Афрасиаба.-Ташкент, 1975.
14. Андреев И.Л. Происхождение человека и общества.-М., 1988.
15. Античная цивилизация.-М., 1973.
16. Античность как тип культуры.-М., 1982.
17. Арабская поэзия средних веков.-М., 1975.
18. Арабская средневековая культура и литература.-М., 1978.
19. Артановский С.Н. Историческое единство и взаимное влияние культур.- Л., 1987.
20. Арбобзода А. Таърихи фарҳанги халқи тоҷик.-Душанбе, 2003.
21. Асмус В.Ф. Античная философия.-М., 1986.
22. Афсаҳзод А. Абдураҳмони Ҷомӣ.-Душанбе, 1978.
23. Ахмедов Б.А. Улугбек и политическая жизнь Мовераннахра первой половины XV века.-Ташкент, 1965.

24. Аҳмади Дониш. Наводир-ул-вақоеъ.-Душанбе, 1976.
25. Ахроров А. Таджикское кино.-Душанбе, 1971.
26. Ашрафи М.М. Персидско-таджикский поэзия в миниатюрах XIV-XVII вв.-Душанбе, 1974.
27. Ашуров Г. Философские взгляды Носира Хисрава.-Душанбе, 1965.
28. Бартольд В.В. К вопросу об языках Согдийским и Тохарском.Соч. т.2.-М., 1964
29. Бартольд В.В. Согд. Соч. т.3.-М., 1965.
30. Бартольд В.В. История культурной жизни Туркестана. Соч. т.2.-М., 1963.
31. Бартольд В.В. Очерки истории Семиречья.-Соч. т.2. –М., 1963.
32. Бартольд В.В Туркестан в эпоху монгольского нашествия. Соч., т.1.-М., 1963.
33. Бартольд В.В. Таджики. Соч. т.2., ч.1.-М., 1963.
34. Бартольд В.В. К истории арабских завоеваний в Средней Азии. Соч. т.2., ч.2.-М., 1964.
35. Беляев Е. А. Арабы, ислам и Арабский халифат в раннем средневековье.-М., 1972.
36. Бертельс Е.С. Навои и Джами.-М., 1956.
37. Бертельс Е.С. Носири Хисрав и исмаилизм.-М., 1959.
38. Бертельс Е.С. История персидско-таджикской литературы.-М., 1960.
39. Библер В.С. От наукоучения к логике культуры.-М., 1990
40. Богомолов А.-Античная философия.-М., 1985.
41. Бобоқулов И., Дилоев Н. Фарҳангшиносӣ. (Дастури таълимӣ). –Душанбе, 2007.
42. Большаков О.Т. История и культура народов Средней Азии (древность и средние века).-М., 1976.
43. Бойс Мэри. Зороастрийцы. Верования и обычаи.-М., 1988.
44. Брагинский И.С. Исследования по таджикской культуре.-М., 1977.
45. Бонгард Левин Г.М., Ильин Г.Ф. Индия в древности.-М., 1985.
46. Буддизм. Словарь.-М., 1992.
47. Буддизм и средневековая культура народов Средней Азии. –Новосибирск, 1980.

48. Василевский В.Г., Гендлин Д.Д. Архитектура советского Таджикистана.-М., 1972.
49. Василевский В.Г. Архитектура и градостроительство в Таджикистане.-Душанбе, 1972.
50. Васильев Л.С. История религии Востока.- М., 1988.
51. Вейрман Б.В. Искусства арабских стран и Ирана.- М., 1974.
52. Гиляров А.Н. Платон как исторический свидетель.- Киев, 1991.
53. Гуревич П.С. Культурология.-М., 1998.
54. «Гуругли». Таджикский народный эпос.-М., 1987.
55. Гуревич А.Я. Категория средневековой культуры.-М., 1987.
56. Ғафуров Б.Ғ. Тоҷикон.Ҷ. 1-2.-Душанбе, 1998.
57. Джами А. Трактат о музыке.-Ташкент 1961.
58. Дмитриева О.Б. Художники итальянского Возрождения XIV-XVI вв. -М., -Л., 1946.
59. Довудов Д. Шоҳони Кушонӣ. Мероси ниёгон, 1995, №5, с.-30-32
60. Дорошенко Е.А. Зороастризм в Иране.-М., 1982.
61. Древние цивилизаций.-М., 1989.
62. Драч Г.В. Культурология.- Ростов-на Дону, 1996.
63. Ерасов Б.С. Культура, религия и цивилизация на Востоке. Очерки общей теории.- М., 1990
64. Зайналобиддин Маҳмуди Ҳусайнӣ. Қонуни илмӣ ва амали мусиқӣ.- Душанбе, 1978.
65. Ибн-Сина. Избранные философские произведения.-М., 1980.
66. Ибн-Сино. Донишнома.-Сталинобод, 1957.
67. Иконникова С.Н. Диалог о культуре.-Ленинград, 1987.
68. История Самарканда.-Ташкент, 1969.
69. История Бухары с древнейших времен до наших дней.-Ташкент 1976.
70. История таджикского народа. Т.1-2.-М., 1963, 1964.
71. История, археология и этнография Средней Азии. Сб. стат.-М., 1968.
72. История античной дипломатики.-М., 1972.
73. Ислам. Исторические очерки. Ред. С М. Прозорова.-М., 1982.

74. Ислам. Религия, общества, государство.-М., 1984.
75. Крачковский И.Ю. Коран.-М., 1963.
76. Комилов Р. Мухтасари таърихи адён.-Душанбе, 1995.
77. Конрад Н.И. Запад и Восток.-М., 1966.
78. Культура эпохи Возрождения и Реформации.-М., 1982.
79. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» (Лоиҳа). – Душанбе, 2010.
80. Леваш И.Я. Культурология. Курс лекций.-Минск, 1998.
81. Леви Провансаль Э. Арабская культура в Испании.-М., 1982.
82. Лазарев В.Н. Происхождение итальянского Возрождения.- М., 1959.
83. Луконин В.Г. Культура Сасанидского Ирана. -М., 1989.
84. Луконин В.Г. Иран в эпоху первых Сасанидов.-Л., 1961.
85. Луначарский А.В. Об изобразительном искусстве. Т. 1-2.-М., 1965.
86. Мамонтов С.П. Основы культуры и современная наука.-М., 1983.
87. Малюга Ю.Я. Культурология. Учеб. пособие.-М., 1999.
88. Маркарян Э.С. Теория культуры и современная наука.-М.,1983.
89. Маркарян Э.С. Очерки теории культуры.-Ереван, 1969.
90. Мери Бойс. Зороастризм.-М., 1988.
91. Меҳрдоди Меҳрӣ. Тамаддуни Эрони Бостон.- Теҳрон, 1962.
92. Мец Адам. Мусульманский ренессанс.- М., 1966.
93. Мир Саид Алии Ҳамадонӣ. Осори мунтахаб. Ҷ. -1-2.-Душанбе, 1985.
94. Мирзоев С.Ш. Роҳи кинои тоҷик.-Душанбе, 1973.
95. Муҳаммад Ҳусайн. Зиндагонии Муҳаммад. Ҷилди 1.-Душанбе, 1990.
96. Муҳаммадҷон Шакурӣ. Хуросон аст ин ҷо.-Душанбе, 1997.
97. Назри Яздонӣ, Далер Баҳромӣ. Маданиятшиносӣ.-Душанбе, 2006.
98. Назаров Р. Толерантность в учении Имома Аъзама и его вклад в становлении исламской цивилизаций. Журнал Из-

вестия АН РТ (Серия философии и право), №3.- Душанбе, 2009.
99. Наука и человечества.- М., 1964.
100. Ниёзӣ Ш. Назми эпикии тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ.-Душанбе, 1965.
101. Неъматов Н. Давлати Сомониён.- Душанбе, 1989.
102. Новерр Ж. Письма о танце и балетах.-Л., -М., 1965.
103. Нурулҳақов К. Ислом ва муносибатҳои миллӣ.- Душанбе, 1987.
104. Нурджонов Н.Х. Таджикский театр.- М., 1968.
105. Нурджонов Н.Х. История таджикского советского театра (1941-1957гг). –Душанбе, 1990.
106. Одилов Н. Ҷаҳонбинии Ҷалолиддини Румӣ.- Душанбе, 1964.
107. Одинаев Е. Бунёди маданияти шахс.-Душанбе, 1989.
108. Очерки по истории культуры-М., 1969.
109. Очерки истории арабской культуры V-XV вв.- М., 1982.
110. Очерки русской культуры XVIII века.-М., 1985.
111. Паёми Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 апрели соли 2011.- Рӯзномаи «Ҷумҳурият» , 21 апрели соли 2011.
112. Петрушевский И.П. Ислам в Иране в VII-XV вв. –Л., 1966.
113. Пигулевская Н.В. и др. История Ирана с древнейших времен до конца XVIII века.- Л., 1958.
114. Полищук В.И. Культурология. -М., 1999.
115. Поспелов Т.Н. Искусство и эстетика.-М., 1984.
116. Раджабов З. История общественно-политической мысли таджикского народа во второй половине XIX и в начале XX века.-Душанбе, 1957.
117. Раджабов З. Некоторые страницы культурной жизни советского Таджикистана.- Душанбе, 1964.
118. Раҳматуллоев А., Сатторов Х., Тоҷов Н. Таърихи халқи тоҷик. Китоби 1-2.- Душанбе, 2008.
119. Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих.-Душанбе, 1999.

120. Раҳмонов Э. Нигоҳе ба таърих ва тамаддуни ориёӣ.- Душанбе, 2006
121. Раҳмонов Э.Ш. Ваҳдати миллӣ мароми мост.-Душанбе, 1997.
122. Ремпель Л.И. Мавзолей Исмаила Самани. - Архитектура СССР. 1936, № 5.
123. Рипка Я. История персидской таджикской литературы.- М., 1970.
124. Сулаймонов С. Фарҳангшиносӣ.-Душанбе, 2001.
125. Сайидои Насафӣ. Асарҳои мунтахаб.-Душанбе, 1977.
126. Султонов У. Ақидаҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ ва ахлоқии Абӯалӣ ибни Сино.-Душанбе, 1975.
127. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм.-Душанбе, 1966.
128. Темур Атаханов, Сафар Сулаймонӣ. Тамаддун. Китоби 1-2.-Душанбе, 2003-2005.
129. Тен И. Характер человека в эпоху итальянского Возрождения.-М., 1969.
130. Тихвинский С.А. Татаро-монгольское зовоевания в Азии и Европе. В кн. «Татаро-монголы в Азии и в Европе».-М., 1970.
131. Толстых В.И. Искусство и мораль.-М., 1973.
132. Турсунов А. Эҳёи Аҷам.-Душанбе, 1984.
133. Турсунов А. Шаҳри Офтобӣ.- Душанбе, 1989.
134. Тынянов Ю.Н. Поэтика. История литератур. Кино.-М., 1977.
135. Убайдуллоев Ф. Имоми Аъзам. Зиндагӣ, мазҳаб ва васоё.- Душанбе, 2009.
136. Улуғзода С. Пири ҳакимони машриқзамин.- Душанбе, 1980.
137. Фильштинский И.М. Арабская литература в средние века.- М., 1977.
138. Фридрих Ницше. Так говорил Заратустра.-М., 1990.
139. Фрай Р. Наследие Ирана.-М., 1971.
140. Ҳазратқулов М. Эътиқод ва анъанаҳои бостонии Аҷам.- Душанбе, 1986.
141. Ҳусайн Воизи Кошифӣ. Футувватномаи Султонӣ. Ахлоқи Муҳсинӣ. Рисолаи Ҳотамия.-Душанбе, 1991.

142. Эмомалӣ Раҳмон. Моҳияти таҳаммулпазирии мазҳаби Имоми Аъзам ва вазъи дин дар кишвар.-Рӯзномаи «Минбари халқ», 27 феврали соли 2009.
143. Эмомалӣ Раҳмон. Имоми Аъзам ва гуфтугӯйи тамаддунҳо.-Рӯзномаи «Садои мардум», 17 январи соли 2009.
144. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба лоиҳаи қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»,14 декабри соли 2010.-Душанбе, 2010.
145. Яковлев Е.Г. Искусство и мировые религии. -М., 1985.

# МУНДАРИҶА

сах.

Сарсухан ........................................................................ 3

**Боби I. Назарияи фарҳанг ва инъикоси он дар илми фарҳангшиносӣ**...................................................... **6**

§1. Мақсад, вазифа ва мавзӯи илми фарҳангшиносӣ..... 6

§2. Омилҳо ва унсурҳои муҳимтарини фарҳанг........... 8

§ 3. Навъҳо ва шаклҳои асосии фарҳанг. Фарҳанг ва тамаддун. Фарҳанги моддӣ ва маънавӣ........................ 9

§ 4. Функсияҳои асосии фарҳанг................................ 12

§ 5. Фаҳмиши фалсафии фарҳанг. Инсон эҷодкори фарҳанг. Моҳияти мафҳумҳои «культура» ва «фарҳанг»... 16

§6. Санъат ҳамчун унсури фарҳанг............................. 17

§7. Нақши фарҳангофаринии дин дар ҷомеа............... 19

**Боби II. Илми фарҳангшиносӣ дар асри XX ва ибтидои асри XXI**............................................................................ **23**

**Боби III. Фарҳанги давраи ҷамоаи ибтидоӣ**...................... **30**

**Боби IV. Фарҳанги Шарқи Қадим**.................................... **33**

§1.Фарҳанги Мисри Қадим........................................... 34

§ 2.Фарҳанги Байнаннаҳрайни Қадим........................... 35

§3. Фарҳанги Ҳиндустони Қадим.................................. 38

§4. Фарҳанги Хитойи Қадим......................................... 42

§5.Фарҳанг ва тамаддуни Эрони Қадим........................ 45

**Боби V. Фарҳанги Атиқа**.............................................. 48

§1.Фарҳанги Юнони Қадим.......................................... 48

§2. Фарҳанги Рими Қадим............................................ 54

**Боби VI. Фарҳанги арабу исломӣ**.................................... 59

**Боби VII . Фарҳанги давраи Эҳё ва Ислоҳот. Маорифпарварӣ ва Эҳёи Шимолӣ. Хусусиятҳои хоси ташаккули фарҳанги Ғарб дар замони Нав** ........................ 63

§1. Фарҳанги давраи Эҳё............................................. 63

§2. Фарҳанги давраи Ислоҳот (асрҳои XVI- XVII)......... 67

§3. Маорифпарварӣ..................................................... 68

§4. Эҳёи Шимолӣ........................................ 71
§5. Хусусиятҳои хоси ташаккули фарҳанги Ғарб дар Замони Нав........................................ 71

**Боби VIII. Давраҳо ва марҳалаҳои асосии инкишоф ва ташаккули фарҳангу тамаддуни халқи рус................. 73**

**Боби IX . Фарҳанги халқи тоҷик дар давраи тамаддуни ориёӣ ва исломӣ........................................ 80**
§1. Фарҳанги халқи тоҷик дар давраи тамаддуни ориёӣ. 80
§2. Гул-гулшукуфии фарҳанги халқи тоҷик дар давраи Сомониён (асрҳои IX-X) ........................................ 88

**Боби X. Фарҳанги халқи тоҷик дар асрҳои XI-XIII .......... 103**

**Боби XI. Забткории муғулҳо ва оғози таназзули фарҳанги халқи тоҷик ........................................ 116**
§1. Аз тарафи муғулҳо истило шудани Осиёи Миёна..... 116
§2. Оқибатҳои ҳукмронии муғулҳо дар Осиёи Миёна.... 118
§3. Фарҳанги халқи тоҷик дар давраи ҳукмронии муғулҳо 119
§4. Илму адаби тоҷик дар асри XIII ва миёнаҳои асри XIV 121

**Боби XII. Фарҳанги халқи тоҷик дар давраи ҳукмронии Темур ва темуриён........................................ 128**
§1. Таърихи сиёсӣ........................................ 128
§2. Бинокорӣ ва меъморӣ........................................ 130
§3. Инкишофи илму адаб........................................ 135

**Боби XIII. Фарҳанги халқи тоҷик дар асрҳои XVI-XX**... 144
§1. Таърихи сиёсӣ........................................ 144
§2. Маданияти моддӣ ва маънавӣ........................................ 145
§3. Адабиёти бадеӣ ва таърихнигории тоҷик.............. 151
§4.Маорифпарварӣ ва адабиёти тоҷик (нимаи дуюми асри XIX-ибтидои асри XX)........................................ 161

**Боби XIV. Фарҳанги халқи тоҷик дар даврони Шӯравӣ ва соҳибистиқлолии комили Тоҷикистон (асри XX -ибтидои асри XXI)........................................ 165**
§1. Фарҳанги Шӯравии тоҷик дар солҳои 1920-1941..... 165
§2. Илм ва фарҳанги халқи тоҷик дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941-1945........................................ 177

§3. Инкишофи илму фарҳанги халқи тоҷик дар солҳои
баъди ҷангӣ (1946-1960)........................................ 182
§4. Фарҳанги халқи тоҷик дар солҳои 60-80-уми асри XX. 187
§5. Фарҳанги халқи тоҷик дар давраи соҳибистиқлолии
комили Тоҷикистон (солҳои 1991-2011)........................ 198

**Боби XV. Фарҳанги муосири ҷаҳон**.................................. 212

**Рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда**............ 222

**НАҶМИДДИН ТОҶОВ, КАРИМҶОН ҲУСЕЙНОВ, РУСТАМ НАЗАРОВ, МАНУЧЕҲР ТОҶЕВ.**

# ФАРҲАНГШИНОСӢ

*Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон*


| | |
|---|---|
| Чопи компутерӣ: | ***Нигора Файзуллоева, Басгулмоҳ Файзиддинова, Фарухрӯз Тоҷов.*** |
| Муҳаррири техникӣ: | ***Компон Икромов*** |
| Тарроҳи компутерӣ: | ***Бунафша Ҷабборова*** |
| Дизайни муқова ва расмҳо: | ***Диловар Ҷабборов*** |

Ба матбаа 12.09. 2011 супорида. Ба чоп 01.10.2011 имзо шуд.
Андозаи 60x84 1/16. Коғази офсет. Чопи офсет.
Ҷузъи чопӣ 14,5. Адади нашр 1000 нусха.
Нархаш шартномавӣ.

**ҶДММ «Шуҷоиён»**
**шаҳри Душанбе, хиёбони «Дӯстии халқҳо», 47**
**тел.: 227-61-47**

50сом



**Тоҷов Наҷмиддин Тоҷович,** номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи “Фанҳои гуманитарӣ”-и Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон, «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон». Олим, муаллифи се китоби калонҳаҷми дарсӣ, зиёда аз 14 маводи таълимию методӣ, як брошюра ва бештар аз 75 мақолаи илмӣ мебошад.



**Ҳусейнов Каримҷон Бобоҷонович,** доктори илмҳои техникӣ, профессор, дорандаи ордени “Шараф”, «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон». Олим, муаллифи чор китоби дарсӣ, 7 маводи таълимию методӣ ва зиёда аз 100 мақолаи илмӣ мебошад.



**Назаров Рустам Назарович,** номзади илмҳои фалсафа, дотсент, мудири кафедраи «Фанҳои гуманитарӣ»-и Донишкадаи иқтисодии Тоҷикистон, «Аълочии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон». Олим, муаллифи зиёда аз 100 асару мақолаҳои илмӣ мебошад.



**Тоҷев Манучеҳр Наҷмиддинович,** ходими илмии шӯъбаи сиёсатшиносии Пажӯҳишгоҳи фалсафа, сиёсат ва хуқуқи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Муҳаққиқ муаллифи ду дастури таълимию методӣ ва мақолаҳои зиёди илмӣ оид ба масоили мухталифи ҷомеаи Тоҷикистон мебошад.

ISBN 9789994769926

9 789994 769926